75207

ЧЕРТКОВ Д. А. (Чертков Дмитрий Александрович)

ЛУРОКАМ БУРОНТИ

ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

ДУРОҲАИ БЎРОНӢ

РОМАН

ДУШАНБЕ
НАШРИЕТИ «ИРФОН»
1985

С(Кирг.)²
А 40

Государственная
респ/б. с-б/л. Тадж. ССР
Душанбе
175207 С(Кирг)2

Тарчимаи *Фазлиддин Муҳаммадиев*

Айтматов, Чингиз.

А 40 Дуроҳаи Бӯрон. Роман. Тарч. аз рус. Ф. Муҳаммадиев.— Душанбе, «Ирфон» 1985.

368 с.

Ҳикояҳои тоҷик ва хориҷи машҳури ҳозира ба мухлисони адабиёт асарҳои Чингиз Айтматов — «Ҷамила», «Алвидоъ, Гулсарӣ», «Сафедаи сафед» кайҳо боз шинос аст. Романи нави ӯ «Дуроҳаи Бӯрон», ки ном муаллифро дар тамоми ҷаҳон машҳур гардонд, ба хайри одамони оддии советӣ, проблемаҳои сулҳу амният баҳсида шудааст.

Айтматов, Чингиз.

Буранный полустанок

А 70303—142
М 501 (13)—85 —199—85 С(Кирг)²

Чингиз Айтматов

БУРАННЫЙ ПОЛУСТАНОК

Перевод по изданию «Роман газеты», 1982.

(на таджикском языке)

Муҳаррир Х. Ахбарова
Муҳаррири расмӣ В. Неъматов
Рассом С. Шарифов
Муҳаррири техникӣ Е. Цыкун
Мусаҳҳеҳ О. Ғафурова

ИИ № 159

Ба матбаа 22.06.84 супурда шуд. Ба чопаш 14.02.85 имзо шуд. Формати 84×108/32. Коғази типографӣ № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопи баландӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 19,32 + 0,63 вкл. Ҷузъи рангаи шартӣ 20,60. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 20,52 + 1,04 вкл. Адади нашр 7000. Супориши № 835. Нархаш 1 с. 70 т. Бо суперобложка — 1 с. 75 т.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

© Нашриёти «Ирфон», 1985.

ДУРОҲАИ БӮРОНӢ

Ва аз қарн ҳам тӯлонитар буд он рӯз.
Аз муаллиф

Одами заҳматкашро дар урфият одами шоиста медонанд.

Ба ин маънӣ Едигеи Ҷонгелдин (ба қавли шиносонаш, Едиген Бӯронӣ) заҳматкаши асл аст. Аз ҷумлаи касонест, ки пуштибони заминанд. Вай, ба назарам, бо замонаи худ дар робитаи қавист, фарзанди замони худ аст ва буньёди ӯ маҳз дар ҳамин аст.

Аз ин сабаб ҳангоме ки ба масъалаҳои дар роман аксёфта мурочиат мекардам, мехостам ба рӯйдодҳои зиндагонӣ аз дидгоҳи сарнавишти ӯ, тақдири марди чанговар, коргари роҳи оҳан бингарам. Ва ба қадри тавонам дар ин роҳ кӯшидам. Симои Едигеи Бӯронӣ гувоҳи муносибати ман аст ба усули реализми социалистӣ, ки мавриди асли тадқиқоташ ҳамеша инсони заҳматкаш буд ва ҳаст.

Вале ман шахси заҳматкаш инсони оддӣ ва табиист, бо кишти замин ё парвои чорво машғул аст, гуфта, мафҳуми «заҳматкаш»-ро ҳаргиз ба маънои мутлақ намебинам. Инсони захматкаш дар зимни барҳӯрди рӯйдодҳои абадӣ ва даргузари зиндагонӣ ба чӣ андоза чун шахс такомул ёфта бошад, олами маънавии вай ба қадом поя расида бошад, дар шахси вай замонааш ба қадом дарача тачассум ёфта бошад, худаш низ ба ҳамон поя чолиб асту ба хамон мартаба вазн дорад. Ин аст, ки ман кӯшидаам то Едигеи Бӯрониро дар маркази дунёи муосир қарор дихам, дар маркази масъалаҳое бигзорам, ки маро ба изтироб овардаанд.

Едигеи Бӯронӣ на факат аз рӯи табиат ва касбу кораш заҳматкаш аст. Зотан чону равони вай захматист. Ҷари ин тоифа одамон ҳамеша банди муаммоҳост. Дигарон бошанд, ба ин қабил муаммоҳо доимо чавоби тайёр доранд ва аз ин сабаб кореро ба хубӣ анчом ди-

ҳанд ҳам, оиро билуни ҳавсала мекунанд ва рӯзгорашон аз ҳобу хӯроку сайру тамошо иборат аст.

Одамони ниҳодашон заҳматӣ, гӯё ба ҳам бародар бошанд, якдигарро мешиносанд, дили ҳамдигарро медонанд ва рафту агар надонанд ҳам, дар ин хусус тааммуле доранд. Аёми мо бароя фикру андешаи оиҳо он ҳадар замина фароҳам овардааст, ки ҳеҷ кадом эём бароя касе ин гуна замина надода буд. Ришаи тахайюлоту андешаҳои инсон холо Заминро ба қайҳон пайванд додааст.

Эҳтимол, мусибатомезтарин тазоди охири асри XX дар он бошад, ки заковати бани-одам ҳалқу ҳудуд надорад, аммо зучуди монеаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва нажодӣ, ки империализм ба майдон овардааст, бароя чомаи амал пӯшидани он имкон намедиҳад.

Дар шароити кунунӣ, ки на фақат бароя мустақар шудан дар қайҳон имкониятҳои техникӣ пайдо мешавад, балки эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва экологӣ ошкорият амалӣ гардидани ин имконотро бисёрро талаб мекунад, дар чунин шароит байни халқҳо оташи низоъ барафрӯхтан ва захираҳои молию неруи хиради инсонро ба иҳтироъ ва истеҳсоли аслиҳаи талаф додан ва мудҳиштарини чиноятҳои алайҳи башар аст.

Имрӯз фақат қӯҳиши шиддати байналҳалқиро сиёсати тараққипарваронаи метавон номид. Масъулиятноктар аз ин вазифае нест дар олам.

Агар инсоният дар сулҳу осоиш зистанро наомӯзад, ҳатман нобуд мешавад. Мухити балғумоӣ, ҳоли «хушёр бош» ва ба ҳам мукобил истодан аз пурҳалфтарин тахлилҳост ба зиндагонии оромуи босаодати бани-башар.

Одамон метавонанд бо ҳамдигар муросо кунанд, аммо ҳамагӣ ба як равишу як қолаб фикр карда наметавонанд, ба шарте ки сифатҳои одамиашонро аз даст додан наҳоҳанд, ба шарте ки чун одам боқӣ монданро аввало шуморанд. Орзӯи аз сифатҳои хусусӣ маҳрум сохтани инсон аз замони қадим то ба рӯзҳои мо муроди оиҳое буд, ки даъвоҳои чаҳонгирӣ, ҳукмроиӣ ва фармонфармоӣ доштанд.

Инсоне ки аз ёди гузаштаҳо маҳрум аст, одаме ки водор аст мавқеи ҳештанро дар олам чустучӯ кунад, шахсе ки аз таҷрибаи таърихии халқи худ ва халқҳои дигар бебаҳра аст, аз ядроку эҳсоси рӯзгори оила низ бенасиб мемонад ва аз ҳамин рӯзу ҳамин соати худ дуртарро дида наметавонад.

«Инқилоби маданиро» дар Хитой ба хотир биоварем, ба бозӣ андохта шудани шуури халқро, ба дарачаи чанд иқтибосе аз «китобаки сурхи Мао» фурӯ афтодани диалектикаи мураккаботи зиндагониро, инчунин тақдири халқи дорои суннатҳои хазоронсоларо ёдовар шавем, — дар заминаи сиёсати имрӯзаи гегемонистии рохбарияти Хитой равшан мебинем, ки ҳамаи ин тамоюлҳо ба ҳам мучовиранд. Харчанд ки акли кас бовар намекунад, аммо боз як тӯда чизҳои ҳамин гуна ба ҳам наздику алоканд хастанд, чунончи, инкор кардани гузашта ё такаллуби он; шовинизми пур аз кибр ва худписандонае, ки дар атрофаш бояд садди чинӣ бардошт, зеро афсонаи аз ҳаман дигар халқҳои чаҳон бартарӣ доштани як халқ факат дар иҳотаи чунин садде метавонад идомае дошта бошад.

Ман ин дафъа низ чун дар асархои пешинаам, ба афсонаву асотир ва ривоятхо хамчун ба пандномае такья мекунам, ки наслҳои гузашта ба мо мерос мондаанд. Ва дар айни ҳол нахустин бор дар таҷрибаи нависандагиам аз сюжети фантастикӣ истифода бурдам. Хам ин ва хам он барои ман ҳадафи ниҳоӣ нест, як нав усули тафаккур, яке аз василаҳои тадқику тафсир аст.

Вокеаҳое ки бо тасвири робита бо тамаддуни кайҳонӣ алоқаманданд ва дигар ҳодисоте ки ба ин муносибат рух медиҳанд, албатта, ҳеҷ гуна заминаи ҳаётӣ надоранд. Дар ҳеҷ кадом гӯшаи олам космодромҳои Невада ё Сари Озек вучуд надоранд. Ду чаҳони мухталиф — ду системаи гуногунро сарфи назар аз вокеияти таърихӣ, чун қоидаи бозӣ ва ба куллӣ шартан пазируфтаам. Хаман вокеоти кайҳониро факат бо нияте аз хаёл бофта баровардаам, то он вазъиятеро ки барои сокинони сайёра хатари билқуввае дорад, дар шакли хорикулоддии муболиғаомезе нишон диҳам.

Оё чунин ҳол ҳодисаи хорикулоддие нест, ки дар Юнони қадим дар айёми Бозиҳои Олимпӣ чангу чидолхо катъ мегардиданд, аммо дар айёми мо баъзе мамлакатхо Олимпиадаро барои чанги беяроқ баҳонаи муносиб карор дода анд?

Доир ба аҳамияти хаёлоти фантастикӣ ҳанӯз Достоевский навишта буд: «Дар санъат чанбаи фантастикӣ ҳадде ва қавонде дорад. Тасвири фантастикӣ бо ҳаёти вокеӣ бояд то андозае наздик бошад, ки шумо ба он тақрибан бовар кунед». Достоевский қонуни фантастикаро кушоду равшан баён кардааст. Вокеан, хоҳ асоти-

ри бостоӣ, хоҳ реализми фантастикии Гоголь, Булгаков ё Маркес ва хоҳ фантастикаи илмиро бигиред, ҳамаи онҳо бо вучуди рангорангии худ маҳз ба нисбати каробати худ бо рӯйдодҳои воқеӣ эътимодбахшанд. Тахайюли фантастикӣ ин ё он ҷиҳати зиндагонии воқеиро гирифта, барҷаставу назаррас карда нишон медиҳад ва ба истилоҳе «қойдаи бозиро» муайян карда, ҳамон ҷиҳатҳои рӯзгорро дар умумияти фалсафиашон намоиш медиҳад ва то ҳадди тавон мекӯшад, ки имконоти инкишофи минбаъдаи онҳоро ошкор созад.

Ҳаёлоти фантастикӣ истиораи зиндагонист, ки барои муоинаи он аз дидгоҳи тоза ва ғайричашмдошт имкон медиҳад. Дар асри мо ба маҷозу истиорахо зарурате пайдо шудааст ва сабаби ин ҳол на фақат дар он аст, ки кашфиёти илму техника сар ба арсаи фантастикаи дирӯза даровардаast. Сабаб бештар дар он аст, ки оламе ки мо зиндагонӣ мекунем, оламе ки аз ихтилофоти иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, ҳаҷолӣ ба изтироб афтодааст, худ олами фантастикист.

Ва камина таманное дорам, ки кинояхои сариҳаки романи ман ба инсони заҳматкаш масъулияти ӯро барои тақдири замини мо бори дигар ёдрас намоянд.

Бигир ин китобро, ки ҷисми ман аст,
Шунав в-ин каломро, ки ҷони ман аст.

Аз «Андӯҳнома»-и Григор
Нарекаци, асри X.

I

Барои сайде ба даст овардан аз он сойҳои беоб ва обраҳаҳои сӯхтагиёҳ ҳавсалаи бутун лозим буд. Рӯбоҳи гурусна гоҳ ҷонвараконии майдаи ҳаффорро дунболагирӣ мекард, ки сояи ӯро дида, бо пайроҳаҳои каҷмакаҷакашон бо чолокии ҳайратангезе мегурехтанд, гоҳ лонаи юрмонро бошитоб чангол зада, валангор мекард, гоҳ аз мушаки дупое ки зери димоғаи майдаяку назарнораси селгоҳи садсола пинҳон шудааст, чашм наканда, мунтазир менишаст, то мушак ба ҷои кушоде барояду ӯ худро бо як ҷаҳиш ба вай бирасонад. Рӯбоҳ ба ҳамин тариқа масофа тай карда, қадам ба қадам ба роҳи оҳан наздик мешуд. Ба ҳамон хоктеппаи тирвор росте ки аз мобайни дашт кашола шуда мегузашт ва ба дили ӯ васваса андохта, ҳам ҷалб менамуд, ҳам метарсонидаш. Ба ҳамон роҳи оҳанин, ки аз болояш замини гирду пешро ба ларза андохта, гоҳ ба ин ва гоҳ ба он сӯ гумбуросзанон каторҳо мегузаштанд ва аз дунболи онон бӯи сӯхтагӣ ва тааффуни пурзӯре бокӣ мемонд ва бод онро ба паҳнои дашт пароканда менамуд.

Шомгоҳон рӯбоҳ дар қаъри оббурдае, дар канори хатти телеграф, миёни шилхазори хушк пеши пояҳои шингарфи тухмаш расида ҷоман сурху маллатоби худро ба назарҳо номаълум карда хобид. Вай гӯшҳояшро гоҳ асабонӣ меҷунбонид ва гоҳо сих карда мешунавид, ки боди поингаҳии дашт ба баргу пояи хушки гиёҳҳо барҳӯрда, чӣ гуна маҳин-маҳин ҳуштак мекашад. Симчӯб-

ри бостонӣ, хоҳ реализми фантастикии Гоголь, Булгаков ё Маркес ва хоҳ фантастикаи илмиро бигиред, ҳаман онҳо бо вучуди рангорангии худ маҳз ба нисбати қаробати худ бо рӯйдодҳои воқеӣ эътимодбахшанд. Тахайюли фантастикӣ ин ё он ҷиҳати зиндагонии воқеиро гирифта, барҷаставу назаррас карда нишон медиҳад ва ба истилоҳе «кондан бозиро» муайян карда, ҳамон ҷиҳатҳои рӯзгорро дар умумияти фалсафиашон намоиш медиҳад ва то ҳадди тавон мекӯшад, ки имконоти инкишофи минбаъдаи онҳоро ошкор созад.

Хаёлоти фантастикӣ истиораи зиндагонист, ки барои муоинаи он аз дидгоҳи тоза ва ғайричашмдошт имкон медиҳад. Дар асри мо ба маҷозу истиорахо зарурате пайдо шудааст ва сабаби ин хол на фақат дар он аст, ки кашфиёти илму техника сар ба арсаи фантастикаи дирӯза даровардааст. Сабаб бештар дар он аст, ки оламе ки мо зиндагонӣ мекунем, оламе ки аз ихтилофоти иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ ба изтироб афтодааст, худ олами фантастикист.

Ва камина таманное дорам, ки кинояҳои сариозекии романи ман ба инсони заҳматкаш масъулияти ӯро барои тақдири замини мо бори дигар ёдрас намоянд.

Бигир ин китобро, ки ҷисми ман аст,
Шунав в-ин каломро, ки ҷони ман аст.

Аз «Андӯҳнома»-и Григор
Нарекаци, асри X.

I

Барои сайде ба даст овардан аз он сойҳои беоб ва обраҳаҳои сӯхтагиёҳ ҳавсалаи бутун лозим буд. Рӯбоҳи гурусна гоҳ ҷонваракони майдаи ҳаффорро дунболагирӣ мекард, ки сояи ӯро дида, бо пайроҳаҳои каҷмакаҷакашон бо чолокии ҳайратангезе мегурехтанд, гоҳ лонаи юрмонро бошитоб чангол зада, валангор мекард, гоҳ аз мушаки дупое ки зери димоғаи майдаяку назарнораси селгоҳи садсола пинҳон шудааст, чашм наканда, мунтазир менишаст, то мушак ба ҷои кушоде барояду ӯ худро бо як ҷаҳиш ба вай бирасонад. Рӯбоҳ ба ҳамин тариқа масофа тай карда, қадам ба қадам ба роҳи оҳан наздик мешуд. Ба ҳамон хоктеппаи тирвор росте ки аз мобайни дашт кашола шуда мегузашт ва ба дили ӯ васваса андохта, ҳам ҷалб менамуд, ҳам метарсонидаш. Ба ҳамон роҳи оҳанин, ки аз болояш замини гирду пешро ба ларза андохта, гоҳ ба ин ва гоҳ ба он сӯ гумбуросзанон каторҳо мегузаштанд ва аз дунболи онон бӯи сӯхтагӣ ва тааффуни пурзӯре бокӣ мемонд ва бод онро ба паҳноии дашт пароканда менамуд.

Шомгоҳон рӯбоҳ дар каъри оббурдае, дар канори хатти телеграф, миёни шилхазори хушк пеши пояҳои шингарфи тухмаш расида ҷоман сурху маллатоби худро ба назарҳо номаълум карда хобид. Вай гӯшҳояшро гоҳ асабонӣ мечунбонид ва гоҳо сих карда мешунавид, ки бодди поингахии дашт ба баргу пояи хушки гиёҳҳо барҳӯрда, чӣ гуна маҳин-маҳин хуштак мекашад. Симчӯб-

хон телеграф низ ба як оҳанги дилбазан ғуввос мезаданд. Аммо рӯбоҳро аз онон биме набуд, зеро симчӯбҳо ночунбонанд ва касеро ё чизеро таъқиб намекунанд.

Аммо аз ғулғулаи гӯшкаркунандаи каторҳои башаст гузаранда дам ба дам як кад мепарид ва сару гардани худро дарунтар мекашид. Аз ғув-ғуви замини зери худ бо ҳаман чисми нозуку майдаяк, ҳатто то пӯсту устухонаш эҳсос мекард, ки гаронбории замиичунбону хокфишори каторҳо ва шиддати ҳаракати онҳо то чӣ андоза бузург аст ва бо вучуди он тарс ва нафрати худро аз бӯю бухори бегона бо зӯр фурӯ нишонида, аз қаъри чар намерафт, мунтазири соате буд, ки шаб фаро мерасад ва дар ин роҳ оромии нисбие баркарор мешавад.

Вай ба ин чохо ахьён-ахьён меомад, фақат рӯзхое меомад, ки бағоят гурусна мондааст...

Дар фосилаи байни каторҳо дар арсаи дашт ногаҳон сукут ҳукмрон мешуд, чунон ки баъди тарма ин гуна сукунат ба миён меояд, ва дар ин хомӯшии мутлақ рӯбоҳ садоеро пай бурда, хушьёр мегардид, ки он аз баландиҳои осмони баланди дашти нимторик базӯр ба гӯш мерасид ва ба ягон чонзоте тааллуқ надошт. Садои чараёнҳои бод буд он ва аз ҳамин ҳоло тағьир ёфтани ҳаво дарак медод. Ин ҳолро чонварак ба ғариза эҳсос менамуд ва бо сӯзу алам хомӯш мегардид ва шах мешуду дигар ҳаракате зоҳир намекард. Мехост аз хисси мубҳами кадом як фалокати ом бо ҳаман овоз нӯла кашаду фиғон бардорад. Аммо гуруснагӣ ҳатто савқи табиро низ хафаву хомӯш карда буд.

Рӯбоҳ панчаҳои аз такудав озор ёфтааширо лесида, фақат паст-паст мингос мезад.

Шомгоҳон ҳаво серуи мешуд, зеро тирамоҳ наздик буд. Ва шабона замин сард мегардид ва то бомдод рӯи дашт аз шабнами нопойдор мисли шӯразор сап-сафед мешуд. Айёми хузновари камнаволае пеш меомад барои чонваронн дашт. Он сайди ночизе ки тобистон дар ин ноҳия мезист, ба хар сӯ пароканда мегардид — яке ба кишварҳои гарм мерафт, дигаре дар қаъри лонааш чой мегирифт, саввумӣ барои зимистонгузаронӣ ба регзорон рафта буд. Гӯё дар олам ба чинси рӯбоҳ офат расида бошад, акнун хар рӯбоҳ дар сар то сари дашти васеъ дар чустучӯи кути лоямут токаву танҳо такудаве дошт. Рӯбоҳакони чавони онсола кайҳо ба воя расида, ба хар тараф парешон шуда буданд. Мавсими ишкваразӣ ҳанӯз дар пеш буд. Оре, фаро нарасида буд он рӯзҳои зимис-

тон, ки аз чаҳор тарафи ноҳия рӯбоҳони нару мода гирди ҳам меоянд ва нарҳошон ба чони ҳамдигар меафтанд ва чунон набардҳо мекунанд, ки фақат ҳаёти муқтадир метавонист аз азал ончунон размгоҳе ба арсаи вучуд биоварад...

Дар оғози шаб рӯбоҳ аз чар баромад. Даме ба садоҳо гӯш дода истоду ба пуштаи роҳи оҳан равон шуд. Нарм ва бесадо давида, дам ба ин сӯву дам ба он сӯи роҳ мегузашт. Вай саркути мусофиронро чустучӯ мекард, ки аз тирезаи вагонҳо берун андохтаанд. Уро лозим омад, ки ҳар гуна пасмондаҳои ниҳоят бадбӯй, ҳатто нафратоварро бӯ кашида-бӯ кашида, муддати мадиде қад-қади роҳ битозад, то даме ки ягон чизи ақаллан андак дархуре пайдо шавад. Ҳар ду бари роҳи оҳан аз порахои коғаз, рӯзномаҳои мичик, шишаҳои шикаста, нимсӯхтаҳои папирос, консервкуттиҳои пачак ва соири партовҳо пур буд. Бӯе ки аз даҳони шишаҳои бутун берун меомад, махсусан мутааффин буд ва бӯи тотулаи захрогинро мемонд. Рӯбоҳ ин бӯйро як-ду маротиба ба димоғ кашида, сараш чарх зада буд, аз ин сабаб ҳамин ки бухори спирт ба машомаш мерасид, бинӣ афшонида, дарҳол худро ба каноре меандохт.

Аммо, мутаассифона, чизе ки ӯро лозим буд ва ба хотири ба даст овардани он тарсу бимашро фурӯ нишонда, ин кадар дуру дароз давутоз мекард, ба назар намерасид. Ва рӯбоҳ бо умеде ки лукмае пайдо хоҳад шуд, ба хастагӣ нигоҳ накарда, қад-кади роҳи оҳан медавид, гоҳ ба ин сӯву гоҳ ба он сӯи пушта гузашта, пеш медавид.

Ногаҳон ӯ аз тохт бозмонд, як пои пешашро дар ҳаво муаллақ дошта, дар чояш шах шуд, ба мисли он ки ӯро касе баногоҳ даст гирифта бошад. Бо партави хираи моҳ ҳамранг шуда, дар миёнаи ду рельс чун шабаҳе ночунбон меистод. Ғулғулаи дуре ки ба гӯшаш расида буд, қатъ нагардид. Аммо ҳанӯз хеле дур буд он садо. Рӯбоҳ думи худро ҳамчунон рост дошта, дилу бедилон пой иваз кард, гӯё мехост аз сари роҳ дур шавад. Лекин ба чои ин ногоҳ саросема шуда, дам аз ину дам аз он канори пушта ба давидан даромад. Вай ҳанӯз умед дошт, ки кути лоямуте ба даст хоҳад афтод. Ҳис мекард, ки ҳамин ҳоло лукмае дарьёб хоҳад кард. Аммо шақарроси оҳан ва гумбуроси садҳо адад чархҳои пӯлодин низ бо даҳшати афзояндааш наздик мерасид. Рӯбоҳ танҳо чанд лаҳза таъхир кард ва ҳамин муд-

дат кифоя буд, ки аз хамгашти роҳ чароғҳои хурду калони қӯшалокомотивҳо намоён шуданд ва прожекторҳои пуриқтидор дашти ором хобидаро рӯз барин равшан карданд ва хушкӣ ва холигии ӯнро бераҳмона намоиш доданд ва рӯбоҳ парвонаи болсӯхта барин худро бекаророна ба хар тараф меандохту муаллакзанон мегурехт. Қатор башаст медавид. Фазо аз ғубор ва дуди талх пур шуд, боди тунде барҳост.

Рӯбоҳ шитобон худро ба каноре андохт. Вай дам ба дам ба пасаш менигарист ва аз тарс баъзан ба замин парӯ мешуд. Махлуки чашмонаш оташин мудлати дарозе гумбуросзанон мегузашт. Рӯбоҳ аз чои афтодааш чаҳида бармехосту боз роҳи гурезро пеш мегирифт...

Баъдтар ӯ нафасашро рост намуд, боз ба худ ахд кард, ки ба роҳи оҳан баргардад ва чизе ёфта, азоби гуруснагиро рафъ намояд. Лекин дар сари роҳ боз чароғҳои фурӯзон пайдо шуданд, боз қӯшалокомотиве катори пурбор ва тӯлониеро кашола карда наздик меомад.

Он гоҳ рӯбоҳ қарор дод, ки даштро миёнбур карда, ба қитъаи дигари роҳи оҳан барояд, ба чунон чое барояд, ки аз он маҳал қаторҳо нагузаранд...

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ.

Нимшабӣ касе ба сӯи кулбаи дидбонии ӯ медавид. Дергохе ва бо субот медавид. Аввал рӯй-рӯи шпалаҳо кадам мезад, баъди он ки аз мукобил катор намоён шуд, аз пуштаи роҳ ба паҳлӯ фаромад ва чунон ки дар хавои бӯронӣ мекунанд, сару рӯяшро аз боду чангу ғубори аз зери чархҳои катори боркаш барҳоста бо дастонаш паноҳ карда, ба роҳи пуразобаш идома медод. Катори боркаше ки он нимшаб дар ҳеч чой наистода, бидуни таваққуф мегузашт, катори хосае буд, ки онсӯтар ба роҳи дигаре даромада, ба минтакаи мамнӯи Сари Озеки I мерафт, хулласи калом, ба космодром мерафт, ки роҳи оҳа-

ни он чо идораю хидматгорони махсуси худро дорад ва аз ин сабаб вагонҳои қатор ҳама брезентпӯш буданд ва дар платформаҳошон посбонони низомӣ доштанд.

Едигей пай бурд, ки ба назди ӯ шитобон занаш меояд ва шитобаш ҳам бечиз нест ва ягон сабаби басо ҷиддӣ дорад. Воқеан ҳамин тавр будааст, вале то даме ки вагони дунболаи қатор бо кондуктори дар айвонаки кушод истодааш аз пеши Едигей гузашта нарафт, вай аз рӯи вазифа ҳақ надошт, чои худро тарк кунад. Онхо бо фонусҳошон ба якдигар хабар доданд, ки роҳ бехатар аст ва фақат баъди он Едигей, ки аз ғавғои бардавом гӯшҳояш маҳкам шуда буданд, ба занаш рӯй овард:

— Ҳа, чӣ шуд?

Зан нигоҳи изтиробомезе афканду чизе гуфт. Едигей чунбиши лабҳои ӯро дида бошад ҳам, садое ба гӯшаш нарасид. Бо вучуди ин фахмид. Бале, гумони худаш ҳам ҳамин буд.

— Биё, ба дарун дароем. Ин чо шамол,— гуфт ӯ ва занашро ба кулба ҳидоят намуд.

Аммо аз даҳони зан ба тасдиқи гумони бадаш ҳанӯз чизе нашунида, хотираш аз як чизи дигар мушавваш шуд. Едигей пештар ҳам медид, ки занаш пир шудааст, лекин ин дафъа ба ҳоли ӯ дилаш сӯхт: Укубала аз шиддати тохт нафастанг шуда буд, аз даруни синааш садоҳои гирифтаю хиррие берун меомаданд ва китфҳои лоғараш ба як тарзи ғайритабиӣ, хеле башаст болову поин мешуданд. Чароғи равшани электр дар кулбаи майдаяки деворҳояш аз оҳак сап-сафед баногоҳ дар рухсори тираи кабудчафом гардидаи Укубала ожангҳои дигар хеч гоҳ рафънашавандаро баралония намоиш дод (ва ҳол он ки айёме буд, ки пайкари нарми рехтааш гандумгун буд ва чашмони сиёҳаш дурахши дилрабое доштанд)... Боз ин дандонҳои афтода... Умри зан ба охир расад расаду лекин як рӯз ҳам бедандон намонад, бо забони ҳол мегӯянд онҳо. (Кайҳо Укубаларо ба истгоҳи калон бурда, аз ҳамон дандонҳои зормондаи оҳанӣ шинондан лозим буд, ҳозир пиру чавон ҳамин хел дандонҳо месозонанд)... Бар болои ин боз торахои сап-сафеди мӯй аз таки рӯмол фаромада, ба рӯяш парешон шудааст. «Эҳ, занаки ман, чӣ хел пир шудай ту!»— аз дил гузаронид ӯ ва ҳис кард, ки дар ин ҳол гӯё худаш низ гунаҳгор аст ва ҳисси ин гуноҳ дили ӯро фишор медиҳад. Ва пай бурд, ки дилаш аз эҳсосоти сипосдорӣ моломол мегар-

дад ва ин эҳсосот подоши ҳамон зиндагонист, ки солҳои бисьёре бахам дидаанд ва хусусан подоши хидмати ҳозираш аст, ки нимишабй рӯй-рӯи рохи охан то ба дуртарин нуктаи дуроха аз рӯи эхтиром, аз рӯи карзи одамй давида омадааст. Чуики Укубала медонад, ки ин хабарро ба Едигей расонидан бисьёр зарур аст. Едигей бояд бидонад, ки пирамарди бадбахт, мӯйсафеди бекас Казонкоп дар кулбаи хилвати похсагинаш чашм аз олам пӯшидааст. Укубала медонад, ки дар тамоми дуньёи равшан факат як нафар одам хаст ва он хам Едигей аст, ки аз мурдани одами яккаву танхо гамгин мешавад ва ҳол он ки марҳум ба вай на хеш мешавад, на табор.

— Шин, нафасата рост кун,— гуфт Едигей вакте ки ба кулба даромаданд.

— Худат хам шин,— гуфт Укубала.

Хар ду нишастанд.

— Чй шуд?

— Казонкоп мурд.

— Кай?

— Аз ахволаш хабар гирам, шояд ягон чиз лозим бошад, гуфта, навакак даромадам. Даромадам, чароғ даргирон, дар чогаҳаш хоб, факат ришаш сахле нитту ба боло сих задаги барин. Наздиктар рафтам. Казаке, гуфтам, хой Казаке, чон гарм лозим бошад, гӯед, гуфтам. Бинам, чавоб нест, кайҳо тамом шудагй.—Укубала баногохост хомӯш гардид, чашмони сурхшудааш аз ашк пур шуданд, пилкҳои бо мурури замон тунук шудааш ларзиданд ва ӯ фик-фик ба гирья сар кард.— Мана окибат! Чй хел одам буд-а! Чон додаасту як кас нест, ки манаҳаша бандад,— хасрат мекард ӯ гирьяомез.— Оқибати одама бин. Хайфи хамту одам...— У мехост бигӯяд, ки саги бесохиб барин хору зор шуда мурд, лекин нагуфт, хочати шарҳ набуд, бе ин хам вазъият маълум буд.

Едигей ҳанӯз аз айёми баргаштанаш аз чанг дар дуроҳан Буранлй, яъне Бӯронй, хидмат мекард ва аз ин сабаб хама дар ин ноҳия ӯро Едиген Бӯронй меномиданд. Вай дар рӯи тахтакати худ бо сари хам, чехраи гирифта, дастони решан дарахт барин дурушт ва калонкалони вазнинашро ба рӯи зону гузошта менишаст. Лапари фуражкаи фарсудаи равғанолуд ба чашмонаш соя меафканд. Ба хаёл рафта буд Едиген Бӯронй.

— Чй кор мекунем акнун?— садо баровард занаш.

Едигей сар бардошта, ба занаш бо захрхандае нигоҳ кард.

— Чӣ кор мекунем? Чӣ кор мекунанд дар ин холат? Дафн мекунем.— Вай чун одаме ки ба як қарор омадааст, аз чой бархост.— Ту, занак, медонӣ чӣ? Ту зуд баргард. Аввал ба гапи ман гӯш кун.

— Гӯшам ба ту.

— Усмона бедор кун. Сардор бошад ҳам, майлаш, бедор кун, дар пеши ачал мартабан ҳама бад-баробар. Бигӯ, ки Қазонқоп аз олам гузашт. Чилу чор сол дар як чо кор кард вай. Вақте ки Қазонқоп ба ин чо омада, кор сар карда буд, сага аз сар то пояш тилло резӣ ба ин гӯшаи Сари Озек намеомад. Усмон он вақтҳо, эҳтимол, дар шиками очааш ҳам набуд. Қади умри мӯйсафед аз ин чо чӣ кадар каторҳо гузаштаанд, шумурам гӯй, мӯи сарат намерасад.. Бигӯ, ки фикр карда бинад. Аия ҳамту бигӯ. Исто, боз гӯш кун...

— Гӯшам ба ту.

— Ҳамая аз як сар бедор кун. Тирезаҳошона тактақ зан. Худамон чӣ кадарем — ҳамагӣ ҳашт хонавода... Ҳамаро бедор кун. Ҳамин хел як одам мурдааст, имшаб ягон кас набояд хоб кунад. Ҳамаро бедор кун.

— Рафту чанчол кунанд, чӣ?

— Кори мо хабар додан, чанчол кунанд, кардан гиранд. Бигӯ, ки ман фармудам, ки ҳама бедор шаванд. Вичдон ҳам даркор ба кас. Исто!

— Боз чӣ?

— Аввал ба пеши навбатдор даро. Имшаб Шоймардон диспетчер. Бигӯ, ки воқеа ана ҳамту, фикр карда бинад. Шояд ба чои ман ягон касро ёбад. Сонӣ ба ман хабар диҳад. Фаҳмидӣ, ана ҳамту бигӯ!

— Мегӯям, мегӯям,— чавоб дод Уқубала, баъд ба мисли он ки чизи аз ҳама муҳимтари бемаврид фаромӯш кардаашро ба ёд оварда бошад, бо оҳанги гунаҳгорона гуфт:— Ана халос! Бачаҳояш чӣ? О аввал ба онҳо хабар расонидан лозим. Албатта! Падар мешавад-а...

Едигей ин гапро шунида, абрӯвонашро гирех кард, андомаш боз тиратар гардид. Чизе нагуфт.

— Хоҳ нағз бошад, хоҳ ганда, фарзанд-дия,— таскиномез суханашро давом медод Уқубала. Вай медонист, ки ин гапҳо ба гӯши Едигей намефорад.

— Э худам ҳам медонам.— даст афшонид Едигей.— Чӣ, ба хаёли ту ман ҳеч фаросот надорам? Медонам, ки бачаҳояшро хабар додан лозим. Лекин агар ихтиёр ба ман мешуд, наменмондам, ки пан кадамашон ба ин чоҳо расад!

— Едигей, ин тарафаш кори мо не. Мон ки биоянд, бо дасти худашон гӯру чӯб кунанд. Набошад, соңй гапу гапча чунон мӯл мешавад, ки...

— Хайр, ман чӣ гуфтам? Не гуфтам? Омадан гиранд.

— Писараш аз шаҳр расида омада метавониста бошад?

— Дилаш бошад, метавонад. Ханӯз парерӯз вакти ба истгоҳ рафтанам, тилгиром фиристода будам. Гуфтам, ки ахвол чаток, падарат дар дами марг. Боз чӣ даркор! Худаша ин қадар доно метарошад, наход нафахмад!..

— Хайр, инту бошад, майлаш,— ба гапҳои шавхараш розй шуд Укубала, вале азбаски дар замири дил ханӯз андешахои изтиробангезашро давом медод, бо оҳанги ташвишомез гуфт:— Хуб мешуд, ки хамрохи занаш меомад. Ба хар хол бегона не, падаршӯ мешавад...

— Ун тарафаш кори худашон Инту кун, инту накун гуфтан чӣ хочат? Кӯдак не-ку!

— Ха, рост, хамту-куя, лекин бо вучуди он...— гуфт Укубала дар холе ки дилаш ханӯз аз шубха озод нашуда буд.

Онҳо муддате хомӯш нишастанд.

— Хайр, ту бирав, вакт нагузарад,— хотиррасон кард Едигей.

Аммо занаш холо дар дил гап дошт.

— Духтараша мегӯям-а, Ойзодаи шӯрбахта мегӯям... Вай дар истгохи калон... Шӯяш як аракхӯри худо задагй, бачаҳояш лӯла-кулӯла... Охир вай хам бояд ба маросими дафн расида оят.

Едигей бехтиёр табассум намуд, ба китфи занаш навозишкорона даст расонид.

— Ана халос... Акнун ту аз барои хар кадомаш алоҳида ғам хӯрда, сӯхта мешинй... Рохи хонаи Ойзода як қадам, саҳарй ягон кас ба истгоҳ рафта хабар мерасонад. Меояд, албатта. Лекин ту, занак, аклата кор фармо — хам аз Ойзода, хам аз Собитчон, хусусан аз Собитчон, бо вучуди он ки писар мешавад, мард ном дорад, як пула нафъ намерасад. Ана мебинй, меоянд, ха, роҳа ёфта меоянд, аммо мехмон барин дар як гӯша рост меистанд, мурдая боз худамон гӯру чӯб мекунем, ха кори мешудагй хамин... Бирав, бирав, корҳои ман гуфтагиро кун.

Укубала аз кулба баромад, баъд аз рох бозмонда

даме хаёломез рост истод ва сонӣ боз ба роҳаш идома дод. Вале ин дафъа ӯро Едигей аз рох дошт:

— Аз ёдат набарор, аввал ба пеши навбатдор даро, ба пеши Шоймардон, ба чои ман ягон касро фиристонад, ман сонӣ ба чои вай кор мекунам. Худорахмати дар хонаи хилват хобидааст, дар пешаш ягон кас нест, нағз не... Ана ҳамту бигӯ...

Занаш ба аломати ризо сар ҷунбониду ба роҳаш рафт. Ин дам дар рӯи лавҳаи дистанционӣ асбоби хардиханда чароғаки сурхашро даргиронида, ба ғурриш даромад. Ба дурохаи Бӯронӣ қатори наве наздик меомад. Аз рӯи супориши навбатдор ин қаторро аз рохи эҳтиётӣ чой додан лозим, то ки қатори дигар, ки аз тарафи муқобил меояд ва низ ба дуроҳа наздик расидааст, бемалол ба он сӯ гузашта равад. Кори муқаррарӣ.

То даме ки каторхо ба рохи худ гузаштанд, Едигей гох-гохе ба сӯи Укубала назар меафканд, ки аз пахлӯи рох равон буд. Гӯё боз ягон гапи таъин нокардааш монда бошад. Гапи мегуфтагӣ, албатта, ёфт мешавад. Маросими дафн кори хазл не, хазору як майда-чуйда дорад. Аммо Едигей на аз барои ин ба сӯи занаш нигоххо меафканд. Вай акнун, худи хамин дам бо алам пай бурд, ки занаш вақтхои охир пир шудааст, коматаш хам гаштааст ва инро дар партави зарди чароғи сари рох надидан мушкил буд.

«Пир шудем-дия,— аз дил гузаронид ӯ.— Мана окибат: чолу кампир!» Саломатӣ шукр, бад нест, тану чон холо бакувват, лекин синнаш ба чое расидааст, шастсола шудааст, аниктар хисоб кунад, ба шасту як қадам монд. «Ана-мана нагуфта, ду-се соли дигар мегузараду эҳтимол ба нафака баро, гӯянд»— худ ба худ гуфт Едигей бо захрханда. Аммо вай медонист, ки ба ин карибихо ба нафака намеравад. Ба чои вай дар ин чохо одам ёфтан хам кори осон нест. Едигей нозири рох ва коргари таъмиргар аст, баъзан, агар ягон кас нотоб шуда монад ё ба таътил биравад, вазифаи рохкушо (стрелочник)-ро хам адо менамуд. Ба чои вай кй меояд? Магар ки ба хотири музди иловагӣ бияд, ки барои дурафтода ва беоб будани ин чохо мехиканд. Аммо ба гумон-дия. Дар байни чавонхои хозира ин хел одам ёфт мешавад?

Барои зиндагӣ кардан дар дурохахои Сари Озек дили бутун даркор, набошад, нобуд мешавӣ. Дашт хадду канюре надорад, одам дар пеши вай як зарра. Даштро ба холи ту коре нест, ахволат хуб аст ё бад, барои вай

бад-баробар. Ана ҳамин хел аст дашт ва дигар ҳам намешавад, аммо инсон ба ҳоли дуньё бепарво буда наметавонад, ғам мехурад, ғусса мехурад, хаёл мекунад, ки дар чои дигар, дар миёни одамони дигар мешуд, кораш барор мегирифт ва бахташ баргашта будааст, ки ба ин чохо афтодааст... Ва, инак, дар пеши салобати дашти бузурги бешафкат дил бой медиҳад, яъне аккумулятори мотоцикли сечархаи Шоймардои барин мадори дилаш хушк мешавад. Соҳибаш он мотоциклро эҳтиёт мекунад, на худаш савор мешавад, на ба касе медиҳад. Мошин бекор-бекор мехобад, ва ҳамин ки зарур шуд, мотораш дарнамегирад, чунки қуввати оташдиҳандааш тамом шудааст. Одами ба дуроҳаи Сари Озек афтода ҳам ба мисли ҳамин, агар ба кор начаспад, дар ин дашт реша наронад, одат накунад,— тамом, токат карда наметавонад. Баъзехо аз тирезаи вагонҳои даргузар нигоҳ карда, гиребонашонро медоранд: ё тавба, мегӯянд, одамон дар ин чо чӣ тавр зиндагонӣ мекарда бошанд?! Ба ҳар тараф, ки бингарӣ, фақат дашту уштур, дашту уштур! Хайр, чӣ илоч, зиндагӣ мекунанд. Сабру токаташ чӣ кадар ки бошад, ҳамон қадар зиндагонӣ мекунад. Се сол, ё зӯраш расад, чор сол бардошт медиҳад. Баъд ариза дода, ҳисобӣ мекунаду меравад. Тамом, вассалом.

Дар дуроҳаи Бӯронӣ фақат ду кас ҳаман умри худ тоб оварда тавонист: Қазонкопу вай, яъне Едигеи Бӯронӣ. Дар ин муддат чӣ қадар одамон омада рафтанд! Дар бораи худ чизе гуфтанаш мушкил, дандон ба дандон монда, токат мекард, сар хам намекард, аммо Қазонкоп дар ин нохия чихилу чор сол захмат кашид. На аз бароӣ он ки аз дигарҳо гӯлтар буд. Ба Едигей бигӯянд, як худи Қазонкопро ба дах каси дигар иваз мекунӣ? Не мегӯяд... Мана акнун вай ҳам бирафт. Нест дигар Қазонкоп...

Каторхо ба роххои худ гузашта рафтанд. Яке ба шарк бирафт, дигаре — ба ғарб. Дуроҳаи Бӯронӣ муддате холӣ гардид. Ва хама чизе ки дар атроф буд, баногоҳ равшантар аён шуд. Ситорахои осмон гӯё дурахшонтар, ба назар намоёнтар шуданд, бод хам шасти худро афзуда, дар пуштаи рох, миёни шпалҳо ва сангрезаҳои байни рельсҳое, ки махин-махин ғуввос мезаданд ва гоҳ-гоҳ садои шиқиррос заданашон ба гӯш мерасид, сайри худро давом медод.

Едигей ба кулбааш надаромад. Ба симчӯб такья намуда, ба хаёл рафт. Дар пеш, дар он сӯи рохи оҳан ша-

бахи хираи уштуронро дид. Онхо зери партави мох дар мобайни дашт ночунбон истода шаб мегузаронданд. Ва аз байни онон Едигей уштури каллакалону дукўҳони худро шинохт, ки дар Сари Озек тавонотарин ва хушрафтортарини уштурон буд ва бо соҳибаш ҳамлакаб буда, Қаранори Бўрониаш мехонданд. Едигей онро дўст медошт, фахр мекард. Дар неру беназир буд, аммо, рости гап, идора карданаш хам осон набуд, чунки Қаранор айғир буд, Едигей дар хурдиаш ахта накард, сонитар ба ин кор дасту дилаш нарафт.

Едигей дар дилаш гуфт, ки фардо дар катори дигар корхо бояд барвақттар Қаранорро ба хона оварда, зин занад. Барои саворй дар маросими чаноза даркор мешавад. Ба сари Едигей боз хар гуна андешахо меомаданд.

Сокинони дуроха ханўз дар хоби роҳат буданд. Қасабаяки Бўрони аз чанд бинои хурди идора, шаш хонаи бомаш шиферпўш, ки як вактхо идораи рохи охан сохта буд, аз хонаи бо дасти худ бино кардаи Едигей ва кулбаи похсагини Қазонкоп иборат буду бас. Оташдонхои дар сахни хавлихо, хар гуна хонача ва анбораккои ин чо-он чо вокеъ гашта, хисоракхои девораш най барои нигох доштани чорво ба ин хисоб, албатта, намедароянд. Дар мобайни қасаба бинои насоси обкашак вокеъ буд, ки чархҳои онро бод ба гардиш меовард ва лозим шавад, насоси электрро ба кор меандохтанд. Дар худи хамон чо обкашаки дастй хам буд, ки солҳои охир пайдо шуда буд.

Хулосаи гап, ин касаба дар сари роҳи бузурги охан, дар адл миёнаи дашти бузурги Сари Озек вокеъ гашта буд ва ҳалқаи майдаяке буд дар силсилаи чуи рагҳои хунгузар сершохаи дуроҳаҳо, истгоххо, марказхо ва шаҳру карияҳои дигар... Ха, дар як чои кушод, дар гузаргохи хаман бодхои олам ва хусусан бодхои зимистонй вокеъ гашта буд, ки бўронҳои он манзилгоххои Сари Озекро то ба тиреза аз барф пур мекард ва дар сари роҳи охан теппаҳои баланди барфин месохт... Ана аз хамин сабаб ин дуроҳаи дашти Бўронлй — Буранный ном дошт ва лавҳаи номаш ҳам ба ду забон навишта шуда буд: ба забони қазоқй Бўронлй, ба русй — Буранный...

Пеш аз он ки дар роххо хар гуна мошинхои барфтозакунак — мошинҳое, ки барфро фурў кашида, сонй тирвор ба як тараф пуф мекунанд ва мошинҳое, ки бо тегхои азимашон барфро тела дода, ба канор мебароранд,

175207

қабл аз он ки ин хел ва дигар гуна мошинҳо пайдо шаванд, ба Қазонқоп ва ӯ лозим омада буд, ки бо барфтӯдаҳои сари роҳ чони худро ба каф гирифта талош кунанд. Гӯё ки то ҳамин қарибиҳо аҳвол чунин буд. Зимистони солҳои панҷоҳу якум ва панҷоҳу дуввум басо қаҳратун омада буд. Дар майдони чанг гоҳо ҳамин гуна ҳоле ба миён меомад, ки одам бояд ҳаёту мамоти худро ба адои як супориш харҷ кунад, масалан, барои як ҳамла, барои як даста граната партофтан ба зери танки душман... Дар ин чо хам аҳвол ҳамин гуна буд. Касе дар касди чони онон наафтода бошад ҳам, худашон чон ба каф гирифта, кор мекарданд. Чӣ қадар барфтӯдаҳоро дастӣ бел мекарданд, бо чанаю чигинаҳо мекашонданд ва ҳатто дар километри ҳафтум, он чоє ки роҳи оҳан аз пастӣ, аз мобайни теппаи бурида мегузарад, барфро ба халтаҳо андохта, ба боло, ба сари теппа мебаровардаид. Ва ҳар дафъа ба назарашон чунон мерасид, ки ин охирин талоши онҳост бо гирдбоди бӯрони ва аз ин сабаб рамаке ба чонашон намонад ҳам, боид талош кунанд, коре кунанд, ки фарьёди паровозхоро дар ин дашти бекарон, «Роҳ дихед! Ро-оҳ!» гӯён дод гуфтани онҳоро дигар нашунаванд!

Аммо он барфҳо об шуданд, он каторҳо ва он солҳо гузашта рафтанд... Акнун касе ёди онҳоро намекунад. Гӯё афсона барин, буду набуд. Қормандони роҳ акнун ба ин чо аз маврид ба мавриде меоянд. Инҳо, бригадаҳои нозирону таъмиргарон ҳамагӣ одамони серғавғоянд, нақл кунӣ, бовар намекунанд, ба худ тасаввур карда наметавонанд, ки роҳи оҳанро дар Сари Озек барф зер мекардаасту факат чанд нафар бел дар даст онро тоза мекардаанд! Муҳобот накунед-е!— мегӯянд онҳо. Баъзеҳошон рӯпрост масхара мекунанд: чӣ зарур буд ба чонатон? Кӣ шуморо мачбур кард, ки худатонро азоб дода, чон ба таҳлука андохта, ин корро кунед? Ба хотири чӣ? Хамин корро ба мо супоранду ҷавоб шунаванд, ха! Бардоред дову дастгоҳатона, ба саратон занед, мегуфтему баромада мерафтем, ҳеч набошад, ба ягон сохтмон ё чои дигар мерафтем, ки тартибу интизом бошад. Яъне фалон қадар кор кардӣ, мархамат, ҳаққата бигир. Мабодо ягон кори фаврӣ баромада монад, мархамат, мардумро чамъ кунед, аммо ҳаққи иловагиро тайёр кунед... «Шумо, пиракиҳоро аҳмақ ёфтаанд, сазои саратон, ҳамин тавр гӯлу гумроҳ мурда меравед!..»

Аз ҳамин қабил маҳмадоноҳои «ҳақшинос» яке ҳам-

сўхбат шавад, Қазонқоп ба суханҳояш аҳамият намедод, гўё ба ӯ дахл надошта бошад. Фақат худ ба худ заҳрханда мекард, гўё дар дилаш гапе дошта бошад, ки ақли онҳо намерасад. Аммо Едигей тоб оварда наметавонист, оташин мешуд, мешўрид, баҳс карда, дили худашро худаш хун мекард.

Лекин Едигею Қазонқоп байни худ дар ҳар хусус сўхбатҳо мекарданд. Ҳам дар бораи он корҳое ки ин зотҳои рохгузари савори вагонҳои назорату таъмир масхара мекарданд, ҳам дар хусуси бисьёр дигар масъалахо. Аз солҳои пеш бо ҳам дарди дил изҳор мекарданд, ба кадре ки фаҳмашон мерасид, дар бораи зисту зиндагонй андешаҳои худро ба ҳамдигар мегуфтанд. Он вактҳо ин махмадонохо ҳанўз кўдак буданд, мавизро кака мегуфтанд. Ҳа, онхо бисьёр солхо инчониб — аз худи соли чилу панчум то ба нафака баромадани Қазонқоп роздони ҳамдигар буданд. Вокеан, Қазонқоп ба нафака баромаду кораш барор нагирифт: акнун дар хонаи писарам зиндагонй мекунам, гуфта ба шаҳр рафту баъди се мох баргашт. Ана ҳамон вакт онҳо дар хусуси пасту баландихои олам сўхбати дурударозе доштанд. Марди хирадманде буд Қазонқоп. Дар хотири Едигей бисьёр чизҳо мондааст. ...Ва Едигей банохост возеҳу равшан дарк намуд, ки акнун аз дўсташ фақат хотирае бокй мондааст ва дилаш аз хуручи дарду ҳасрат лабрез шуд...

Ў ба кулба ворид шуд, аппарати овоз ширик-ширик садо бароварду микрофон ба кор даромад. Аз дарунии ин асбоби фалакзада аввал садои тундбод барин ғурғуру фиш-фиш пахш шуду сонй овози одам баромад:

— Едике, алё, Едике,— хиррос мезад Шоймардон, диспетчери навбатдори дуроҳа,— овозамро мешунавй? Гап зан!

— Ҳа, мешунавам!

— Ту овозамро мешунавй?

— Ҳа, ҳа шунида истодаам!

— Овозам чй хел шунида мешавад?

— Аз он дуньё гап задагй барин!

— Барои чй аз он дуньё?

— Надонам.

— А-а... Яъне муйсафеди Қазонқоп унзайлин шудааст-дия!

— Чизайлин?

— Яъне ки мурдааст.—Шоймардон зўр мезад, ки суханҳои ба мавриd муносиб дарьёбад.— Чй гўям? Яъне

ки уизайлинаш, вай, ҳоло номаш чӣ буд, роҳи бошарафонаи зиндагиаш ба охир расидааст.

— Ҳа,— мухтасар чавоб дод Едигей.

«Мур, ту хайвони бемағз,— аз дил гузаронид ӯ,— дар хусуси марги инсон ҳам одам барин гап зада наметавонад».

Шоймардон дақикае хомӯш монд. Аз микрофон садои боз ҳам баландтари хиш-хишу ғичиррос ва фашфаши нафаскашӣ баромад. Пас боз хирроси Шоймардон шунида шуд:

— Едике, акачон, лекин ту уизайлин накун, сари мана гаранг накун. Хайр, мурдааст, акнун чӣ илоч... Ман одам надорам. Ба пеши мурда рафта шиштанат чӣ лозим? Мурда гашта уизайлин, яъне ки зинда намешавадку, ба хаёлам...

— Ба хаёли ман, каллаи ту кор намекунад!— бо газаб омад Едигей.—«Сарама гаранг накун» мегӯяд-а! Ба омадани ту ду сол нашудааст, ману вай дар ин чо сӣ сол ҳамроҳ кор кардем. Ту каллая кор фармо. Аз миёни мо як кас вафот кардааст. Мурдаро дар хонаи хилват танҳо намемонанд, мумкин не.

— Вай аз кучо медонад, ки уизайлин аст, яъне ки танҳо аст ё не?

— Вай надонад, мо медонем!

— Хайр, мӯйсафед, дӯғ назан, уизайлин, магал накун!

— Ман ба ту фаҳмонда истодаам.

— Хайр, охир, чӣ мехоҳӣ? Ман одам надорам. Ба он чо рафта, чӣ кор мекунӣ, аз ду сар, шаб торик, ҳеч кас нест.

— Ибодат мекунам. Расму оина адо мекунам. Дуо мехонам.

— Дуо мехонӣ? Ту, Едиген Бӯронӣ, дуо мехонӣ?

— Ҳа, ман. Ман дуохоя медонам.

— Ана халос. Хокимияти советӣ уизайлин, шастсола шудааст...

— Гапа дароз накун, Хокимияти советӣ ба ин чо чӣ дахл дорад! Аз замони қадим як одам мурад, дигарҳо ба арвоҳаш фотиҳа мехонанд. Инсон мурдааст, фаҳмидӣ, хайвон не!

— Хайр, фотиҳа хон, фақат уизайлин накун, дӯғ назан. Ба Одилбои Дароз одам мефиристам. Розӣ шавад, меояд, ба чои ту уизайлин, навбатдорӣ мекунад... Ҳозир

унзайлии кун, яксаду ҳабдаҳум наздик меояд, ба роҳи дуввуми эҳтиёти гузарон...

Овози Шоймардон катъ гардид, садои ширикки кардани аппарати гуфтугў шунида шуд. Едигей ба чои роҳкушой равон шуд. Ў бо кори худ машгул буду дар дилаш фикр мекард, ки оё Одилбой розй мешуда бошад, оё меомада бошад? Як назар дид, ки тирезаи баъзе хонаҳо равшан шуд, дар дилаш умед пайдо гардид. Одамон, охир, вичдон доранд. Мана ак-аки сагҳо ба гўш расид. Пас, занаш бўронихоро аз хоб бедор карда, хабари чанозаро мерасонад.

Яксаду ҳабдаҳўм омада, дар роҳи эҳтиёти қарор гирифт. Аз дигар тараф катори нафткаш омад. Аз сар то дунболаш факат махзани нафт. Каторҳо ба роҳҳои худ рафтанд; яке ба шарқу дигар — ба ғарб...

Соат аз яки шаб гузашта буд. Ситораҳои осмон дурахшонтар мешуданд, хар як ситора чудогона медурахшид. Моҳ хам дар сари дашти Сари Озек равшантар нурафшонй мекард, гўё як навъ кувваи тозаю торафт афзоянда иловагй пайдо карда буд. Дар зери гумбади ситоразор то бадодур дашти нопайдоканори Сари Озек доман пахн карда мехобид. Факат шабахи ушторон — ва дар байни онхо азамати қўшкўҳон Караноря Бўронй ва тархи хираи теппаҳои наздиктарин ба назар мерасиду бокимондаи масоҳати дашт аз хар ду самти роҳи оҳан ба торикии беинтиҳои шаб рафта менайваст. Бод хам ором намешуд, пайваста хуштак мекашид ва хасу хошоки биёбонро хашмгинона ба хар сў меронд.

Едигей гоҳ ба кулба медаромад, гоҳе мебаромад, чашмаш ба роҳи Одилбои Дароз чор буд. Нохост назараш ба чонвараке афтод. Чашмони сабзгунаш милт-милт метофтанд. Худаш дар зери сутуни телеграф меистоду на як кадам пеш меомад, на ба кафо мерафт.

— Э, ту ин чо чй кор мекунй!— гуфт Едигей бо ангушташ шўҳиомез таҳдид карда. Рўбоҳ нарамид.— Ина бинед-а! Холо мани туро!—Едигей пой бар замин кўфт.

Рўбоҳ каме дуртар рафту боз нишаста, ба ў рўй гардонид. Вай чашмони махзунашро аз ў наканда, бо дикқат нигоҳ мекард. Ҳа, ё ба андоми ў нигоҳ мекард, ё ба чизи дигаре дар наздикии ў. Ў ба ин чо чаро омада бошад? Чароғҳои электр чалб карда бошандаш, ё аз гуруснагй омада бошад? Дар ин чо пайдо шудани рўбоҳ ба назари Едигей ғалатй менамуд. Хайр, модоме худи сайд пеши сайёд омадааст, сангеро бардошта, якта фаро-

рад, чӣ? Едигей даст-даст карда, санги калонтареро бардошт. Нишон гирифта, даст кашиду нохост аз нияташ баргашт. Сангро ба зери пояш партофт. Баданашро арақ зер кард. Воачабо, ба сари одам чӣ хаёлҳое меомадаанд! Худи хобу хаёл барин-а! Рӯбоҳро нишон гирифта, заданӣ буд, ки баногоҳ як ривоят ба ёдаш расид. Ҳолӧ дар хотир надорад, ки он каси ривоятгуфта кӣ буд: яке аз он зотҳои рохгузар, ё суратгире ки бо ӯ дар хусуси худову пайғамбарон сӯҳбат карда буд, ё ягон каси дигар. Э не, Собитҷон нақл карда буд, чин занад вая, доимо аз ачоиботу ғароибот мелаккад, шунаванда бошаду дахонашро яла карда гӯш андозад, шуд. Ха, Собитҷон, писари Қазонқоп нақл карда буд, ки баъди мурдан чонии одам ба тани дигар ҷонварҳо медаромадааст.

Бинед-а, худашон ба сари худ чӣ хел як ахмақи лаккиро калон карда ба воя расониданд! Дар назари аввал бӯзбалаи дуппа-дуруст барин менамояд. Ҳама гапа медонад, аз ҳама чиз бохабар, аммо аз донистанҳои вай як пула фоида нест. Ба интернат бурда хононданд, дар институт хононданд, лекин одам нашуд, ки нашуд. Худситой, шаробнӯшӣ, нӯшбодгӯй бошад, ин кас устухон надоранд, аммо аз кор дараке нест, хулласи гап, ки пуч баромад бача, бо падараш киёс ҳам карда намешавад, ҳарчанд ки диплом дорам, гуфта фукаш дар осмон. Не, одам нашуд, ба падараш нарафт. Хайр, ҳаволааш ба худо, акнун чӣ илоҷ, шудагиаш хамин кадар.

Хӯш, ана ҳамин Собитҷон боре нақл карда буд, ки дар Ҳиндустон як ақида будааст, ки мувофики он баъди мурдани одам рухаш ба тани ҷонвари дигар мегузаштааст, хатто ба тани мӯрча барин ҷонваракони майдаяк. Мегуфтаанд, ки ҳар инсон як вақтҳо, яъне хеле пеш аз омаданаш ба дунъё дар шакли парранда ё ягон хел ҷонвар ё ҳашарот зиндагонӣ карда будааст. Бинобар ин дар Ҳиндустон кадом ҷонзоте набошад, куштан убол будааст. Аз пеши рох мор барояд, мори айнакдор барояд ҳам, даст намекофтаанд, таъзим ба чо меовардаанду рох медодаанд.

Дар дунъёи равшан чӣ бисьёр? Ачоибот. Кӣ медонад, ки ин гап рост бошад ё дурӯғ. Ин дунъё дунъёи васеъ, одам донистан-катӣ ба такаш расида наметавонад. Аня аз бароӣ ҳамин вақте ки рӯбоҳро бо санг заданӣ шуд, ба сараш хаёле омад, ки рафту рухи Қазонқоп ба тани ҳамин рӯбоҳ даромада бошад? Рафту Қазонқоп ба сурати рӯбоҳ даромада, ба пеши дӯсти бехтаринаш ома-

да бошад, чунки, охир, кулбааш баъди мурдани ӯ ғамхонаи бекас шуд-ку!.. «Ё тавба, аз акл бегона шуда истодаам, аз афти кор!— худро мазаммат кард Едигей.— Ҳамин ҳам гап шуд-у! Хайфи ман-е! Аклама хӯрдаам!»

Бо вучуди он оҳиста ба рӯбоҳ наздиктар омада, ба оҳанге ки вай сухани ӯро мефаҳмида бошад, гуфт:

— Ту бирав, чои ту ин чо не, бирав, бирав ба даштат. Фаҳмидӣ? Бирав. Не, ба он тараф не, он чо сагҳо ҳастанд. Бирав ба даштат, ёрат худо.

Рӯбоҳ пас гашту ба роҳ даромад. Як-ду маротиба ба пасаш нигоҳ карду дар оғӯши зулмот нопадид шуд.

То даме ки Одилбои Дароз омаду Едигей ба ӯ навбатдориро супорид ва ҳар ду аз вокеаи нохуш сӯҳбат карда, оҳ кашиданду афсӯс хӯрданду Қазонқопро ёдовари карданд, ба дуроҳаи Бӯрони боз ду қатор омаду ба ду тараф гузашта рафт. Едигей аз ҳама корҳо фориғ шуда ба хона мерафт, ки банохост ҳамон чизи аз ёд баровардааш ниҳоят ба ёдаш расид: вай ба занаш нагуфта буд, дурусттараш, бо вай маслиҳат накарда буд, ки ба духтарон ва домодҳои худ аз вафоти Қазонқоп чӣ хел хабар диҳанд. Ду духтари хонадоршудаи Едигей дар самти тамоман дигар — дар наздикиҳои Қизил Урда мезистанд. Калониаш дар совхози шоликор буд, шавҳараш — трактории ҳамон совхоз. Хурдиаш аввалҳо дар истгоҳи Қазалӣ мезист, сонитар бо оилааш ба наздиктари апааш, ба худи ҳамон совхоз кӯчид. Шавҳараш ронанда шуда кор мекунад. Қазонқоп ба онҳо аз он қабил хешу табор не, ки ба чанозаи ӯ омаданашон фарз бошад. Лекин ба назари Едигей Қазонқоп барои онҳо аз хешу табор ҳам наздиктар буд. Духтарҳо дар ҳамин чо, дар дуроҳаи Бӯрони ба дунъё омаданд. Дар ҳамин чо ба воя расиданд, дар интернати истгоҳи Кумбел, мехонданд. Ба интернат онҳоро бо навбат гоҳ Едигей бурда мемонд, гоҳ Қазонқоп. Едигей ба ёд овард, ки духтарчаҳоро аз таътил ё баъди таътил ба уштур савор карда бурда меоварданд. Хурдиаш дар пеш менишаст, падар дар мобайн, калониаш — дар қафо. Секаса савор мешуданд ва Қаранор аз Бӯрони то Кумбел се соат ва агар зимистон бошад, аз он зиёдтар лӯк-лӯккунон медавид. Едигей ба рафтуомад вакт надошта бошад, Қазонқоп мерафт. Вай ҳам барои духтарчаҳо падари худашон барин буд. Едигей аҳд кард, ки пагоҳӣ ба онҳо телеграмма

мефиристад, он тарафаш ихтиёр ба худашон, тавонанд, меоянд... Лекин бояд албатта бидонанд, ки мўйсафеди Қазонкоп чашм аз олам пўшидааст...

Сонй ў рох мепаймуду фикр мекард, ки саҳарй пеш аз ҳама Қаранорашро бояд аз чарогоҳ дошта биёрад. Даркор мешавад. Мурдани одам ҳазл не, аммо одамрэ бо обрўю иззат дафн кардан ҳам кори осон нест дар дунъё... Рўзи дафн маълум мешавад, ки ин нест, вай нест, ҳаман ин чизҳоро, аз кафанворй сар карда, то ҳезуми оши худой ба зудй пайдо кардан лозим.

Дар ҳамин лаҳза ҳаво сахт такон хўрд, чунон ки дар фронт аз мавҷи тавонои таркиш ҳамин тавр мешуд, ва замин дар зери пои Едигей ларзид. Ва ў дид, ки дар мукобили ў дар гўшаи дури дашт, дар он чое, ки мувофики шуниди вай космодроми Сари Озек воқеъ гашта буд, чизе ба шакли гирдбоди оташине, чун сутуни яклухту бузурги алангае ба осмон баромад. Едигей саросема шуда монд. Мушаке ба кайҳон мерафт. Вай ин гуна манзараро ҳеч гоҳ надида буд. Вай ба мисли ҳамаи сокинони Сари Озек медонист, ки дар кучое, тахмин дар чил километр рох ё андак наздиктар аз он космодроми Сари Озеки 1 ҳаст. Медонист, ки ба он ҷо аз истгоҳи Тўғарак Том шоҳаи махсуси роҳи оҳанро кашидаанд. Ҳатто ҳикоят мекарданд, ки дар ҳамон тарафҳо дар миёнаи дашт шаҳри калоне пайдо шудааст, ки магазинҳои калон-калон дорад. Вай ин гапҳоро аз радио, аз сўҳбатҳо дар бораи кайҳоннавардон ва парвозҳои кайҳонй мешунид, аз рўзномаҳо мехонд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар ҳамин карибиҳо рўй медоданд. Дар концертҳои хаваскорони баднии маркази вилоят, ки он ҷо Собитҷон зиндагонй мекунад ва он шаҳр чандон наздик набуд.— ба қатор савор шавй, якуним шабонарўз рох гаштан лозим меомад,— ана дар ҳамон шаҳр бачаҳо суруд хонда мегуфтанд, ки онҳо хушбахттарини бачаҳои оламанд, чунки амакҳои кайҳоннавард аз сарзамини онҳо ба кайҳон парвоз мекунанд; лекин азбаски ҳар чизе ки дар атрофи космодром буд, минтакаи пўшида ҳисоб меёфт. Едигей аз он ҷоҳо чандон дур набошад ҳам, фақат бо маълумоти аз ину он шунидааш қаноат мекард. Ва ҳоло бори нахуст бо чашми худ медид, ки мушаки кайҳонй чй тавр ба фавворан оташин печида ва атрофу акнофро аз партави изтиробангезаш равшан сохта, ба қъри осмони торик рафт. Едигей тамом гаранг шуд — наход дар мобайни ҳамон сутуни оташ одам нишаста бошад?

Як ё ду кас? Чаро вай доимо дар хамин чо зиндагонй мекунаду ягон маротиба аз ин пеш лахзаи парвозро надидааст? Охир, ба кайхон чанд бор париданд, шуморй, хисобашро гум мекунй. Шояд, он дафъахо киштихо рӯзона мепариданд? Офтоб бошад, дар ин кадар масофа, албатта, хеч чизро дида наметавонй, Хайр, ин тавр бошад, чаро инаш шабона парида рафт? Пас, шитоб кардани лозим будааст, ё мӯхлаташ хамин лахза будааст? Ё эхтимол, ки вай шабона аз замин парвоз мекунаду ба осмон мебарояд, ки он чо рӯз аст? Боре Собитчон накл карда буд (вай бо оханге накл мекард, ки гӯё худаш хам ба он чо рафта омадааст), ки дар кайхон дар хар ним соат шаб рӯз мешудаасту рӯз шаб. Аз Собитчон пурсидан даркор. Собитчон аз хама гап бохабар. Бисьёр мехоҳад, ки одами хамадон, машхуру мӯътабар бошад. Дар маркази вилоят кор мекунад, ин хазл-пазл не. Хайр, бо вучуди он обрӯталоший намекард, бехтар мешуд. Чй лозим? Хар кй хастй, хамон бош. «Бо фалон калоншаванда ба фалон чо рафтам, ба фалонй фалону фалон гуфтам». Одилбои Дароз накл карда буд, ки як маротиба ба идоран вай даромадааст. Кору бори Собитчони мо, мегӯяд, факат даводав аз сари телефон то ба дари кабулгох ва аз дари кабулгох то сари телефон. «Итоат, Алчабор Кахрамонович!» Ба чону дил, Алчабор Кахрамонович! Хӯш, хӯш, хӯш Алчабор Кахрамонович!» Гапаш факат хамин. Сардораш бошад, аз кабинеташ намечунбаду гох ин тугмаро пахш мекунад, гох ваяшро. Фурсат нашуд, ки як дахан гапама гуфта гирам... Ана хамин хел коргар будааст хамдиёри бӯронии мо, мегӯяд. Хайр, майлаш, хаволааш ба худо, буду шудаш хамин бошад, чй илоч... Факат ба Казонкоп дили кас месӯзад. Барои писараш бисьёр ғусса мехӯрд. То дами вопасинаш дар хусуси вай як калима гапи сахт нагуфт. Хамроҳи писараму келинам зиндагонй мекунам, гуфта, кӯчашро бардошта ба шахр рафт, худашон омада илтимос карданд, худашон кӯчонида бурданд, аммо окибат чй шуд?.. Хайр ин тарафаша холо монда истем...

Едигей он нимишабй машғули хамин хел андешахо ба сӯи хона роҳ мепаймуд. Вай мушаки кайхониро то тамом ноаён шуда рафтанаш назора мекард. Дуру дароз назора мекард ин мӯъчизаро. Вакте ки сафинаи оташин торафт фишурда ва ғунча шуда, охир ба як нуктаи хираи сафедтобе мубаддал гашт ва дар қаъри зул-

мот нопадид шуд, Едигей сарашро бо тааччуб чунбонида ба роҳаш давом дод. Дилаш аз эҳсосоти ачибу мухталиф моломол буд. Вай аз манзараи дидааш ба вачд омада бошад хам, дар айни замон мефаҳмид, ки парвози мушак барои ӯ як ҳодисаи бегонаест, ки ба вучудаш хайрат ва харос афкандааст. Банохост хамон рӯбохи ба сари рохи оҳан омада ба ёдаш расид. Вакте ки рӯбоҳ дар осмони дашти хилват ногох гирдбоди оташинро дид, ҳолаш чӣ шуда бошад? Эҳтимол, тамом даступо гум карда бошад...

Аммо худи Едигеи Бӯроӣ ҳам, гарчи шохиди парвози шабонаи мушаки кайҳонӣ буд, намедонист (ва донистанаш мумкин ҳам набуд), ки он парвоз парвози таъчилии киштии кайҳонӣ бо кайҳоннавардаш буд. Парвоз бидуни ҳар гуна тантана, бидуни рапортҳо ва мусоҳибаҳои журналистҳо, ба муносибати ҳодисаи фавқулоддае дар истгоҳи кайҳонии «Паритет»[1] сурат гирифта буд, ки он истгоҳ мувофиқи барномаи якчояи американу советӣ зиёда аз якуним сол инчониб дар мадори кайҳонӣ (бо унвони шартии «Трамплин»[2]) кароргохе дошт. Едигей ҳаман ниро охир аз кучо медонист? Дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, ки ин вокеа ба ӯ, ба зиндагонии ӯ низ дахл хоҳад кард ва на фақат аз он сабаби умумӣ, ки ҳар як инсон ва хаман инсоният моҳиятан бо ҳам дар робитаи ногусастанӣ хастанд, балки ба як тарзи муайян ва бевосита ҳам ба ӯ дахл хоҳад дошт. Хусусан, ки Едигей ҳеҷ хабар надошт ва дар гумонаш ҳам набуд, ки пас аз киштие, ки аз Сари Озек ба парвоз даромад, дар гӯшаи дигари сайёра, дар штати Невада аз космодроми он ҷо киштии америкой парвоз кард ва вазифаи он сафина ҳам айнан ҳамин гуна буд ва ба худи ҳамин истгоҳи «Паритет», ба худи ҳамон мадори «Трамплин» равона шуд. Тафовут ҳамин кадар буд, ки киштии дуввум ба тарафи мукобил ба рох даромад.

Киштиҳо аз рӯи фармоне таъчилӣ ба кайҳон рохӣ карда шуданд, ки он аз сарфинаи ҳавопаймобари «Конвенция» расид ва «Конвенция» пойгаҳи шиновари Маркази муттаҳидаи идоракунии советию америкони барномаи «Демиург»[3] буд.

---

[1] «Паритет» (*немисӣ*) — мӯъзана, баробарӣ ва хампоягӣ.
[2] «Трамплин» — ҷастангох (*мутарҷим*).
[3] Конвеция (*лот.*) — муоҳада. Демиург (*юнонӣ*) — уста, хунарманд (*мутарҷим*).

Ҳавопаймобардори «Конвенция» дар Укьёнуси Ором, дар самти ҷанубии ҷазираҳои Алеут, дар масофати баробаре аз Владивосток ва Сан-Франциско қароргоҳи доимие дошт. Маркази муттаҳидаи идоракунӣ, ки мухтасар Мармутидор меномиданд, дар ин дақиқаҳо ба парвози ҳар ду сафина ба сӯи мадори «Трамплин» хеле бо диққат назорат мекард. Ҳоло хозир парвоз хуб давом дошт. Бо комплекси «Паритет» васл кардани киштиҳо дар пеш буд. Ин вазифа бисьёр вазифаи мураккаб буд, чунки киштиҳо на дунболи ҳамдигар, на бо навбат яке аз паси дигаре бо фосилаи зарурӣ, балки мебоист дар як лаҳза, дар як они воҳид аз ду тарафи истгоҳ расида васл мешуданд.

«Паритет» ба сигналҳои Мармутидор, ки аз сафинаи «Конвенция» зиёда аз дувоздаҳ соат инҷониб ба фазо мефиристод, ҷавобе намедод. Ба сигнали киштиҳои кайҳоние ки ба сӯяш мерафтанд, низ посухе намедод... Инак, фаҳмидан лозим буд, ки ба сари экипажи «Паритет» чӣ воқеае омадааст.

II

Каторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси ду ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Аз дуроҳаи Бӯронӣ то қабристони қадимаи қабилаи найман Она-Байт камаш сӣ километр роҳ буд, вай ҳам агар аз роҳи оҳан ҷудо шуда, рост аз мобайни Сари Озек равона шавед. Агар гӯед, ки мабодо дар дашти васеъ роҳро гум карда, саргардон шавем, бехтараш бо пайроҳае биравед, ки қад-қади роҳи оҳан тӯл мекашад, аммо дар он сурат масофаи байни Бӯронӣ ва қабристон дур мешавад. Аз Қийшиксой то Она-Байт масофаи калонеро давр зада гузаштан лозим мешавад. Роҳи дигаре нест. Ҷамъ мешавад сиву шаш километр ба он сӯву боз ҳамин қадар дар бозгашт. Аммо роҳи Она-Байтро ғайр

аз Едигей ягон каси дигар аз бӯрониҳо дуруст намедонист. Харчанд ки дар боран он гӯристони кадима ҳар гуна қиссахо мегуфтанд ва касе намедонист, ки он ривоятҳо ростанд ё бофта, худи бӯрониҳо ба он чо нарафта буданд. Чунки ба рафтан эҳтиёҷ набуд. Дар давоми солҳои зиёд бори аввал буд, ки дар Бӯрони, дар ин касабан майдаяки сарироҳии ҳамагӣ аз ҳашт хонавода иборат касе чашм аз олам пӯшиду акнун ӯро дафн кардан зарур афтод. Пеш аз ин, чандин сол қабл духтарчае баногоҳ ба дарди хафақон печиду худи ҳамон соат чон дод ва падару модараш ӯро барои дафн кардан ба ватанашон, ба вилояти Уральск бурданд. Зани Қазонқоп кампири Букей бошад, оромгоҳашро дар кабристони Кумбел ёфтааст. Чанд сол пеш аз ин дар касалхонаи ҳамон истгоҳ аз дунё гузашт, дар ҳамон чо ба хок супориданд. Мархумаро ба Бӯрони овардан хеч зарурат надошт. Кумбел калонтарин истгохи Сари Озек ҳисоб меёбад, ба замми ин духтари Қазонқоп Ойзода бо шавҳараш он чо зиндагони мекунанд. Домод аракхӯри локайду лоякил бошад хам ба хар ҳол домод-дия. Гоҳгоҳе аз ҳоли қабри модар хабар мегирифтагистанд. Аммо он вақтҳо худи Қазонқоп зинда буд ва пиразанро бо раъи ӯ дар хамон чо дафн карданд.

Холо бошад, фикр мекарданд, ки чӣ боял кард.

Едигей гапи худро гузарониданӣ мешуд.

— Э монед ҳамин гапҳоя! Ба шаъни йигитҳо намезебад ин! — коҳиш намуд ӯ чавононро.— Ҳамин хел як одама дар Она-Байт дафн мекунем, ҳамон чое ки ота-бобояш хобидаанд. Васияти худорахматӣ ҳам ҳамин буд. Бас гап-гапу маслихат, тайёрӣ дидан даркор. Рох наздик не. Фардо саҳар мебароем...

Хама мефахмиданд, ки Едигей ҳақ дорад, ки амри худро гузаронад. Розӣ шуданд. Бо вучуди он Собитчон як эътироз кардани шуд. Вай ҳамон рӯз бо қатори боркаш расида омад (каторҳои мусофиркаш дар ин чо наменистоданд). Харчанд ки вай даргузаштан ё ҳанӯз зинда будани падарашро якин намедонист, аммо ба маросими чаноза расида омаданаш Едигейро ҳам мутаассир намуд, ҳам хурсанд кард. Лаҳзае буд, ки онҳо ҳамдигарро ба канор гирифта, гиристанд, дарду ҳасрати худро ба якдигар гуфтанд. Сонитар Едигей ба кори кардани худ тааччуб мекард. Вай Собитчонро сахт ба оғӯш кашида, ҳиккосзанон мегирист ва беихтиёр такрор мекард: «Хуб шуд, ки омадӣ, чонакам, чӣ хел нағз шуд, ки расида

омадӣ!»— гӯё ки аз омадани ӯ акнун Қазонқоп зинда мешуда бошад. Едигей ҳеҷ гоҳ ин қадар бадард нагириста буд ва намедонист, ки чаро ин тавр шуд. Дар рӯи ҳавлӣ, дар пеши дари кулбаи бесоҳибмондаи Қазонқоп муддати дарозе мегиристанд. Едигейро дил вайрон шуда буд. Собитҷон дар пеши назари худамон ба воя расид, мегуфт ӯ дар дилаш. Вақтҳое ки писараки майдаяке буду эркатулфори падар буд, ба мактаб-интернати Кумбел мебурданд, ки он ҷо фарзандони роҳиоҳанчиён таълиму тарбия мегирифтанд. Вақти холӣ дарьёбанд, ё ба катори роҳгузар ё ба уштурҳо савор шуда, барои хабаргирӣ мерафтанд, ки дар хобгоҳ аҳволаш чӣ тавр бошад, ягон кас азоб надода бошад, ё худаш ягон кори ношоям накарда бошад, хонданаш чӣ хел бошад, муаллимон дар хусуси вай чӣ мегуфта бошанд... Чандин маротиба дар давраи таътил дар ҳавоҳои қаҳратуни бӯронӣ танашро ба пӯстин печонида, савора аз дашти пурбарфи Сари Озек гузаронида, ба мактабаш бурдаанд, то ки аз дарс намонад.

Эҳ, умри одам об барин мегузаштааст-дия! Ҳаман он рӯзҳо мисли хобу хаёле гузаштанду рафтанд. Мана акнун дар пеши Едигей мардаки кампа-калоне истодааст, ки ба чашм айнак, ба сар кулоҳи мичике монда, ба гарданаш галстуки фарсудае овехтааст ва ба писараки пештараи шокосачашм ва хандонрӯй хеле кам шабоҳат дорад. Дар маркази вилоят кор мекунад ва худро одами калон, соҳибмартаба вонамуд кардани мешавад, аммо зиндагонӣ амакат наменавад, чунон ки худаш чандин бор шикваомез гуфта буд, агар ягон пуштибони худат, ё шинос ё хешу табори дурустат набошад, амалдор шудан кори осон нест. Худи Собитҷон кист? Писари кадом як Қазонқоп, аз Бӯронӣ ном як дурофтае. Як бечораи бадбахт! Мана акнун ҳамон падар ҳам нест. Падарат бечора бошаду зинда бошад ҳазор карат бехтар аз он, ки шахси машҳур бошаду кайҳо хоку туроб шуда рафта бошад. Ҳа, акнун ҳамон падари назарногир ҳам нест...

Ниҳоят, оби чашмҳо хушк шуд. Ба сӯҳбату маслиҳат гузаштанд. Ва нохост маълум шуд, ки ин писари эркаю азизи ҳамадон на ба дафни падар омадааст. Вай омадааст, ки ягон ҷо якта чукурак коваду ҷасади пирамардро он ҷо тикқонида, аз болояш хок кашад ва бо ҳамин ҷои худро халос карда, зудтар ба шаҳраш баргардад. Ба ҳамин қадар роҳи дуру дароз кашола шуда, ба Она-Байт рафтан чӣ зарур, мегуфт ӯ, мана чор тара-

фамон саҳрои кушод, дашти хилвати Сари Озек аз худи остонаи хона кашида, то ба он канори дунёи тӯл кашидааст. Дар ягон чои наздитар, дар сари теппаяке дар пахлӯи роҳи оҳан якта гӯр меканем, бахузур хоб мекунад нозири пири рох ба гумбуроси қаторхо гӯш андохта. Маколи қадимаро хам далел оварда, ки мурдаро тез гӯр куну аз паи зиндагӣ шав. Қашолакорӣ чӣ лозим, кори осона мушкил кардан чӣ хочат? Барои мурда чӣ фарқ дорад, ки ӯро дар кучо гӯр кардаанд? Ин кор хар чи зудтар шавад, савобаш хамон кадар калон.

Вай ба хамин мазмун гап мезаду хар хел баҳонахо оварда, худашро сафед мекард: дар идора ӯро корҳои таъчилию бисьёр муҳим мунтазиранд, фурсат надорад. Охир худатон медонед, сардор чӣ парвое дорад, ки роҳи кабристон дур аст ё наздик? Вай гуфтааст, ки фалон рӯзу фалон соат дар хизмат ҳозир мешавӣ, вассалом. Сардор писари таъо намешавад, шахр дашти бекас нест...

Худам пири аҳмақ будаам, худро дашном дод Едигей дар дилаш. Аз пайдо шудани хамин зот — бигузор ки вай писари Қазонқоп бошад!— ба риққат омада, ҳойҳой гиристааст-а!.. Худ ба худ хичолат кашид ва дилаш ба худаш сӯхт. Ва аз чой бархост. Онхо чор-панч нафар дар болои шпалаҳо менишастанд, ки дар таки девор ба чои харак чида шуда буданд. Хамаи қуввати худро ба як чо ғун карда, кӯшиш намуд, ки аз гуфтани ягон гапи талхи таҳқиромез худдорӣ кунад. Ба ҳурмати хотираи Қазонқоп хамин тавр кард.

— Албатта,— гуфт ӯ,— дар атроф чой мӯл. Аммо мардум одамони наздики худро ба хар чои рост омада гӯр кардан намегиранд. Ягон сабаб доштагист ин оин. Набошад, замин мӯл, кӣ манъ кардааст?— Вай хомӯш шуд ва бӯронихо низ хомӯш менишастанд.— Фикр кунед, маслиҳат кунед, ман рафта аз хона хабар гирам.

Ва бо чехраи гирифта, андоми хусуматборе аз давра дур шуд, то ки ягон ғавғое набардорад. Едигей одами тундхӯи оташинмизоче буд. Бӯронӣ лақаб гирифтанаш ба хислаташ хам мос афтода буд. Мана ҳозир агар бо Собитчон ду ба ду мебуданд, рост ба рӯи бешармаш нигоҳ карда, дилашро холӣ мекард. Чунон боб мекард, ки як умр аз ёдаш наравад! Аммо вай ба миш-миши занхо аралаш шудан намехост. Писара бинед, писара тамошо кунед!— байни ҳамдигар пичир-пичир мекарданд занхо,— ба дафни падар меҳмон барин ду даст дар би-

ний омадааст-а. Дигар чизу чора он тараф истад, акалан ним қадоқ чой меовардӣ, чӣ мешудӣ? Занаш чаро наомад, вай келини шаҳрӣ? Ба ҳурмати мӯйсафед як сари қадам омада, аз рӯи расму оин чорта гирьяву навҳа мекард, ягон қояш кам мешуд? Ору номус гуфтанӣ чиз надоштаанд инҳо. Вақтҳое ки раҳматӣ мӯйсафед молу ҳол дошт, ду уштури чӯшой, понздаҳ-шонздаҳ сар мешу барра дошт, он вактҳо вай нағз буд. То даме ки ҳамаи молашро нафурӯшонид, келин моку барин омада мерафт. Сонӣ мӯйсафеда ба хонаҳошон бурданд, ба пулҳояш мебель хариданд, мошин хариданду баъд пирамард нодаркор шуда монд. Акнун ба ин тарафҳо сояша нишон намедиҳад. Занҳо ғавғо бардоштанӣ буданд, лекин Едигей намонд. Хап шинед, гуфт, дар ҳамин хел як рӯз аз даҳонатон як даҳан гап набарояд. Кори мо ҳам нест ин, худашон медонанд, сарашону равғанашон.

Вай ба сӯи хота равон шуд, ки ба девораи он Қаранори Бӯронӣ баста шуда буд ва аз он сабаб, ки аз чарогоҳ оварда бастандаш дам ба дам, вале бо хашм наъра мекашид. Ҳамроҳи гала ду маротиба ба пеши манораи обкаш омада, аз чоҳ об хӯрданашро ба ҳисоб нагирем, як ҳафта инчониб шабу рӯз тамом озод буд. Нофармон, гапподаро шудааст, гарданшикаста, барои ҳамин гоҳгоҳе даҳонашро калон кушода ва дандонҳои вахмангезашро намоиш дода, фарьёд мекашад. Хайр, ин қиссаи тоза нест: ба сараш нӯхта заданд, аз нав ба банду ишкел одат кардан лозим меояд.

Едигей ба назди Қаранор бо хотири мушавваш омад. Аслан пешакӣ медонист, ки аз сӯҳбати Собитҷон парешон хоҳад шуд. Ҳамин хел хулоса мебаромад, ки ба ҷанозаи падараш омадани Собитҷон гӯё як навъ некие будааст дар ҳаққи онҳо. Барои худаш бошад, ин маросим дарди сари барзиёд буд, ки мебоист ҳар чи зудтар аз он чонашро халос мекард. Едигей қарор дод, ки ба ӯ чизе нагӯяд, садқаи сухан шавад. Аз ду сар ҳама корро мебоист худашон саранҷом медоданд, хайрият, мана, ҳамсояҳо омаданд. Ҳар кас ки аз кор озод буд, дар тайёрии маросими дафн ва ёдбуди фардоина кӯмак мекард. Занҳо хона ба хона гашта, зарф ҷамъ намуданд, самоворҳоро шуста тоза карданд, хамир хобонданд ва нонпазиро кайҳо сар карданд. Мардҳо об мекашониданд, шпалаҳои кӯҳнаи адои хидмат кардаро барои ҳезум бурида, майда мекарданд. Ҳезум дар дашти бегиёҳ баробари об қимат аст.

Факат Собитчон таг-таги пои мардум гашта, халал мерасонид, одамонро аз ину он ба гап гирифта, аз кор бозмедошт: фалонй ва фалонихо дар вилоят дар кадом вазифа кор мекунанд, киро аз мансаб фаровардаид, киро ба макоми баландтаре бардоштанд ва хоказо. Аз он ки занаш ба чанозаи падаршў наомадааст, хатто абрўяш хам намехўрд. Э тасаддукат шавам, худо! Шарм надошта мегўяд, ки занаш дар кадом як конференцияе иштирок мекардаасту ба он мехмонони хорича меомадаанд. Дар хусуси наберахо бошад, хатто ягон калима намегўяд. Онхо барои «нишондихандахои баланд» дар таълиму тарбият мубориза мебурдаанд, то ки барои дохил шудан ба институт номаи камол бигиранд. «Инхо чй гуна махлукаид! Ин чй мардумест!— ботинан оташин мешуд Едигей.— Барои онхо хама чиз эътибор дораду факат марг ахамияте надоштаааст!» Ва ин андеша ўро тарафт бештар норохат мекард: «Агар марг барои онхо хеч бошад, пас зиндагонй хам якпула арзиш надорад? Пас зиндагониашон ба чй маънй, ба хотири чй ва чй тавр рўз ба сар мебаранд?»

Едигей ба сари Каранор газаболуд бонг зад:

— Хой аждахо, ту ба чй аррос мезанй? Гумон дорй ба осмон нигох карда, ар-ар кунй, додат ба гўши худо мерасад?— Едигей факат дар мавридхои багоят дилтанг шуданаш уштури худро Аждахо гуфта дашном медод. Ин лакабро ба Каранори Бўронй таъмиргарони рохгузар часпонида буданд. Барои дахони калон, дандонхои вахшатнок ва феълу хўи авбошонааш.— Ман ба ту, аждахо, наъракашия ёд дода мемонам! Ман дандонхои туя якта-якта зада мешиканам!

Уштурро зин задан лозим буд. Едигей ба ин кор сар карда охиста-охиста таскин ёфт, дилаш мулоим шуд. Ба уштураш нигох карда, хатто худ ба худ лаззат мебурд. Тавоною зебост Каранори Бўронй! Даст ёзонй ба сараш намерасад, харчанд ки Едигей марди хушкаду комат аст. Едигей навъе карда, гардани уштурро хам намуд ва бо дастан камчин ба зонухои обилабастаи вай зада-зада, бо оханги катъй нидохо бароварда, ба зону шинонид. Уштур бо овози баланд эътироз мекард, аммо ба хар хол ба амри сохибаш итоат кард ва баъди он ки похояшро ба зераш кат карда, сина ба рўи замин ниходу андаке ором гирифт, Едигей ба кор сар кард.

Уштурро зин задан кори осон нест. Оиро ба хонасозй баробар гўед, меарзад. Зиро хар дафъа ба як тар-

зи нав мезананд. Барои ин чусту чолокй лозим, куввати бисьёре хам ба кор мебарй, хусусан агар уштур Қаранор барин чонвари кавихайкал бошад.

Номи Қаранор, яъне Сияхнор, хам бечиз набуд. Мўи дарози сараш парешону сип-снёх, ришн ғуллиаш, ки то баногўш мерасид, хамчунон шабранг, пашми жўлидаи зери гардани дарозаш, ки ёлвор ба зонуяш мерасид, ангиштгуна буд. Ва сарзинати ин айғири зебо як чуфт кўхони чандирсон тарангаш буд, ки дар пуштаи пайкараш чун ду гунбади тира худнамой мекард. Ва ба иловаи хаман ин нўки думаки калтааш хам сип-сиёх буд. Дигар хама чояш — болои гардан, сари сина, пахлўхо, пойхо ва шикам, баръакс ба ранги равшани хурмой тобиш медод. Ха, хусни Қаранори Бўроний дар хамин, буд, ки хам пайкари зебо дошт, хам ранги назарраба. Ва худ низ дар он айём дар айни камолоти синни айғирон буд, ба дахсолаи саввум акнун кадам мениход.

Уштур чонвари дарозумрест. Эхтимол аз хамин сабаб бошад, ки факат баъди панчсолагй бача мезояд ва он хам на хар сол, балки сол дар миён ва тифлашро низ назар ба дигар чорпоён бештар — дувоздах мохи расо лар батни худ бардошта мегардад. Нигохубини уштурбача дар як-якуним соли аввал душвор аст: аз сармову бодхои биёбон эхтиёт бояд кард. Баъди он вай рўз ба рўз кад мекашаду кувват мегирад ва на сармою гармо, на бесобй дигар хатаре надорад...

Едигей нозукихои ин корро медонист ва Қаранори Бўрониро хамеша сахеху солим медошт. Кўхонхои сиёхаш доимо ғўлахои чўянй барин ба назар мерасиданд, ки ин нахустин аломати саломатй ва нерумандиаш буд. Як вактхо, ханўз хамон солхои аввале, ки Едигей аз чанг баргашта, аз дуроҳаи Бўроний маизил гузида буд, Қазонкоп як уштурбачаро ба ў хадья карда буд. Уштурак он вакт ширхора буд, майдаяк, чўчаи мурғобй барин серпашмак буд. Худи Едигей хам хеле чавон буд. Эха, як бўзбала буд, ки... Дар гўшаи хаёлаш хам набуд, ки то мўйсафед шуданаш дар ин чо мемонад. Баъзан ба суратхои хамон давра гирондааш нигох мекунаду худаш худаша намешиносад. Холо тамом дигар шудааст: ришу мўйлабаш мошубирнич, хатто ба абрўвонаш сафедй афтодааст. Чехрааш хам, албатта, дигаргун шудагй. Аммо чунон ки дигарон дар ин синусол мешаванд, фарбех нашудааст. Худаш нафахмида монд, ки чи тавр аввал мўйлаб сабзонид, баъд риш монд. Акнун

рафту ришу мӯйлаб тарошонад, эҳтимол, дар назари мардум барахнаи модарзод гаштаги барин намояд. Хулласи гап, аз он дамхо як умри дароз гузашту рафт.

Мана ҳоло Едигей Қаранори ба замин хобидаро зин мезаду гоҳ бо дастафшони ва гохе садо бароварда, ӯро ором менамуд, чунки айғир дам ба дам ба мисли шер наъра кашида, сари снёхи жӯлидамӯй ва гардани дарозашро афшонида, дандонҳои салобатнокашро нишон медод. Ха, Едигей уштури худро ором менамуду дар айни замон вокеахои он солҳоро ба ёд меовард. Хотираҳоро ба ёд меоварду дилаш нарм мешуд...

Дар сари уштураш муддати дарозе чунбучӯл дошт, зину лачому дигар афзори онро дуруст мекард. Ин дафъа вай аз таки зин бар пушти уштур бехтарин чули ндпӯшакеро партофт, ки бо нақшу нигори қолинӣ ва пупаку шилшилаҳои ҳарранга зинат ёфта буд. Вай ҳатто дар ёд надошт, кай бори охирин ин чули ноёбро, ки Укубала дар кунчи сандуқаш эҳтиёт карда мемонд, ба пушти Қаранор пӯшонида буд. Мана акнун чунин мавриде расидааст.

Пас аз зин кардани Қаранор Едигей онро бар пой хезонид ва кори худро аз назар гузаронда, қонеъ шуд. Ҳатто дилаш аз ифтихор моломол гардид. Қаранор дар зери чули зебои пӯпакдор ва зини миёни ду кӯҳон бисьёр нағз нишаста хеле пуршукӯҳ ва неруманд менамуд. Майлаш, бигузор чавонҳо, хусусан Собитчон, бидонанд, ки дафни одами заҳматкаши мӯътабар дарди сари барзиёд не, ташвиши иозофӣ не, балки ҳодисаи ғамангез бошад ҳам, вокеан бузург аст ва бояд, ки бо эҳтироми муносиб анчом ёбад. Қавме дар ин гуна маросимҳо мусиқӣ менавозанд, байракҳоро ба пеши издиҳом мебароранд, дигарон ба хаво тирандозӣ мекунанд, як тоифаи дигар ба сари тобут гул мепошанд ва гулчанбарҳо мегузоранд.

Аммо вай, Едигеи Бӯронӣ, фардо саҳар Қаранори чули зебо пӯшидаро савор мешаваду пешопеши ҳама ба роҳи Она-Байт медарояд, то Қазонқопро ба маскани охирин ва абадиаш гусел намояд... Ва дар тӯли ҳаман роҳ, сар то сари Миёнадаштҳои малларанг, сар то сари ин Мардумаки зарди биёбон дар бораи вай фикр мекунад. Ва дар бораи вай фикркунон дар қабристони қабилавӣ ӯро ба хок месупорад, чунон ки онҳо байни худ аҳду паймон баста буданд. Оре, ҳамин гуна аҳду паймон буд. Роҳи қабристон дур аст ё наздик аст, фарке надорад, ҳеч кас, ҳатто писари худи шодравон наметавонад ҳа-

лал расонад ё монеъ шавад, ки ӯ васияти Қазонқопро ба ичро бирасонад...

Бигузор ҳама бидонанд, ки маҳз ана ҳамин тавр хоҳад шуд ва барои адои ин мақсад Қаранори ӯ кайҳо омода шудааст. Мана зину афзораш тайёр.

Бигузор ҳама бинанд. Едигей Қаранорро аз нӯхта дошта, аз гирди хонаҳо давр зада, ба назди кулбаи Қазонқоп омад ва дар ҳамон ҷо баст. Бигузор ҳама бинанд. Вай Едиген Бӯронист, ваъдахилоф нест. Аммо маълум шуд, ки Едигей бехуда ин қадар ғусса мехӯрдааст. Вақте ки Едигей бо афзори уштур машғул буд, Одилбои Дароз фурсати муносибе ёфта, Собитҷонро ба каноре бароварда.

— Биё,— гуфт,— ба ягон ҷои соя рафта, камтар чак-чак кунем.

Гуфтугӯяшон чандон дароз накашид. Одилбой шаф-шаф нагуфта, мақсадашро якбора изҳор намуд:

— Медонӣ, Собитҷон, худоро шукр бигӯ, ки падарат дар рӯи дуньё Едигей Бӯроний барин дӯсте доштааст. Ту ба мо халал нарасон, мо ин одамро аз рӯи расму ойин дафн мекунем. Вақтат набошад, майлаш, рафтан бигир. Ман аз ҷониби ту як каф зиёдтар хок мепартоям!

— Падари худам, ман худам медонам...— гӯён Собитҷон ба гап сар кардани буд, ки Одилбой миёни суханашро бурид:

— Медонам, падар падари ту, лекин худат ҳоло ба худ наомадай.

— Э ту як гапҳо мегӯй ки...— дами Собитҷон андаке паст шуд.— Хайр, майлаш, монем ҳамин гапа дар ҳамин хел рӯз. Майлаш, ба Она-Байт мебарем, фаркаш чӣ, ман ҳамту як даҳан гуфтам, ки андак дуртар, ба хаёлам...

Бо ҳамин «чак-чаки» онҳо тамом шуд. Вақте ки Едигей Қаранорро ба ҳама намоиш дода, ба ин ҷо оварда баст ва ба бӯронихо мурочиат карда: «Э монед ҳамин гапҳоя! Ба шаъни йигитҳо намезебад ин! Ин хел як одама дар Она-Байт дафн мекунем!» гуфт, касе ба ӯ лом нагуфт, хама хомӯшона розй шуданд.

Ҳамон шабро якҷоя аз рӯи таомули хамсоядорӣ дар рӯи хавлии марҳум, дар назди кулбааш гузарониданд. Хайрият, хаво хам нағз омад. Баъди гармои рӯзона хавои серуни аввали тирамоҳи дашти Сари Озек фаро ра-

сид. Олам ба оғўши сукунати торик даромад. Гўсфанди барои оши худои фардоина куштаашонро фақат вакти говгум пўст канда, майда ва чобачо карданд. Сонй ба гирди самоворхои чўшон давра нишаста, чой менўшиданд ва аз ину он сўхбат мекарданд... Ба маросими дафн кариб хама чиз тайёр шуда буд. Акнун мунтазири бомдод буданд, то ки рохи Она-Байтро пеш бигиранд. Соатхо паси хам ба оромй ва осоиш мегузаштанд. Хайр, охир, мўйсафеди умрдидае чашм аз чахон пўшида буд ва хочат ба оху афғони зиёде хам набуд...

Ба дуроҳаи Бўроий мисли хамеша каторхо меомаданду мерафтанд, аз шарку ғарб меомаданду ба шарку ғарб мерафтанд...

Хамон шаб дар арафаи сафари Она-Байт вазъият ана хамин гуна буд ва агар як ходисаи нохуш рўй намедод, ба хамон тарика ором мегузашту мерафт. Савори катори рохгузари боркаш ба ҷанозаи падар Ойзода омад. Хамрохи шавхараш. Ва хамин ки ба азохона расиду бо гирьяву навхаи худ аз омаданаш хабар дод, занхо дарров атрофашро печонида гирифтанду низ доду фиғон бардоштанд. Хусусан Укубала ба Ойзода хамовоз шуда, аз сидки дил мегирист. Ба Ойзода дилаш месўхт. Едигей як кўшиш карда дид, ки Ойзодаро таскин дихад: акнун чй илоч, касе ба гўри касе намедарояд-ку, ба такдир тан додан даркор. Аммо Ойзода ором намешуд.

Аслаи таомули занхо хамин: марги падар барои ў бахона буду мехост дилашро холй кунад, дарду аламашро ки кайхо боз дар дил чамъ карда мегашт, дар пеши мардум бо сухан изхор кунад. Вай дар холе ки мўи сараш парешону рўяш аз гирья варамида буд, бо овози баланд ба часади падар рўй оварда, аз такдири сиёхаш шиква мекард, мегуфт, ки акнун касе нест, ки дарди ўро даво кунад, сари ўро сила кунад, зиндагонии ў аз овони арўсиаш пур аз азоб буд, шавхараш майзада, бачаҳояш аз саҳар то шом дар истгоҳ сарсарй ва бекор-бекор мегарданд ва аз хамин сабаб бадахлоку шўрапушт мешаванд, эҳтимол, фардо-пасфардо рохзан хам шаванд, ба каторхо часпида моли мардумро зананд, мана калоннаш кайхо аракхўр шудааст, милиция ба хона омада, Ойзодаро огох карда рафт, ана-мана нагуфта, кор то ба прокурор рафта мерасидагй барин. Як худи Ойзода шаш бачаро чй хел ўҳда мекунад? Падар бошад, парвои олам надорад...

Шавхараш вокеан парвои олам надошт, дар гўшае

бо киёфаи тираи ғамангез, чун шахси мурдадилу дуньёбезор сигори арзону бадбӯй дуд кунонида менишаст. Доду фиғони занаш барои вай чизи нав набуд. Медонист, ки дод мегӯяд, фарьёд мекашаду хомӯш мешавад... Аммо бадбахтона додараш Собитҷон ба мобайни даромад. Ва моҷаро аз ҳамин сар шуд. Собитҷон хохарашро таъна зада гуфт: ин чӣ рафтор аст, ин чӣ кирдор аст, вай барои чӣ омадааст, ба дафни падар омадааст ё барои худашро шармсор кардан? Оё духтари казоқ ба февти падари обрӯманди худ бояд ба ҳамин тариқа азодорӣ кунад? Магар сурудаҳои сӯгвори занҳои казоқ аз даҳон ба даҳон гузашта, садхо сол вирди забони наслҳои оянда намешуданд? Аз он таронаҳои ғамангез фақат мурда зинда намешуду бас, дигар хар фарзанди одам, ки гӯшу ҳуш дошт, аз гирья варам мекард. Ба тавсифи шахси мурда чихое намегуфтанд, фазилатҳои ӯро таъриф карда, то ба осмонҳо мебардоштанд. Мана ин хел гирьяву навҳа мекарданд занҳои пешина. Аммо Ойзода чӣ? Фақат вой ба ҳоли зори ман гуфта, шикваи ятимона мекунад!

Гӯё Ойзода нигарони ҳамин луқма будааст. Бо қуввату хашму ғазаби тозае фиғон бардошт ӯ. Вах-вах, ту чӣ хел марди доништманду хирадманд будай! Ту аввал зани худатро таълим дех. Гапҳои хушрӯята аввал ба занат бигӯ! Чаро худаш наомад, таронаҳои ғамангезашро хонда, ба мо ибрат нишон надод? Ба иззати хотири падарамон сари қадам меомад, ҳаққаш намерафт, чунки ҳамон шайтони ҳилагар-катӣ ту, занпарасту занмизочи нобакор, дукаса шуда, мӯйсафеда хонасалот кардед. Шӯи ман майзада бошад ҳам, мана омад, ку зани баақлу фаросоти ту?..

Сипас Собитҷон ба сари шавҳари Ойзода дағдаға кард, ки барои чӣ лаҷоми занатро намекашӣ? Шавҳари Ойзода баногоҳ девонаҳо барин ба сари Собитҷон ҳамла овард, ӯро хафа кардан гирифт...

Бӯроніҳо хешу табори ба ғазаб омадаро ба зӯр ором намуданд. Дили ҳама сип-сиёҳ шуд, хичил шуд. Едигей сахт барошуфт. Чанд пула одам будани ҳамаи иҳоро хуб медонист вай, бо вуҷуди он гумон надошт, ки кор то ба ин дарача мерасад. Бо оҳанги ғазаболуд ҳамаашонро огоҳ намуд: иззати ҳамдигарро ба ҷо оварда натавонед, ақаллан ёди падарро доғдор накунед, вагарна ҳамаатонро аз ин ҷо пеш мекунам, сонӣ, аз худатон **гила кунед...**

Ҳа, дар арафаи маросими дафн ҳамин гуна як во-кеаи нохуш рӯй дод. Чеҳраи Едигей сахт гирифт. Қаво-қаш овезон шуд ва боз ҳамон саволҳо дилашро гург барин тала мекарданд, ки чаро фарзандони онҳо ба ин тариқа ба воя расидаанд? Магар умеди Қазонқопу Еди-гей аз онҳо ҳамин буд? Магар ба ҳамин умед дар гар-мои тобистон ва сармои зимистон онҳоро ба интернати Қумбел мебурданд, то ки онҳо хонанд, илм ёд гиранд, одам шаванд, дар қасабаҳои нооботи Сари Озек монда, зиндагонии бемаънию пуразобе ба сар набаранд ва баъд аз тақдирашон домангир нашаванд: ана, падару мода-рон ғами моро нахӯрданд ва ҳоли мо чӣ шуд... Ҳа-а, умед чӣ буду оқибат чӣ шуд... Чаро онҳо одами дуруст нашудаанд? Чӣ халал расонид, ки ба катори инсон даро-янд, инсоне ки аз сӯҳбаташ дили одам бечо нашавад?

Боз Одилбои Дароз кор дод, бо ақлу фаросот тад-бире кард, ки вазъи Едигей он шаб хеле сабук шуд. Вай охир аз ҳоли дили Едигей огоҳ буд. Фарзандони шахси фавтида дар маросими дафн ҳамеша мақоми хосае до-ранд. Аз рӯзи азал ҳамин. Ва ҳар қадар беҳиммату бе-ҳаё бошанд ҳам, аз онҳо халос шуда наметавонӣ, ба ҳеҷ кучо пеш карда наметавонӣ. Одилбой ҳаман мард-ҳоро ба хонааш таклиф намуд, то ки оқибати мочарои додару хоҳар андак пасанда шавад. Дар рӯи ҳавлӣ ни-шаста аз ситора шумурдан чӣ фонда, гуфт ӯ, рафтем ба хонаи мо, чой менӯшем, чак-чак мекунем...

Едигей дар хонаи Одилбои Дароз гӯё ба олами та-мом дигаре афтод. Вай пештар ҳам аз рӯи таомули ҳам-соягӣ ба ин чо меомад ва ҳар дафъа каноатманд бар-мегашт, оилаи Одилбойро дида, баҳри дилаш кушода мешуд. Имрӯз бошад, мехост, ки ҳар чӣ бештар дар ин хонавода бимонад, гӯё дар дил зарурате ҳис мекард, ки кадом як қуввати бойдодаашро бояд дар ин хонадон аз нав барқарор намояд.

Одилбои Дароз ҳам мисли дигарон коргари роҳбон буд, маошаш аз дигарон зиёдтар набуд, мисли дигарон дар ниман иморати тахтагине мезист, ки аз ду хонаву як ошхона иборат буд. Аммо тартиботи тамом дигаре ҳукмрон буд дар ин хона — ҳама чо тоза, озода, рав-шан ва барохат. Ҳамон чое, ки Едигей дар дигар чойҳо менӯшид, дар пиёлаи Одилбой ба назараш асали шаф-офи тоза барин менамуд. Занаш ҳам хушандом, хуш-муомила, ба хонадориаш ҳавасат меравад, бачаҳошон ҳам бачаи одам барин... Дар дашти Сари Озек ба қад-

ри тавонашон зиндагонӣ мекунанд-мекунанду баъд ба ягон чои хубтар кӯчида мераванд, дар дилаш тахмин мезад Едигей. Лекин агар онхо аз ин чо бираванд, чояшон, афсӯс, хоп-холӣ шуда мемонад...

Едигей мӯзаи кирзашро ханӯз дар дами даромадгоҳ кашида, ба хонаи дарун даромад ва похои чуробпӯшашро ба такаш кат карда бахузур нишаст ва бори аввал дар ин рӯз хис кард, ки хаста ва гурусна шудааст. Ба девори тахтагин такья намуда, ба хаёл рафт. Меҳмонони дигар аз назди ӯ, аз атрофи хонтахтан мудаввар чой гирифта, бо овози паст аз ину он сӯҳбат мекарданд...

Сӯҳбати хакикӣ баъдтар сар шуд. Сӯҳбати ачибе буд он. Едигей киштии ҳавоии шаби гузашта парвоз кардаро кайхо фаромӯш карда буд. Лекин донишмандон ин чо чизҳое гуфтанд, ки Едигей шунида, ба андеша афтод. Не, «вай акнун хама чизро фахмида гирифт», гуфта намешуд, вай аз гуфтаҳои онон ва аз ин вокеаҳо бехабар мондани худ ҳайрон шуд. Аммо рости гап, бехабар мондам, гуфта хичолат ҳам накашидааст, чунки ҳамаи ин парвозхои кайҳонӣ, ки хушу ёди атрофиёнро машғул медоштанд, ба назари ӯ як чизи бисьёр дур, хатто сеҳромез ва карib бегона барин мерасиданд. Ва аз ин сабаб ба ҳамаи ин вокеаҳо ҳам хушьёрона ва ҳам бо эхтиром назар мекард, чунон ки иттифоқо ягон амри муқтадирӣ бешахсият ва бекиёфае пайдо гардад, вай дар шуураш «хайр, ҳамту будааст-да» гӯён ба қайд мегирифту бас. Лекин манзараи сафинаи ба осмон шитобанда ӯро ба изтироб оварда, хушашро тасхир карда буд. Дар хонаи Одилбои Дароз ана аз ҳамин хусус сӯҳбат сар шуд.

Онҳо аввал шубот менӯшиданд, яъне қимиз аз шири уштур. Шуботи бисьёр олӣ буд: сардакак, ба коса резӣ, кафк мекунад, биошомӣ, кайф медиҳад. Коргарони мусофир, нозирони роҳ аз ин шубот шикамсерӣ мехӯранду онро пивои Сари Озек меномиданд. Ҳамроҳи таоми гарм соҳиби хона арақ ҳам овард, Едигей Бӯронӣ одатан аракро бинад, рӯй намегардонид, ба хотири ҳамсӯҳбатон кам-кам менӯшид, аммо ин дафъа пиёларо ба даст нагирифт ва бо ин кори худ ба хаёлаш дигаронро низ таъкид мекард, ки нанӯшанд бехтар мешавад, чунки фардо ба роҳи дури вазнине бояд бароянд. Вай медид, ки дигарҳо, хусусан Собитҷон, ба нӯшонӯш саргарм мешаванд, аракро нӯшида, аз болояш шубот мезананд. Шуботу арақ ба ҳамдигар соз мегиранд, димоқи касро

чок мекунанд, ба мисли як чуфт аспе ки ба як қўш бастаанду ба ҳам муносиб афтодаанд. Аммо имрўз арақ нўшидан лозим набуд. Лекин ба одамони каппа-калон чй тавр мегўй, ки нанўшед. Худашон бояд ақлашонро кор фармоянд. Хайрият, шавҳари Ойзода ҳоло ҳозир нанўшида менишаст, чунки одами майзада як чуръа арақ нўшад, кораш тамом. Вай фақат шубот менўшид, аз афташ, мефахмид ба хар ҳол ки дар маросими дафни хусур маст шуда ғелидан кори аз ҳад беруи аст. Аммо худо медонад, ки боз чй муддате тоқат карда метавониста бошад.

Онҳо ба ҳамин тариқа сўҳбат карда менишастанд. Одилбой ба меҳмонон шубот рехта медод. Инак, мизбон бо дастони дарозаш — ҳа, дастони ў дароз-дарозанд ва айнан ба мисли бозувону хокандозҳои экскаваторҳо хаму росту болову поён мераванд — косаи навбатиро аз он сўи хонтахта ба Едигей дароз карда, гуфт:

— Едике, динашаб, ман ба чои шумо ба навбат истодаму ҳанўз шумо дур нарафта, гўё дар осмон як чиз таркид, ҳатто ман калавида рафтам. Нигоҳ кунам, аз космодром мушаке чаҳида ба осмон баромад! Як калон ки!.. Сутун барин! Шумо ҳам дидед?

— Набошад чй! Даҳанам боз шуда мондааст! Ана қувату мана азамат! Ҳамту ба оташ печидагй, фақат боло мераваду боло меравад, гўё ки сару сомоаш нест! Дилама вахм зер кард. Хамин қадар солҳо дар ин чо зиндагонй мекунаму ин хелаша акнун дидам.

— Ман ҳам бо чашми худам акнун дидам,— эътироф кард Одилбой.

— Э ту бо ҳамин қади дарозат акнун дида бошй, мо баринҳо кай мебинем?— ҳазломез гуфт Собитчон.

Одилбои Дароз дар чавоб фақат лабханде кард.

— Гап дар кад не,— гуфт ў,— Нигоҳ мекарламу худам ба худам боварам намеомад — дар оғўши осмон оташе меғуррад! Ҳа, гуфтам, боз як кас ба кайҳон баромад. Роҳи сафед ба ту!— гуфтам. Соңй гўшакҳои транзисторро тофтан гирифтам. Ман вая доимо ҳамрохам бардошта мегардам. Ҳозир аз радио хабар медиханд, гуфтам дар дилам. Одатан рост аз худи космодром гап мезананд. Диктор хам аз хурсандиаш гўё дар митинг нутқ карда истодагй барин гап мезанад. Мўи баданат сих мехезад! Ҳа, Едике, бисьёр мехостам билонам, ки вай кист, парвози киро ман бо чашми худам дидам. Лекин нафаҳмидам.

— Барои чӣ? — аз ҳама пештар савол дод Собитҷон абрӯвони худро маънидор ва бо виқор боло кашида. Вай ширакайф шуда буд. Сару рӯяш арақ карда, суп-сурх шуда буд.

— Намедонам, хеҷ чиз нагуфтанд. Мавчи «Маяк»-ро дошта, гӯш ба қимор меистодам. Ҳатто як даҳан хабар надоданд...

— Наход?! Не, ин хел намешавад!— густохона изҳори шубҳа намуд Собитҷон ва зуд як ҷуръа аракро фурӯ бурда, аз болояш шубот ошомид.— Ҳар як парвоз ба кайҳон — ин вокеаи ҷаҳонист... Фаҳмидӣ? Ин обрӯи мо дар илм ва сиёсат!

— Надонам чаро нагуфтанд. Ба хабарҳои охирин ҳам махсус гӯш додам, хулосаи матбуотро шунидам...

— Ҳм!— сар афшонида гуфт Собитҷон.— Дар чои худам, дар идора мешудам, ман албатта мефаҳмидам! Ба кас алам мекунад, чин занад! Шояд дар ин чо ягон сир бошад, а?

— Кӣ медонад, ки дар ин чо ягон сир хаст ё дар он чо. Фақат ба ман бисьёр алам кард, ба худо,— самимона арзи ҳол мекард Одилбои Дароз.— Барои ман вай гӯё кайҳоннаварди ошноям бошад. Дар пеши назарам парид, охир. Шоял, гуфтам ба дилам, ягон кас аз йигитҳои худамон парвоз карда бошад, а? Расо хурсандӣ мекардем-да! Рафту дар ягон чо рӯ ба рӯ шуда монем, чӣ хел ачоиб мешуд-а...

Собитҷон, ки аз кадом як андешаи худ ба ҳаячон омада буд, миёни сухани Одилбойро бурид:

— Ҳа-а, шуд, фаҳмидам! Киштии бепилот сар додаанд. Яъне ки барои озмоиш.

— Чӣ хел озмоиш?— ба ӯ чашм ало кард Одилбой.

— Озмоиш-да, варианти эксперимент яъне ки. Барои санчиш. Сафинаи бепилот, масалан гирем, барои васл шудан ё ба мадор баромадан парвоз кард, лекин ҳоло ҳозир маълум нест, ки окибат чӣ мешавад. Хамааш соз гузарад, сонӣ ҳам аз радио, ҳам аз рӯзномаҳо хабар медиҳанд. Дар акси ҳол хабар намедиҳанд. Яъне ки озмоиши илмӣ.

— Ман хаёл кардаам, ки одами зинда парвоз кард,— ҳасратомез гуфт Одилбой пешонашро хорида.

Ҳама ба сукут рафтанд. Аз шарҳи Собитҷон димоғи ҳама сӯхт. Эҳтимол сӯҳбат дар ин мавзӯъ бо ҳамин тамом мешуд, лекин баноҳост худи Едигей гапро ба дигар паҳлӯ гардонид:

— Ин тавр бошад, йигитҳо, ба кайҳон, ба фаҳми ман, мушаки беодам рафтааст? Хўш вая кӣ идора мекардааст?

— Кӣ идора мекунад?— бо тааҷҷуб каф ба каф зад Собитҷон ва ба Едиген нодону нофаҳм бо тантанае назар афканд.— Он ҷо, Едике, ҳама кора радио мекунад. Аз рӯи фармони Замин, аз Маркази идоракунӣ. Ҳама корҳоро радио-катӣ буд мекунанд. Фаҳмидӣ? Ҳатто дар киштӣ кайҳоннавард бошад ҳам, парвози онро ба воситаи радио раҳнамоӣ мекунанд. Кайҳоннавард, масалан гирем, ягон кор карданист, барои ин вай бояд аввал ичозат пурсад... Ҳа-а, укаҷонаки азизам, ту ба Қаранорат савор мешавию ба кадом тарафи Сари Озек дилат хоҳад рафтан мегирӣ... Аммо дар он ҷо масъала бисьёр мураккаб, ҳа...

— Э ҳоло гап инту бигӯ...— зери лаб ғур-ғур намуд Едигей.

Худи усули ба воситаи радио идора кардани чизе барои Едиген Бӯроӣ тамом номафҳум буд. Дар тасаввури вай радио садое буд, ки аз мағзи ҳаво гузашта, аз масофаи дур мерасад. Чизи бечонро ба ин тарика чӣ хел идора мекунӣ? Дар даруни он чиз одам бошад, гапи дигар: фармонҳоро ба ҷо меорад — ё ин тавр кун, ё мана он тавр кун. Едигей мехост ин нозукиҳоро пурсида, бифаҳмад, аммо ба худ қарор дод, ки лозим не. Дилаш накашид. Дигар чизе нагуфт. Собитҷон чизҳои донистаашро бо як оҳанги мутакаббирона мегуфт, бисьёр мутакаббирона. Худатон аз дуньё бехабареду боз маро назаратон намегирад, ана ин язнаи майзадаам бошад, ҳатто ба сарам мушт бардошт, аз гулӯям дошта хафа карданӣ буд, лекин ман дар ин масъалаҳо аз ҳамаи шумо донотарам. «Хайр, ҳаволаат ба худо,— аз дил гузаронд Едигей.— Бехуда то туро ҳаман умр хононда будем? Охир, аз мо, нохондаҳо, як чиз-ним чиза зиёдтар донистанат зарур-дия. Боз чунин хаёле ба сари Едигеи Бӯроӣ омад: «Ҳамин хел одам ба мансаб расад, чӣ мешуда бошад? Чони ҳамая ба лабаш меорад, зердастонашро маҷбур мекунад, ки худро ҳамадон тарошанд, ба сари баъзеҳо об мерезаду халос. Ҳоло факат телпакдастьёр асту мехохад, ки ҳама, хусусан инчоихо, сариозекиҳо, як лаҳза чашм аз даҳонаш накананд...»

Собитҷон вокеан нияте дошт, ки бӯрониҳоро тамом моту мабҳут кунад, саркӯб кунад ва ба ҳамин восита обрӯи баъд аз мочарои нангин бо хоҳар ва язна дар

назари онҳо рехтаро, баргашта андаке болотар бардорад. Мехост ҳамаро бо гап банд кунад, то он вокеа фаромӯш гардад. Ва сар кард ба ривоят аз ачоиботу ғаройботи олам, аз комьёбиҳои илму фан ва худ дам ба дам як чуръа арақ менӯшид ва аз болояш шубот мехӯрд. Ва аз таъсири нӯшокиҳо тасфаш баландтар мешуд ва чунон қиссаҳое мегуфт, ки бӯрониҳои бечора намедонистанд ба кадомаш бовар кунанду ба кадомаш не.

— Мана худатон мулоҳиза кунед,— мегуфт ӯ ва ҳаргоме ки нигоҳи афсунгари чашмони серҳаракаташро ба аҳли сӯҳбат медӯхт, шишаҳои айнакаш чило меафшониданд,— агар аз рӯи инсоф гап занем, дар таърихи бани-башар хушбахттарини одамонем. Ана ту, Едике, дар миёни мо аз ҳама калонсолтарӣ. Ту, Едике, медонӣ, ки пеш аҳвол чӣ буду ҳоло чӣ гуна аст. Ман чӣ гуфтанӣ ҳастам? Пеш одамон ба худо эътиқод доштанд. Дар Юнони Қадим худоҳо дар болои Олимп гуфтанӣ кӯҳе истиқомат мекарданд. Аммо чӣ гуна худоҳо буданд онҳо? Масхарабоз барин як чиз... Аз дасташон чӣ кор меомад? Байни ҳамдигар харҳаша мекарданд, ки овозааш то замони мо расидааст; ба дигар кардани зиндагонии одамон қодир набуданд, дар ин хусус фикр ҳам намекарданд. Худашон ҳам, яъне ин худоҳо, набуданд. Ҳамаи ин гапҳо аз асотир омадааст. Яъне аз афсона. Хушбахтона, худоҳои мо дар паҳлуи худамон ҳастанд, ана дар он чо дар космодром, дар сарзамини Сари Озек ва мо дар пеши назари аҳли олам аз ин ифтихор дорем. Ҳеч кадоме аз мо онҳоро намебинад, намешиносад: ҳеч кас, ҳеч кадом, масалан гирем, Миркинбою Шийкимбой ҳад надорад, ҳак надорад, ки ба онҳо наздик шаваду даст дода бигӯяд: ассалому алайкӯм, аҳвол читу, бардам-бакувват ҳастед? Бо вучуди ин худовандони ҳақиқӣ ҳамонҳо ҳастанд! Мана ту, Едике, ҳайрон мешавӣ, ки онҳо ба воситаи радио киштиҳои кайҳониро чӣ тавр идора мекунанд? Ва ҳол он ки ин ҳеч гапе нест, ин давра кайҳо гузашта рафтааст. Аппаратҳо, мошинҳо аз рӯи барнома кор мекунанд. Ҳоло замоне меояд, ки одамонро ба мисли он автоматҳо ба воситаи радио идора мекунанд. Гапи мана фаҳмидед? Одамонро, яъне аз хурд то калон ҳамаро идора мекунанд. Ана ҳамин гуна иттилооти илмӣ кайҳо боз вучуд дорад. Илм ба ҳамин поя расидааст, албатта дар асоси манфиатҳои олӣ.

— Исто, исто манфиатҳои олия як сӯ монда ист!— сухани ӯро бурид Одилбои Дароз.—Ту дуруттар гап

зан, ман ун қадар нафахмидам. Аз ин мебарояд, ки хар кадоми мо транзистор барин якта радиоприёмника бардошта мегардему хар фармоне ки омад, даррав мешунавем? Ин тавр бошад, транзистор дар хама чо хаст-ку?

— Э туя бинанд-а! Гап дар ин не-ку! Транзистор чист? Бозичаи бачагона! Хеч кас маҷбур нест, ки хамроҳаш чизе бардошта гардад. Хоҳй, луб-луччак гаштан бигир. Лекин радиомавчҳои ба назар ноаёне хастанд, ки биоток ном доранд ва хамеша ба ту, ба шуури ту таъсир расонда меистанд. Ва ту аз онҳо чои гурез надорй!

— Наход?

— Набошад чй! Хар коре ки аз марказ аз рӯи барнома фармоянд, одам хамонро мекунад. Вай гумон мекунад, ки ба ихтиёри худ зиндагонй ва амал мекунад, гумон мекунад, ки ихтиёраш дар дасти худаш, аммо дар хакикат бошад, ихтиёраш дар боло. Ва хама кор аз рӯи тартиботи катъй. Масалан гирем, суруд хонданат лозим бошад, сигнал меояд, ту месарой. Раксиданат зарур шавад, сигнал меояд, ту меракси. Кор карданат лозим шуда монад, кор мекунй, боз чунон нағз кор мекунй, ки... Дуздй, авбошй, чиноят — хамааш фаромӯш мешавад, даркор бошад, факат аз китобхои кӯхна ёфта мехонй. Чунки дар рафтору кирдори одам хама чиз пешбинй карда мешавад — хар як кадам, хар як фикру андеша, хаман орзую омолаш. Мана, мисол гирем, хозир дар рӯи дунъё туғьёни демографй ба амал омадааст, яъне ки тухми одамизод аз хад зиёд шудааст, озука намерасад. Чй бояд кард? Камтар бача зоидан лозим. Ту бо занат факат хамон вакт алоқа карда метавонй, ки мувофики манфиатхои чамъият аз боло сигнал ояд.

— Мувофики манфиатхои олй, а?— киноямез савол дод Одилбои Дароз.

— Хо, боракалло, манфиати давлат аз хама чиз олитар аст.

— Хӯш, рафту аз ин манфиатхо бехабар... баногох дилам хоҳад, ки занам-катй хоб кунам ё ягон кори дигар?

— Одилбой, азизам, хеч кор карда наметавонй. Ин хел фикр хатто ба гӯшаи хаёлат намеояд. Ягон нозанинро сохибчамола оварда лар пешат шинонанд, акаллаи бо гӯшаи чашмат нигох намекунй. Чунки ба тарафи ту биотокҳои манфй мефиристанд. Хулоса ки дар ин масъала тартиби катъй чорй мешавад. Имонат комил бошад. Ё гирем соҳаи ҳарбиро. Хама кор аз рӯи сигнал меша-

вад. Ба оташ даромадан лозим бошад, бахузур медарояд, бо парашют чаҳидан зарур шуд, хатто мижа назада мечахад, ҳамроҳи минаи атомӣ дар таки чархи танк таркидан даркор бошад, мархамат, дар як лаҳза ичро мешавад. Шумо пурсидан мехохед, ки сабаб дар чист? Сабаб дар он ки ба сӯи одам биотоки часорат мефиристанд, вассалом, ва инсон чӣ будани тарсро намедонад... Ана гап дар кучо!..

— Ух, ту ба дурӯғ усто-куя! Ана сафсата-я! Хамин кадар сол хонда, хунари ёд гирифтаат хамин буд?— аз тахти дил тааччуб мекард Одилбой.

Хозирон ошкоро механдиданд, дар чои нишасташон бекаророна мечунбиданд, сар меафшонидаид, дар дилашон мегуфтанд, ки ин йигит ба дурӯғгӯй устухон надоштааст, аммо бо вучуди ин гӯш медоданд, чунки ӯ гапхое мегуфт, ки кас шунида, хайрон мешуд, чизхои эчибу гариби аз ин пеш ношунидаро мегуфт. Хама медиданд, ки араку шуботро нӯшида-нӯшида, кайфаш таранг шудааст, аз вай чӣ чои гила, бигузор, ки лаккидан бигирад. Аз кучое хар-гуна гапхо шунидааст, кадоми ин росту кучояш дурӯғ, гуфта сара гич кардан чӣ лозим? Хамту, албатта, лекин ба дили Едигей вахм даромад: рафту гапҳои ин лаккии мо чон дошта бошад, бесаришта шуда, аз дил гузаронид Едигей, вай ин маълумотҳоя бешубҳа аз ягон чо хондааст ё тасодуфан ба гӯшаш даромадааст. Охир, вай хамин хел хислат дорад, ки дар ягон чой кор чатоқ бошад, аз хама пештар мешунаваду огоҳ мешавад. Рафту хамин хел одамон, хусусан олимҳои калони донишманд бошанд, ки аз ростӣ хам максад дораид ба хамаи мо худохо барин фармонфармой кунанд?...

Собитчон бошад, бист мелаккид ва хозирон хамчунон гӯш медоланд. Мардумаки чашмонаш аз паси айнаки арак пахш кардааш чашмони гурбаи ба хонаи торик даромадагӣ барин калон-калон менамуданд. Вай хамчунон гоҳ арак менӯшид, гохе шубот дам мекашид. Хола дастҳояшро алвонч дода, дар боран кадом як секунчаи Бермуд дар миёнаи уқьёнус ривоят мегуфт, ки он чо киштиҳо ба тарзи асроромез ғайб мезадаанд ва агар аз болои он махал ҳавопаймо гузаштанӣ шавад, ба кучо гум шуда рафтанашро касе намедонистааст.

— Мана дар вилояти худамон як одам буд, ки хашакалло ба хорича меравам гуфта, зӯр мезад. Хайр, дар ҳамон хорича чӣ ҳаст? Оббо!.. Хӯш ки бошад, бадбах-

тиаш омада будааст, рафт ба хорича. Ба дигарҳо рох надоду рафт, ба хавопаймо савор шуду аз болои укьёнус парида рафт. Намедонам, Уругвай буд чои рафтааш ё Парагвай. Рафту тамом шуд. Дар айни болои ҳамон секунчаи Бермуд ҳавопаймо ғайб задааст. Тамом, нест дигар. На пай хаст, на ҳайдар. Бинобар ин, дӯстонам, аз касе чизе илтимос кардан, ичозатнома мегирам гуфта, даводав кардан, пеши роҳи касеро гирифтан фоида надорад. Бе ҳамон секунчаи Бермуд хам рӯзамон мегузарад. Дар замини худат зиндагонӣ карда гаштан гир, саломат, бошӣ — кифоя. Биёед барои саломатиамон бинӯшем!

«Ана сар шуд!— дар дил дашном дод Едигей. Хозир матали дӯстдоштаашро ба ёд меорад. Эх, офат, офат... Хамин ки ба дарунаш шароб даромад, даррав тормузаш аз кор мебарояд!» Вокеан, хамин тавр шуд.

— Ба саломатиамон менӯшем!— такрор намуд Собитчон ва ба атрофиён бо чашмони хираи нигохашон лағжанда назар афканд ва зӯр мезад, ки киёфаи худро бамаънию бовикор вонамуд кунад.—Саломатии мо бошад, бузургтарин сарвати мамлакат аст. Ана мохияти гап дар кучо! Мо одамони аной не, мо одамони давлатӣ хастем! Ман боз мехохам бигӯям, ки...

Едигеи Бӯронӣ башаст аз чой бархосту ба анчоми нӯшбоди вай нигарон нашуда, аз хона баромад. Дар торикии даромадгох чизе такаррос зада рафт, пояш ба сатили холӣ ё чизи дигар расида, онро чаппа кард. Вай мӯзаи кирзашро, ки то ин дам дар хавои кушод истода, сардакак шуда буд, саросема пӯшиду роҳи хонаро пеш гирифт. Едигей парешон ва оташин буд. «Ох, бечора Казонкоп!— аз шиддати алам нӯки мӯйлабро зери дандон газида, нолиши пасте баровард ӯ.— О ин чӣ рӯзе буд, а? Мурдаро мурда намедонанд, мусибатро мусибат намешуморанд! Гӯё шаби хурсандӣ бошад, бахузур нишаста, арак мезанаду хатто абрӯяш хам намехурад-а! Боз гапҳои ин зота маза кунед: саломатии давлатӣ! Хар дафъа биояд, аҳволаш ҳамин. Фардо, худо хоҳад, маъракая нағз гузаронанд, баъди дафн оши худой кунанд, сонӣ бигузор ки пои қадамаш аз ин ҷо канда шавад, чон халос! Ин ҷо вай ба кӣ даркор ё аз ин ҷо ба вай кӣ ҳам лозим?!»

Ба ҳар хол дар хонаи Одилбои Дароз хеле нишастаанд. Шаб нисф шудааст. Едигей аз хавои тоза ва шабона серуи шудаи Сари Озек синаашро пур карда-пур кар-

да нафас кашид. Фардо ҳаво ҳарвақта барин гарм мешавад, на абру на борон. Доимо ахвол ҳамин: рӯзона ҳаво гарм, шабона хунук, бадани каса варача зер мекунад. Барои ҳамин ҳам дар ин дашт алаф намерӯяд, чор тараф — биёбон. Алаф рӯяд ҳам рӯзона офтоба дида, кад мекашад, ку акнун чорта борон борад, мегӯяд. Аммо шаб мешаваду вай бечорая хунук мезанад. Ана аз барои ҳамин факат гиёҳҳои сахтчон зинда мемонанд. Ҳар гуна хорҳо, бештар аз ҳама явшон ва дар домани чариву оббурдаҳо ягон-ягон алаф меруяд, ки даравида ба чорво додан мумкин. Елизарови геолог, дӯсти дериная Едигеи Бӯронӣ як вақтҳо нақл карда буд, нақли оддӣ ҳам не, сурат барин як манзараро тасвир карда буд, ки дар замонҳои қадим ин ҷо дашти сералафи кабкабуд будааст, иқлимаш дигар хел будааст, аз ҳозира дида, се баробар зиёдтар борон меборидааст. Пас, зиндагӣ ҳам дигар хелтар будааст, албатта. Сар то сари дашт рамаю галаҳо мечаридаанд. Дар замонҳои қадим будааст, ин ҳол, шояд хеле пештар аз пайдо шудани жуанжуанҳо, ҳамон бегонаҳои хунхор бошад, ки ҳоло ғайр аз қиссаҳои шум дигар нишонае намондааст аз онҳо. Рост мегӯяд, набошад ин қадар одам дар Сари Озек чӣ мехӯрду чӣ хел зиндагонӣ мекард? Елизаров бечиз нагуфта буд, ки Сари Озек китоби фаромӯшшудан таърих аст... Мегуфт, ки таърихи Она-Байт ҳам чизи каму андак нест. Ҳамин хел саводдорон ҳам ҳастанд, ки таърих гуфта, факат чизи ба рӯи коғаз навишта шударо медонанд. Рафту китобнависӣ ҳанӯз расм нашуда бошад-чӣ?..

Едигей ба садои каторҳое, ки аз дуроҳа мегузаштанд, гӯш дода истоду тӯфонҳои баҳри Арал ба ёдаш расид, ҳамон баҳре ки дар сохили он ба дуньё омада, то сар шудани ҷанг он чо мезист. Қазонқоп ҳам охир казоки аралӣ буд. Вакте ки ҳар ду дар сари роҳи оҳан ба ҳам вохӯрданд, азбаски ҳамдиёр буданд, зудтар ба якдигар уис гирифтанд, дукаса баҳри худашонро ёдоварӣ мекарданд. Андаке пештар аз фавти Қазонқоп айёми баҳорон дукаса ба Арал сафар карданд. Маълум шуд, ки мӯйсафед барои видоъ гуфтан ба баҳр рафта будааст. Аммо рафтанду аз карда пушаймон шуданд. Маълум шуд, ки баҳр аз чои пештарааш кӯчидааст. Оби Арал кам-кам хушк шуда, сохил ба дарунтар мегурехтааст. Тахмин дах километр роҳ паймуданд, таки по гили регомез буд. Сонӣ ба канори об расиданд. Дар ҳамон ҷо

Казонкоп гуфт: «То дуньё буд, бахри Арал буд. Акнун оби хамин бахр хам хушк мешавад. Аз умри одам дигар хочати гап нест». Дар худи хамон чо боз гуфта буд: «Ту, Едигей, мана ба Она-Байт бурда мон. Ин бори охирин аст, ки бахра мебинам!»

Едиген Бӯрони сиришки дар чашм пайдошударо бо остинаш пок карда, сулфа намуд, то гулӯяш равшан шаваду овозаш хирри набарояд ва ба кулбаи Казонкоп бирафт. Он чо Ойзода, Укубала ва чанде дигар занон ба риояи они азо менишастанд. Занҳои бӯрони низ яке паси дигаре ба ин чо меомаданд ва дар ягон кор дасту ба даст мекарданд ё муддате нишаста, боз мерафтанд.

Едигей аз пахлӯи кӯра гузаштаравон дакикае дар пеши кундаи ба замин гӯр кардашуда таваккуф намуд, ки лачоми Каранор ба он баста шуда буд. Уштури зинзадаи ба сафар омода ва чули зебояш шилшиладор дар партави мох басо салобатнок, тавоно ва филвор оромӯ батамкин менамуд. Едигей аз завк худдорӣ карда натавонисту ба пахлӯи вай навозишкорона тап-тап зад ва гуфт:

— Офарин, чониварам!

Худаш хам пай набурд, ки аз чӣ сабабе бошад, ба сари остона расиду шаби гузашта ба ёдаш омад. Ба хотираш расид, ки рӯбохи дашти чӣ гуна ба рохи охан омада буд ва Едигей аввал ба сӯи ӯ санг андохтанӣ шуду баъд аз нияташ даст кашид ва сонитар, хангоме ки ӯ ба хонаи худ мерафт, чӣ тавр аз космодром сафинаи оташин парвоз карда, дар каъри осмони сиёх гоиб шуда рафт...

III

Дар арзхои шимолии Укьёнуси Ором дар ин дам соати хашти сахар буд. Офтоб нурафшонӣ мекард ва масохати бузурге дар сукунат ва амвочи бекарони равшаной гарк гашта буд. Ва ба чуз обу осмон дар ин хадду худуд гуё чизе ба чашм намерасид. Аммо дар вокеъ сафинаи хавопаймобари «Конвенция» махз дар хамин чохо буд ва дар канори он фочиаи чахоние ба вукӯъ омада, авч мегирифт, ки беруи аз худуди сафина аз он касе огох набуд ва он фочиа бо ходисаи дар таърихи кашфи кайхон ношунида ва дар истгохи кайхонии америкоиву советии «Паритет» рухдода марбут буд.

Киштии ҳавопаймобари «Конвенция»— штаби илмию стратегии Мармутидор, ҷузъи барномаи муштараки сайёрашиносии «Демиург» ҳамагуна робитаҳоро бо олами беруна фавран қатъ намуд, аммо мавқеи доимии худро дар Уқьёнуси Ором, дар арзҳои ҷанубтари Ҷазирахои Алеут дигар накард, баръакс қароргоҳашро дар нуқтае, ки бо рохи ҳавой то Владивосток ва Сан-Франциско дар масофаи баробар буд, боз аниқтар кард.

Дар сахни сафина ҳам баъзе дигаргуниҳо рӯй доданд. Бо фармоиши Шарикрохбарони генералии барнома, роҳбарони америкой ва советӣ, ҳар ду оператори навбатдори қитъаи равобити кайҳонӣ — яке советӣ ва дигаре америкой, ки хабари ходисаи фавқулодда дар мадори «Паритет» нахуст ба онҳо расида буд, муваққатан ва қатъан аз дигарон дур карда шуданд, то ягон каси дигар аз вокеаи рӯйдода огоҳӣ наёбад...

Бар ҳайати хидматгорони «Конвенция» ҳолати омода бош эълон шуд, гарчи киштӣ на киштии харбӣ буд ва на ягон хел аслиҳаи ҷангӣ дошт ва мувофики қарордоди махсуси Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид аз они масуниятн байналхалқӣ бархурдор буд. Оре, «Конвенция» ягона дар ҷаҳон киштии ҳавопаймобари ғайри-харбӣ буд.

Соати ёздаҳи рӯз ба «Конвенция» бо фосилаи панҷ дақиқа пасу пеш омадани вакилони масъули тарафайнро нигарон буданд, ки онҳо ҳукуқи комил доштанд ба нафъи амнияти мамлакатҳои худ ва осоиши дуньё ҳар қарори таъҷилӣ ва тадбирҳои амалии салоҳ дидаашонро қабул намоянд.

Инак, киштии ҳавопаймобари «Конвенция» дар он соат дар уқьёнуси кушод, дар ҷанубтари Ҷазирахои Алеут дар масофаи баробаре аз Владивосток ва Сан-Франциско қарор гирифта буд. Интихоби ин қароргоҳ низ кори тасодуфӣ набуд. Дар ин нуқта фаросат ва борикбинию дурандешии офаридгорони барномаи «Демиург» нақш гузошта буд, чунки қароргоҳи киштие, ки дар сахни он тарҳи ба ҳамдастӣ эҷодшудаи тадқиқоти сайёрашиносӣ ба амал бароварда мешуд, суннати баробарҳукуқии комил, ниҳоди мувозанаи мутлақи ин ҳамкории беназири байналхалқии илмию техникиро инъикос менамуд.

Киштии ҳавопаймобари «Конвенция» бо ҳаман таҷҳизоту лавозимот ва манбаъҳои қувваофаринаш ба ҳар ду тараф мусовӣ тааллуқ дошт ва ба ибораи дигар

киштии муштараки шарикдавлатҳо ҳисоб меёфт. Бо космодромҳои Невада ва Сари Озек алоқаи бевосита ва дар як замон амалкунандаи радио-телефону телевизионӣ дошт. Дар саҳни сафина ҳашт ҳавопаймои реактивӣ (чортой аз ҳар тараф) буд, ки ҳаман ҳамлу нақли робитаи ҳар рӯз бо қитъаҳо зарурии Мармутидорро анҷом медод. «Конвенция» ду паритет-капитаи дошт: паритет-капитанҳои советӣ ва америкой; паритет-капитани 1—2 ва паритет-капитани 2-1; ҳар кадоме аз онҳо дар поси худ фармонфармои асосӣ ҳисоб меёфт. Ва аз дигар нафароти киштӣ — ёрдамчиёни паритет-капитанҳо, новбарон, механикҳо, электрикҳо, бахрнавардон, хидматгорон ва гайра низ ду нусхагӣ вучуд доштанд...

Ҳайати ходимони илмӣ ва техникии Мармутидор низ дар сафинаи «Конвенция» ба ҳамин услуб таркиб ёфта буд. Аз Шарикрохбарони генералии барнома, яъне аз Паритет-сайёрашиноси калони 1-2 ва Паритет-сайёрашиноси калони 2-1 гирифта, то дигар кормандони илмии ҳаман ихтисосҳо низ дунафарӣ вучуд доштанд ва намояндаи ҳар ду тараф ба шумор мерафтанд. Аз ин сабаб истгоҳи кайҳонӣ, ки дар «Трамплин» ном мадори дуртарине аз куран арз воқеъ гашта буд, «Паритет» ном дошт ва муносиботи рӯизаминиро инъикос менамуд.

Қабл аз ин муассисаҳои илмӣ, дипломатӣ ва маъмурии ҳар ду мамлакат, албатта, тайёрии бузурги гуногунсоҳае анҷом дода буданд. Солҳое ба сар бурдан лозим омад, то тарафайн дар мулокот ва машваратҳои бешумор ба мувофиқати ҳаман масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии барномаи «Демиург» ноил гарданд.

Барномаи «Демиург» бузургтарин аз вазифаҳои кайҳоншиносӣ — омӯзиши сайёраи Иксро пеш гузошта буд. Мақсад аз он истифодаи захираҳои маъдании сайёра буд, ки аз рӯи тасаввури замининён манобеи аз ҳад афзуни нерӯи дохилӣ дошт. Аз сад тонна маъдани Икс, ки дар рӯи он сайёра озоду кушод мехобид, баъди коркард ба миқдоре неруи дохилӣ ҳосил кардан мумкин буд, ки агар он ба шакли қувваи электр ва гармӣ гардонда шавад, Аврупоро як соли тамом таъмин менамуд. Табиати маъданиёти Икс, ки дар шароити махсуси Галактика аз таъсири эволюцияи дуру дарози сайёраҳо дар бадали чандин миллиардҳо сол ба вучуд омадааст, маҳз ҳамин гуна будааст. Намунаи хоки сайёра, ки аппаратҳои кайҳонӣ чандин маротиба аз Икс овардаанд ва натичаи экспедицияҳое, ки ба рӯи он сайёраи сурхранги Систе-

маи офтоби мо борҳо ба муддати мухтасар фаромадаанд, низ ба ҳамин хулоса далолат мекарданд.

Дар қаъри сайёраи зоҳиран биёбонмонанди Икс вуҷуд доштани захираи об, ки дар ягон сайёраи то ҳоло тадқиқ кардаи илм, аз ҷумла дар Мох ва Зӯҳра аз он осоре набуд, омили гирехкушое гардид ва ба манфиати лоиҳаи ба кор бастани Икс далолат намуд. Вуҷуди обро чоҳҳои барои озмоиш кандашуда тасдиқ карданд. Ба ақидаи олимон, дар қаъри Икс қабати бузурги об будааст, ки ғафсии он ба чандин ҳазор метр мерасидааст ва он зери тазъиқи табақаҳои санги мазбути сард дар як ҳолати тағьириопазир нигоҳ дошта мешудааст.

Мавҷудияти маҳз ҳамин гуна миқдори калони об дар ситораи Икс вокеӣ будани барномаи «Демиург»-ро таъмин менамуд. Дар ин маврид об на фақат манбаи нам, балки инчунин мабдаи таркиб додани дигар гуна аносир буд, ки барои ҳифзи ҳаёт ва ҷараёни мӯътадили зиндагонии инсон дар шароити сайёраи дигар ва пеш аз ҳама дар ҳосил кардани ҳаво барои нафаскашӣ зарур буд. Ғайр аз ин, об аз дидгоҳи истеҳсолӣ дар технологияи шустану сара кардани ибтидоии маъдани Икс қабл аз бор кардани он ба контейнерҳои қайҳонӣ нақши асосие мебозид.

Масъалае муҳокима мешуд, ки оё неруи маъданиёти Икс дар кучо берун оварда шавад: дар истгоҳҳои мадории қайҳон (то ки сипас онро ба василаи мадорҳои геосинхронӣ ба Замин нақл намоянд) ё бевосита дар рӯи Замин? Аммо барои ҳалли ин муаммо ҳоло фурсат буд.

Барои муддати мадид манзил гирифтани гурӯҳи чоҳканҳо ва гидрологҳо экспедицияи калоне омода мегардид, ки он мебоист ҷараёни доимӣ ва ба тарзи автомат идорашавандаи обро аз қаъри Икс ба шабакаи лӯлаҳо тачҳиз медод. Истгоҳи мадории «Паритет» ба истилоҳи кӯҳнавардон қароргоҳи асосие ба шумор мерафт дар роҳи ситораи Икс. Дар «Паритет» барои баҳамрасӣ, борфарорӣ ва борбардории «сафина-моку»-ҳои нақлиётӣ, ки байни Икс ва «Паритет» рафтуо мекунанд, тачҳизоти зарурӣ гузошта шуда буд. Пас аз муддате, баъди анҷом ёфтани сохтмони блокҳо дар «Паритет» барои кору истиқомати бароҳати сад кас, аз ҷумла ходимони робитаи телевизионӣ бо Замин имконият фароҳам меомад.

Дар ин иқдомоти бузурги қайҳонӣ ба рӯи Икс бароварданӣ об ва таҳлили таркиби он дар силсилаи умури

истеҳсолӣ нахустин амале ҳисоб меёфт, ки одамизод беруи аз худуди сайёраи худ анчом додааст...

Ва он рӯз наздик мерасид. Ва ба истиқболи он лаҳза ҳама омода мешуданд...

Дар Космодромҳои Сари Озек ва Невада охирин тадбирҳои тайёрӣ ба амалиёти гидротехникӣ дар Икс ба анчом мерасиданд. «Паритет» ҳаракати худро дар мадори «Трамплин» идома медоду ба қабул ва гусели нахустин гурӯҳи коргарони кашшофи тамаддуни беруи аз Замин омода буд.

Бани-одам зотан бар остонаи Қасри тамаддуни беруи аз Замини худ расида буд.

Ана дар ҳамин лаҳза, дар арафаи сафари аввалини гурӯҳи гидрологҳо ба Икс ду нафар паритет-кайҳоннаварде, ки дар мадори «Трамплин» дар истгоҳи «Паритет» машғули посбони дарозмуддати кайҳонӣ буданд, баногоҳ ғайб заданд...

Онҳо баногост посух доданро ба сигналҳо — чӣ дар вақти муайяншудани алоқа ва чӣ дар соатҳои дигар — қатъ намуданд. Ҳама афсурдаҳотир буданд, зеро ба ҷуз асбобҳое, ки мавқеи истгоҳро нишон медоданд ва ҳаракати онро дар мадор тасҳеҳ мекарданд, дигар ҳамаи аппаратҳои робитаи радиову телевизион аз кор монда буданд.

Фурсат мегузашт. Аз «Паритет» ҳамчунон ҷавобе набуд. Дар дили сокинони «Конвенция» изтироб меафзуд. Аз ҳар калла як садое мебаромад: ба сари паритет-кайҳоннавардон чи рӯзе омада бошад? Сабаби сукуташон чӣ бошад? Оё касал нашуда бошанд, ё хӯроки нобоберо хӯрда захролуд нашуда бошанд? Оё аслан зинда бошанд?

Ниҳоят василаи охиринро ба кор андохтанд — сигнале фиристоданд, то бонги хатари сӯхтор сар то сари истгоҳ ба садо дарояд. Аммо ба ин амри вахмангез ҳам ҷавобе наомад.

Барномаи «Демиург» бар хатари бузург дучор омада буд. Ва он гоҳ Мармутидор дар саҳни «Конвенция» барои муайян кардани вазъият охирин имкониятро ба кор андохт. Аз космодромҳои Невада ва Сари Озек бароҷ васл шудан бар истгоҳ ду сафинаи кайҳонӣ бо ду кайҳоннавард роҳӣ гардиданд.

Киштиҳо ба истгоҳ расида, дар як вақт васл шуданд, ки зотан кори фавқулодда душворе буд ва нахустин пайғоме, ки аз кайҳоннавардони муфаттиши ба «Пари-

тет» расида ба «Конвенция» омад, пайғоми ҳайратафзое буд: муфаттишҳо ҳаман ҳучраҳо, лабораторияҳо, ошьёнаҳо ва ҳаман канораҳои истгоҳро то ба охирин гӯшаи он дидаву санҷида гуфтанд, ки он ҷо аз паритет-кайҳоннавардон ному нишоне нест. На аз сурати зиндаашон осоре буд, на аз ҷисми бечонашон....

Ин хабар дар тасаввуроти касе гунҷоиш намеёфт. Касе ба гӯшаи хаёл оварда наметавонист, ки чӣ воқеае рух дода бошад, ду нафар одаме, ки бештар аз се моҳ дар истгоҳи мадорӣ буданд ва ҳаман вазифаҳои худро бекамукост адо мекарданд, баногоҳ ба кучо ғайб зада бошанд? Охир ба бухор мубаддал нашудаанд-ку!

Сеанси таҳқиқ барпо шуд ва дар он ҳар ду Шарикрохбарони генералӣ — Паритет-сайёрашиносон бевосита иштирок мекарданд ва робитаи биловосита байни «Паритет» ва «Конвенция» баркарор буд. Дар сафҳаи экранҳои сершумори Мармутидор аён буд, ки чӣ гуна кайҳоннавардони муфаттиш байни ҳам гуфтугӯкунон ва дар фазои бевазнӣ шиноқунон аз ҳучра ба ҳучра ва аз хона ба хонае мегузаштанд ва дар айни замон мушоҳидаҳои худро арз мекарданд. Ва ин гуфтугӯ дар наворӣ магнитофон сабт мегардид:

«Паритет». Мебинед, дар истгоҳ касе нест. Мо касеро надидем.

«Конвенция». Оё осори ягон чизи шикаста, ё вайрон шудани ягон ҷузъи истгоҳ ба назар намерасад?

«Паритет». Не, ҳама чиз дар ҷояш, дар ҳамон вазъу тартибе ки бояд шояд.

«Конвенция». Осори хун ҳам наменамояд?

«Паритет». Ягон зарра.

«Конвенция». Ашьёҳои шахсии паритет-кайҳоннавардон дар кучо ва дар чӣ ҳоланд?

«Паритет». Ашьёҳояшон ҳам, ба назари мо, дар ҷои худашон.

«Конвенция». Ба ҳар ҳол, боз як бор бинед.

«Паритет». Чунон менамояд, ки онҳо ҳамин ҳоло ин ҷо буданд. Китобҳо, соат, граммофон, дигар чизҳо — ҳама дар ҷояш.

«Конвенция». Хуб. Бубинед, ки оё ба рӯи девор ё коғаз чизе нанавиштаанд?..

«Паритет». Ягон хел навиштаҷотро надидем. Э сабр кунед, ҳозир!.. Дар рӯи дафтари ёддошт навиштае ба назар мерасад. Матни хеле калон. Барои он, ки дафтар дар фазои бевазнӣ шиновар набошад, онро бо гирое бас-

та, саҳифаи кушодашро ба сӯи даромадгоҳ нигаронида-анд...

«Конвенция». Хонед, чиҳо навиштаанд!

«Паритет». Ҳозир. Ин чо ду мати будааст, ба ду сутун ба англисӣ ва русӣ паҳлуи ҳам сабт шудааст...

«Конвенция». Мо гуфтем, ки хонед, ғапро кашол накунед!

«Паритет». Сарлавҳа «Нома ба заминиён». Дар қавсайн «тавзеҳнома» навиштаанд.

«Конвенция». Сабр кунед. Дигар нахонед. Сеанси алоқа қатъ мешавад. Мунтазир бошед, пас аз муддате боз шуморо даъват мекунем. Нигарон бошед.

«Паритет». О'кей!

Дар ин чо гуфтушуниди байни истгоҳи мадорӣ ва Мармутидор бурида шуд. Шарикроҳбарони генерали Барномаи «Демиург» байни худ машварат карда, ба ҷуз ду нафар паритет-операторон дигар ҳамаро аз китъаи робитаи кайҳонӣ берун баровардаанд. Фақат баъди ин сеанси алоқаи дучониба баркарор гардид. Ва матни ба дафтари ёддошти «Трамплин» навиштаи паритет-кайҳон навардон маълум шуд:

«Ҳамкасбони мӯҳтарам! Мо истгоҳи мадории «Паритет»-ро дар шароити ғайриоддие ва ба мӯҳлати номуайяне тарк мегӯем ва тӯли ин мӯҳлат ба силсилаи томи омилҳое вобаста аст, ки он аз иқдоми дар собиқа беназири мо бармеояд ва аз ин сабаб эҳтимоле вуҷуд дорад, ки ин мӯҳлат бениҳоят тӯлонӣ бошад. Бинобар ин карзи вочиб медонем, кирдори худро шарҳ бидихем.

Мо нағз мефаҳмем, ки иқдоми мо, бешубҳа, на фақат ғайричашмдошт, балки аз назари интизоми оддитарин ҳам нораво пазируфта мешавад. Аммо воқеаи фавқулоддае, ки мо дар қароргоҳи кайҳонӣ дучораш омадем, воқеае ки амсоли онро дар саросари таърихи тамаддуни бани-башар ёфтан мухол аст, моро имконе медихад то ба фахмиши илтифоткоронаи шумо умед бандем...

Чанде қабл аз ин мо дар миёни анбӯҳи радиоимпульсҳое, ки аз иҳотаи кайҳонӣ ва бештар аз ионосфераи замини худамон — аз ин муҳити пур аз ғалоғулаю ношколоти бепоён бармеояд, радиосигнали ҳадафдореро дар минтақаи сигналҳои борикбасомад тафовут намудем. Басомади сигнал воқеан бориктарини онҳо буд ва аз ин сабаб аз дигар сигналҳо фарқи казой дошт ва аз ву-

чуди худу аз омади худ мунтазам, яъне ҳамеша дар вақту соати муайян ва доиман бо фосилаҳои яксон хабар медод. Аввалҳо мо ба он эътибор намедодем. Лекин вай боз ва боз аз нуқтаи муайяни Коинот пайдо шуда ва зимнан махз қароргоҳи мадории моро нишон гирифта, аз вуҷуди худ боисрор хотиррасон менамуд. Акнун мо якин гуфта метавонем, ки ин радиомавҷҳои сунъӣ ба фазо пештар низ — қабл аз поси мо, ки поси саввум ҳисоб меёбад, равона мешудаанд, чунки, охир, зиёда аз яку ним сол аст, ки «Паритет» дар мадори «Трамплин» дар гӯшаи дуродури кайҳон қароргоҳ дорад. Чаро мо пеш аз дигарон ба сигнали мазкур таваҷҷӯҳ додем? Ба ин савол ҷавоб додани мо душвор аст, эҳтимол, сабаб дар тасодуф бошад. Ба ҳар ҳол мо ба ин чиз диққат дода, онро ба қайд мегирифтем, хосияту моҳияти онро меомӯхтем ва рафта-рафта, ба хулосае омадем, ки манбаи ин сигнал манбаи сунъист.

Ба чунин ақида тан додан барои мо осон набуд. Ва дергоҳе шубҳа аз дили мо дур намешуд. Оё мо метавонистем фақат ба як амри воқеи радиосигнале, ки ба назари мо сунъӣ менамуду аз кадом як гӯшаи қаъри коиноти нопайдоканор мерасид, танҳо ба ҳамин як воқеият такья намуда, аз вуҷуд доштани ҳаёт ва тамаддуни берун аз Замин харфе бигӯем? Охир мо хуб медонистем, ки ҳамаи кӯшишҳои илм, ҳатто саъйҳои чандинкаратае, ки ғаразашон хеле ва хеле махдуд буд ва мехостанд, ки ақаллан дар сайёраҳои ҳамҷавор лоақал хурдтарин нишонаи зиндагиро дар шакли оддитаринаш кашф намоянд,— ҳамаи ин ҷидду ҷаҳдҳо чунон ки маълум аст, барабас рафтанд ва боиси навмедиҳо гардиданд! Ҷустуҷӯи зоти баақлу бахуш берун аз доираи Замин кори бесамар ҳисоб меёфт, баъдтар онро шуғли хаёлӣ мешумориданд, зеро бо мурури замон ва ҳар чи бештар тадқиқ шудани фазои кайҳон эҳтимоли кашфи аломатҳои зиндагони ҳатто аз ҷиҳати соф назарӣ ҳам торафт камтар мегардид ва метавон гуфт, ки рафта-рафта ба дараҷаи нестӣ бирасид. Бинобар ин мо ба изҳор доштани фарзияи худ чуръат намекардем. Ба ақидаи сартосари ҷаҳон маъмуле ки мегӯяд зиндагонӣ чун падидаи хорикулоддаи биологӣ танҳо дар рӯи Замин вуҷуд дорад ва ба худ дигар ҳамтое ва назире надорад,— ба ин ақида мо мухолифат кардан намехостем. Ва низ худро вазифадор намедонистем, ки оид ба иштибохи хеш бо касе машварат биороем, чунки ба барномаи фаъолияти мо дар ка-

роргоҳи мадорӣ ин қабил мушоҳидаҳо дохил намешуданд.

Он рӯзе, ки боз як ҳодиса рӯй доду фарзияи дар Коинот — ба ҷуз рӯи Замин ҳам вучуд доштани зоти сохибшуурро чун бурҳони котеъ ба субут расонид, дигар кор аз кор гузашта буд: дар тафаккури мо, дар тасаввуроти мо оид ба созмони оламу одам таконе, ҷаҳише, табаддулоте ба амал пайваст ва мо банохост дарьёфтем, ки назар ба пешина бо макулоти дигаре, ба дарачаи дигаре андеша меронем. Идроки сифатан тозаи афлок, кашфи фазои наве, ки зотҳои зинда дорад, дарьёфти манбаи навини хирад ва шуур моро водор намуданд ба хулосае биоем, ки аз огоҳ кардани заминиён аз кашфиёти худ то вақту соати муайян бояд худдорӣ кунем. Ва дар ин тасмим ғамхории мо бар Замини мо ва манфиати ҷамоаи имрӯзаи он акс ёфта буд.

Акнун чанд сухан оид ба моҳияти вокеае ки рух дода буд.

Рӯзе аз рӯзҳо моро ҳисси кунҷковӣ даст доду қарор кардем тақрибан бо ҳамон басомад ва маҳз ба ҳамон нуқтаи Коинот, ки аз он ҷо радиоимпульсҳои мунтазами пурасрор мерасиданд, радиосигнали ҷавобӣ фиристем. Инак, мӯъҷиза! Сигнали мо дарҳол қабул шуд! Вай ба ҳадаф расид! Дар минтақаи сигналпазири мо бар иловаи манбаи пештара боз як манбаъ ва дере нагузашта боз якчанд манбаъ ба кор даромад. Ин садои сегонаи пайғомовари таҳниятгузоре буд. Се радиосигнали ҳамзамон дар тӯли чандин соат аз Коинот чун савти мутантане аз вучуди зотҳои сохибфаросати берун аз Одами Афлоки мо муждаи суруромез мерасониданд, ки иқтидори тавоноe доранд бо зотҳои ақсони худ ба масофаҳои ниҳоят бузург робита банданд. Ин вокеа дар тасаввуроти мо доир ба биологияи кайҳонӣ, дар дониши мо оид ба таркиби вақт, фазо ва масоҳат инқилобе овард... Наход дар олами бекарон мо танҳо набошем? Дар биёбонистони нопайдоканору бебтидою беинтиҳои ин Ҷаҳон яккаву ягона набошем? Наход ҳаёти инсон дар рӯи Замин бозьёфти танҳои рӯҳ набошад?

Тамаддуни берун аз Заминро кашф кардани мо оё рост бошад? Мо барои озмоиш формулаи ҷирми хок, яъне ҷисми ҳамон Заминеро, ки ҳаёти мо аз азал он ҷо пайдо шуда ва ҳоло низ ба неъмати он такья дорад, ба шакли радиосигнал рохӣ намудем. Ҷавоб омад, ки рам-

зи мо кашф шудааст. Дар навбати худ онҳо ҳамон гуна формулаи ҷисми сайёраи худро хабар доданд. Хулосае баровардем, ки он сайёраи маскун низ хеле бузург будааст ва қувваи ҷозибааш низ ба қадри кофист.

Ба ҳамин тариқа нахустин маълумотҳо доир ба қонунияти физикӣ радду бадал шуданд, ба ҳамин минвол мо бо соҳибшуурони ғайризаминӣ робита пайвастем.

Ғайризаминиён дар боби вусъат додани равобит бо мо ва бехтар намудани он ҳарифони фаъоле будаанд. Бо саъи онон пайвастагии мо аз маъною мазмуни тоза ғанӣ мегардид. Дере нагузашта, мо огоҳ гардидем, ки эшон чунон аппаратҳои парвозӣ доранд, ки суръаташон баробари суръати нур аст. Ҳаман ин иттилоотро аввал ба тавассути мубодилаи формулаҳои математикӣ ва кимиёвӣ дарьёфтем, сипас ғайризаминиён ишора намуданд, ки ба гуфтушуниди биловосита қодиранд. Маълум шуд, ки солҳои дароз инчониб, аз он айёме ки заминиён қувваи кашиши Заминро рафъ намуда, ба фазои кайҳон баромаданду он чо қароргоҳ ёфтанд, ҳарифон бо кӯмаки аппаратҳои пуриктидори аудокайҳонӣ, яъне асбобҳое, ки метавонанд садои ҷисмҳои дуродури Олами Афлокро бишнаванд, забонҳои моро меомӯхтаанд. Радиоалоқаи байни кайҳон ва Заминро сабт намуда, ба василаи муқоиса ва таҳлил ба дарьёфтани маъноои калима ва ибораҳои мо муваффақ шудаанд. Вақте муколимаи онҳоро ба забонҳои англисӣ ва русӣ шунидем, ба ин дигар шакке намонд. Ин воқеа барои мо боз як кашфи ҳайратангез ва мабҳутгаре буд...

Акнун чанд калима оид ба чизи аз ҳама муҳимтар. Мо ҷуръат намудем ба ин сайёраи тамаддуни ғайризаминӣ сафар кунем. Пайкараи Ҷангалистон будааст номи он сайёра, ба ҳар ҳол мо онро ҳамин тариқа дарк намудем. Сокинони Пайкараи Ҷангалистон, ё мухтасар гӯем, ҷангалистониҳо худ моро даъват намуданд, ташаббус ташаббуси онҳост. Мо хуб андеша карда, розӣ шудем. Ҳарифон гуфтанд, ки аппарати парвозии онҳо, ки бо суръати равшаной рох мепаймояд, ба қароргоҳи мадории мо дар бисту шаш — бисту ҳафт соат мерасад. Ва ҳамин ки мо бихостем, ҷангалистониҳо моро дар ҳамин кадар муддат ба манзили худ боз пас хоҳанд гардонид. Мо оид ба тариқи васли аппаратҳои гуногун савол додем ва онҳо дар посух гуфтанд, ки дар ин бобат мушкиле нест, зеро аппарати парвозии Пайкараи Ҷангалистон қобил аст ба ҳар гуна предмети шакл ва сохташ гу-

ногун ба тарзи герметикӣ бипайвандад. Эҳтимол, ин аз хосиятҳои ҷозибаи электру магнитӣ бошад. Мо тасмим гирифтем, ки аппарати онҳо ба даричаи баромадгоҳи кайҳонии қароргоҳи мо омада ҷафс шавад ва агар мо аз истгоҳи мадориамон ба назди онҳо аз ҳамон ҷо ворид бишавем, аз ҳама беҳтар хоҳад шуд. Нияте дорем, ки маҳз бо ҳамин роҳ ба истгоҳи худ баргардем, албатта ба шарте ки сафари мо ба Пайкараи Ҷангалистон хуш анҷом пазирад...

Инак, мо дар саҳни «Паритет» номаи худро гузоштем. Бихоҳед, онро тавзеҳнома бишморед, ё мактуби кушод, ё мурочиатнома бихонед... Фарқ надорад... Мо хуб мефахмем, ки ба чӣ иқдоме камар бастаем ва бори масъулияте, ки бар дӯш гирифтаем, то чӣ андоза бузург аст. Мо ҳис мекунем, ки тақдир ба мо шароити бағоят беназире ато кардааст то барои навъи башар хидмате ба ҷо оварем. Хидмате ки муҳимтар ва волотар аз он чизе дар тасаввури мо гунҷоиш надорад...

Аммо бояд гуфт, сарфи назар кардани ҳисси масъулият, ҳисси вазифа ва, ниҳоят, интизоми муқаррарӣ кисмати мушкилтарини ин иқдоми мо буд... Оре, осон набуд сарфи назар кардани он чи ки дар ниҳоди ҳар кадоме аз мо оиҳҳо ва қонунҳои дерина ва қоидаҳои ахлоқи ҷамъиятӣ парвариш додаанд. Мо шумо, роҳбарони Мармутидор, ва умуман касеро аз замининён огоҳ накарда, аз нақшаву вазифаҳои худ ба касе ва дар ҳеҷ гуна шаклеву тариқате машварат накарда, «Паритет»-ро тарк мегӯем ва аммо сабаби ин рафтори мо дар он нест, ки қоидаҳои ҳаёти ҷамъиятии Заминро эътиное надошта бошем. Баръакс ин нукта мавриди фикру андешаи азиятоваре буд. Мо ба чунин рафтор маҷбур ҳастем, зеро тасаввур кардан мушкил нест, ки пас аз огоҳӣ ёфтан аз азми мо чӣ гуна қувваҳое ба ҷунбиш хоҳанд омад; мо ҳамон қуввахоро дар назар дорем, ки дар мусобиқаи хоккей холе барзиёд ба даст ояд, дар он ғалабаи сиёсатро мебинанд, афзалиятҳои сохти давлатии хештанро мебинанд; тасаввур кардан душвор нест, ки аз такони ин қувваҳо чӣ кайфиятҳое, чӣ шӯру ҳаракатҳо ва ихтилофҳо ба арсаи амал меоянд. Ҳайҳот, мо воқеияти заминии худро басе хуб медонем! Кӣ зомин шуда метавонад, ки имконияти робита бо тамаддуни ғайризамини барои ҷангу ҷидоли ҷаҳонии заминиён баҳонаи тозае шуда наметавонад?

Дар рӯи Замин аз талоши сиёсӣ канора гирифтан

мушкил ё тақрибан имконнопазир аст. Муддати мадиде — рӯзҳо ва ҳафтаҳои зиёда — дар гӯшаи дури кайҳон мезистем ва курси арз аз ин чо ба назарамон бештар аз чархи автомобиль набуд ва мо бо дарду алам ва ҳасрати очизона фикр мекардем, ки бӯҳрони имрӯзаи энергетикӣ, ки чамъиятро ба изтироби шадиду ба кӯи навмедӣ андохтааст ва баъзе мамлакатҳоро то ба чое расонидааст, ки мехоҳанд бомбаи атомиро ба кор андозанд, ин бӯҳрон ҳамагӣ як муаммои калони техникисту бас. Ба шарте ин мамлакатҳо қобил бошанд, ки бо ҳам ба гуфтугӯ биншинанд ва таъин бикунад, ки чӣ муаммое муҳимтар аз соири масоил аст...

Аз бими он ки вазъи пурхатари замининён боз мустариб ва мураккабтар шавад, мо чуръат намуда, бар дӯши худ масъулияти бениазире гирифтем то аз номи ҳамаи инсоният ба соҳибхирадони ғайризамининӣ мувофики ақида ва виҷдони худ рӯ ба рӯ шавем. Умедворем ва аминем, ки вазифаи ихтиёрии худро бо шараф ба ичро мерасонем.

Ва, ниҳоят, нуктаи охирин. Мо дар лаҳзаҳои фикру андеша ва шубҳаву дудилагиҳои худ хеле изтироб мекашидем то барноман «Демиург»— ин ибтикори бузургтарин дар таърихи замину кайҳонии банӣ-башар, ин нахустин қадам, ки ба мамлакатҳои мо дар бадали солҳои дароз, пас аз беэътимодиҳо ба ҳамдигар, пас аз мадду чазри ҳамкориҳо бо азобу машаққате муяссар гаштааст, зарарс набинад. Бо вуҷуди он ақли солим ёвари мо гардид ва мо ба кори умум мувофиқи тавон ва қобилияти худ ва аз дили соф хидмат кардем. Мо ҳар ду ҷиҳати корро муқоиса кардем ва барноман «Демиург»-ро бинобар вазъияти дар боло зикршуда ба хатар андохтан нахоста, роҳи дигареро пеш гирифтем: «Паритет»-ро муваққатан тарк мекунем, то дар бозгашт ба аҳли Замин аз натичаҳои сафари сайёраи Пайкараи Чангалистон арз намоем. Мабодо абадӣ несту нобуд бишавем ё роҳбарон моро ба идома додани поси худ дар «Паритет» муносиб набинанд, иваз кардани мо кори мураккабе нест. Қормандони даркорӣ ҳамеша ёфт мешаванд, ки шояд аз мо беҳтар адои вазифа намоянд.

Мо ба олами номаълуму ношиносе меравем. Моро ба он сӯ шавқу шаафи дониш ва орзӯи хазоронсолан инсон мебарад, ки мехост зотҳои ба худ монанди соҳибфаросатро дар олами дигаре пайдо кунад ва хирадро бо хирад пайванд диҳад. Лекин ба касе маълум нест,

ки тачрибаи тамаддуни хориҷ аз Замин барои инсоният чӣ хоҳад овард: хайр ё шар? Мо хохем кӯшид, ки мушоҳида ва мулоҳизаҳоямон айнулаён бошанд. Ва агар мо эҳсос кунем, ки кашфиёти мо ба Замини мо хатаре ё кулфате хоҳад овард, мо савганд ёд мекунем дар он сурат зиндагии худро ба тарзе анҷом бидиҳем, ки ба сари Замини мо озоре нарасад.

Ва боз як нуктаи охирин. Мо видоъ мегӯем. Мо аз тирезаҳои қароргоҳамон Замини худро аз каноре назора мекунем. Вай дар баҳри зулмоти коинот чун алмосporae нурфишонӣ мекунад. Ранги нилобии Замин ғоят зебо ва дилрабост ва зодгоҳи мо аз ин ҷо ҳамчун сари кӯдаки навзод заифу нозук метобад. Аз ин ҷо ба мо чунин менамояд, ки ҳаман одамоне ки дар рӯи дунёё зиндагонӣ мекунанд, хоҳарон ва бародарони моанд ва мо зиндагии худро бидуни онҳо тасаввур карда наметавонем ва ҳол он ки мо медонем, ки дар худи рӯи Замин аҳвол чунин нест...

Мо ба кураи арз падруд мегӯем. Баъди чанд соат мадори «Трамплин»-ро тарк мекунем ва дере нагузашта Замин аз дидаи мо берун меравад. Ғайризаминиён— сокинони Пайкараи Ҷангалистон кайҳо ба роҳ баромадаанд. Ҳоло ба мадори мо наздик мешаванд. Ҳамин ҳоло ба қароргоҳи мо хоҳанд расид. Пас аз чанд соати дигар. Дигар мӯҳлати ночизе боқӣ мондааст. Мо мунтазирем.

Ва боз як чиз. Мо барои онлаҳои худ нома навиштаем. Аз ҳаман шумо илтимос дорем, ки ҳар кас ба ин кор дахл дошта бошад, номаҳои моро ба соҳибонашон бирасонад.

P. S. Ба маълумоти онҳое, ки ба чои мо ба «Паритет» меоянд. Дар дафтари ёддошт мо канали доду гирифти сигнал ва басомади мавҷҳои радиоро нишон додаем, ки бо ёрии онҳо бо ғайризаминиён робита баркарор карда будем. Зарурат биафтад, мо ба василаи ин канал бо шумо алока мебандем ва ахборот мерасонем. Аз муколамаҳои радиой бо ҷангалистониҳо ҳамин қадар равшан шудааст, ки асбобҳои истгоҳи мадорӣ ягона воситаи мусоид аст, зеро радиосигналҳое ки аз Коинот бевосита ба Замин фиристода мешаванд, ба монеаи рафънашаванда — қабати тавонои ионии атмосфераи атрофи Замин барҳӯрда, ба рӯи Замин расида наметавонанд.

Вассалом. Мо ба роҳ мебароем. Алвидоъ.

Матни яксони нома ба ду забон — англисӣ ва русӣ тасниф шудааст.

Паритет-кайҳоннаварди 1-2,
Паритет-кайҳоннаварди 2-1.
Истгоҳи мадории «Паритет».

Поси саввум. Шабонарӯзи 94-ӯм.

Расо дар мӯҳлати таъиншуда, дар соати ёздаҳ ба вақти Шарқи Дур ба саҳни киштии ҳавопаймобари «Конвенция» паи ҳам ду ҳавопаймои реактивӣ фуруд омад ва комиссияҳои ваколати махсус доштаро аз ду тараф — тарафҳои америкоӣ ва советӣ оварданд.

Аъзоёни комиссияро қатъиян мувофиқи расмияти қабулшуда истиқбол гирифтанд. Ба онҳо эълон намуданд, ки барои наҳорӣ ним соат вақт дода шудааст. Аъзоёни комиссия мебоист дарҳол пас аз наҳорӣ дар кают-компания ба машварати пӯшида барои муҳокимаи вазъияти фавқулоддае, ки дар истгоҳи мадории «Паритет» рух додааст, ҷамъ меомаданд.

Машварат сар шуд, вале муддате нагузашта, баноҳост қатъ гардид. Кайҳоннавардони муфаттиш, ки дар истгоҳи «Паритет» буданд, ба сафинаи «Конвенция» ба номи Мармутидор ахбори аз паритет-кайҳоннавардони 1—2 ва 2—1 аз Олами Афлоки ҳамҷавор, аз сайёраи Пайкараи Ҷангалистон гирифтаашонро нақл намуданд.

IV

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷоӣ, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Ҳарчӣ ҳам бошад, роҳи қабристони қабилавии наймаиҳо Она-Байт он қадар наздик набуд, сӣ километр меомад, вай ҳам агар ҳар дам ба атроф нигоҳ карда, аз мобайни Сари Озек рост биравӣ.

Едигеи Бӯроиӣ саҳари барвақт аз хоб хест. Ростӣ, дуруст хоб ҳам накардааст. Фақат бомдодон чашмашро ғанаб бурдааст. Пеш аз хоб часади Қазонқопро ба роҳи охирин омода мекард. Одатан ин корро рӯзи дафн, пеш аз ҷаноза мекунанд. Аммо ӯро лозим омад, ки ин корро шабона дар арафаи дафн анҷом диҳад, то ки саҳари барвақт ба роҳ бароянд. Ҳар коре ки лозим буд, бо дасти худаш кард. Фақат Одилбои Дароз барои покшӯй оби гарм мекашонид. Одилбой андаке метарсид ва аз ҷасади марҳум худро дуртар мекашид. Едигей инро пай бурда, гӯё иттифоқан маслиҳат медода бошад, гуфт:

— Ту, Одилбой, вай кун, бадиққат нигоҳ кун. Даркор мешавад дар зиндагонӣ. Одам, ки ба дунъё омад, як рӯз не як рӯз дафн карданаш лозим меояд.

— Ман ина мефаҳмам-куя,— дилу бедилон садо бароварда Одилбой.

— Ман ҳам ҳамина мегӯям. Масалан гирем, фардо ман мурдаму мондам. Кӣ мурдаи мана мешӯяд, гӯру кафан мекунад? Ё ягонта чукурия ёфта метиққонеду тамом?

— Не-е, наход-е!— хичолатомез гуфт Одилбой чароғи дасташро дурусттар дошта ва кӯшиш кард, ки ба часади марҳум наздиктар бинояд.— Шумо муред, мо чӣ кор мекунем? Бехтар ин ки зинда бошед. Лаҳад ба ҳеҷ чо намегуреазад.

Ба мурдашӯӣ тахмин якуним соат рафт. Аммо Едигей аз кори худ розӣ буд. Часади марҳумро топ-тоза шуст, дасту пойҳояшро рост кард, аз матои сафед кафан бурида, мувофики расму ойин Қазонқопро ба ои печонида, дӯхт. Ва дар айни замон ба Одилбой нишон медод, ки кафандӯзӣ чӣ хел мешавад. Сонӣ бо афту андоми худаш машғул шуд. Ришашро тоза тарошид, мӯйлабашро ба тартиб овард. Мӯйлабаш мисли абрӯвонаш анбӯҳу маҳкам буд. Фақат торахои сафед пайдо шуда, рангаш мошубиринч гашта буд. Едигей медальҳои сарбозиашро ҳам аз ёд набароварда, орденҳо, нишонҳои зарбдориашро то ялаққосӣ шуданашон тоза кард, ба сари синаи пичакаш шинонида, барои фардо тайёр карда монд.

Шаб ба ҳамин минвол мегузашт. Едигеи Бӯронӣ ба кори худ худаш ҳайрон буд, ки ҳаман ин корҳоро ба осонӣ ва оромӣ анчом дода тавонист. Пештар ягон кас ба ӯ мегуфт, ки ҳамин гуна кори ногувори хузновар ҳам аз дасташ меояд, бовар намекард. Пас, дар пешониаш навишта шуда будааст, дар такдираш будааст, ки Қазонқопро вай дафн кунад. Ҳа, такдир...

Рӯзе ки онҳо дар истгоҳи Қумбел аввалин бор вохӯрданд, кӣ медонист, ки чиҳо мешавад. Едигейро баъди садаман асаб охири соли чилу чаҳорум аз хизмати ҳарбӣ чавоб доданд. Зоҳиран чор абзораш чоқ буд. Дасту пояш бутун, сараш бутун, аммо гӯё сари худаш нею азони каси бегона барин буд. Дар даруни гӯшҳояш гӯё боди тунди бардавоме хуштак мекашид. Чанд қадам роҳ мерафту банохост мекалавид, сараш чарх мезад, дилаш бехузур мешуд. Баданашро шип-шилта арақ зер мекард, гоҳ араки сард, гоҳ араки сӯзон. Забонаш ҳам баъзан итоат намекард, барои ягон калима гап гуфтан чӣ кадарҳо азоб мекашид. Мавчи таркиши снаряди немис ӯро сахтакак зарба зада буд. Ба куштан накушт, лекин аз он хел зиндагонӣ мурдан бехтар буд. Едигей он вакт бисьёр маъюс буд. Бӯзбалаи афту андомаш дуппа-дуруст, худаш саҳат-саломат менамуд, аммо агар ба хонаи худ, ба соҳили бахри Арал баргардад, чӣ коре аз дасташ меояд? Ба кӣ лозим мешавад ӯ?

Хушбахтона, духтури ачоибе дучораш омад. Едигей чеҳраи ӯ, чеҳраи марди сурхмӯи қавипайкари чашму биникалони яктаҳу каллапӯши сафед дар бар кардаро ҳанӯз гӯё дар пеши назар мебинад. Вай ӯро табобат ҳам накардааст, танашро муоина кард, ба нафаскашиаш, тапиши дилаш гӯш дод ва ба сари китфаш хушҳолона тап-тап заду хандид.

— Медонӣ, чӯрачон,— гуфт ӯ,— ба қарибӣ чанг тамом мешавад, набошад, пас аз муддате туро ба сафи армия бармегардонидам, боз дар катори рафиқонат истода меҷангидӣ. Лекин, майлаш, ту нарав. Навъе карда, бе ту ҳам ба ғалаба мерасем. Аммо ту ғаму ғуссая аз дилат бароварда парто, баъди як сол, ҳатто як сол буд нашуда, саҳат-саломат, гови гардун барин бардаму бакувват мешавӣ. Қавли ман ба ту хамин, ягон вакт ба ёд меорӣ. Ҳозир лашу лушата ғундор, бирав ба диёрат. Парво накун, ту баринҳо сад сол умр мебинанд.

Рост гуфта будааст хамон духтури сурхмӯй. Айнан гуфтаи вай шуд. Албатта, як сол ба даҳон осон. Аз госпиталь шинели ғичим дар тан, кӯлворе дар пушт бо бағаласое ба ҳар эҳтимол дар даст баромада, ба кӯчаҳои шаҳр даромад. Ба назараш чунон менамуд, ки ба чангали касногузар афтодааст. Сараш ғуввос мезад, пояш меларзиданд, пеши чашмашро сиёҳӣ мегирифт. Дар вокзалҳо, каторҳо гӯё замин кафида одам барода буд ва касеро ба касе кор набуд. Ҳар кас зӯр бошад, дигареро ба як сӯ тела дода, худаш пеш мегузашт. Бо вучуди он навъе карда, ба манзил расид. Кам не, мӯл ҳам не, баъди як моҳи оворагиҳо катор ба истгоҳи Аральск расид. «Панҷсадӯми шодмон» лақаб дошт он катори ғалатӣ, илоҳо, саворӣ ба ин гуна каторҳо хеҷ гоҳ ба сари фарзанди одам наафтад...

Аммо он вақтҳо ҳамон катор ҳам моян хушҳолӣ буд. Едигей аз вагони баланд фуруд омаду ҳайрон шуда истод. Атроф тип-торик, фақат чо-чо чароғҳои хираи истгоҳ милт-милт метофтанд. Боди тунде мевазид. Ҳа, ӯро маҳз ҳамин бод истиқбол гирифта буд. Боду ҳавои днёри азизаш, боду ҳавои баҳри Арал! Ба машомаш бӯи об расид. Он рӯзҳо об наздик буд, шарфаи мавҷҳояш дар паҳлӯи роҳи оҳан шунида мешуд. Ҳоло бо дурбин нигарӣ, базӯр мебинӣ...

Едигей бо ҳаловат нафас мекашид. Аз самти даштҳои он сӯи Арал бӯи нозуки явшони порина, наҳҳати хоси аввали баҳор мерасид. Чӣ хуш аст дидори диёр!

Едигей истгоҳи роҳи оҳан ва қасабаи назди онро бо тангкӯчаҳои каҷмакаҷаш хуб медонист. Вай ба хонаи ошнохояш мерафт, то шабро гузаронида, сахарӣ ба сӯи овули мохигирон — Чонгелдӣ, ки хеле дур буд, рох пеш бигирад. Ба мӯзахояш лой мечаспид. Худ нафахмида монд, ки чӣ тавр тангкӯчае ба поён расиду ӯ ба канори қасаба, ба лаби баҳр баромад. Едигей ғайри ихтиёр ба соҳил наздик шуд. Ба рӯи реги тар расида қарор гирифт. Баҳр дар оғӯши торикӣ мехобид ва онро фақат аз рӯи партави хиратобаш, аз теғаи мавҷҳои даванда, ки тарҳҳои на чандон равшанашон бо ғулғулае пеш омада, дарҳол нопадид мегаштанд, пай бурдан мумкин буд. Бомдод наздик буд ва моҳи танҳо дар осмони баланд дар паси абрпорае сафед метофт.

Мана, ба дидори баҳр ҳам расид Едигей.

— Ассалом, Арал, — пичирросзанон гуфт ӯ.

Сонӣ ба рӯи санге нишаста, тамоку дуд кунонид,

гарчи духтурхо маслихат дода буданд, ҳоло ки нотоб аст, тамоку накашад. Сонитар ӯ ин одати бадро тарк намуд. Аммо он вакт чӣ кор карданаш, чӣ тавр зиндагони карданашро намедонист, зарари тамоку ба назараш намерасид. Барои баромадан ба миёнаи баҳр дастони тавоно лозим, миёни бакувват даркор ва аз ҳама мухимтараш сар бояд солиму саломат бошад, ки ба талотуми баҳр тоб оварад. Пеш аз чанг ӯ мохигири хунарманде буд. Акнун чӣ? Кист акнун вай? Инвалид гӯй, инвалид не, сихат гӯй, сихат не. Ва пеш аз ҳама сараш ба касби мохигирӣ акнун кор намедиҳад. Ин рӯз барин равшан.

Едигей акнун аз чои худ бархостанӣ буд, ки аз кучое дар соҳил як саги сафед пайдо шуд. Вай лаб-лаби об лӯк-лӯккунон медавид. Гоҳ-гоҳе карор мегирифту реги тарро озмоишкорона бӯй мекашид. Едигей ӯро ба назлаш хонд. Саг натарсида пеш омад, ба паҳлӯи Едигей расида, думашро ликконид. Едигей гардани сермӯи ӯро навозишкорона сила кард.

— Ту аз кучо пайдо шудӣ, а? Аз кучо меоӣ? Хӯш, номат чист? Арслон? Йӯлбарс? Бӯрибосар?[1] Ҳа-а, фаҳмидам, ту аз соҳил мохӣ мечӯӣ. Э офарин, боракалло. Лекин охир мавчи баҳр на ҳар рӯз мохии мурдаро ба соҳил бароварда мепартояд. Чӣ илоҷ? Давидан лозим меояд. Барои ҳамин ҳам ин кадар лоғар шудаӣ. Ман, ошно, ба хонаам равонаам. Аз наздикии Кенигсберг меоям. Ба ин шаҳр боз андак монда буд, якта снаряд омада дар паҳлӯям таркиду мана чунон бардошта ба замин зад, ки базӯр зинда мондам. Ана акнун ман гаранг, намедонам чӣ кор кунам. Ба чӣ ин хел нигоҳ мекунӣ? Ягон чиз надорам, ки ба ту диҳам. Фақат орденҳо дорам, медалҳо... Чанг давом мекунад, ошно, дар ҳама чо қаҳтӣ, гуруснагӣ. Набошад ман мумсик не.... Исто, ин чо чанд дона ҳалвои обаки дандон буд, барои писарчаам мебарам, вай калон шудааст, ба хаёлам, ҳоло дав-давон шудагист...

Едигей ҳавсала карда даҳони кӯлбори нимхолиашро кушод. Он чо як каф ҳалвои ба коғазпорае печонида-шуда, рӯймолаке барои занаш буд, ки аз истгоҳи сари рох аз даст харида буд. Боз ду кулча собун, ки низ аз чаллобон харидааст. Дар кӯлбор курта-эзори сарбозӣ, тасма, пилотка, гимнастёркаи дуввум ва шимашро

---

[1] Шер, бабр, гурггир.

эхтиёт карда буд. Буду шуди сарбоз ҳамин буду бас.

Саг ҳалворо аз кафи ӯ лесида гирифту қисирросзанон хоида фурӯ бурд ва дум ликконида, чашмони аз нури умед рахшонтар гаштаашро бо диққат ба рӯи ӯ дӯхт.

— Шуд, ошно, акнун ман рафтам.

Едигей аз ҷой бархосту лаб-лаби баҳр ба роҳ даромад. Вай ахд карда буд, ки шиносони сокини истгоҳро ташвиш надиҳад. Бомдод наздик буд, фурсатро нагузаронида, ба овули худ Ҷонгелдӣ бояд бирасад.

Вай аз сохил дур нашуда, роҳ мепаймуд ва фақат чоштгоҳӣ ба Ҷонгелдӣ расид. Пеш аз садама хӯрданаш ин масофаро дар ду соат тай мекард. Хабари мудҳише Едигейро ин чо мунтазир буд. Маълум шуд, ки писаракаш кайҳо чашм аз олам пӯшидааст. Вақте ки ӯро ба фронт фиристоданд, кӯдак нимсола буд. Бача ёздаҳмоҳа шуду мурд. Ба дарди сурхча гирифтор шуду ба табу сӯзи дарунӣ тоб оварда натавониста нобуд шуд. Ба падараш дар ин хусус хабар надоданд. Ба кучо нависанд, барои чӣ? Мусибати майдони ҷанг бе ин ҳам бехадду хисоб. Зинда баргардад, худаш мефахмад. Месӯзад, мепазаду ба тақдир тан медиҳад. Хешовандон ба хамин қарор омаданд ва ба Укубала маслихат доданд, ки ба шавҳараш маълум накунад. Шумо, гуфтанд, холо ёш, ҷанг тамом шавад, худо, хоҳад, боз фарзанд мебинед. «Шохи чанор шиканад, боқе нест, тана бутун бошад». Боз мулоҳизаҳои дигари ногуфта ҳам будаанд, ки ҳама медонистанд, мефахмиданд: майдони ҷанг-дия, мабодо ҳодисае шавад, мабодо тире расад, дар дами вопасин аз дуньёи равшан ноумед намеравад, дар дилаш мегӯяд, ки аз ман ҳам якта нишона мондааст...

Укубала бошад, шавҳари баргаштаашро аз оғӯш раҳо накарда, беист мегирист ва мегуфт, ки ба талаф шудани кӯдак худам зомин. Охир вай ин рӯзро кайҳо боз бо умед ва дарду хасрати бепоёну пуразобе мунтазир буд. Бо ашки шашқатор нақл мекард, ки пиразанҳо ӯро даррав огоҳ карданд, ки бача сурхак баровардааст, ин дард хеле фиребанда аст, кӯдакро ба кӯрпаи гарми пашми уштур печонида, дар хонаи торик нигоҳ доштан даркор, мӯлтар оби чӯши хунуккарда додан лозим. Умраш боқӣ бошад, ба таби баланд тоб оварда тавонад, худо хоҳад, зинда мемонад. Аммо вай, чавонзани шӯрбахти бебарор, ба гапи пиразанҳои овул гӯш

наандохт. Аробаи ҳамсояро талабида, кӯдаки нотобро ба истгоҳи роҳи оҳан, ба назди духтур бурд. Савори он аробаи шалақ то ба Аральск расиданд, ки кор аз кор гузашта буд. Писарак дар роҳ сӯхта адо шуд. Духтурзан ӯро сахт кохиш намуд. Ба маслиҳати пиразанон гӯш кардан лозим буд, гуфт...

Едигей аз остона нагузашта, ана ҳамин хел шумхабар мунтазираш буд. Фиғонаш ба осмонҳо печид, тану чонаш сӯхту фақат хокистар нашуд. Вай хеч гумон намекард, ки доғи фарзанд, хатто нахустинфарзанде ки барои парасториаш фурсати казой надошт, ин қадар дилфигор мешудааст. Ва аз ин сабаб аламаш боз дучандон мегардид. Хандаи беғубор ва маъсумонаи тифли бегуноҳ хар дам пеши назараш меомаду дилаш реш-реш мешуд.

Оғози мусибат ана ҳамон соати нахс буд. Соҳй рафта-рафта аз овул дилаш хунук шудан гирифт. Як замонҳо дар ин пуштаи серреги лаби бахр такрибан панчох хонавода одамон мезистанд. Касбу корашон мохигирй буд. Ба як артель муттахид шуда, аз касби худ ризқу рӯзй медиданд. Ҳоло дар доманаи тал фақат дах кулбаи гилй монда буд. Аз мардина ному нишоне намондааст, ҳамаро чанг ба комаш кашидааст. Чанд нафар пирамард ва писараконе мондаанд, ки ангуштшумор буданд. Қисми зиёди онҳо ба овулҳои колхозй, ба фермаҳои чорвопарварй пароканда шуда рафтаанд, то аз гуруснагй намиранд. Артель тамом шудааст. Касе намондааст, ки барои мохигирй ба паҳнои бахр баромада тавонад.

Укубала ҳам дар асл аз қабилаҳои бодиянишин буд ва метавонист ба пеши хешовандонаш биравад. Онҳо ба наздаш омаданд, гуфтанд, ки туро ҳамрохамон мебарем. Дар ин солу замонаи пурфалокат, гуфтанд хешовандонаш, ҳамроҳи мо бош, Едигей аз фронт баргардад, боз ба пеши моҳигиронат, ба ҳамин Чонгелдиат меой, мо туро баста наемемонем. Аммо Укубала не гуфт: «Шавҳарамро интизор мешавам. Писаракам нобуд шуд. Падараш соғу саломат баргардад, ақаллан занашро аз хона дарьёб карда тавонад. Ман ин чо якқаву танҳо нестам, хурд хаст, калон ҳаст, бо онҳо даст ба даст мекунам, дар қатори кӯп мегардам».

Нарафтани Укубала дуруст буд, лекин Едигей аз рӯзи якуми омаданаш ҳар дам ба такрор мегуфт, ки токати ин чо мондан надорад, дар соҳили бахр бекор-бе-

кор гашта наметавонад. Андешан Едигей хам дуруст буд. Ба дидани Едигей хешу табори Укубала омаданд. Онхо талаб мекарданд, ки зану шӯ ба овули мо биоед. Муддате дар даштҳои мо, дар пеши рамаҳо зиндагонӣ мекуни, мегуфтанд ба Едигей. Хамин ки танат андак кувват гирифт, бо ягон кор машғул мешавӣ, гӯсфандчарони аз дастат меояд... Едигей арзи миннатдорӣ мекарду розӣ намешуд. Дар замири дил хис мекард, ки ба онҳо сарбори мешавад. Дар хонаи хешовандони зан ду рӯз, се рӯз меҳмон шудан мумкин. Аз дастат ягон кор наояду аз ин зиёд бимонӣ, малол мерасад.

Ва Едигею Укубала қарор доданд, ки таваккал гуфта, ба рохи оҳан ба кор бираванд. Наход барои Едигей ягон кори муносиб ёфт нашавад, мегуфтанд онҳо байни худ. Дар гӯшае ё дидбон ё посбон таъин мекунанд, ё мефармоянд, ки вазифаи ту дар фалон гузаргоҳ кушодану пӯшидани шлагбаум аст. Наход ба инвалиди фронт дасти мадад дароз накунанд?

Бахорон буд, ки ба роҳ баромаданд. Хар ду чавон буданд, дасту пояшон ҳанӯз озод буд. Аввалхо дар истгоххо шабро рӯз мекарданд. Аммо кори муносиб ҳамчунон ёфт. намешуд, ки намешуд. Масъалаи сарпаноҳ аз он мушкилтар буд. Дар чои ростомада хоб мекарданд, ҳар гуна супоришхои тасодуфиро дар рохи оҳан ичро мекарданд. Чавонзани бақувват будани Укубала кор медод, қисми зиёди корро вай ба сомон мерасонид. Едигейро, ки зоҳиран марди солим менамуд, ба фаровардан ва бор кардани ҳар хел борҳо киро мекарданд, аммо корро Укубала мекард.

Ана ба хамин тарика рӯзе аз рӯзҳои мобайни фасли баҳор онхо ба истгохи бузурги Қумбел афтоданд. Корашон ангиштфарорӣ буд. Вагонҳои пур аз ангиштро бо роххои эҳтиётӣ ронда, рост ба ҳавлиҳои паси депо меоварданд. Дар ин чо ангиштро аввал ба замин мерехтанд, то ки платформаҳо зудтар холӣ шаванд. Сонӣ онро ба занбарғалтакҳо кашонида, боло мебароварданд ва аз ангишт хонаҳо барин теппаҳои калон-калон месохтанд. Хулоса, ангишти яксоларо захира мекарданд. Ин кори басе вазнин ва сиёҳу чиркине буд. Аммо чӣ илоч? Зиндагӣ кардан лозим. Едигей бо бели калон ба занбарғалтак ангишт мепартофт. Укубала аробачаро рӯй-рӯи тахтахо тела дода, боло мебароварда ва дар он чо холӣ карда бармегашт. Боз Едигей занбарғалтакро пур мекард ва боз Укубала бори гарони аз

ҳадди тавони ҷан берунро мисли аспи хастан боркаш зӯр зада боло мебароварад. Ҳаво торафт гармтар мешуд ва аз ин гармо ва аз чанги ғализи ангишт Едигей нафастанг шуда, дилаш бехузур мегардид. Ҳис мекард, ки дигар мачоли чунбидан надорад. Мехост, ки худро ба замин, ба рӯи ангиштӯда андозад ва дигар ҳеҷ гоҳ аз чой барнахезад. Вале аз ин ҳам бештар вай аз он азоб мекашид, ки занаш дар миёнаи абри гарди ангишт нафасгардон шуда, бояд кореро анҷом бидиҳад, ки он дар асл кори ӯст. Машаққати бузурге буд барои ӯ дидани ҳоли занаш: Укубала сар то по оғуштаи хокаи ангишт буд, фақат сафедаи чашм ва дандонҳояш аранг-аранг ба назар мерасид. Аз сару рӯяш чӯйчаҳои сиёҳи оби ангиштолуд чорӣ шуда, ба гардану сина ва тахти пушташ метаровид. Агар дар тани Едигей қувваи пешинааш мешуд, магар мегузошт, ки занаш ба чунин ҳоле бирасад? Дах вагони ин ангишти зормондаи лаънатиро яккаву танҳо мекашонд, то азоби занашро набинад!

Онҳо овули худ, овули бекасмондаи мохигирон Чонгелдиро видоъ мегуфтанду дар дил умеде доштанд, ки барои Едигей, барои ин ҷанговари мачрӯҳ ҳам ягон кори муносиб ёфт. мешавад. Аммо онҳо намедонистанд, ки ҳама чо, ҳама гӯшаи диёр аз ин гуна фронтиёни ярадор пуропур гаштааст. Ва ҳаман онҳо мебоист аз сари нав ба зиндагонӣ одат бикунанд. Хайрият, Едигей дасту пои бутун дошт. Чӣ қадар маъюбу маслукҳо — мардони бе пой, бедаст бағаласою поҳои чӯбинашонро кашола карда, дар истгоҳҳо ва қаторҳои роҳи оҳан мегаштанд. Гоҳо Едигей ва Укубала дар бинои аз одам моломол ва бадбӯи истгоҳе аз канорае чой гирифта, шабҳои дарозро рӯз мекарданду Укубала дар дил ба даргоҳи худованд шукрона мегуфт. Сипосгузорӣ мекард, ки шавҳараш зинда мондааст, мана дар паҳлуяш нишастааст ва ҷанг ӯро, хайрият, ба андозае маъюб накардааст, ки дигар бедавою бедармон бошад ва диданаш бароӣ кас даҳшатовар бошад. Манзарае ки Укубала дар истгоҳ медид, ӯро азият медод ва ба даҳшат меандохт. Одамони бепо, бедаст, шикаставу маслуку сар то по пур аз осори захму садамаҳо шинельҳои фарсуда, либосҳои дарида дар бар, савори аробачахо ё асо дар бағал мегаштанд, ё нобиноҳое, аз паси асокаши худ мехазиданд, одамони бесарпаноҳ ва бехонумоне ки истгоҳҳо ва қаторҳоро пур кардаанд, худро ба ошхонаҳо ва буфетҳои роҳи оҳан зада, фазоро аз фарьёдҳои мастона ва гирья-

ву фирон ба ларза меандохтанд... Чӣ рӯзе, чӣ рӯзгоре хар кадоме аз ононро дар пеш аст? Он чизеро ки такдир махрумашон кардааст, кӣ ва чӣ тариқа пас медихад? Бебозгашт рафтаро кӣ метавонад бозгардонад? Ва факат ба ивази он ки чунин рӯзи сиёх ба сари ӯ нафтодааст (ва хол он ки метавонист ба сари ӯ низ бияяд), ба хотири он ки шавхараш садама хӯрда бошад хам, бо даст пои бутун баргаштааст, Укубала хозир буд хаман корхои пурмашаққаттарини оламро ба танхой адо намояд. Ва ин буд, ки шиква намекард, оху вох намегуфт ва хатто даме ки барои харакат додани пояш мадоре надошт, хатто лахзае ки гӯё факат рамаке ба чонаш монда буд, чунон вонамуд мекард, ки вокеае рух надодааст...

Аммо Едигейро аз чонбозихои зан хол сабуктар намешуд. Дар дилаш мегуфт, ки тадбире бояд андешид, чои худро дар ин рӯзгор бояд муайянтар кард. Охир, хаман умр дарбадару овора гашта намешавад-ку. Ва ба сараш дам ба дам чунин хаёле меомад, ки таваккал гуфта, ба шахр равад, чӣ мешуда бошад? Ба ӯ саломатиаш баргардад, садаман сабилмонда даст аз гиребони ӯ бардорад, кифоя аст. Дар он сурат ӯ боз кору кӯшишу талошхо мекард... Дар шахр хам, албатта, кор метавонад хар гуна ранг бигирад, эхтимол ки онхо ба мисли бисьёр одамони дигар шахрӣ шуда мерафтанд, лекин амри такдир дигар будааст. Оре, он вокеа махз бо амри такдир вобаста буд, дигар чӣ хам мегӯй...

Рӯзхое ки онхо дар истгохи Кумбел кашонда тӯда кардани як вагон ангиштро посира гирифта буданду барои анчом додани ин кор азоб мекашиданд, дар анбори ангишти паси депо як казоки уштурсаворе пайдо шуд, ки аз афташ бо кору бори худ аз кадом даште омада буд. Ха, аз афту андомаш хамин хел менамуд. Мардак ба пои уштур ишкел андохту онро ба рӯи хавлӣ ба чаро сар дод, сипас худ чуволи холиеро зери бағал гирифта, бо хавоси парешон ба хар сӯ нигоххо афканда, ба роҳаш равон шуд.

Вакте ки аз қарибии Едигей мегузашт, ба ӯ мурочиат кард:

— Хой додар, барака ёвӣ, ба уштури ман гоҳ-гоҳ нигоҳ кун, бачахо чаққа нашаванд. Як одати бад доранд онхо, моли бесоҳибро бинанд, озор медиҳанд. Баъзан барон дилхушӣ шуда, ишкели пояшро кушода сар медиҳанд. Ман зуд меоям.

— Хайр, бирав, нигоҳ мекунам,— ваъда дод Едигей як дам аз белзанӣ даст бардошта ва араки сару рӯяшро бо латтаи сиёҳӣ аз намӣ гаронгашта пок карда.

Аз сару рӯяш беист арақ мешорид. Вай ҳамчунон дар паҳлӯи ғарами ангишт истода, ба замбарғалтак ангишт мепартофт. Барои он ки бачаҳои шӯхи истгоҳ уштурро безор накунанд, гоҳ-гоҳе дар мобайни кор ба он сӯ як назар афканданаш кифоя буд. Боре вай ҳазлу бозиҳои беадабонаи онҳоро дида буд. Чонвари бечорарро ба ҳолате расонданд, ки вай ҳам бо хашму ғазаб наъра кашида ва ба ҳар сӯ кафки дахонашро пош дода, аз дунболи бачаҳо медавид. Онҳо бошанд, аз ин вазъи ҳайвон бештар ба вачд омада, монанди шикорчиёни замонҳои ибтидой бо ҳаёҳуи гӯшкаркуне чонварро ихота карда, ба сару тани вай сангу чӯб меғурриниданд. То бозомадани соҳибаш чонвари бегуноҳ ба ҳоле расида буд...

Ин дафъа низ, гӯё касдан бошад, як даста писарбачаҳои сергавғои пойлучу сарлуч пайдо шуда, ба тӯббозӣ сар карданд. Ва тӯбашонро бо тамоми қуввате, ки доштанд, ба чониби уштури побанд мезаданд. Уштур аз онхо гурехтанӣ мешуд, вале онҳо ба шикаму паҳлӯҳои вай боз сахттару чолоктар тӯб мезаданд. Ва оне ки тӯбаш ба нишон расид, гӯё ба дарвозаи ҳариф гол зада бошад, фарьёди шодмонӣ мекашид.

— Ҳой, бачаҳо, чаро ба чонвари безабон мечакед? Ку, зудтар аз ин чо биравед! — бели худро дар ҳаво алвонч дода гуфт Едигей.— Ман ҳозир шуморо!..

Бачаҳо каме қафо нишастанд, гумон карданд, ки соҳиби уштур, аз афти кор, ҳамин мардак аст, ё худ намуди марди бел бадаст басо ҳавлангез буд. Мабодо ки ба замми ин вай боз маст ҳам бошад, дар он сурат кор тамом чатоқ мешавад, гуфтанд дар дилашон бачаҳо ва тӯбашонро зада-зада, дуртар гурехтанд. Онҳо намедонистанд, ки ба тӯбу уштурбозии онон касе халал расонида наметавонист. Едигей фақат ба номаш бели худро боло бардошта, таҳдид карда буд, аммо дар амал барои таъқиб кардани бачаҳо мачоле надошт. Барои як бел ангиштро бардошта, ба занбарғалтак партофтан вай сиву ду рагашро якчоя карда зӯр мезад. Ҳаргиз гумон надошт, ки заифу нотавон ва нотоб будан то ин дарача бад аст, зиллатовар аст. Сараш мутасил чарх мезад. Ба обу арақ ғарқ шуда, бо азобе кор мекард, чанги ангишт нафастангаш менамуд, бал-

ғами сиёҳи дурушт синаашро фишор медод. Укубала гоҳ-гоҳе мекӯшид, ки қисми зиёдтари корро ба зимман худ бигирад, то шавхараш муддате истироҳат кунад, дар каноре нишаста биосояд. Занбарғалтакро худаш аз ангишт пур карда, худаш ба сари ғарам тела дода мебароварад. Аммо Едигей ба дидани азобу машаққати зан тоб оварда наметавонист, калавида-калавида, аз чояш бармехост ва кори худро давом медод...

Дере нагузашта соҳиби уштур чуволи худро пуштора карда омад. Борашро дар болои уштур гузошта баст ва пеш аз рафтан ба назди Едигей омад то ду даҳан арзи сипос намояд. Банохост сӯҳбаташон авҷ гирифт. Ин мард Қазонқоп буд, ҳамин Қазонқоп, коргари роҳи оҳан аз дуроҳаи Бӯронӣ...

Онҳо ҳамдиёр баромаданд: Қазонқоп гуфт, ки зодгоҳи вай ҳам яке аз овулҳои соҳили Арал аст. Ин хол ба зудтар унс гирифтанашон кӯмак кард.

Дар он соат ҳанӯз ба хаёли касе намеомад, ки ин мулоқот ҳаман зиндагонии минбаъдаи Едигею Укубаларо дигаргун месозад. Қазонқоп пас аз андаке сӯҳбат ҳардуро розӣ кунонид, ки ҳамроҳи вай ба дуроҳаи Бӯронӣ бираванд ва дар ҳамон чо монда, зиндагонӣ кунанд. Тоифае ҳаст, ки баробари дида шинос шудан дили касро ба худ моил мекунад. Ягон хислати ғайриоддие надошт Қазонқоп, баръакс рафтори оддиаш шаҳодат медод, ки хирадмандии ӯ аз сабақҳои гарони зиндагонӣ ҳосил шудааст. Зоҳиран як марди соддаи қазоқ буд, сару либоси рангпаридае дошт, ки аз бисьёр пӯшидан ба пайкараш сахт нишаста буд. Шалвори аз пӯсти ош додашудаи буз дӯзондааш барои уштурсаворӣ бисьёр соз буд. Аён буд, ки ба қадри либос мерасад: фуражкаи расмии коргари роҳи оҳан, ки одатан барои сафарҳо эҳтиёт мекард, каллаи калонашро зеб медод. Мӯзаи хромаш солҳои зиёд хидмат карда бошад ҳам, бо вуҷуди дарбеҳу кӯкҳои бисьёраш тоза ва озода менамуд. Аз чехраи дар офтобҳои сӯзон ва бодҳои муттасили биёбон обутоб ёфта ва аз дастони серрагу паяш маълум буд, ки мукими дашту биёбон аст. Китфи тавоноюш аз меҳнату машаққат пеш аз мӯҳлат андаке хамида буд ва аз ин сабаб гарданаш гардани ғози нар барин дароз менамуд, гарчанде аслан марди миёнақаде буд. Чашмонаш бисьёр ачоиб буданд — чашмони меши, нигоҳашон пур аз маъно, эътиною эътибор ва табассуми навозишкор ва ҳанго-

ме ки нимбозу нимпӯш шуда, ба касе назар медӯхтанд, дар атрофашон ожангҳои реза тӯр мебастанд.

Қазонқоп ҳамон вақт тақрибан чилсола буд. Балки мӯйлаби кӯтоҳ қайчӣ зада ва риши на чандон калони сияҳтобаш ӯро қадаре солхӯрдатар нишон медоданд. Аммо бештар аз ҳама нутки бамулоҳизааш ба ҳамсӯҳбатон ҳисси эътимод талқин мекард: Дар дили Уқубала ба ин шахс дарҳол ҳиссиёти эҳтиром пайдо шуд. Ҳар чизе ки ӯ мегуфт, бамавқеву бачо буд, зеро суханҳои оқилона мегуфт. Модоме, мегуфт, ба сарат ин хел рӯзи сахт омадааст, модоме осори садама аз баданат дур нашудааст, бар зарари сиҳатӣ кор кардан чӣ лозим? Ман, Едигей, ҳоли туро даррав пай бурдам. Ба ин кор зӯри ту намерасад. Ту ҳоло барои ин хел корҳо қувват надорӣ. Дасту поятро базӯр мечунбонӣ. Хозир бояд бо ягон кори сабук машғул бошӣ, дар ҳавои кушод гардӣ, шикамсерӣ шири тоза биошомӣ. Мана, мисол гирем, дар дуроҳаи мо барои таъмири рох одам намерасад. Сардори нави дуроҳа дар ҳар маврид мегӯяд, ки ту, Қазонқоп, дар ин чоҳо кӯҳнатарин сокинӣ, одамони ба мо даркориро бояд ту даъват кунӣ. Лекин одами коргара аз кучо меёбӣ? Ҳама дар чанг. Барои онҳое, ки аз фронт озод шудаанд, дар дигар чойҳо хам кор ёфт мешавад. Рости гап, чоҳои мо бихишт намегӯям. Чор тарафамон — дашти Сари Озек, на об хаст, на одам. Ҳар ҳафта як бор обро цистернакатӣ меоранд. Баъзан мешавад, ки аз як ҳафта гузашта мераваду аз об дараке нест. Ҳа, ин тавр хам мешавад. Он гоҳ ба дашт баромада, ба сари чоҳҳои кӯҳна рафтан лозим меояд. Сахарӣ аз хона мебарой, аввали шаб чанд саночро пур карда, об меорӣ. Сари Озек чои хилват бошад ҳам, мегуфт Қазонқоп, дар ҳамон чо як сарпаноҳе дошта бошӣ сад бор авлотар аст, ки ин хел сарсону дар ба дар бошӣ. Ягонта кулба ёфт мешавад, кори доимӣ ёфт мешавад, чӣ тавр кор карданро ёд медиҳем, оҳиста-оҳиста соҳиби рӯзгор шудан мумкин. Ин тарафаш ба худи кас вобаста. Дукаса шуда кор кунед, ба рӯзгоратон мерасад-дия. Дере нагузашта, мебинӣ, ки саломатӣ ҳам аз нав баркарор шудааст. Он тарафаша дида арз мекунем, ба дилатон занад, ба ягон чои беҳтар мераведа...

Ана ҳамин хел гапҳо мегуфт Қазонқоп. Едигей фикр карда истод-истоду розӣ шуд. Худи ҳамон рӯз ҳамроҳи Қазонқоп ба дашти Сари Озек, ба сӯи дуро-

ҳаи Бӯронӣ роҳ пеш гирифтанд. Хусусан, ки барои ғундоштани чизу чора ба Едигею Укубала вақти зиёд лозим набуд. Аз мо чӣ меравад, рафта бинем, ку, чӣ хел чое будааст, гуфтанд онҳо байни худ. Баъдтар маълум шуд, ки ба он чо тақдиру насибашон кашида будааст.

Рохи дашти Сари Озек аз Кумбел то Бӯронӣ як умр дар хотири Едигей нақш бастааст. Аввал қад-қади рохи оҳан мерафтанд, сонӣ оҳиста-оҳиста ба тарафи чап гаштанд. Қазонқоп шарҳ дод, ки онҳо рохро миёнбур ва тақрибан дах километр наздиктар мекунанд, чунки дар пеш ҳавзаи калони хушке ҳаст, ки дар чои кӯли бузурги обаш шӯр як замонҳо пайдо шудааст ва рохи оҳан аз гирди он ҳавза давр зада мегузарад. Аз таки он ҳавза то имрӯз намак ва захи ботлоқӣ ба рӯй мезанад. Хар сол баҳорон он хамвории сернамак аз барфу борон нарм шуда, касногузар мегардад, вале то оғози тобистон намак боз хушк шуда, то баҳори оянда ба қабати сангвор сахти сап-сафед табдил меёбад. Дар ин чоҳо як замоне вучуд доштани кӯли калони обаш намакинро ба Қазонқоп Елизарови геолог, тадқиқгари даштҳои Сари Озек накл карда будааст, ки баъдтар Едигеи Бӯронӣ ҳам бо ӯ дӯсти наздик шуда буд. Шахси хирадманде буд он геолог.

Инак, Едигей, ки ҳанӯз Едигеи Бӯронӣ ном нагирифта буд, балки як қазоқи аралӣ, як чанговари яродори аз фронт баргаштаи зиндагониаш бесару сомоне буд, ба суханҳои Қазонқоп — ин коргари тасодуфан вохӯрдаи рохи оҳан бовар карда, хамрохи занаш ба чустучӯи кор ва сарпаноҳе ба дурохаи дур ва ношиноси Бӯронӣ мерафт. Мерафту дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, ки тамоми умр дар он манзил хохад монд.

Масохати бузургу нопайдоканори Сари Озек, ки фақат баҳорон ба муддати кӯтоҳе чоман сабз мепӯшид, Едигейро моту мабхут гардонид. Дар атрофи Бахри Арал низ даштҳо, биёбонҳо хастанд. Хамвории Усть-Урт худ як биёбони беканорест. Аммо Сари Озек барин дашти паҳноварро нахустин бор медид. Ва чунон ки Едигей сонитар дарьёфт, дар оғӯши сукунати Сари Озек фақат касе танҳо ба танҳо монда метавонист, ки ба шаҳомати биёбон дилу дидаи худро баробар гузошта тавонад. Оре, Сари Озек бехадду канор аст, аммо тафаккури инсон кодир аст ҳамин масоҳатро низ фаро бигирад. Шахси хирадманде буд Елизаров, он чизеро

ки дар хаёлоту фарзияҳои норавшан шакл мегирифт, шарҳ дода метавонист.

Кӣ медонист, ки агар Қазонқоп ҳамроҳ намебуду пешопеши уштур инони онро гирифта қадам намезад, бо мурури пеш рафтан ба дарунтари дашти беканор ҳоли Едигею Укубала чӣ мешуд? Едигей уштурсавор буд. Албатта, ба уштур Укубала мебоист савор мешуд. Аммо Қазонқоп ва хусусан Укубала хоҳиш карданд, хатто мачбур намуданд, ки ба уштур вай савор шавад: «Мо сахат-саломатем, аммо ту бояд худатро эҳтиёт кунӣ, бахс накун, фурсат танг, роҳ дур аст...» Уштур уштури чавон буд, ҳанӯз ба бори гарон тоб оварда наметавонист, бинобар ин яке савор шуду ду нафар аз паҳлӯяш пиёда мерафтанд. Қаранори ҳозираи Едигей мешуд, ҳар сеяшон савор мешуданд ва хеле тезтар — дар севунимчаҳор соат ба манзил мерасиданд. Аммо он рӯз онҳо ба Бӯронӣ факат дар поси дуввуми шаб расиданд.

Лекин роҳи дуру дароз дар зимни сӯҳбат ва тамошои чоҳои ношинос номаълум бигузашт. Қазонқоп рохравон аз зисту зиндагонии ин чоҳо нақл мекард, чӣ тавр ба сарзамини Сари Озек, ба роҳи оҳани ин чо афтодани худро гуфта медод. Маълум шуд, ки вай он кадар ҳам солхӯрда набудааст, ҳамон сол, яъне як сол пеш аз тамом шудани ҷанг акнун ба сиву шаш қадам монда будааст. Вай аслан аз қазоқҳои сохили Арал буд. Овули ӯ Бешағоч аз Чонгелдӣ дар сӣ километр масофа воқеъ гаштааст. Ба рафтанаш аз зодгоҳ солҳои зиёде шуда бошад ҳам ба дидани Бешағоч боре нарафтааст. Ва ин бесабаб набудааст. Маълум шуд, ки дар давраи ҳамчун синф нест кардани кулакҳо падари ӯро низ бадарға кардаанд. Аммо дере нагузашта фаҳмидаанд, ки вай ҳаргиз кулак набудааст, балки тӯъмаи қачравию ифроткорихо шудааст ва ба ӯ ва шахсони миёнаҳоли мисли ӯ беҳуда, сахехтар бигӯем, саҳван сахт муносибат кардаанд. Ва ӯ аз бадарға озод шуда, ҳангоми бозгаштанаш дар роҳ халок шудааст. Саҳв баъдтар маълум шуд, аммо дигар дер шуда буд. Оила— бародарон ва хоҳарон — ҳар кадоме ба ҳар сӯе пароканда шуда рафтанд, то аз назари мардум дуртар бошанд. Онҳо бе ному нишон гум шуда рафтанд. Фаъолони аз ҳад фузун фаъол Қазонқопро, ки он вакт бӯзбалан чавон буд, мачбур мекарданд, ки ба мачлис баромада, падарашро маҳкум намояд. Дар пеши кӯп бигӯяд, ки тарафдори хатти снёсист ва падараш чун ун-

сури бегона ҳаққонӣ маҳкум шудааст ва ӯ аз баҳри чунин як падар мегузарад ва барои падари вай барин душманони синфӣ дар рӯи замин ҷой нест ва чунин одамон дар ҳар чое набошанд, бояд ҳатман маҳв карда шаванд.

Ба Қазонқоп лозим омад, ки ба кишварҳои дуродур сафар кунаду чони худро аз он шармандагӣ вараҳонад. Дар Бетипоқдала — дар Мирзочӯли назди Самарқанд шаш соли тамом кор кард. Ҳамон солҳо барои кишти пахта аз худ кардани он заминҳои асрҳои аср бекорхобида сар шуда буд. Тухми одам анқо буд. Мардум дар баракҳо зиндагонӣ мекарданду чӯйбору каналҳо мекофтанд. Қазоқкоп заминкан ҳам буд, трактории ҳам буд, сардори бригада ҳам таъин шуд. Барои меҳнати зарбдораш грамотаи фахрӣ доданд. Дар ҳамон чо зан гирифт. Ба Мирзочӯл он солҳо барои пулкоркунӣ аз ҳар сӯ одамон меомаданд. Духтари қарақалпоқ Букей ба Бетипоқдала ҳамроҳи бародаронаш аз назди шаҳри Хива омад. Хуллас дар ин чо ба ҳам вохӯрдан дар тақдираш будааст. Дар ҳамон чо хонадор шуданду аҳд карданд, ки ба зодгоҳи Қазонқоп, ба соҳили Баҳри Арал, ба назди хешованд он ҳуд, ба диёри ҳуд баргарданд. Аммо ин ниятро то ба оқибатҳояш мулоҳиза ва мухокима накарда буданд. Муддати дарозе сафар мекарданд, аз қаторе фаромада, ба қатори дигар, аз чумла ба «махсумҳо», савор мешуданд. Ҳангоми дар Қумбел охирин бор қатор иваз карданашон Қазоқкоп тасодуфан чанде аз ҳамдиёрони аралии худро дучор омад ва аз гуфтушунидҳо дарьёфт, ки ба Бешағоч баргаштани ӯ ғалат аст. Маълум гардид, ки он чо ҳанӯз худи ҳамон ифроткорон фармонфармой мекунанд. Инак, Қазоқкоп ба овули ҳуд баргаштан нахост. На аз он сабаб, ки аз чизе бим дошт, не, дар дасти вай акнун Грамотаи Фахрии Ӯзбекистон буд. Вай намехост чашмаш ба рӯи шахсоне бияфтад, ки ӯро таҳқир намуда, ҳуд шодиву хурсандӣ мекарданд. Онҳо ҳанӯз худро мусичаи бегунох вонамуд мекарданд ва ба назди онҳо рафта, ба онҳо оромона даст дода саломуалек кардан ва худро тамом нодида ва ношунида тарошидан аз ҳад зиёд мушкил буд.

Қазоқкоп ба ёд овардани он вокеаҳоро дӯст намедошт ва ба идрокаш намерасид, ки он рӯйдодҳоро ба

---

[1] Қаторҳои боркаш, ки барои мусофиркашонӣ таъин шуда буданд, ҳамин тавр ном доштанд *(муаллиф)*.

чуз ӯ дигар хама кайхо фаромӯш кардаанд. Дар бадали солхои зиёде ки аз омаданаш ба Сари Озек гузашта рафтанд, факат ду маротиба эҳсос намуд, ки вай хеч чизро фаромӯш накардааст. Як маротиба писараш ӯро оташин кард, дафъаи дигар хазли Едигей андак ночоя баромад.

Дар яке аз омаданҳои Собитчон хама чой нӯшида, сӯҳбат мекарданд, ба хабархои тозаи шаҳр гӯш медоданд. Собитчон дар қатори дигар навигариҳо хандакунон хабар дод, ки он қазоқу қирғизхое, ки дар солхои коллективонӣ ба Синьцзян рафта буданд, ҳоло боз гашта меоянд. Дар он чо Хитой онҳоро ба коммунаҳо андохта, сахт азоб додааст. Дар хона хӯрок хӯрдан манъ будааст, хурду калон коса бардошта, дар навбат меистодаанд ва рӯзе се карат аз деги умум ғизое медодаанд. Хитоихо ҳолашонро чунон танг кардаанд, ки молу ҳолашонро партофта, аз оташ гурехта барин фирор мекардаанд. Рӯяшонро ба хок молида, илтимос мекардаанд, ки зинҳор ба мо рох дихед.

— Хайр, ту ба чӣ механдӣ?— киёфаи Казонқоп тира гардид, лабонаш аз шиддати ғазаб пир-пир мепариданд. Ба ӯ чунин хол хеле кам рӯй медод ва ҳамчунин хеле кам — метавон гуфт қариб хеч гох — иттифоқ мафтод, ки ба писараш бо ин гуна як оҳанги сахт муроҷиат кунад. Вай писарро бағоят азиз медошт, хонад, чизеро дареғ надошта, парастории кард, умед дошт, ки рафта-рафта, одами баобрӯй мешавад.— Барои чӣ ту мазоҳ карда гап мезанӣ?— илова намуд ӯ бо овози гирифта. Хун ба сари Казонқоп зада буд ва изтиробаш торафт шиддат мегирифт.— О ин мусибат-ку!

— Хайр, ман чӣ тавр гап занам? Э шумо ғалатӣ!— эътироз кард Собитчон.— Ман вокеаро чунон ки буд, хамон тавр гуфта истодаам.

Падар дар чавоб чизе нагуфт. Факат пиёлаи пур аз чойро дуртар тела дод. Хомӯшии ӯ торафт гаронтар мешуд.

— Ман хайрон, одамон аз кӣ меранчанд?— бо хайрат китф дар хам кашида, ба гап даромад Собитчон.— Хеч намефаҳмам. Боз як бор мегӯям, аз кӣ меранчанд? Аз замона ранчидан — бефоида, чунки вай бебозгашт аст. Ба ранчидан аз ҳукумат ҳак надорӣ.

— Медонӣ, Собитчон, ин кори ман нест, ман ҳамеша ба кӯрпаам нигоҳ карда пой дароз мекунам. Лекин, писарам, гумон мекардам, ки ақлат расо шудааст.

Пас, гӯш кун ва дар хотир дор, ки баӣ одам фақат аз худованд намеранчад. Ачал фиристад, мегӯяд, ки вақту соаташ расида будааст, одам ба дуньё меояд ва умраш, ки тамом шуд, меравад. Аммо барои ҳама чизи дигар дар рӯи олам чавобу чавобгарӣ хаст ва бояд, ки бошад!— Қазонқоп аз чой бархост ва ба касе нигоҳ накарда, хомӯшу хашмгин аз хона баромад ва ба кучое рафт...

Дафъаи дигараш чандин сол баъдтар рӯй дода буд. Едигей ва Укубала ба Бӯроӣ сохиби хонаву дар ва бачаву кача шуда биосуданд. Яке аз шомгоҳони рӯзи бахор Едигей чорворо ба хаёта медароварду ба баррахои навзоди ба рама иловашуда нишорат карда, хазломез гуфт:

— Қазаке, мову ту боз давлатманд шудем. Мабодо ки хар дуямонро боз кулак эълон кунанд-а!

Қазонқоп ба ӯ нохост ало нигоҳ кард. Торахои мӯйлабаш сих шуданд.

— Аввал андеша кун, баъд гап зан, ошно!

— Э ба ту чӣ шуд? Хазла намефахмӣ?

— Хазл эбаш-катӣ...

— Мон-е, Қазаке, Сад сол гузашту...

— Рост, сад сол гузашт. Молатро бигиранд, намирӣ, боз меёвӣ. Аммо агар номусатро поймол кунанд, дигар дармоне нест...

Лекин рӯзе ки онҳо роҳи байни Кумбелу Бӯрониро тай мекарданд, то ба ин гуфтугӯҳо ҳоло фурсати зиёде дар пеш буд. Ҳоло касе намедонист, ки окибати сафари онҳо ба дуроҳаи Бӯроӣ чӣ гуна хоҳад буд, оё ба шароити Бӯроӣ чанд муддат тоб оварда метавонанд, ба он шароит одат мекунанд ё сарашонро гирифта, ба гӯшаи дигари олам мераванд. Онҳо ба ҳамин тариқа дар бораи зиндагонӣ сӯҳбаткунон роҳ мепаймуданд ва дар зимни сухан Едигей савол дод, ки чӣ тавр шуду Қазонқоп ба фронт нарафт ё ягон хел нотобие дошт?

— Не, худоро шукр, сихат-саломатам,— чавоб дод Қазонқоп,— ягон хел дард надоштам ва, ба хаёлам, агар ба фронт мерафтам, аз дигарон бадтар намечангидам. Даъвати ман дигар хелтар буд...

Қазонқоп ба Бешағоч дигар баргаштан нахосту дар Кумбел монд. Илочи дигар хам набуд. Боз ба Мирзочӯл биравам гӯяд, роҳ ниҳоят дур, мардум хам хоханд гуфт, ки чаро рафтию чаро омадӣ? Ба сохили Арал рафтан намехост. Сардори истгоҳ одами нагз будааст, бе-

чорахоро ба наздаш хонда, пурсид, ки аз кучо меоед ва чй кор карданй ҳастед. Сонй Қазонқопу Букейро ба қатори боркаше савор карду гуфт, ки инҳоро то дурохаи Бӯронй мебарй. Дар он чо, гуфт ӯ, коргар лозим, хар дуи шумо чуфти бисьёр муносиб. Ба номи сардори дуроҳа номае навишт. Ва кори савобе карда буд сардори истгоҳи Қумбел. Гарчи зиндагй дар ин чо хатто назар ба Мирзочӯл — он чо одам бисьёр буд, кор мечӯшид — хеле дилгир буд, гарчи дар даштҳои беоби Сари Озек хаёт басо сахт буд, андак-андак одат карданд ва рафта-рафта сархисоби худро дарьёфтанд. Рӯзашон чандон хуш нагузарад хам, ба ҳоли худ буданд. Хар ду коргарони таъмиргари рохи оҳан ҳисоб меёфтанд, аммо дар сар то сари дуроҳа хар коре зарур ояд, анчом медоданд. Ҳаёти якчояи Қазонқоп ва зани чавони ӯ Букей дар дуроҳаи хилвати Бӯронй ана хамин тавр оғоз ёфт. Рост, солҳои аввал онҳо як-ду маротиба ахд карданд, ки андак маблағ ғундоранду ба ягон чои дигар, ба наздиктари истгоҳе ё шахре бикӯчанд, аммо нияти онхо рӯи об набаромада, ҷанг сар шуд.

Ва акнун қаторҳо аз дуроҳаи Бӯронй ба ғарб гузашта, солдатҳоро мебурданд, ба шарқ аҳолии эвакуация шударо мекашонданд, ба ғарб вагонҳои пур аз ғалла мешитофтанд, ба шарқ — вагонҳои пур аз яродорон. Хатто дар Бӯронй барин як дуроҳаи дурдасти хилват акнун ҳис карда мешуд, ки гардиши чархи айём чй андоза тағьир ёфтааст...

Паровозхо яке дунболи дигаре ба дуроҳа расида, бо доду фарьёд талаб мекарданд, ки семафорҳо роҳ бикушоянд ва аз тарафи дигар низ ҳамин гуна бонгҳо ба гӯш мерасиданд. Шпалахо ба шиддати афзояндаи бор тоб наоварда, қат мешуданду рахна медоданд, рельсҳо зери фишори вагонҳои пурбор хӯрда мешуданд, тоб мепартофтанд. Дар китъае рохи оҳанро ба наваш иваз накарда, хабар мерасид, ки китъаи дигарро низ таъмир зарур аст...

Қаторҳоро хадду ҳисобе набуд. Ин қадар лашкари беҳадду шуморро аз кучо мегирифта бошанд? Шаба шаб, рӯза рӯз нагуфта, ба сӯи фронт қатор аз паси қатор медавид, шабу рӯз, ҳафта аз паи ҳафта, моҳ аз паси моҳ ва баъдтар сол аз паи сол қаторҳо медавиданду медавиданд. Ва ҳама ба самти ғарб мешитофтанд, ба он чое ки ду ҷаҳон дар набарди ҳаёту мамот ба ҳам дарафтодаанд...

Дере нагузашта, навбати Қазонкоп хам даррасид. Ба чанг даъват намуданд. Аз Кумбел повестка омад, ки ба пункти аскарчамъкуний хозир бишавад. Сардори дурохаи Бӯрониро фиғон бар фалак печид: бехтарин таъмиргарашро мебурданд ва хол он ки сар то сари дурохаро факат якунимта таъмиргар буду бас. Аммо аз дасти сардор хам чй кор меомад, ба гапи ӯ, ки иқтидори дурохаро беинтихо нест, мегуфт, кй гӯш медихад?.. Паровозхо ба назди семафорхо расида, фиғон мекашанд... Агар арз бикунад, ки ба тарзи таъчилй боз як хати наве кашидан зарур аст, уро хандасор хоханд кард. Ин гуна арзу дод ба гӯшй кй медарояд, охир, душман ба остонаи Москва расидааст...

Нахустин зимистони давраи чанг хам омад. Зимистони бармахале ки шомгохонаш низ бармахал фаро мерасиданду хавои нимторики туманолуди сардаш то ба мағз-мағзи устухон кор мекард. Дар арафаи он рӯз барф борид. Барф шабона кӯрпа шуд. Аввал барфи резаи хушк омад, сонй барфи калони лаклакй бо хавсалаи том рехтан гирифт. Ба сари теппаву сойхо, хамворихо кӯрпаи нарми сап-сафед афтод ва чилои софи осмонии он сукунати пуршахомати биёбони бекарони Сари Озекро шукӯхи тозае бахшид. Ва дархол боди сарсарии дашт ба чунбиш даромад ва кабати ханӯз ковоки барфро бозикунон ба харакат овард. Вай ханӯз боди нахустин буд, ки гӯё барои озмоиш омадааст. Шамолхои тунд баъдтар меоянд ва гирдбоду бӯронхои шадидро аз паи худ хоханд овард. Ва он гох бар сари хатти махини рохи охан, ки аз канор то канори Миёнадаштхои маллатобро чун раги нозуке аз бари рухсор гузаштааст, чй холе хохад даррасид? Вале хозир он раги махин дар харакат буд ва каторхо гох ба ину гахе ба он сӯ харакат мекарданд.

Хамон пагохй Қазонкоп ба фронт мерафт. Танхо худ мерафт, бидуни маросими гуселу гуселкунандагон. Онхо аз хона баромаданду Букей дархол аз рохгардй бозмонд ва гуфт, ки сараш аз барф чарх мезанад. Қазонкоп кӯдаки парпечро аз дасти ӯ бигрифт. То он вакт Ойзода ба дунъё омада буд. Ва онхо ба рохашон идома доданд ва, эхтимол, бори охирин накши пои онон ба рӯи барф пахлӯи хамдигар меафтод. Аммо зан ба гусели Қазонкоп набаромада буд, баръакс шавхар мехост, занашро бори охир то бӯдкаи посбонй гусел намояду пас ба катори боркаш савор шуда, то ба Кумбел биравад.

Акнун Букей ба чои шавҳараш монда, вазифаи роҳкушоро адо мекард. Дар назди бӯдка онҳо хайрбод гуфтанд. Хар чизе ки гуфтан лозим буд, ҳанӯз шабона гуфта буданд. Оби дидаҳо низ ҳамон чо рехта буд. Паровоз муҳайёи сафар меистод. Мошинист шитоб карда, ҳардам Қазонкопро назди худ мехонд. Баробари пеши мошинист баромадани Қазонкоп паровоз дурудароз бук заду ба роҳ даромад ва суръати гаштро торафт тезонида ва пайвандгоҳи рельсҳоро бо чарххои худ такаррос занонида, аз паҳлӯи бӯдка бигзашт, ки он чо Букей барои онҳо роҳ кушода меистод. Сарашро бо рӯймол, миёнашро бо тасмае баста, мӯзаи шавҳараш дар по ва дар як даст байракчаю дар дасти дигар кӯдак рост меистод. Бори охирин ба сӯи якдигар даст афшониданд... Чеҳраи зан, нигоҳаш, дастони ӯ ва пайкари семафор лаҳзае падидор шуду аз назар ғоиб гашт...

Поезд акнун башаст медавид ва дар барфистони ширранги Сари Озек, ки мисли манзарахои хоби сафед аз ду тараф дартоз мегузаштанд, ғулғула меафканд. Бод ба даруни паровоз зада медаромад ва ба бӯи ҳамешагии ангишти сӯхта бӯи барфи тозаи даштро меомехт... Қазонкоп мекӯшид, ки ҳавои хуши даштхои Сари Озекро ҳар чи дертар дар синаи худ боздорад ва боногоҳ дарк намуд, ки ин сарзамин ба дилу дидаи ӯ дигар карин гаштааст...

Дар Кумбел ба фронт фиристодани сафарбаршудагон давом мекард. Ҳамаро саф кашонида, хозир-ғоиб мекарданд ва ба вагонҳо тақсим менамуданд. Ҳамон вокеан ачоиб ана дар ҳамин чо рӯй дод. Қазонкоп бо гурӯҳи худ ба сӯи вагон мерафт, ки яке аз ходимони военкомат ӯро фарьёд намуд:

— Асанбоев Қазонкоп! Кадоме аз шумо Асанбоев? Аз саф баро! Аз паси ман биё!

Қазонкоп ба фармон итоат кард.

— Ман Асанбоев!— гуфт ӯ.

— Хуччатро барор!.. Дуруст. Худи худаш. Акнун аз паси ман биё!

Онҳо ба бинои истгоҳ даромаданд, ки пункти аскарчамъкунӣ дар ҳамон чо вокеъ гашта буд. Ва он шахс ба Қазонкоп гуфт:

— Гап ин тавр, Асанбоев. Ту ба хонаат бармегардӣ. Бирав. Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам,— гуфт Қазонкоп ва хол он ки чизе нафаҳмида буд.

— Набошад, бидав. Ту озод.

Қазонқоп дар миёни издиҳоми серғавғои гуселкуниандагон ва равандагон ҳайрону ҳаросон монд. Вай аввал аз ин хел ранг гирифтани кор хурсанд шуд, баъдтар дар дилаш, дар қаъри шууураш гумони баде пайдо шуду пайкараш банохост аланга гирифт. Ҳа, ҳоло кор ин тавр, гӯед! Ва ӯ аз миёни анбӯҳи одамон ба сӯи дари сардори пункти аскарчамъкунӣ ба худ роҳ кушодан гирифт.

— Ба кучо, ту ба кучо рафтанӣ?— фарьёд заданд онҳое ки низ мехостанд ба назди сардор даромаданд.

— Кори таъчилӣ! Эшелон хозир меравад, кори таъчилӣ!— дод мегуфт Қазонқоп ва нихоят аз дар дохил шуд.

Дар хонае ки аз дуди тамоку хавояш каб-кабуд гашта буд, дар сари миз, миёни телефонхо, даста-даста қоғаз ва як тӯда одамон марди мӯи сараш мошубиринчи овозаш гирифтае меиншаст. Наздик омадани Қазонқоп-ро пай бурда, рӯи аз ғазаб качу килеб шудаашро ба ӯ гардонид.

— Чӣ лозим, бо кадом масъала?

— Ман норозӣ.

— Аз чӣ норозӣ?

— Падари ман хамчун тӯъмаи ифроткорӣ сафед шуда буд. Вай кулак набуд! Қоғазхотонро як тафтиш карда бинед! Вай хамчун миёнаҳол сафед шуда буд.

— Хой, сабр кун андак. Ту аввал максадата бигӯ! Агар бо хамин сабаб ба аскарӣ нагирифта бошед, ин коратон нохак, мегӯям!

— Э ту сафсатая бас кун. Кулак, миёнаҳол... Ин гапҳо хозир чӣ аҳамият дорад? Худат аз кучо пайдо шудӣ? Ту кистӣ?

— Асанбоев ман, аз дуроҳан Бӯронӣ.

Сардор рӯихатҳоро аз назар гузаронид.

— Барвақттар хамту мегуфтӣ намешуд? Сарама гич кардӣ! Миёнаҳол, камбағал, кулак! Ба ту бронь баромадааст. Сахван фарьёд кардаанд. Фармони худи рафик Сталин баромадааст: коргарони рохи оҳан дар чохи худ мемонанд. Бирав, халал нарасон, ба дуроҳаат бираву бо корат машғул бош...

Хангоми ғуруби офтоб онҳо дар рох, дар наздикихои дуроҳан Бӯронӣ буданд. Акнун ба хатти рохи оҳан боз

наздик мешуданд: садои буқи қаторҳои ин ва он сӯ гузаранда ба гӯш мерасид, чигунагии вагони қаторҳоро фарқ кардан мумкин буд. Дар миёнаи дашти васеъ онҳо аз дур бозича барин менамуданд. Дар қафо қурси офтоб тадричан фурӯ менишаст ва тарҳи талҳо ва сойҳоро дар атрофу акноф муайянтар менамуд. Дар айни замон ба рӯи замин торикӣ оҳиста-оҳиста доман паҳн мекард ва ҳаво аз рангҳои тирафом ва кабуд ва ҳаври торафт сардшавандаи замини сернами айёми баҳорон шодоб мегардид.

— Мана Бӯронии мо!—бо даст ишора намуд Қазонқоп ва рӯ ба Едигеи уштурсавор ва Уқубала оварда, ки аз пахлӯяш қадам мезад.— Мӯлаш рафту камаш монд, худо хоҳад, ба зудӣ ба манзил мерасем. Дам мегиред.

Дар пеш — он чое ки роҳи оҳан андаке тоб хӯрда мегузашт, дар ҳамвории бедолу дарахте чанд хона вокеъ гашта буд, дар роҳи эҳтиётии оҳан қаторе мунтазир ба кушода шудани семафор меистод. Ва аз ҳар ду тарафи он қария биёбони холӣ, теппаву талҳо, масоҳати сокити беҳадду канор, дашти беохир тӯл кашида буд.

Дили Едигей баногоҳ фишор хӯрд. Ҳарчанд ӯ дар даштҳои лаби баҳр ба дунъё омада, ба биёбонҳои наздии Арал омӯхта шуда бошад ҳам, чунин манзара барояш ғайримунтазира буд. Аз соҳили бахри каб-кабуд, ки ҳар дам рангу шакли худро бадал мекард, ба биёбоне омад, ки аз об нишонае нест! Дар ин чо чӣ хел умр ба сар мебурда бошад?!

Уқубала, ки дар пахлӯяш гом мезад, даст дароз карда, аз пои шавҳараш дошт ва дар ҳамин ҳолат — даст накашида, чанд қадам роҳ паймуд. Едигей мақсади ӯро пай бурд. «Ҳеҷ воқеа не,— гӯё мегуфт занаш.— Аз хама муҳиммаш ин ки саломатии ту аз нав баргардад. Он тарафашро дида арз мекунем...»

Онҳо ба манзили худ ана ба ҳамин тариқа наздик мешуданд. Ба манзиле ки (чунон ки баъдтар маълум шуд) солҳои дароз, саҳеҳтараш ҳаман умри бокимондаашонро он чо ба сар бурданд.

Дере нагузашта, нури офтоб тамом париду дар осмони Сари Озек ситораҳои бисьёре намоён шуданд ва сафариён ба дурохаи Бӯронӣ расиданд.

Чанд рӯз дар хонаи Қазонқоп зистанд. Сонӣ аз бараки коргарони таъмиргар хонае чудо карданд. Аз ҳамон рӯз зиндагонии онҳо дар чои нав оғоз ёфт.

Ҳарчанд ки рӯзгори нав барои Едигей норохатиҳо

дошт ва хусусан рӯзҳои аввал бекасин биёбони Сари Озек ӯро дилгир менамуд, ду чиз барои вай хеле судманд баромад: хавои тоза ва шири уштур. Хаво дар воқеъ бениҳоят сафодору беғубор буд, ки мисли онро аз дигар чо ёфтан мушкил менамуд. Шир бошад, аз мехрубонии Қазонқоп пайдо шуд, ки яке аз ду уштури модаашро барои дӯшидан ба онҳо бидод.

— Ману занам ба як маслиҳат омадем,— гуфт ӯ,— барои хӯрокамон мо шир дорем. Шумо Сафедсари моро дӯшида хӯред. Вай чавон аст, шираш мӯл, бачааш аз шиками дуввум. Худатон нигохубин кунеду худатон дӯшида хӯред. Фақат эҳтиёт шавед, ки бӯтааш гурусна намонад. Бӯта хам аз худатон, ману янгаат ба хамин карор омадем. Ин барои ту, Едигей, хадья аз ман. Барои наслгирй нигоҳ дор. Парвариш кунй, рафта-рафта, дар атрофаш гала пайдо мешавад. Ба ягон чо рафтанй шавед, мефурӯшед, пули накд мешавад.

Писараки Сафедсар уштурбачаи майдаяки снёҳсар буду ду кӯҳонаки хурдаки тирафоме дошт. Вай хамагй дах рӯз пеш аз ин ба дуньё омада буд. Чашмонаш бисьёр зебо — калон-калони барчаста буданд ва ба атроф бо навозиш ва кунчковии кӯдакона дӯхта мешуданд. Гохо дар гирду пеши модараш ба давидану чахидан ва бозию шӯхиҳо медаромад ва агар дар ҳота танхо бимонад, бо садояки одамисон риккатангез очаашро фарьёд менамуд. Он вакт касе намедонист, ки хамин бӯтаяк рафта-рафта Қаранори Бӯроний хоҳад шуд. Хамон чонвари пуртокат ва тавоно, ки машҳури музофот хохад буд. Ва бисьёр воқеахои умри Едигей махз бо вучуди ӯ марбут хоҳанд буд. Аммо он рӯзҳо уштурбачаяки ширхора ҳанӯз ба парастории доимй ниёз дошт. Едигей хам ба вай сахт унс гирифт. Хаман вакти холиашро сарфи вай мекард. То охири тирамоҳ Қаранори майдаяк хеле кад кашид ва баробари фаро расидани рӯзхои зимистон барояш чулаки гарме духтанд, ки хаман пайкарашро гарм медошт ва аз зери шикамаш тугмахо дошт. «Чома» дар бар намуди вай бисьёр галатй буд — фақат сару гардан, чор пой ва ду кӯҳонакаш беруи аз либос намудор шуда меистоданд. Хаман зимистон ва аввали бахор вай чома дар тан дашт ба дашт, зери осмони кушод мегашт.

Зимистони хамон сол Едигей хам дид, ки куввати пештарааш тадричан ба танаш бозмегардад. Хатто чй хел нест шудани сарчархакашро худаш надониста монд.

Ғул-ғулаи даруни гӯшҳояш ҳам оҳиста-оҳиста пасанда гардид, акнун ҳангоми кор аз сару рӯяш арақ намешорид. Дар мобайнҳои зимистон, рӯзҳое ки роҳи оҳанро барфи калон зер мекард, вай дар катори ҳама ба корхои фаврии дастчамъӣ мебаромад. Баъдтар тамом сихату бардам шуд. Хайр, охир, ҳанӯз чавон ва табиатан марди бағайрату босубот буд. Ва, инак, фаромӯш намуд, ки ба ҳамин карибӣ чӣ гуна ҳолаш табоҳ буд, чӣ тавр бо машаққате пои худро кашола мекард. Пешгӯихои духтури сурхриш рост баромаданд.

Едигей дар лаҳзаҳои димоқчоқиаш уштурбачаро аз гарданаш оғӯш карда, навозиш менамуд ва шӯхиомез ба вай мурочиат карда мегуфт:

— Мову ту, бӯтачон, бародарони ширхораем. Нигоҳ кун, аз шири Сафедсар ту чӣ кадар ёлу бар ёзонидай, ман бошам, аз окибати он садаман зормонда, аз афти кор, халос шудам. Фарки мо ин ки ту аз пистон шир мемакидӣ, ман дӯшида шубот месохтам...

Пас аз чандин сол Қаранори Бӯроӣ дар сар то сари Сари Озек машҳур шуду махсус барои сурати ӯро гирифтан одамон омаданд ва ана ҳамон вақт як сӯҳбате барпо гардид, ки дергохе аз хотири Едигей намерафт. Аммо ин вокеа вақте рӯй дод, ки чанг аз ёди хама фаромӯш шуд, бачаҳо калон шуда ба мактаб рафтанд, дар дуроҳаи Бӯроӣ ҳам насосҳои обкаш шинониданд ва муаммои беобӣ ба куллӣ хал шуд, Едигей хонаи калони бомаш тунукагин пӯшонид, хулласи калом, зиндагонии мардум пас аз махрумият ва азобу азиятхои зиёде ба мачрои мӯътадили худ баргашту шакли ба шаъни инсон муносиберо гирифт.

Ташрифи мухбирони суратгир (онхо худро ҳамин тавр муаррифӣ карданд) дар таърихи дуроҳаи Бӯроӣ вокеаи нодире, метавон гуфт, ягона ходисае буд. Мухбирони чусту чолоки хушчақчақ ваъдахои бисьёре доданд, муроду мақсади мо, гуфтанд, ин ки сурати Қаронору соҳибони онро дар ҳамаи рӯзномаю мачаллахо чоп кунонем. Ғалоғулаю такудав дар атрофи Қаранор ба худи ӯ чандон хуш наомад. Вай бо ғазаб фарьёд мекашид, дандонҳояшро ғичиррос мезанонид ва сари худро баланд мебардошт, то ӯро осуда бигузоранд. Суратгирон ҳар дам аз Едигей илтимос мекарданд, ки уштурашро ором намояд, пайкари ӯро ба ин тараф ё он тараф гардонад. Едигей бошад, дар навбати худ ҳар дафъа бачахо, занаш ва худи Қазонқопро фарьёд мекард, то

ки агар сурат гирифтанӣ бошанд, танҳо ӯро не, балки сурати ҳамаро бигиранд. Ба фикри ӯ ҳамин тавр шавад, беҳтар мешуд. Мухбирон ба ин таклиф ҳам аз дилу чон розӣ мешуданд ва бо аппаратҳои гуногун ширик-ширик акс мебардоштанд. Сурати аз ҳама ачоибтаринро дар ҳолате гирифтанд, ки ҳамаи бачаҳо бар болои Каранор савор шуда буданд: дутоашон ба гарданаш, панч нафар бар болояш, дар адл-мобайн худи Едигей менишаст. Ана, тамошо кунед, ки уштури зӯр чӣ хел мешавад! Бачаҳо то чон доштанд, шавқуну фарьёд мекарданд. Лекин суратгирон сонитар гуфтанд, ки мехоҳанд сурати худи атанро ба танҳой бигиранд. Марҳамат, аз мо чӣ меравад!

Ва суратгирон пардохтанд ба аксбардорӣ. Онҳо сурати Каранорро аз паҳлӯ, аз пеш, аз наздик ва аз дур ва боз чӣ тарзе ки хоҳанд, мегирифтанд. Сипас бо кӯмаки Едигей ва Қазонқоп ба ченакбардорӣ шурӯъ намуданд. Қади уштурро то кӯҳонаш, даври синнашро, гирди зонуяш, дарозии қадашро чен карданд ва ҳаман маълумотро навишта гирифтанду бо вачду сурур гуфтанд:

— Бактериани оличаноб! Мана акнун иқтидори генҳо маълум шуд! Навъи классикии бактериан! Чӣ хел сиёна тавоно, а?! Экстерьери аълодарача!

Ин суханҳо ба гӯши Едигей хуш мерасиданд, албатта, аммо ӯро лозим омад бипурсад, ки ин калимаҳои барои ӯ ношинос, масалан, «бактериан» чӣ маъно доранд? Маълум шуд, ки зоти қадимии уштури кӯшкӯҳон дар илм ҳамин тавр ном доштааст.

— Пас, Каранор бактериан аст?

— Чинси тозатаринаш. Яъне мисли алмос.

— Чаро шумо қаду бари ӯро чен кардед?

— Ба маълумоти олимон.

Ваъдахои мухбирон оид ба рӯзномаю мачаллаҳо чормағзи пуч будааст, аммо баъди ним сол онҳо ба воситаи почта якта китоби дарсӣ фиристоданд, ки барои факультетҳои зоотехникӣ доир ба уштурпарварӣ нашр шуда буд ва дар муковаи он сурати хушрӯи бактериани классикӣ — Қаранори Бӯронӣ акс ёфта буд. Дар бандероль як даста суратҳои дигар, аз чумла аксҳои ранга низ буданд. Хатто аз рӯи ҳамон суратҳо ҳукм кардан мумкин, ки он рӯзҳо айёми хушу хурраме будааст. Азобу машаққати давраи баъди чанг фаромӯш шуда буд, бачаҳо ҳанӯз хурдсол буданд, калонсолон ҳа-

магон сиҳат ва саломат ва айёми пирӣ чунон дур буд, ки ҳанӯз ҳатто нишонааш наменамуд.

Он рӯз Едигей якта гӯсфандро сар зада, барои ҳамаи бӯрониҳо зиёфати калон орост. Шубот, арақ ва дигар нозу неъмат фаровон буд. Он вақтҳо ба дуроҳа гоҳгоҳе вагон-магазини сайёри орс[1] меомад ва ҳар чизе ки дилат чӯяд, аз он чо дарьёв мекардӣ. Фақат пул бошад — шуд. Ҳар хел харчангҳо, тухми моҳӣ —ҳам сиёҳу ҳам сурхаш, ҳар гуна моҳӣ, коньяк, ҳасиб, канфет ва ҳоказо. Ва ачобат дар ин буд, ки хама чиз ёфт мешуду одамон «мӯлаш чӣ лозим?» гуфта, бисьёр намехариданд. Акнун аз он магазини сайёр дар роҳҳои оҳан ному нишоне намондааст...

Он рӯз сӯҳбати хубе шуда буд, хатто ба саломатии Қаранори Бӯронӣ қадаҳ бардоштанд. Ва дар зимни сӯҳбат маълум шуд, ки меҳмонони суратгир овозаи Қаранорро аз Елизаров шунидаанд. Ҳа, маҳз Елизаров ба онҳо накл кардааст, ки дар дашти Сари Озек Едигеи Бӯронӣ ном як дӯсташ зиндагонӣ мекунад ва Қаранори Бӯронии вай зеботарин уштури рӯи замин аст! Эҳ Елизаров, Елизаров! Одами асил мана ин хел мешавад. Олим, тадқиқгари даштҳои Сари Озек... Елизаров ба дуроҳаи Бӯронӣ бинояд, ҳамроҳи Қазонқоп секаса шуда, шабҳоро бо сӯҳбат рӯз мекарданд...

Гоҳ Қазонқоп, гоҳе Едигей бо навбат сухан карда ва накли ҳамдигарро қувват дода, ба меҳмонон достони Сари Озекро дар бораи саргузашти модаркалони насли уштурҳои инчӯй ривоят карданд, дар бораи модауштури сафедсари овозадор Окмоя ва соҳибаи аз он хам машҳуртараш Найман-Она ҳикоят карданд, ки дар қабристони Она-Байт дафн шудааст. Мана, аз кучоҳо сар мешавад зоту зурриёти Қаранори Бӯронӣ! Бӯронихо умед доштанд, ки эҳтимол ин қиссаи садсола дар рӯзномае чоп шавад. Меҳмонон достонро бо марок гӯш карданд, лекин дар дилашон, аз афти кор, гуфтанд, ки ин достон аз достонҳои қадимаи маҳаллист, ки аз дахон ба дахон гузашта, то ба ин айём расидааст. Аммо фикри Елизаров дигар хел буд. Достони Окмоя, мегуфт ӯ, эҳтимол он ҳақиқати ҳаётиро, ки як замонҳо буд, дар худ иньикос карда бошад. Елизаров ин гуна киссаҳоро бо завқ гӯш мекард ва худаш низ бисьёр ривоятҳои мардуми бодиянишинро аз ёд медонист...

---

[1] Орс — ихтисораи шӯъбаи таъминоти коргарон *(мутарҷим)*.

Меҳмонон бегоҳирӯзӣ пароканда шуданд. Едигей аз хурсандӣ ва ифтихор дар куртааш базӯр мегунчид. Аз ин сабаб чандон андеша накарда, як чизро ба забон оварад. Хайр, охир, ҳамроҳи меҳмонон шароб ҳам ошомида буд-дия. Хуллас, тир аз камон част-част.

— Хой Казаке,— гуфт ӯ ба Казонқоп,— росташа бигӯ, аз тӯҳфа карданат Каранора пушаймон нашудай?

Қазонқоп бо лабханде ба ӯ назар афканд. Зохиран, умед надошт, ки аз даҳони Едигей чунин гап мебарояд. ҳомӯшу сокит нишаст-нишасту баъд чавоб дод:

— Фарзанди инсон бе камбудӣ намешавад, албатта. Лекин як ҳикмат ҳаст, ки аз ачдодонамон мондааст: мал иеси кудайдан[1]. Ин кори худованд аст. Тақдиру насиба. Тақдир ҳамин хел будааст, ки Қаранор насиби ту шуд ва ту сохиби он. Рафту, дар омади гап гӯем, ба дасти каси дигар меафтод, маълум нест, ки ҳолаш чӣ мешуд, эҳтимол, зинда намемонд, ҳаром мемурд ё ягон фалокати дигар ба сараш мерасид. Масалан, ба чар меафтод. Вай аслан насиби ту будааст. Ман пештар ҳам уштурҳо доштам, уштурҳои бад набуданд. Аз насли ҳамон модауштур — аз Сафедсар, ки модари Қаранор аст. Аммо уштураки ту фақат якта буду ин хел хушчинс баромад... Илоҳо боз сад соли дигар зинда бошаду ба ту хизмат кунад. Лекин вай гумони ту бехуда...

— Узр, узр, Казаке, бубахш маро,— хичолатмандона гуфт Едигей, ки аз сухани бечояш пушаймон буд.

Ва дар идомаи сӯҳбат Қазонқоп як мушоҳидаи худро арз намуд. Ривоят мекунанд, ки модари зарринёли Оқмоя ҳафт бача зоидааст — чаҳор бӯтаи модаю сето нар. Ана аз ҳамон айём ин тараф ҳамаи бӯтаҳои мода сафедрангу сафедсаранду нарҳошон сиёҳсари пайкарашон дорчинранг. Каранорро ҳам зоташ кашидааст: аз модари сарсафед уштурбачаи сиёҳ ба дунё омад. Ин нахустин аломати он аст, ки вай аз насли Оқмоя аст. Аз он давра чӣ қадар вақт гузашт, кӣ медонад, дусад сол, ё сесад, ё панҷсад, ё аз он зиёдтар гузашт, аммо дар Сари Озек чинси Оқмоя барҳам нахӯрдааст. Солҳо мегузаранду баногоҳ мисли Қаранори Бӯронӣ ягон уштури сырттан[2] ба олам меояд. Кори Едигей барор

---

[1] Сохиби молро худо медонад.

[2] Сырттан — махлуки фавкулодда, масалан, саг ё гурги фавкулодда бузургу тавоно *(муаллиф)*.

карду бас. Ба бахти вай Қаранор таваллуд ёфту ба дасти ӯ афтод.

Вақте расид, ки феълу атвори Қаранор муаммое шуд ва Ӯнро ҳал кардан лозим меомад; вай ҷангара шуд, арбада мебардошт, одамро ба худ наздик омадан намемонд, гурехта мерафту чандин шабонарӯз дар кӯчохое ғайб мезад. Инак, ӯро ё ахта кардан лозим буд ё пояшро банду кишан задан. Вақте ки Едигей аз Қазонқоп маслиҳат пурсид, вай рӯирост гуфт:

— Ин кори ту. Осуда зиндагонӣ мекунам гӯй, ахта кун. Уштури овозадор мехоҳам гӯй — даст нарасон. Лекин дар он сурат ҳаман чавобгарӣ ҳам дар гардани худат. Сабру тоқат карда тавонӣ, бардошт кун, ду-се сол балвою исьён мекунаду баъд ором шуда, аз дунболат рафтан мегирад.

Едигей Қаранори Бӯрониро ба ҳолаш монд. Ба ахта кардан дилаш нашуд, дасташ нарафт. Қаранор атаи монд. Лекин лаҳзаҳое буданд, ки соҳибаш хун мегирист.

V

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷоӣ, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Саҳарӣ ҳама омодаи роҳ буданд. Ба фарши аробачаи ба трактор басташуда аррамайдаю параха рехта ва аз болои он як қабат хаси тоза густурда, ба рӯяш часади Қазонқопро хобонданд, ки ба намаде зич печонида, аз болояш бо тасмаҳои пашмин баста буданд. Ҳар чӣ зудтар ба роҳ баромадан лозим, то ки бегоҳӣ аз соати панҷ-шаш дер намонда, аз қабристон баргарданд. Сӣ километр ба он тараф ва хамин қадар дар бозгашт роҳ паймоянд, боз муддате бо дафни шодра-

вон машғул бошанд, маросими ёдбудро аз соати шаши бегоҳ сар кардан лозим меояд. Ана ҳамин хел накшахо кашида буданд дар дилашон. Ва ҳама омодаи сафар буданд. Едигеи Бӯронӣ Қаранори ханӯз динашаб зинзада ва оро додаашро аз инон дошта меистоду хамсояҳояшро шитоб мекунонид. Ин мардум ҳамеша бо майдакорихошон вакта мехуранд. Худи Едигей ҳаман шаб мижа тах накарда бошад ҳам, аз хама пеш ба сафар омода шуд ва ҳоло хушу ёдаш ба як нукта гирдуғун шуда буд. Фақат андаке коста менамуд. Риши тоза тарошида, мӯйлаб ва абрӯи мошубиринчаш ба худаш мезебид. Вай сарулибоси бехтарини худро дар бар карда буд: шолвори ба танаш саҳле калони пилтабахмал, мӯзаи хром, аз болон куртаи сафед пичаки сиёх ва фуражкаи идпӯшаки рохиоҳанчиён... Ордену медальҳои чангиаш, хатто нишонҳои зарбдори панчсолаҳо дар сари синааш чило медоданд. Хаман ин ба худаш мезебид ва андоми ӯро салобате меафзуд. Аслан дар маросими дафни Қазонкоп Едигеи Бӯронӣ мебоист ҳамин хел мебуд.

Ба гусели онон аз хурд то калон ҳаман бӯрониён чамъ омада буданд. Дар назди аробачаи трактор рост-рост истода интизорӣ мекашиданд. Занҳо бефосила мегиристанд. Ва худ аз худ хамин тавр шуд, ки Едигеи Бӯронӣ ба чамъомадагон мурочиат намуда, чанд сухан гуфт:

— Мо ба Она-Байт равонаем. Қадимтарин ва мӯътабартарин қабристон аст вай дар Сари Озек. Худорахматии Қазонқоп ба ин меарзад. Худаш хам васият карда буд, ки дар хамон чо ба хок монем.— Едигей лахзае ба хаёл рафт, ки боз чӣ бигӯяд. Ва пас ба суханаш давом дод:— Хулоса, ки нону насибаш ҳамин қадар будааст. Дар дурохаи мо ин одам расо чилу чор сол хизмат кард. Яъне ҳаман умраш гӯем хам мешавад. Соле ки ӯ дар ин чо ба кор сар карда буд, ҳатто чохи об набуд. Ҳар ҳафта як маротиба цистерна-катӣ об мекашонидаанд. Мошинҳои барфтозакунак ё дигар хел мошинхо хам набуданд. Ҳатто ҳамин хел як трактор хам набуд, ки холо часадашро бор карда ба оромгохи охиринаш мебарем. Лекин қаторхо доимо дар ҳаракат буданд, роҳашон ҳамеша тоза буд, кушода буд. Қазонқоп умрашро дар Бӯронӣ ҳалол гузаронид. Инсони хуб буд. Ин ба хамаатон маълум. Акнун мо ба роҳ мебароем. Ба он чо рафтани ҳама шарт нест, бар болои ин хақ

надорем, ки рохи оҳанро беназорат мононем. Ба кабристон шаш кас меравем. Ва хама корро аз рӯи урфу одат ба чо меорем. Шумо моро мунтазир бошед, тайёрӣ бинед, ҳамин ки баргаштем, ба маъракаи ёдбуд бнюед. Ман шуморо аз номи фарзандонаш — мана онҳо, писару духтараш — даъват мекунам...

Инак, гарчи Едигей дар гӯшаи хаёл хам надошт, як навъ митинги мухтасари мотам шуда гузашт. Ва сипас онҳо ба рох даромаданд. Бӯрониҳо масофае аз дунболи аробачаи трактор қадам зада, то он сӯи хонаҳои канорӣ гусел намуданд.

Едигеи Бӯроний боз муддате фиғону навҳаи занонро мешунид ва аз байни он овози Ойзода ва Укубаларо фарқ мекард. Вакте ки садоҳо дигар хомӯш гардиданд ва шаш нафар ҷанозабарон аз хатти рохи оҳан дуртар рафта, ба дарунтари дашти Сари Озек рох гирифтанд, Едигей оҳи сабук кашид. Акнун онҳо худи ба худ монданд. Едигей нағз медонад, ки боз чӣ корҳо кардан лозим.

Курси офтоб баланд мешуд ва ба паҳнои дашти Сари Озек бо саховат ва хушҳолӣ нур меафшонид. Ҳавои дашт ҳоло ҳозир серун буд ва ба ҳаракати ҷаноза-барон чизе халал намерасонид. Дар қаъри дастнораси осмони баланд як ҷуфт лошахӯр озодона бол мезад, гӯё дар олам ба ҷуз он ду мурғ дигар ҷонзоте набошад. Гоҳ-гоҳе аз пеши пой сӯфитурғайҳо патарросзанон ба ҳаво бармехостанд ва хичолатомез чуғур-чуғуркунон ба дуртар мерафтанд. «Дере нагузашта мурғакон хам мераванд. Ҳамин ки барфи аввалин ба замин афтод, села-села ҷамъ мешаванду мераванд», аз дил гузаронид Едигей ва лаҳзае манзараи барфи нахустину дар ҳавои барфолуд парвоз кардани селаҳои парандагон пеши назараш омад. Ва аз чӣ сабаб бошад, боз ҳамон рӯбоҳе ки шабона ба наздикии рохи оҳан омада буд, ба хотираш расид. Ҳатто дуздида ба атроф назаре афканд, ки оё аз дунболашон намеояд он рӯбоҳ? Ва боз он мушаки оташфишон ба ёдаш омад, ки хамон шаб аз оғӯши Сари Озек ба кайҳон рафта буд.

Едигей аз андешаҳои парешонаш аввал тааҷҷуб кард, пас худро мачбур намуд, ки онҳоро дуртар биронад. Рох дур бошад ҳам, ҳоло мавриди ин хел андешаҳо нест...

Пешопеши хама савори Қаранор Едигеи Бӯронӣ рохи Она-Байтро нишон дода мерафт. Қаранор калон-ка-

лон ва хамвор қадам партофта, башаст роҳ мепаймуд ва ба набзу мароми ҳаракат торафт бештар одат менамуд. Дар назари касе ки хусни уштуронро дарк карда метавонад, Қаранор махсусан ҳангоми гашт зебо менамуд. Сари хуштарҳ ва хами гардани бошукӯҳаш ба назар дар рӯи мавчҳо шино мекард, аммо дар вокеъ заррае намечунбид, қадаре такон намехӯрд, поҳои дароз-дарози оҳанинпаяш бошанд, гӯё ҳавои рӯи заминро бесадо қайчӣ мезаданду фарсах-фарсах масофаро қадам ба қадам ба дами худ мекашиданд. Елигей дар миёни ду кӯҳон устувор бо халоват ва дили пур менишаст. Вай аз он розӣ ва хушнуд буд, ки Қаранорро чиху чу гуфтан лозим нест, шитоб кунонидан хочат нест. Ҷонвар ишорахои сохибашро худ ба зудӣ ва осонӣ хис карда, чобукона роҳ мерафт. Ордену медальҳои сари синаи Елигей паст-паст чирингос мезаданд ва дар шуои офтоб чило медоданд. Аммо ин хол ба ӯ халал намерасонид.

Аз дунболи ӯ трактори аробачадори «Беларусь» меомад. Дар кабинаи он дар пахлуи Холбеки трактории Собитчон менишаст. Шаби гузашта вай хеле шароб нӯшид ва сари бӯрониҳоро бо нақлу ривоятхо дар бораи одамони ба воситаи радио идорашаванда ва дигар сафсатахои рангоранг гич кард. Холо бошад, афсурдахотир ва хомӯш буд. Сараш алвонч мехӯрд ва Елигей дар дилаш гуфт, ки коре шаваду айнакаш нашиканад. Дар болои аробача дар пахлуи часади Қазонқоп шавҳари Ойзода ғамгину малул менишаст. Вай гоҳ-гохе бо чашмони нимпӯш ба атроф назар меафканду бас. Ин майзадаи бадбахт ин дафъа якта кори дуруст кард. Ба даҳанаш як қатра шароб нагирифт. Мекӯшид, ки дар ҳама кор ёрмандиаш расад, дар ҳар маврид ва хусусан даме ки часади худорахматиро мебаровардаанд, аз тахти дил харакат мекард, ки бори вазнинтарро ба дӯши худ бардорад. Елигей ба вай таклиф намуд, ки дар паси ӯ ба уштур савор шавад. Розӣ нашуд. «Не,— гуфт вай,— ман дар пахлӯи хусурам мешинам, аз аввал то охир аз вай дур намешавам». Ин гапи вай хам ба Елигей маъкул омад, хам ба дигар бӯрониҳо. Ва даме ки онхо ба роҳ медаромаданд, вай дар холате ки часади намадпечи пирамардро бо дастонаш дошта, дар рӯи аробача менишаст, аз хама баландтар ва пурсӯзтар гирья мекард. Инро дида, дар дили Елигей умеде равшан шуд: «Рафту аклаш дарояду шаробнӯширо бас

карда, одам шавад, а?— фикр мекард ӯ.— Аҳволи Ойзода ва бачаҳояш чӣ хел нағз мешуд...».

Силсилаи ҳузнангези чанозабаронро дар дашти хилват уштурсаворе сарварӣ мекарду экскаватори чорчархаи «Беларусь» анчом медод. Ба кабинаи вай Одилбой ва Чумъагалӣ савор шуда буданд. Чумъагалӣ, марди зангивор сип-сиёҳ, ронанда буд ва одатан дар Бӯронӣ бо ин мошин ҳар гуна корҳои таъмири роҳи оханро ӯ бар чо меовард. Ба дурохаи Бӯронӣ вай ба карибӣ ба кор омад ва ҳанӯз гуфтан душвор буд, ки мукими ин чо хохад шуд ё не. Одилбои дароз дар пахлӯяш менишаст ва як сару гардан баландтар будани комати ӯ дар ҳамон чо ҳам аён буд. Хар дуи онон тамоми роҳ дар кадом хусусе бо ҳарорат мунозира мекарданд.

Лекин гуфтан лозим, сардори дуроҳа Усмон кори бисьёр савоб кард. Ҳаман техникаеро ки дар ихтиёраш дошт, ба маросими дафн фиристод. Ҳа, чавон бошад ҳам, кори оқилона кард сардори дуроҳа. Агар ба ин қадар роҳи дур рафта, каброо хам бо бел кованд, ба гумон аст, ки то бегоҳ ба хона баргашта тавонанд, чунки хам қабр кофтан зарур мешавад, хам аз рӯи одати мусулмонон — лаҳад.

Едигеи Бӯронӣ даставвал аз таклифи сардори дуроҳа ҳайрон шуд. Вай хатто ба гӯшаи хаёл оварда наметавонист, ки барои касе дастӣ нею бо ёрии экскаватор қабр меканда бошанд. Ҳангоми ин сӯҳбат вай дар назди Усмон абрӯ чин карда, хомӯш менишаст ва намедонист, ки чӣ бигӯяд. Аммо Усмон тадбире ёфту мӯйсафедро розӣ кунонид.

— Як фикр карда бинед, Едике,— мегуфт ӯ.— Барои он ки дилатон хичил нашавад, аввал заминро дастӣ ковед. Ана, мисол гирем, як қади бел хок гиред. Сонӣ экскаватора ба кор андозед. Худатон медонед, замини Сари Озек бисьёр хушк, сангвор сахт. Экскаваторкатӣ чуқура мековонеду сонӣ боз дастӣ пахлуҳояш ҳамвор мекунед. Ҳам вакт сарфа мешавад, ҳам урфу одат риоя...

Холо Едигей дар тааҷҷуб буд, ки дурустии маслиҳати Усмонро чаро даррав нафаҳмид? Чаро ҳамин фикри оддӣ ва маъқул аввал ба сари худаш наомад? Ҳа, худо хоҳад, ба Она-Байт бирасанд, маҳз ана ҳамин тавр мекунанд. Ягон чои созро интихоб мекунанд, то ки шодравон сар ба чониби қибла чой гирад. Аввал як миқдор хокро белкатӣ мекананд. (Ба аробачаи трак-

тор чанд дона бел гирифтаанд). Сонӣ чукури қаброо экскаватор меканад, аммо лаҳадро, ки дар урфият казанак меғӯянд, боз дастӣ хоҳанд кофт. Ҳамин тавр кунанд, кор зудтар ва хубтар анчом меёбад.

Инак, силсилаи ҷанозабарон бо ҳамин ният дар дашти Сари Озек роҳ мепаймуд. Гоҳ дар сари теппаҳо намоён мешуд, гоҳе дар пастхамиҳо ноаён шуда мерафт ва боз пас аз муддате дар паҳнои дашт ба назар мерасид: пешопеши ҳама Едигеи уштурсавор, аз дунболи ӯ трактори аробачадор ва аз паси он экскаватори «Белорусь», ки дар пеш скрепери хоккан дошту дар қафояш хокандоз ва намудаш аз дур шакли қадом як гамбускеро ба хотир мерасонид.

Едигей бори охирин ба сӯи дуроҳа назар афканд, ки ҳоло аз чашм тамом пинҳон гашта буд. Назар афканду саги қирмизимӯяш Чӯлбарсеро дид, ки бо ҳавсалаи том лӯк-лӯккунон аз паҳлӯи трактор медавид. Едигей тамом маҳву мот шуд. Тавба, вай ба онҳо кай ҳамроҳ шуда бошад? Вакти аз Бӯронӣ баромаданашон набуд-ку. Агар медонист, ки ин хел нағма мебарорад, ба занчир мебаст. Муғамбира бинед-а! Ҳар дафъае ки ба Қаранор савор шуда, ба ягон тараф азми сафар кардани Едигейро пай бурд, хилае сохта, худро ҳамроҳ мекунад. Мана ҳозир ҳам аввал ному нишонаш набуду баногоҳ гӯё аз таки замин пайдо шуда монд. Э хайр, хаволааш ба худо, аз дил гузаронид Едигей. Акнун дер шудааст, ба хона пеш кардан фоида надорад. Аз барои саг фурсатро аз даст додан ҳам нағз не. Бигузор омадан гирад. Чӯлбарс гӯё аз андешаҳои сохибаш огоҳ шуда бошад, тозон аз трактор пеш гузашт ва аз паҳлуи Қаранор рафтан гирифт. Едигей ба сӯи вай дастаи тозиёнаро тахдидомез афшонид. Аммо саг хатто гӯшашро начунбонид. Дер шудааст, гӯё мегуфт, вай, аз тахдид дигар суде нест. Хайр, вай аз дигарон чӣ камӣ дорад, ки ба ин сафар хамроҳ намешудааст? Синаи фарох, гардани пуркуввати сермӯй, гӯшҳои бурида ва чашмони нигоҳашон андешаманду ороме дорад ва, метавон гуфт, як саги хушрӯи чаҳор кас медидагист...

Дар роҳи Она-Байт ба сари Едигей ҳар гуна андешаҳо меомаданд. Вай офтобро медид, ки дар уфуқ баланд шуда, мисли ҳарвақта мурури айёмро хотиррасон мекунад ва беихтиёр айёми гузашта, зисту зиндагонии худро ба ёд меовард. Рӯзҳоеро ёд мекард, ки Қазонкопу вай ҳанӯз чавон буданд, бӯзбалаҳои бақувват бу-

данд ва, роєти гап, коргарони асосию доимии дуроҳа ҳисоб меёфтанд. Дигарон бошанд, имрӯз меомаданду фардо мерафтанд. Қазонқопу Едигей барои дамгирӣ фурсат намеёфтанд, чунки ҳар коре ки пеш меомад, хоҳу нохоҳ кардан лозим буд. Ҳоло он рӯзҳоро ёдовар шавӣ, худат ба ҳичолат мемонӣ, чунки чавонҳо масхара мекунанд: пирони аҳмақ, умри худашонро худашон хазон карданд, мегӯянд. Хӯш, ба хотири чӣ? Аз барои чӣ? Ха, рост, ба хотири чӣ?

Боре роҳи оҳанро барф зер кард. Ду шабонарӯз нафас рост накарда, роҳро тоза мекарданд. Шабона паровозеро наздиктар оваронданд, то ки бо чароғҳояш он чоро равшан кунад. Барф ҳамчунон меборид ва бод онро чарх заронида ва печонида ба ҳар сӯ мезад. То барфи як тарафро тоза мекунӣ, дар тарафи дигар тӯдаи нав пайдо шудааст. Шиддати сармо ба андозае баланд, ки ба замин туф куний ях меафтад. Як дам бехабар моӣ, дасту рӯятро сармо гирифта, варам мекунонад. Панч-шаш дақика бар болои паровоз баромада гарм мешавӣ ва боз ба кори токатфарсои ин дашти зормондаи Сари Озек бояд баргардӣ. Худи паровоз ҳам то чархҳояш ба таки барф гӯр шудааст. Се нафар коргарони навомада рӯзи дуввум рафтанд. Пеш аз рафтан зисту зиндагонии дашти Сари Озекро аз дашному ҳақорати обдор саршор карданд. Мо маҳбус нестем-ку, мегуфтанд онҳо, ҳатто дар зиндон бандиҳоро аз хоб махрум намекунанд.

Субҳи дигар, вақте ки роҳ кушода шуду каторҳо боз ба ҳаракат даромаданд, он се нафар аз дур истода, ба чои хайрбод фарьёд кашиданд:

— Хой гочҳо, аз ин рӯзатон муред, бехтар!

Ана ҳамон рӯз Едигею Қазонқон бо ҳамдигар дастбагиребон шуда буданд. Не, на аз он сабаб, ки он шербачаҳо онҳоро таҳқир карданд. На аз он сабаб.

Шабона Едигей чунон хаста шуд, ки дигар мачоли чунбидан надошт. Барфи резаи хушк меборид, тундбоди сард ба ҳар чо ки расид, гӯё саги девона барин як порча гӯшти баданро канда мегирифт. Аз ҳамлаҳои бод паноҳе набуд. Паровоз дам ба дам бухор сар медод ва атрофро туман пахш менамуд. Чароғаш ҳам барф-тӯдаҳоро базӯр-базӯр равшан мекард. Пас аз рафтани он се шербача Қазонқопу Едигей ба ду уштур чигинаро баста, ба барфкашонӣ даромаданд. Аммо дере нагузашта, уштурон низ аз кор монданд. Сад тозиёна зӯ-

ний, бикушй, ки аз чой намечунбанд. Онхо ҳам чонваранд, охир, сармо аз мағзи устухонашон гузаштааст, дигар ба азоби ин қиёмат тобе надоранд. Барфи ду самти роҳ ба сина мезанад. Қазонкоп уштуронро аз лабашон дошта мекашид, то аз дунболаш бираванд. Едигей аз болои чигинаи пурбарф истода, ба пушту паҳлўи онон қамчин мезад. То нимшаб ба ҳамин минвол роҳ тоза мекарданд. Баъд уштурхо ба рўи барф афтоданду дигар на ба фарьёд бархостанд, на ба шатта. Чй илоч? Корро қатъ кардан лозим меояд, то пасанда шудани бўрон дигар чорае нест. Хар дуяшон дар пеши паровоз аз шамол панаҳ шуда меистоданд.

— Бас, Қазаке, биё, ба паровоз баромада камтар дам гирем. Ҳаво андак кушода шавад, боз мефароем,— гуфт Едигей дастпўшакҳон яхбастааашро ба ҳам зада.

— Ҳаво чй хеле ки хаст, хамон хел мемонад. Вазифаи ману ту барфа тоза кардан. Биё, бела ба даст бигир, мо ҳақ надорем ба бекор истодан.

— Чй, мо одам нестем?

— Ту ноодам нагуфтаам. Ноодам гургу шағол аст, ки ба лонааш пинҳон шудааст.

— Ха, мурдор!— сахт хашмгин шуд Едигей.— Одам ҳаром мурад, ки ту парво надорй! Худат хам ин чо харом мемурй!— гуфт ва як мушт ба чоғаш фаровард.

Занозании сахте шуд, лабу дахони ҳамдигарро зада абгор карданд. Хайрият, ки алавмони паровоз сари вақт поён фаромада, онҳоро аз ҳам чудо кард.

Ана ҳамин хел инсон буд Қазонқоп. Акнун ин гуна одамон нестанд. Ха, Қазонқопҳо дигар тамом шудаанд. Мана охиринашро ба қабристон мебаранд. Мебаранду ба таки хок мемонанду дар сари қабраш фотиха мехонанд: омин, оллоҳу акбар!

Едигеи Бўроней дар ин чо ба такрор хондани оятхои қариб фаромўш кардааш даромад. Мехост, ки тартиби муқаррарии калимаҳоро бисанчад, силсилаи калимоти оятро дар хотири худ аз нав барқарор намояд, чунки он калимот ба унвони худованд гуфта шудааст, ба унвони ҳамон ягона зоти ҳамеша ҳозиру ҳамеша ноаён, ки фақат худ метавонад ихтилофи оғозу анчом, хаёту мамотро дар шуури бани-башар созиш бидиҳад. Оятхо низ, якин, ба ҳамин мақсад ба арсаи вучуд омадаанд. Охир фарьёди ту ба гўши худованд намерасад-ку. Охир наметавонй аз ў бипурсй, ки чаро оламро чунон сохтай, ки одамон таваллуд меёбанду ҳатман мемиранд?

Бани-одам аз азал ба хамин тарика умр ба сар мебарад: дар хайрат аст, дар ниход розй нест, аммо ба такдир тан додааст. Ва ин дуою ниёишхо низ аз хамон даврахои кадим тағьирнопазир мондаанд ва максад аз онон хамон аст, ки буд: фарзанди инсон таскин ёбад, бехуда гилаву шиква накунад. Аммо оятхои ниёиш, ки дар бадали садсолахо чун тангахои тиллой сайкал ёфтаанд, махз хамон вопасин калимахоеанд, ки одами зинда бояд дар сари тобути мурда бихонад. Расму ойин чунин аст.

Катъи назар аз ин ки дар олам худо хаст ё нест, боз фикр мекард Едигей, инсон худоро одатан хангоми зарурат ба ёд меорад, ва ин хуб нест. Аз хамин сабаб дар урфият мегўянд, ки одам ба худо имон надошта бошад, то сараш дард накунад, ўро ба хотир намеорад. Хох хак бошад ин гап, хох не, ба хар хол дуохоро донистан шарт.

Едигеи Бўроній ба хамсафарони чавонаш назар афканда, худ ба худ ғам мехўрд, ки ягонтаи онхо дуоеро намедонад. Вакту соаташ бияд, чи тавр якдигарро ба хок месупоранд? Аз ин дунъё ба олами нестй рафтани инсонро бо кадомин суханон хотиринишин хоханд кард? «Алвидоъ, рафики азиз, фаромўшат намекунем»? Ё ягон гапи дигари беарзише?

Боре ў дар маркази вилоят дар маросими дафни шахсе хузур дошт. Едигеи Бўроній аз хайрат чй кор карданашро намедонист: дар кабристон гўё мачлисе барпо шуд; дар сари тобут нотикон аз рўи коғаз нутк мекарданд ва хама ба як мазмун гап мезаданд — мархум чй кореро адо менамуд, дар кадом вазифахо кор мекард, чй тавр кор мекард, ба кй хизмат мекарду чй гуна хизмат мекард. Гуфтанд, гуфтанду мусикй навохтанд ва ба сари қабраш гулу гулчанбари бисъёре партофтанд. Ва касе хавсала карда, дар бораи марг ва ачал чизе нагуфт, гўё то хол шахсе аз дунъё чашм напўшида бошад, гўё баъди он хам касе аз ин олам намерафта бошад. Ва хол он ки дар ниёиш ва ибодати мардумон фахмишу идроки онон оид ба силсилаи маргу хаёт акс ёфтааст... Он бадбахти дафн кардаашон шахси човидон будааст! Ха, бар хилофи хакикати аён рўирост хамин тавр гуфтанд: «Ў човидон хохад монд!».

Едигей даштро хуб медонист. Ба замми ин аз болои Каранори Бўроній рохи пеш гирифтааш то хеле масофа нағз намудор буд. Кўшиш мекард, ки рохи Она-Байт

хар чй росттар бошад ва факат ба хотири ронандахои трактор баъзе чохои нохамворро давр зада мегузашт.

Сафари чанозабарон мўътадил давом мекард. На чандон бошитоб мерафтанду на он кадар суст, бо вучуди он сеяки рох тай шуд... Каранори Бўрони ба имову ишорахои сохибаш хушьёрона итоат карда, бо хавсала кадам мезад. Аз паси вай такарросу гумбуросзанон трактори аробачадор ва аз дунболи он «Беларусь»-и чорчарха меомаданд.

Аммо онхоро вокеахои гайри чашмдоште дар пеш буданд. Ва харчанд ин ин хол аз акл дур намоянд хам, он вокеахо зотан бо рўйдодхои космодроми Сари Озек робита доштанд...

Хавопаймобари «Конвенция» он соат дар чои худ буд. Дар худи хамон нуктаи Укьёнуси Ором, дар самти чанубии чазираҳои Алеут, бо роҳи ҳавой дар масофаи баробар аз Владивосток ва Сан-Франциско.

Ҳавои укьёнус ҳамчунон ором буд ва дар ниман аввали рўз офтоб бар сари мавчзори беканори об нурафшонй менамуд. Аз уфук то уфук аломате ба чашм намерасид, ки аз тағьири хаво дарак бидиҳад.

Дар саҳни ҳавопаймобар низ ҳаман қитъахо ва гурўҳҳо, аз чумла қитъаи авиация ва гурўҳи таъмини амнияти дохилй, дар холати омодагй буданд, гарчи дар муҳити атроф барон чунин вазъият ягон сабаби муайян ба чашм намерасид. Сабаб дар дигар чой буд — берун аз ҳудуди коинот.

Иттилооте ки аз паритет-кайҳоннавардон аз сайёраи Пайкараи Чангалистон ба воситаи мадори «Трамплин» ба киштии «Конвенция» расид, роҳбарони Мармутидор ва аъзои комиссияхои фавқулоддаро махву мот намуд. Ошуфтагии онон ба андозае зўр буд, ки тарафайн аввал карор доданд ҳар кадоме чудогона ба машварат бинишинанд, то вазъи ба миён омадаро мувофики манфиат ва мавқеи худ баррасй кунанд ва факат пас аз он ба мухокимаи умум бипардозанд.

Аз кашфи беамсол дар таърихи инсоният — аз мавчудияти тамаддуни беруни аз Замин дар сайёраи Пайкараи Чангалистон олам ҳанўз хабаре надошт. Ҳатто хукуматхои тарафайн дар хусуси худи воқеа ба таври махфй огоҳ карда шуда бошанд хам, аз идомаи он ҳанўз ҳеч гуна маълумоте надоштанд. Интизор буданд, ки

комиссияҳои мўътабари салоҳиятдор ба чӣ хулосае меоянд. Дар сар то сари ҳавопаймобар тартиботи қатъӣ ҷорӣ карда шуд. Касе ва аз ҷумла ягон ходими қитъаи авиация, ҳад надошт, ки чои хидмати худро тарк намояд. Касе, ба ҳеҷ баҳонае ҳақ надошт, ки аз киштӣ дур биравад ва ягон киштии дигар низ наметавонист ба «Конвенция» ба масофаи камтар аз панҷоҳ километр наздик бишавад. Ҳавопаймоҳое ки аз фазои ин минтақа мегузаштанд, роҳи худро дигар мекарданд то ба қароргоҳи «Конвенция» аз сесад километр наздиктар нарасанд.

Инак, мачлиси якҷояи тарафайн қатъ гардид ва ҳар як комиссия бо сарварии шарикрохбари аз тарафи худ таъиншудаи барноман «Демиург» ахбори паритет-кайҳоннавардони 1-2 ва 2-1-ро ки аз сайёраи барои илм ҳанӯз номаълуми Пайкараи Ҷангалистон фиристода буданд, мухокима менамуд.

Аз масофаи бузурге, аз масофаи нуҷумии ғайри қобили тасаввур чунин пайғоме расида буд:

«Диққат! Диққат!

Гуфтори байналафлокии моро заминиён гӯш кунанд!

Гӯш кунед!

Шарҳи он чизе ки номи замин надорад, бағоят мушкил аст. Лекин баъзе чихатҳои умумӣ вучуд доранд.

Сокинони ин чо ба инсон шабохат доранд, ба мисли мо инсонанд! Салламно ба такомул ва таҳаввалоти чахонӣ! Дар ин чо такомулот мувофики суннати универсалӣ модели хомининдро [1] ба арсаи вучуд овардааст! Навъи оличаноби хомининдҳои ғайризамининӣ! Дӯсти пайкарашон гандумгун, мӯи сарашон осмониранг, чашмонашон сабз ё бунафши равшан. Мижгони дароз-дарози сафедтоб доранд.

Онхо скафандрхои мутлако шаффофе дар бар доранд. Ба истгохи мадории мо чафс шуда, аз киштии худ ба сӯи мо табассум карданд ва моро ба манзилашон даъват намуданд.

Ва мо аз доираи як тамаддун ба остонаи тамаддуни дигар по ниходем.

Аппарати винтдори парвозиашон аз киштиамон дур шуд ва мо бо суръати равшаной, ки дар дохили киштӣ такрибан эҳсос намешуд, чараёни вақтро паси сар гузошта, ба оғӯши Коинот равона шудем. Аввалин чизе

---

[1] Намунаи навъи башар.

ки мо пай бурдем ва он ногахон бонги осудагии мо гардид,— ин вучуд надоштани холати бевазнй буд. Мо холо гуфта наметавонем, ки бо чй тадбире ба ин муваффак шуда бошанд. Онхо чумлаи аввалинашонро бо омехтан калимахои русй ва англисй гуфтанд: «Вел ком наш Звезда!»[1]. Ва мо пай бурдем, ки ба андозае диккат кунем, мубодилаи афкор карда метавонем. Махлукони кабудмўй панч нафар ва хама баландболо (кадашон тахминан ду метр) буданд. Чахор марду як зан. Тафовути зан дар кадаш не, балки дар он буд, ки пайкари нафиси занона дошт ва ранги рўяш сафедтар буд. Хамаи мардони кабудмўи чангалистонй ба мисли арабхои шимолии мо гандумранганд. Аз дакикахои нахустин дар дили мо нисбат ба онон як навъ хисси итминон пайдо шуд.

Се нафари онхо аппарати парвозиро идора мекарданд, зан ва боз як мард донишмандони забонхои заминй будаанд. Махз онхо аз амвочи кайхон аввалин бор калимахои англисй ва русиро ба воситаи радио дошта гирифта, омўхтаанд ва ба тартиби муайян даровварда, як луғати заминй сохтаанд. То лахзаи мулокоти мо онхо зиёда аз дуним хазор калима ва истилохотро маънидод кардаанд. Иртиботи мо бо мадади ана хамин захираи луғавй сурат гирифт. Худашон байни хамдигар ба забоне гуфтугў мекунанд, ки барои мо тамом нофахмост, вале охангаш ба забони испанй наздик аст.

Пас аз ёздах соати парвоз аз «Паритет» мо аз худуди Системаи Офтоб берун баромадем.

Гузариш аз системаи ситорахои мо ба системаи дигар ягон хусусияти хосе надошт ва номаълум анчом пазируфт. Моддаи Коинот дар хама чой як навъ аст. Вале дар самте ки мо мерафтем, тадричан шафаке падидор мегашт ва торафт равшантар мегардид, аз афти кор, мавкеъ ва вазъи чисмхои он системаи ба мо ношинос дар он лахза чунин буд. Он шафак торафт бузургтар мегардид ва то бо масофатхои дуродур доман пахн карда, ба як фазои бекарони нурбор мубаддал мешуд. Дар рох мо аз пахлўи чанд сайёра гузаштем, ки дар он соат як тарафашон торик буду тарафи мукобилашон — мунаввар. То он чое ки чашм мерасид, бисьёр хуршеду камархоро дидан мумкин буд.

Мо гўё аз домани шаб ба канори рўз мерафтем. Ва

---

[1] Хуш омадед Ситораи мо!

баногоҳ ба оғӯши нури мусаффо ва беканоре афтодем, ки аз Хуршеди муқтадире дар осмони барои мо то ҳол номаълум паҳн мегардид.

— Ин ҷо Фалаки мост!—эълон намуд зани забоншинос.— Мана ин нури Дастгири мост. Хозир Пайкараи Ҷангалистон намудор мешавад.

Дар вокеъ дар баландии бенихоят баланди фазои тозаи коинот мо Хуршеди барои худ наверо дидем, ки ҷангалистонихо Дастгираш мехондаанд. Дар шиддати нурфишонӣ ва ҳаҷман Дастгир аз Офтоби мо хеле пуриктидортар буд. Ба назари мо, як қатор имтиёзоти геобиологии ҷаҳони инчӯй аз замини мо эҳтимол аз ҳамин хосияти Хуршеди онон ва боз аз чунин ҳоле бармеояд, ки шабонарӯзи Пайкараи Ҷангалистон аз бисту ҳашт соат иборат аст.

Аммо дар ин хусус мо кӯшиш мекунем дафъаи оянда ё пас аз бозгашт ба «Паритет» муфассалтар хабар бидиҳем, ҳоло бошад, фақат чанд нуктаи муҳимро ба маълумоти шумо мерасонем. Сайёраи Пайкараи Ҷангалистон аз баландӣ ба Замини мо шабоҳат дорад ва бо ҳамон гуна абрҳои атмосферӣ иҳота шудааст. Аммо агар аз наздиктар, аз масофаи панҷ-шаш ҳазор метр нигоҳ кунед (ҷангалистониҳо барои мо парвози махсуси манзаравӣ ташкил карданд), намуди бағоят дилкушоеро мебинед: кӯҳсорон, қуллаҳо, теппаҳо ҳамагӣ либоси зумуррадгун дар бар кардаанд, байни онҳо наҳрҳо, баҳрҳо ва кӯлҳо намудоранд, дар баъзе қисматҳои сайёра, бештар дар самтҳои канорию қутбӣ лаккаҳои азими биёбонҳои бечӯн намоёнанд, ки макони бӯронҳои хок будаанд. Аммо шаҳру қарияҳо ба мо таъсири аз ҳама бештаре гузоштанд. Ин ҷазираҳои иншоотҳои меъморӣ дар сатҳи Пайкараи Ҷангалистон шоҳиди дарачаи баланди шаҳрсозию шаҳрдорӣ буданд. Ба санъати шаҳрсозии сокинони кабудмӯи ин сайёра ҳатто Манҳаттан[1] ақаллан заррае баробар шуда наметавонад.

Худи ҷангалистониҳо, ба назари мо, як навъ мавҷудоти соҳибшуури нодир ва фавқулоддаи Коиноти мо мебошанд. Мӯҳлати ҳомиладории занон — ёздаҳ моҳи сайёраи Пайкараи Ҷангалистон. Умри сокинон дароз: ба ҳисоби миёна саду сӣ — саду панҷоҳ, баъзеҳо то дусад сол умр мебинанд. Бо вуҷуди ин масъалаи дароз кардани умрро ҷангалистониҳо умдатарин муаммои

[1] Райони марказии Нью-Йорк, ки бо иморатҳои серошьёнаш машҳур аст

чамъият ва максади ҳаёти худ мешуморанд. Аҳолии сайёра аз дах миллиард нафар зиёдтар аст.

Мо холо наметавонем ҳар он чиро ки ба тарзи зиндагонии кабудмўён ва дастовардҳои тамаддуни онон марбут аст, ба андозае мураттаб баён кунем. Бинобар ин аз баъзе чизхо, ки моро ба хайрат андохтааст, андак-андак ахбор медихем.

Онхо дар хосил кардани кувва — кувваи офтобй ё, ба кавли худашон бигўем, кувваи дастгир мохиранд ва ин кувваро ба нируи гармй ё электрй бо коэффициенти баланди таъсири судманд баргардонида метавонанд, ки он аз коэффициенти корхои гидротехникии мо хеле баландтар аст. Боз як нуктаи аз хама мухиммаш ин, ки аз тафовути харорати хавои рўз ва шаб низ кувваи хосил карда метавонанд.

Онхо идора кардани обу хаворо омўхтаанд. Вакте ки дар болои сайёра сайр мекардем, аппарати парвозй шуохои махсус фиристода, абр ва туманро дар чохои ғуншудааш пароканда месохт. Ба мо маълум шуд, ки онхо кодиранд ба харакати бод дар фазо ва чараёни об дар бахру укьёнусхо таъсир бирасонанд. Ба хамин васила чарасни намнок шудан ва режими хароратро дар фазои сайёра идора мекунанд. Зиёда аз он ба кувваи чозибаи ачсом таъсир мерасонанд, ки ин ба парвозхои байнисайёравиашон кўмак мекунад.

Вале дар назди онон муаммои азиме истодааст, ки барои заминиён, ба назари мо, ҳанўз ношинос аст. Онхо аз хушксолй осебе намебинанд, чунки обу хаворо идора карда метавонанд. Харчанд, ки микдори ахолй хеле бузург, яъне назар ба микдори навъи башар дар рўи Замин ду ним маротиба зиёдтар аст, норасои озукаро надидаанд. Аммо қисми калони сайёраашон тадричан барои зисту зиндагонй номувофик шуда истодааст. Дар он чохо хама чизи зинда махв мегардад. Ин ходисаро аз дарун хушкидан ном додаанд. Хангоми сайр мо дар қисми ҷанубу шаркии Пайкараи Чангалистон хокборонро дидем. Дар натичаи чй гуна як аксуламали муқтадире дар қаъри сайёра қабати болоии хок вайрон мешавад, таркиби худро гум мекунад, хаман унсурони хосилхезаш барбод мераванд. Ин ходиса, эҳтимол, ба пайдоиш ва амали вулконҳои мо шабоҳат дошта бошад, аммо ба шакли дигар — ба шакли чўшида баромадани анбўҳи шуоъ. Дар ин қисмати Пайкара биёбоне хачман баробари Сахрои Кабир пайдо шуда-

аст ва сол то сол ба манзили сокинони кабудмӯи сайёра қадам ба қадам ҳамла меорад. Барои онҳо ин мусибати калонест. Онҳо ҳанӯз идора кардани рӯйдодҳои қаъри сайёраи худро наомӯхтаанд. Ба муборизаи зидди ин ҳодисаи пурхатар — аз дарун хушкидани сайёра бехтарин куввахо, олимон ва маблағҳои зиёде сафарбар шудаанд. Дар системаи ситораҳои онон мох нест, лекин онҳо Моҳи моро медонанд, ба он чо рафта омадаанд. Онҳо тахмин мекунанд, ки эҳтимол, Моҳи мо чунин ҳодисаро паси сар карда бошад. Мо ин хабарро шунида, ба андеша рафтем. Охир Замин аз Моҳ чандон дур нест. Оё мо бо чунин мулоқоте омодаем? Ва оқибатҳои чӣ дохилӣ ва чӣ берунии ин вохӯрӣ чӣ гуна метавонанд бошанд? Оё одамон фикр намекунанд, ки аз сабаби нозихо ва кашокашҳо дар рӯи Замин дар инкишофи маънавӣ хеле қафо мондаанд?

Ҳоло дар доирахои илмии Пайкараи Чангалистон мубохисаи умумисайёравӣ давом дорад: оё барои кашфи асрори дохили сайёра бештар кувва ба кор андохта, роҳҳои пешгирӣ кардани ин фалокати имконпазирро чустучӯ бояд кард ё дар Коинот сари вакт сайёраи дигареро бояд дарьёфт, ки ба талаботи зиндагонии онҳо мусоид бошад, то ки пас аз мӯҳлати муайян кӯчидanро ба маҳалли нави зист оғоз намоянду маданияти Пайкараро низ дар чои нав барқарор гардонанд? Ҳоло маълум нест, ки онҳо чашми худро ба сӯи кадоме аз сайёраҳои нав дӯхтаанд. Ба ҳар ҳол, онҳо дар сайёраи ҳозираашон миллион-миллион солҳои дигар истиқомат хоҳанд кард, аммо ниҳоят ҳайратангез аст, ки дар хусуси муаммои оядаи бисьёр дур аз ҳоло фикр мекунанд ва ҳамагӣ чунон бо ғайрату ҳавсала фаъолият нишон медиҳанд, ки гумон мекунед ин муаммо ба сари насли ҳозираи аҳолии ин чо афтода бошад. Наход ақаллан дар каллаи ягон кас чунин хаёлаки разилонае наомада бошад, ки «баъд аз сари ман дуньё сӯзад ҳам, майлаш?» Ба ҳамин монанд як андешае ба сари худамон омад ва мо дарун-дарун хиҷолат кашидем, чунки ба мо гуфтанд, ки қисми зиёди маҳсулоти умум барои барномаи пешгирӣ кардани хушкидани дохили сайёра сарф мешавад. Мардумони ин чо кӯшише доранд, ба тӯли ҳазорон-ҳазор километр — қад-қади биёбоне ки тадричан ҳамла меорад,— садде устувор намоянд. Чоҳҳои бағоят чуқур кофта, ба қаъри сайёра чунон моддаҳои тавилулмуддати беасаркунанда мерезанд, ки он моддаҳо,

ба акидаи онон, ба амалиёти дохилиядроии сайёра таъсири матлуб хоҳанд расонид.

Албатта, дар ҳаёти иҷтимоии онҳо низ масъалаҳои ҳалталаб ҳастанд ва бояд бошанд, аз ҷумла масъалаҳои сохаи ахлоқ ва маънавият, яъне муаммоҳое ки хиради инсон аз азал барои ҳалли онҳо ранҷу машаққат мекашад. Ба кадом зинаи некӯаҳволӣ нарасида бошанд ҳам, зиндагонии якҷояи зиёда аз даҳ миллиард мардум чандон оддию осон намегузарад. Ин бакуллӣ равшан аст. Аммо ачобат дар ин ки онҳо чӣ будани давлатро намедонанд, яроқу аслиҳаро надидаанд, чигунагии ҷанго намефаҳманд. Эҳтимол, дар таърихи гузаштаашон ҷанг ҳам, давлат ҳам, муомилоти пулӣ ҳам бошад ва ҳаман дигар чизҳои муносиби ҳамон сохти ҷамъияти низ бошанд, инро якин гуфтани мо душвор аст, аммо дар лаврани ҳозира онҳо оид ба чунин як созмони фишор ва иҷбор ба мисли давлат, доир ба чунон як шакли мубориза ба монанди ҷанг тасаввуроте надоранд. Агар ба онон фахмонидани моҳияти ҷангу ҷидолҳои беохири мо дар рӯи Замин лозим шуда монад, оё ин кори мо ба назари онҳо чун тарзи бемаъной ё, хатто, ваҳшиёнаи ҳалли муаммо чилвагар намешуда бошад?

Появу ибтидои зиндагонии онҳо дигар аст ва бароии мо на чандон фахмост ва аз он сабаб, ки мо ба қолаби заминии тафаккур одат кардаем, барои мо чандон дастрас ҳам нест.

Онҳо ба чунон зинаи идроки дастҷамъонаи умумисайёравӣ расидаанд, ки ҷангро ҳамчун усули мубориза қатъиян истисно мекунад ва аз ин ҷиҳат мо факат тахмин карда метавонем, ки чунин шакли тамаддуи дар доираи аклраси ҳаман Коинот бояд мукаддамтарин шакле бошад. Эҳтимол, онҳо ба чунон пояи тараққиёти илм расидаанд, ки инсонпарварона гардидани чи вақту чи фазо ҳадафи асосии ҳаёти мавҷудоти зинда ва дар айни замон идоманда такомулоту таҳаввулоти ҷаҳон мегардад дар давраи тоза, олӣ ва бепоёни он.

Мо чизҳои киёснашавандаро ба ҳам андоза кардани нестем. Солҳо мегузаранду дар Замини мо низ одамон ба чунин пешрафти куллӣ нонл хоҳанд шуд. Мо ҳозир низ аз Замини худ ифтихор дорем, бо вуҷуди ин як андеша моро пайваста азият медиҳад: рафту инсоният дар рӯи Замин ба акидае, ки таърихи башар гӯё таърихи ҷангҳост, сахт бовар карда, ба роҳи пурфочиаи хато рафта истода бошад? Рафту ин роҳ ба мисли тангкӯчаи



сарбаста аз азал рохи ғалат бошад? Дар он сурат мо ба кучо равонаем ва то ба кучо хоҳем расид? Ва агар ин рох вокеан ғалат бошад, оё инсоният қодир аст ба хатои худ мардона иқрор кунад ва фалокати ҳамагониро пешгирӣ намояд? Мо ба амри тақдир нахустин шоҳидони ҳаёти ичтимоии берун аз Замин гардидем ва вучуди мо саршор аз эхсосоти мухталиф аст: мо аз оянда заминиён дар ҳаросем ва дар айни замон ноумед хам нестем, чунки дар чаҳон намунаи зиндагонии бузурги дастчамъонае ҳаст, ки чараёни он аз он шаклхои ихтилофоте озод аст, ки ҳатман бо чангу чидол ҳал мешаванд...

Сокинони Пайкараи Чангалистон медонанд, ки дар як гӯшаи фавқулодда дури коинот Замини мо вучуд дорад. Онҳо самимона мехоҳанд бо замининён робита барқарор намоянд. На фақат аз ҳисси табиии кунчковӣ, балки қабл аз хама, мегӯянд онхо, ба хотири тантанаи ҳуди падидаи хирад, барои тачрибаивазкунии тамаддунхо, баҳри давраи тозае дар инкишофи афкор ва рухи аҳли хирад.

Пешбинихои онон дар ин чабҳа назар ба он ки мо ба худ тасаввур карда метавонем, хеле амиқтар аст. Боз як сабаби мароки онон ба замининён дар он аст, ки дар иттиҳоди саъи ин ду шохаи хиради чаҳонӣ онҳо рохи асосиеро мебинанд, ки дар табиат умри бардавомеро таъмин метавонад кунад, зеро дар назар бояд дошт, ки хар гуна неру низ дар нихояташ заволе дорад ва ҳар сайёра низ бо мурури замон ба нестӣ хоҳад расид... Онҳо аз муаммои «охирати дунъё» миллиардхо сол қаблан ба ташвиш афтодаанд ва аз ҳоло бо тадоруки лоихахои оид ба тахияи мавзеи нави зиндагонӣ барои хамаи мавчудоти Коинот машғул мебошанд...

Онҳо аппаратҳои парвозие доранд, ки бо суръати нур мегарданд ва онҳо метавонанд худи ҳозир ба Замини мо бираванд. Аммо ин корро бидуни ризоият ва даъвати худи замининён кардан намехоҳанд. Ба рӯи Замин чун мехмони нохонда қадам ниҳодан намехоҳанд. Лекин мегӯянд, ки кайҳо инчониб барои шиносой мавриди муносибе мечустанд. Аз он айёме ки истгоххои кайҳонии мо ба чисмҳои тавилулмуддат амалкунанда дар мадор табдил ёфтанд, онҳо дарьёфтаанд, ки рӯзи мулокот наздик мерасад ва онҳо бояд аз чониби худ ташаббусе зоҳир кунанд. Тасодуф ин вокеаро ба зим-

маи мо вогузошт, чунки ҳамон дам дар мухити васат — дар истгоҳи мадорӣ мо навбатдор будем...

Ба сайёраи онҳо омадани мо ҳодисаи ҳаячонангезе гардид, ки ин ҳол комилан мафҳум аст. Ба ин муносибат системаи умумисайёравии телеконтактташонро ба фазо бипайвастанд, ки ин корро одатан дар айёми идҳои бузургашон мекардаанд. Мо дар ҳавои пурнури атрофи худ чеҳраҳо ва ашёҳоеро барало ва гӯё дар пахлӯи худ медидем, ки дар воқеъ ҳазорон-ҳазор километр аз мо дур буданд. Ва дар айни замон мо ба рӯи ҳамдигар менигаристем, табассум мекардем ва нидоҳои хушҳолона баланд карда механдидем ва сӯҳбат мекардем, гӯё ҳаман ин ҳангома дар сӯҳбати рӯбарӯи бевосита шуда истода бошад. Мардуми ҷангалистонӣ басе зебо ва гуногунанд, ҳатто ранги осмонии мӯи сарашон ҳам аз нилобӣ то лочувардӣ тобишҳои ҳархела дорад. Мардҳо бошанд, чун дар Замини мо, дар пиронсолӣ мӯйсафед мешудаанд. Ва навъҳои антропологиашон низ гуногунанд, зеро аз гурӯҳҳои мухталифи нажодӣ ба ҳам омадаанд.

Пас аз баргаштан ба «Паритет» ё ба Замин дар ин хусус ва дар бораи бисьёр чизҳои дигари ҳамчунин ҳайратафзо боз накл хоҳем кард. Аммо ҳоло бояд як нуктаи хеле мухимро арз намоем. Ҷангалистонихо аз мо хоҳиш карданд, ба воситаи системаи алокаи «Паритет» хабар дихем, ки онҳо мехоҳанд дар вакте ки барои заминиён кобили кабул аст, ба сайёраи мо бираванд. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки кабл аз сафар тарҳи баркарор гардондани истгоҳи васатии байниситоравӣ мухокима карда шавад, ки он истгох дар ибтидо ҳамчун маҳалли мулокотҳои пешакӣ ва сипас ба сифати қароргоҳи доимие дар рохи рафтуомадҳои дучониба хидмат хоҳад кард. Мо ваъда додем, ки ин пешниҳодро ба маълумоти ҳамзаминон бирасонем. Вале ба ин муносибат моро андешае ба изтироб овардааст.

Оё мо, заминиён, ба чунин мулокотҳои байнисайёравӣ омодаем? Оё ҳамчун мавҷудоти соҳибидрок ба дарачаи лозимаи такомулот расидаем? Дар холати парокандагие, ки мо дорем ва ихтилофоте ки дар байнамон мавҷуд аст, оё қодирем чун вохиди ягона ваколатдорӣ кунем, худро аз номи ҳаман навъи башар, аз номи ахли Замин намоянда эълон намоем? Мо аз шумо илтимос мекунем, ки халли ин масъаларо танҳо ба зимман Ташкилоти Давлатҳои Муттахид вогузоред, то ки оташи

рақобат ва обрўталоши аз нав шўълавар нагардад. Боз илтимос дорем, ки аз ҳуқуқи вето суистеъмол накунанд ва шояд, ки ҳамин дафъа ба тариқи истисно ин ҳуқуқро аз эътибор соқит эълон намоянд. Дар мавзеи бениҳоят дуродур истода, дар хаёли ин гуна нозукиҳо будан барои худи мо хеле гарон аст, аммо чӣ кунем, ки мо низ замине̱м ва аз хулқу атвори заминиёни худ басо хуб огоҳем.

Ва, ниҳоят, дар хусуси худамон, боз як бори дигар дар бораи рафтори худамон. Мо ҳис мекунем, ки аз истгоҳи мадорӣ ғайб задани мо чӣ тавр ҳамаро ба изтироб афканд ва пас аз он чӣ гуна чораҳои таъҷилӣ дида шуданд. Бисьёр таассуф мекунем, ки ба сари шумо ин кадар ташвиш овардем. Аммо он вокеа дар таҷрибаи ҷаҳонӣ чунон як рўйдоди нодире буд, ки мо наметавонистем ва ҳақ надоштем, аз бузургтарин хидмате дар умри худ даст бикашем. Оре, мо пайравони содики интизоми қатъӣ будем, вале мачбур будем, ба хотири чунин як мақсаде бар хилофи интизом рафтор кунем.

Бигузор, ки ин кирдор бар виҷдони мо лакнате гузошта бошад, бигузор, ки моро подоши сазоворе интизор бошад. Аммо, илтимос, ҳоло ин масъаларо як сӯ гузоред. Диққат кунед! Мо аз Коинот сигнал фиристодем. Мо ба шумо аз системаи афлоки то ҳол номаълум — аз системаи Хуршеди Дастгир пайғом мефиристем. Ҷангалистониҳои кабудмӯй эҷодкорони олитарини тамаддуни муосиранд. Мулокот бо онон ба сар то пои зисту зиндагонии мо, дар тақдири ҳамаи навъи одам метавонад табаддулоти куллие ба амал биоварад. Оё мо, албатта, кабл аз ҳама манфиатҳои Заминро риоя намуда, ба чунин иқдоме ҷасорат карда метавонем?..

Сокинони Пайкараи Ҷангалистон ба мо ҳеҷ гуна нияти таҳдид надоранд. Ба ҳар ҳол, хулосаи мо ҳамин аст. Вале мо таҷрибаи онҳоро омӯхта, дар рӯзгори худ дигаргуниҳои бузург ба амал оварда метавонистем: аз ҳосил кардани неру аз муҳити моддии атроф сар карда, то маҳорати зистан бидуни аслиҳа, бидуни зӯрӣ ва фишор, бидуни ҷангу ҷидол. Зиндагонии беҷангу ҷидол ба гӯши шумо аҷибу ғариб мерасад, албатта, вале мо тантанавор шаҳодат медиҳем, ки дар сайёраи Пайкараи Ҷангалистон ҳаёти мавҷудоти соҳибхирад махз ба ҳамин суннат ташкил шудааст. Оре, бошишгоҳи ҷангалистониҳо низ дар ҷирми геобиологияш айнан мисли

Замин аст, аммо чунин камолоти дилкашу дилхохро маҳз онхо ба даст овардаанд. Онхо, моликони тарзи тафаккури олитамаддуни умумиконнотӣ, хозиранд бо бародарони сохибидроки худ, бо замининён ба хар шакле ки ба талаботу хайсияти тарафайн шоиста бошад, робитаи ошкоро баркарор намоянд.

Мо берун аз худуди афлоки худ, ба яке аз сайёрахои системаи Хуршеди Дастгир афтода, аз кашфи тамаддуни ғайризамини хам моту мабхут гардидем, хам шоду мамнун, лекин бесаброна интизорем, ки ба манзили худ баргардем ва хар он чиро ки бо чашми худ дидему бо гӯшамон шунидем, барои одамон накл бикунем.

Мо ният дорем, ки пас аз бисту хашт соат, яъне баъди як шабонарӯзи хамин сеанси радио-алока ба рохи бозгашт ба сӯи «Паритет»-и худ бароем. Ба «Паритет» расида, худро ба ихтиёри пурраи Мармутидор хохем супорид.

Хайр, то боздид. Қабл аз парвоз ба сӯи системаи Офтоб вакти ба «Паритет» расиданамонро маълум хохем кард.

Бо хамин аввалин ахбори худро аз сайёраи Пайкараи Чангалистон ба поён мерасонем. То боздид дар ояндаи наздик. Илтимос, ба хонаводахои мо бирасонед, ки хотирҷамъ бошанд...

Паритет-кайҳоннаварди 1-2
Паритет-кайҳоннаварди 2-1.

Машварати чулогонаи комиссияхои фавкулодда дар сахни киштии хавопаймобари «Конвенция» оид ба тахкики ходисаи ногахонӣ дар истгохи мадории «Паритет» ба охир расид ва хар ду комиссия дар хайати пурра барои маслихат бо макомхои болой ба кишвархои худ парвоз карданд. Як хавопаймо аз сахни киштӣ парида, ба сӯи Сан-Франциско рох пеш гирифт, дигараш пас аз чанд дакика ба самти мукобил — ба тарафи Владивосток равона шуд.

Киштии хавопаймобари «Конвенция» хамчунон дар чои пешинааш, дар мавзеи доимии худ — дар Укьёнуси Ором, дар самти чанубии Ҷазираҳои Алеут вокеъ буд... Дар сахни киштӣ тартиботи қатъие хукмрон буд. Хар кас бо кору бори худ машғул, хама хушьёр ва омодаи хидмат... Ва хамагон лаб ба сукут баста буданд...

Каторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Сеяки рохи Она-Байт тай шуд. Офтоб аввал аз уфуқ баштаст баланд мешуду ҳоло гӯё дар як нуқтае дар осмони Сари Озек қарор гирифта буд. Яъне ки чоштгоҳи калон омад. Ҳаво ҳам ба гармии рӯзонааш расид.

Едигеи Бӯронӣ гоҳ ба соат, гоҳ ба офтоб ва гоҳо ба дашти кушоди дар пеш хобида назар афканда, дар дилаш мегуфт, ки ҳоло ҳозир сафарашон мӯътадил давом дорад. Вай хамчунон уштурсавор дар пеш меравад, аз дунболи ӯ трактори аробачадор ва аз паси он экскаватори чорчархан «Беларусь» меояд. Саги сурхмӯй Чолбарс бошад, аз пахлӯ медавад.

«Каллаи одам чизе ачибе будааст; ақаллан як сония бе фикру хаёл наmemонад-е. Ин чиза бисьёр ғалатӣ сохтаанд: хоҳӣ-нахоҳӣ аз як фикр фикри дигаре пайдо мешавад ва, аз афти кор, то дами вопасин ахвол ҳамин аст». Едигей чун дид, ки тамоми рох хаёлаш ба ягон чиз банд аст, ҳамеша ва муттасил банд аст, ба ҳамин хулосаи шӯх омад. Чунон ки мавҷҳои баҳр дунболи ҳам мераванд, андешахо низ пай ҳам меоянд. Дар айёми бачагӣ вай соатҳои дароз ба канори бахри Арал баромада, оиро тамошо мекард. Боди сахт вазон бошад, дар дуродур мавҷҳои бузурги кафколуд пайдо шуда, бо суръат пеш меомаданд ва аз ёлхои сафеду пуркафки онон мавҷҳои тозае тавлид мешуданд. Дар ҳаракати амвоҷ дар айни замон ҳам тавлид ёфтан, ҳам хаставу хароб гардидан ва боз ба дуньё омадану завол ёфтани ҷисми зиндаи баҳр дида мешуд. Ва он гоҳ ӯ, писараки майда, орзӯ мекард, ки ба мохихӯраке бадал шаваду дар фарози мавҷҳо, катразорони дурахшон ба парвоз дарояд ва ҳаёти ин оби муаззамро аз боло хубтар тамошо кунад.

Манзараи дашти оғози тирамох, дашти кушоду ба андозаи хузнангез бекасу хилват, лӯккаи якмароми уштур Едигеи Бӯрониро ба фикру хаёл талкин менамуд ва ӯ низ мукобилат накарда, даст ба домани андеша мезад, хусусан ки рохи дарозе дар пеш буд ва чизе ба сафари онҳо халал намерасонид. Қаранор, чунон ки дар

сафарҳо чунин ҳол рӯй медод, ҳоло аз гашти ҳуд тасфида буд ва аз пайкари вай бӯи тези мушкомезе паҳн мешуд. Ин бӯй аз пушти гарданаш ба димоғ мезад. «Бале, бале,— ҳуд ба ҳуд қаноатмандона табассум мекард Едигей,— маълум мешавад, ки арақ кардай! Миёни поҳоят ҳам пури кафк шудааст! Ҳа, ҷонвар, ҷонвараки қайсар! Лекин бадкирдорй ту, ҳа, бадахлоқ!»

Рӯзҳои гузашта ба хотири Едигей мерасиданд, рӯзҳо, корҳо, воқеаҳои айёме ки Қазонқоп он гоҳ бақувват буд, сиҳат-саломат буд. Ва баноҳост дар силсилаи ёддоштҳо як хотираи талху пурандӯҳи деринааш ҳам пайдо шуда, ҳавосашро парешон намуд. Едигей ба дуохонй даромад, суд накард. Оятҳои мелонистагиашро бо овози шунаво такрор ба такрор мехонд, то ки алами он ғуссаи аз нав зиндашударо дуртар биронад, фаромӯш кунад. Аммо дилаш таскин намеёфт. Едигеи Бӯронй ғамгин шуд, ба паҳлуҳои уштуре ки бе ин ҳам бо ҳавсалаи тамом роҳ мепаймуд, бидуни зарурате маҳмез мезад, лапари фуражкаашро ба рӯи чашмонаш кашид ва ба трактороҳои аз дунбол оянда дигар нигоҳ намекард. Аз пас омадан гиранд, бисьёр қафо намонанд, шуд. Ин ҷавонҳои ҳоми рӯзгорнодидаро ба он қиссаи дерина коре нест. Ба қиссае ки аз он хатто ба занаш ҳарфе нагуфтааст, аммо Қазонқоп онро мисли ҳамеша окилона ва аз рӯи виҷдон анҷом дод. Агар вай ҳамин тавр намекард, Едигей аз дуроҳаи Бӯронй кайҳо баромада мерафт...

Ҳамон сол, соли ҳазору нӯҳсаду панҷоҳу якум, дар охири сол, яъне ки фасли зимистон ба дуроҳа як оила кӯчида омад. Зану шӯю ду писарак. Калониаш, Даул панҷсола буд, хурдиаш сесола. Эрмек номи хурдиаш. Худи Абӯтолиб Қутлибоев ҳамсоли Едигей буд. Ҳанӯз пеш аз ҷанг дар мактаби овуле як сол муаллимй мекардааст, тобистони соли чилу якум, аввалин рӯзҳои ҷанг гирифта ба фронт фиристодаанд. Пас бо Зарифа онҳо дар охири ҷанг ё муддате пас аз он ҳамхона шудаанд. Зарифа ҳам то кӯчиданашон ба ин ҷо муаллимаи синфҳои ибтидой будааст. Инак, онҳоро ба дашти Сари Озек, ба дуроҳаи Бӯронй тақдирашон пешандоз карда оварданд.

Аз рӯзи аввал ҳама фаҳмиданд, ки ба дашти хилват онҳо бо ихтиёри ҳуд наомадаанд. Абӯтолиб ва Зарифа дар дигар ҷой ҳам кор ёфта метавонистанд. Аммо вазъият чунон омадааст, ки зоҳиран, илоҷи дигар надошта-

анд. Бӯронихо дар аввал гумон доштанд, ки онхо дар ин чо дер нахоханд монд, тоб нахоханд овард, ба ягон сӯ сарашонро гирифта, хоханд рафт. Ба дурохан Бӯрони одамони аз онхо зӯртар хам омада рафтаанд. Тахмини Едигей хам, Қазонқоп хам хамин буд. Бо вучуди ин аз рӯзи якум ба оилаи Абӯтолиб муносибати эхтиромкоронае барқарор шуд. Маълум буд, ки одамони поки баодобанд, факат корашон барор нагирифтааст.

Зану шавхар баробари хама кор мекарданд. Шпалахоро бар дӯш бардошта мекашониданд, дар сармои зимистон барф тоза мекарданд. Хулоса, хар коре ки коргари рохи охан бояд кунад, мекарданд. Гуфтан лозим, ки оилаи хуби ахлу тифоке буд, харчанд, аз он сабаб, ки Абӯтолиб як вактхо ба немисҳо асир афтода будааст, холо дар банди мусибат буд. Чунон ба назар мерасид, ки то он замон тафсу тоби солхои чанг то андозае пасанда шуд. Ба асирони харбии собиқ дигар чун ба хоинон ва душманон муомила намекарданд. Бӯронихо бошанд, дар ин хусус фикру хаёли зиёде хам накардаанд. Хайр, дар кисматаш будааст, асир афтодааст, чанг бо ғалаба анчом ёфт, дар он шӯру қиёмати чахони ба сари одамон чй рӯзхое наомад. Мана баъзе бадбахтон то имрӯз сарсону саргардон гаштаанд. Осори шуми чангро дар хар кадам дидан мумкин... Аз ин сабаб бӯронихо навомадагонро чй буду чй шуд, гуфта чандон пурсуков накарданд. Бе ин хам хеле мусибат кашидаанд. Болои чарохат намак пошидан чй лозим?

Бо мурури айём онхо ба Абӯтолиб номаълум қаробат пайдо карданд. Марди хирадманде буд ӯ. Ба Едигей хамин хислаташ маъқул шуд, ки ахволаш рахмовар бошад хам, сараш хам набуд. Рафтораш шоистаи иззат буд, аз тақдираш худда-бехуда шикоят намекард. Вай, аз афти кор, пай бурда буд, ки тақдираш ҳамин хел будааст ва ба он тан дода буд. Занаш Зарифа низ бо ӯ хамраъй буд. Ногузир будани адои чазоро ботинан дарк намуда, маъюн хаёташонро дар хассосияту муносибати дилсӯзона ба хамдигар мединанд. Чунон ки Едигей сонитар пай бурд, онхо ба хамин тарикат зиндагонй мекарданд, тани хамдигар ва кӯдаконашонро аз бодхои шадиди замона бо пайкари худ панах карда, якдигарро пуштибонй мекарданд. Хусусан Абӯтолиб мехрубон буд. Дур аз оилаи худ ягон рӯз токат карда наметавонист. Бинои ифтихори вай хамин писаронаш буданд. Хар як лакикаи холиро хамрохи онон мегузаронид. Онхоро са-

вод меомӯхт, барояшон ҳар гуна афсонаҳо, чистонҳо мебофт, аз дили худ бозиҳои гуногун ихтироъ мекард. Аввалҳо зану шӯ бачаҳошонро дар барак танҳо монда мерафтанд. Лекин Укубала ба ин токат карда натавонист, писарчаҳоро ба хона меовардагӣ шуд. Хонаи онҳо гармтар буд, рӯзгорашон ҳам назар ба зиндагонии навомадагон осудатар шуда буд. Ана ҳамин сабаб шуду оилаҳо ба хам зудтар унс гирифтанд. Охир, худи Едигей хам ду духтарча дошт, ки бо писаракони Абӯтолиб хамсол буданд.

Абӯтолиб боре пас аз кор барои гирифта рафтани бачаҳояш ба хонаи Едигей омаду чунин гуфт:

— Биё, Едигей, якбора духтарчаҳои туро хам дарс дихам. Ту гумон накун, ки ман аз бекорӣ бачахо-катӣ вакт мегузаронам. Онҳо бо хамдигар ошно шуданд, якчоя бозӣ мекунанд. Бигузор рӯзона дар хонаи шумо бошанд, шабҳо дар хонаи мо. Медонӣ, муроди ман чист? Зиндагонӣ дар ин чохои дур аз мардум берангу камнур аст. Ана аз хамин сабаб бачаҳо-катӣ бештар машғул шудан лозим. Замоне фаро мерасад, ки аз кӯдакӣ дониш талаб мекунад. Бачаҳои хозира кадашон аз замин нахеста, бояд он кадар дониш андӯхта бошанд, ки бӯзбалаҳои пештара доштанд. Набошад, ба остонаи маълумоту маърифат наздик шуда наметавонанд.

Маъноии чидду чахдҳои Абӯтолибро Едиген Бӯронӣ дертар, баъди фаро расидани фалокат дарьёфт. Фаҳмид, ки барои Абӯтолиб дар он вазъи ҳамонвактааш он саъю кӯшишҳо ягона коре буд, ки дар шароити дурохаи Бӯронӣ ба хотири фарзандони худ бо куввату ғайрати худ анчом дода метавонад. Гӯё вай аз оянда огоҳ буд ва шитоб дошт, ки ба фарзандонаш аз ӯ хар чӣ бештар нафъ бирасад. Ва ба ҳамин тариқа гӯё мехост дар хотири онхо аз худ накше бигузораду дар зиндагонии онои давоми умри худро дарьёбад. Шабҳо Абӯтолиб аз кор бармегашту хамрохи Зарифа барои бачахои худашон ва духтаракони Едигей чизе ба монанди мактабу боғчаи кӯдакон ташкил мекард. Бачахо харфҳоро меомӯхтанд, ҳичоҳо месохтанд, бозӣ мекарданд, расм мекашиданду бо хамдигар бахс мекарданд, ки расми кашидан кадомашон бехтар баромадааст. Гоҳо ба китобхонии Абӯтолибу Зарифа гӯш медоданд ва гоҳо ҳама якчоя суруд мехонданд. Машғулоти бачахо ба андозае шавқовар мегузашт, ки худи Едигей хам гоҳ-гоҳе ба он чо омада, бо хайрат тамошо карда менишаст. Укубала хам зуд-

зуд меомад. Ягон чизро бахона карда меомад, аммо дар вокеъ хадафаш ин буд, ки дарсхонии духтарчахояшро бубинад. Едигеи Бӯронӣ сахт мутаассир мешуд. Дилаш ба рикқат меомад. Ана чӣ хел мешудаанд одамони хондагӣ, муаллимон! Аз диданашон дили кас ба вачд меояд: бо бачахо чӣ гуна устокорона муомила мекунанд, баъзан худашонро ба бачахо чунон вонамуд мекунанд, ки бо онон хамсинну сол бошанд. Едигей хангоми машғулотхо дар гӯшае халал нарасонида, хомӯш менишаст. Вале агар дер монда бошад, ханӯз дар сари остона телпакашро аз сар гирифта мегуфт:

— Шаб ба хайр! Мана шогирди панчӯматон хам ба боғчааш омад.

Ба хузури вай бачахо низ одат карда буданд. Духтарчахо аз хурсандӣ чӣ кор карданашонро намедонистанд. Аз тахти дил мекӯшиданд, ки ба падар маъкул шаванд. Едигею Укубала бо навбат ба печкаи онхо алав мемонданд, то хонаи тахтагини барак гармтар ва барои кӯдакон бароҳаттар шавад.

- Оре, ба дуроҳаи Бӯронӣ хамон сол ана ҳамин гуна як оила омада буд. Аммо ачобат дар ин, ки кори ин тоифа одамон одатан барор надорад.

Бадбахтии Абӯтолиб Қутлибоев дар он будааст, ки вай ба немисҳо на фақат асир афтодааст, балки ҳамрохи як даста асирони харбӣ аз лагери концентрациони Баварияи Ҷанубӣ фирор карда, ё аз хусни иттифоқ ё аз шарри тасодуф соли чилу саввум ба сафи партизанхои Югославия хамроҳ шудааст. То охири чанг дар қатори аскарони Армияи озодихохи Югославия чангидааст. Дар ҳамон ҷо мачрӯҳ шудааст, дар ҳамон ҷо муолиҷааш кардаанд. Бо орденхои чангии Югославия мукофотонидаанд. Дар бораи вай ба рӯзномаҳои партизанӣ мақолаҳо навиштаанд, суратҳояшро чоп кунонидаанд. Вакте ки соли чилу панҷум ба Ватан баргашту корашро дар комиссияи тафтиш ва тасфия дида баромаданд, хамон ҳуҷҷатхо ба ӯ хеле кӯмак карданд. Аз дувоздах нафаре ки аз лагери концентрационӣ гурехта буданд, фақат чор нафарашон зинда монданд. Кори ин чор тан боз аз он чихат низ омаде дошт, ки комиссияи советии тафтиш бевосита ба мавқеи қисмҳои Армияи озодихохи Югославия омад ва командирони югослав дар бораи сифатҳои чангӣ ва ахлоқии собиқ асирони харбии советӣ, доир ба ширкати онон дар муборизаи партизании зидди фашистон тавсифномаҳои хаттӣ доданд.

Хулласи калом, Абӯтолиб Қӯтлибоев пас аз ду моҳ тӯл кашидани санчишхо, пурсишхо ва рӯбарӯкунихои чандинкарата, баъди интизорихои пур аз умеду навмедихо ба Қазоқистони худ баргашт. Ӯро аз ҳаққу ҳукук махрум накарда буданд, лекин имтиёзотеро ки аскарони аз фронт омада доштанд, ӯ надошт. Аммо Абӯтолиб Кутлибоев иро ба дил нагирифт. Пеш аз чанг муаллими география буд, боз ба сари хамон кораш баргашт. Дар мактаби маркази яке аз районхо муаллимаи чавони синфхои ибтидой Зарифаро дид. Бехуда ин оламро олами хаводис нагуфтаанд. Дар зиндагонй ахьён-ахьён бошад хам, ин гуна мулокотхои муродбахш рӯй медодаанд.

Солхои аввали баъди Ғалаба низ пай хам мегузаштанд. Пас аз иду суру тантанахои пирӯзй дар осмони олам нахустин заррачахои барфи «чанги сард», чанги беярок ба парвоз омаданд. Сонитар сармо кувват гирифт. Дар кисматхои мухталифи олам, дар нуктахои гуногуни дардманди чахон мухаррики шиддатофарини эфкору акоиди рангоранги давраи баъди чанг ба кор даромад...

Хамин гуна мухаррик дар яке аз дарсхои география банохост ба чунбиш омад. Аммо ин ходиса дер ё зуд, дар ин чо ё чои дигар ва ба ин тарика ё ба тарзи дигар хатман мебоист ба вукӯъ мепайваст. Агар ба сари Абӯтолиб намеомад, ба сари каси дигари ба вай монанде меомад.

Абӯтолиб Кутлибоев ба талабахои синфи хаштум аз китъаи Аврупо накл мекард. Дар зимни сухан гуфт, ки рӯзе онхоро аз лагери концентрациони Бавария Чанубй бароварда, ба кори санг оварданд ва онхо ба посбонон хамла карда ва аслихаи онхоро гирифта, ба назди партизанхои Югославия гурехтанд. Накл кард, ки дар замони чанг нисфи Аврупоро пои пиёда тай намуда, ба сохилхои бахри Адриатика ва Бахри Миёназамин расидааст, табиати он чойхо, зисту зиндагонии мардуми онро хуб медонад, ки хаман инро дар китоби дарсй гунчоиш додан аз имкон берун аст. Муаллим накл мекарду мепиндошт, ки таассуроти шохиди зинда ба хотиршшин шудани дарс кӯмак мекунад.

Муаллим сухан мегуфту хатчӯби ӯ рӯ-рӯи харитаи сабзу кабуду кахваранги географии Аврупо, ки бар тахтаи синф овезон буд, сайр мекард. Нӯки хатчӯб ба кӯху даман ва кӯлу дарьёхо ишорат менамуд ва дам ба

дам ба чохое мерасид, ки холо хам ба хобаш медаромаданд, чохое ки хама рӯз, тобистону зимистонҳои бисьёр набардхои хунин идома доштанд. Эҳтимол, нӯки хатчӯб ба он нуқтаи ноаёне низ расида бошад, ки дар он чо хуни ӯ ба замин рехта буд. Баногоҳ аз пахлу садои автомати душман баланд шуду пайкари вай аз фарози теппа ба нишебй ғелида рафт, сабза ва сангхои сари роҳашро арғувонй карда ғелида рафт. Он кадар хуни фаровоне рехта буд, ки агар хаман он ба сафҳаи ин хаританаи таълимй мерехт, дар рӯи он ба чуз ранги арғувонй дигар лавне наменонд. Ва лахзае ба назари муаллим чунин расид, ки хуни лаълфоми ӯ ба сар то сари харита паҳи мешавад. Ва ба ёдаш расид, ки чй тавр сараш чарх зада, пеши чашмонаш тира гардид ва ҳама чиз ба чунбиш даромад ва гӯё кӯҳҳо бар болои ӯ сарнагун меафтоданд ва ӯ ба ҳамаи овозе ки дошт, «Казимир! Казимир!» гӯён фарьёд кашид, дӯсти полякашро ки ҳамрохи ӯ тобистони гузашта аз кони санги Бавария чон ба саломат бурда буд, ба имдод талабид. Аммо Казимир садои ӯро нашунид, чунки фақат ба хаёли Абӯтолиб чунон мерасид, ки бо тамоми кувват фарьёд мекашад, вокеан бошад, ӯ садое барнаоварда буд ва танхо дар госпитали партизанй пас аз хунгузаронй ба ёд омада буд.

Абӯтолиб Қутлибоев аз қитъаи Аврупо накл мекарду худ ба худ тааҷҷуб менамуд, ки баъди ҳамон қадар саргузаштҳои даҳшатангез метавонистааст бо оҳанги ороми шахси вазифашинос, оҳанги шахсе ки ба он рӯйдодхо дахле надорад, фақат дар бораи он чизе сухан кунад, ки ба дарси оддитарини географияи мактабй мансуб аст.

Ва дар ин асно аз катори пеш дасте баланд шуд ва чараёни нутқи ӯро катъ намуд:

— Ағай[1] аз ин мебарояд, ки шумо асир афтодаед?

Як чуфт чашми нигохаш сарду сахт ба ӯ дӯхта шуда буд. Сари чавонписар андаке ба кафо хамида буд. Худаш гӯё аз рӯи фармони харбии «Хозир бош!» комат ороста. Аз чй сабабе бошад, дандонҳои ӯ ба як умр дар хотири Абӯтолиб накш бастанд: дами дандонаш чаппа буд, яъне катори поёнй аз катори болоӣ пештар барчаста, рӯи онро панаҳ месохт.

— Ҳа, чй буд?

---

[1] Ағай — муаллим *(шарҳи муаллиф)*.

— Барои чӣ худатонро накуштед?

— Худамро куштанам чӣ лозим буд? Бе ин хам ярадор шуда будам.

— Чунки ба душман асир шудан мумкин нест. Хамин хел фармон хаст!

— Фармони кӣ?

— Аз боло.

— Ту аз кучо медонӣ?

— Медонам. Ба хонаи мо аз Алма-Ато, хатто аз Москва мехмонхо меоянд. Хулоса, шумо фармони аз боло омадаро ба чо наовардед?

— Падари худат ба чанг рафта буд?

— Не, вай одамонро сафарбар мекард.

— Пас мову ту гапи якдигарро намефахмем. Ман хамин қадар гуфта метавонам, ки илочи дигаре надоштам.

— Бо вучуди он шумо бояд фармонро ичро мекардед!

— Ту ба чӣ махмадоной мекунӣ? — Талабаи дигар аз чояш бархост.— Муаллимамон хамрохи партизанҳои Югославия чангидаанд. Боз чӣ мехохӣ?

— Бо вучуди он мебоист фармони аз боло омадаро ичро мекарданд! — бо оҳанги катъй исрор мекард аввалӣ.

Шӯре буд, ки дар синф бархост ва аз сукунати пешина осоре намонд: «Мебоист!», «Намебоист!», «Наметавонист!», «Дуруст!», «Нодуруст!».

Муаллим муште ба сари миз фаровард:

— Ғалоғуларо бас кунед! Ин чо дарси география! Чи гуна чангидану чӣ рӯзхое дидани маро одамони дахлдор, идорахои дахлдор медонанд. Ба харита нигаред, дарсро давом медихем!

Ва боз касе дар синф он нуктаи ноаёнеро дар сафхаи харита пай набурд, ки он чо банохост аз пахлу садои автомат баланд шуду муаллими хатчӯб дар даст, ки назди тахтаи синф меистод, аз фарози теппа ба нишебӣ ғелида рафт ва харитаи сабзу кабуду кахваранги Аврупоро бо хуни хеш лоларанг намуд...

Баъди чанд рӯз ӯро ба шӯъбаи райони маорифи халқ даъват карданд. Бидуни хеч гуна мукаддима ба Қутлибоев таклиф карданд, ки барои озод шудан аз кор бо ихтиёри худ ариза нависад: собиқ асири ҳарбӣ ҳаққи маънавӣ надорад, ки насли наврасро таълиму тарбия дихад.

Абӯтолиб Қутлибоевро лозим омад, ки ҳамрохи Зарифа ва писараки калоннашон Даул ба райони дигар, дуртар аз маркази вилоят бикӯчад. Дар мактаби овул ба кор даромаданд. Манзиле пайдо шуд, каму беш одат карданд. Зарифа, ки муаллимаи чавони болаёқате буд, мудири қисми илмӣ таъин шуд. Ва инак, вокеаҳои соли чилу ҳаштӯм фаро расиданд, ки бо Югославия алоқаманд буданд. Ба Абӯтолиб Қутлибоев акнун на фақат ҳамчун ба собиқ асири ҳарбӣ, балки боз чун ба шахси шубҳаноке нигоҳ мекарданд, ки муддати мадиде дар хорича будааст. Ҳарчанд ӯ собит мекард, ки хамрохи рафиқони югославиаш фақат бо партизанӣ машғул буд, касе гапашро ба инобат намегирифт. Ҳама таки дили ӯро мефахмиданд, хатто изхори хамдардӣ мекарданд, аммо касе ҷуръат надошт, ки дар ин масъала лоақал то андозае масъулиятро ба зимман худ бигирад. Боз ба шӯъбаи райониии маорифи халқ даъват карданд ва қиссаи аризанависӣ барои аз кор озод шудан бо хохиши худ айнан такрор шуд...

Онлан Абӯтолиб Кутлибоев боз чанд маротибаи дигар аз чое ба чое кӯчида, дар охири соли панҷоҳу якум, дар адл мобайни фасли зимистон ба дашти Сари Озек, ба дуроҳаи Бӯронӣ афтод.

Тобистони соли панҷоҳу дуввум аз ҳад афзун гарм омад. Замин хушкид ва чунон тасфид, ки сусморҳои Сари Озек ба кучо сар халониданашонро надониста ва хатто аз одамон наҳаросида, ба ҳалқумҳои башиддат ларзону даҳонҳои калон кушода ба сари остонаҳо меомаданд, то аз шуои сӯзони офтоб сарпанохе ёбанд. Лошаҳӯрон бошанд, дар ҷустуҷӯи ҳавои серуи дар фазоҳои чунон баланде парвоз мекарданд, ки кас ба чашми оддӣ бингарад, дида наметавонист. Фақат аҳьён-аҳьён фарьёди туид ва шадидашон ба гӯш мерасиду баъд боз мудлати мадид дар оғӯши пурмавҷи сароб хомӯш шуда мерафтанд.

Вале аз кор, аз хидмат оё чои гурез хаст? Қаторхо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ. Қаторхои бешуморе ба дуроҳаи Бӯронӣ расида, аз хам чудо мешуданд ва ба сафари худ идома медоданд. Ба ҳаракати наклиёт дар шохрохи бузурги давлатӣ ҳеч гуна гармо осоре надошт.

Ва кор бо мароми одатиаш давом мекард. Акнун

дастпўшак пўшида кор кардан лозим меомад, вагарна на сангеро ба даст гирифта мешуд, на алалхусус ягон асбоби оҳаниро. Аз офтоб чун аз танўри пуроташ ҳаври сўзон фурў мерехт. Обро мисли ҳарвақта цистернакатй мекашониданд ва он то ба дуроҳа мерасид, ки қариб ба чўш меомад. Рангу қути сару либос ҳамагй дар ду рўз мепарид. Фасли зимистон, ҳатто дар шадидтарин сармо ҳам дар дашти Сари Озек нафас кашидани одам назар ба чунин гармои сўзон ба ҳар ҳол осонтар буд.

Едгеи Бўроній он рўзҳо Абўтолибро дилдорй медод.

— Ин хел тобистони гарм ҳар сол намешавад. Имсол хамту шуд-дия,— узромез мегуфт ў, гўё ки ба ин худаш гунаҳгор бошад.— Боз понздах рўз, ё мўл бошад, бист рўз гузарад, сабуктар мешавад, шасти гармо мегардад. Арвоҳ занад ин гармия, ҳама дар азоб. Баъзан дар ин чо, дар Сари Озеки мо дар охири тобистон ҳаво якбора дигар мешавад. Соній ҳаман фасли тирамоҳ, то худи зимистон кайф мекуній. Ҳаво серуиак мешавад, бадани чорво об мегирад. Ба хаёли ман, имсол ҳамту мешавад, аз баъзе аломатҳо маълум. Хулоса, сабр бояд, тирамоҳи бафайз мешавад имсол.

— Аник? Ман зомин бигў!

— Аник. Ба ҳаёлам, аник.

— Ба ҳамин қадараш ҳам ташаккур. Ҳозир ман гўё дар ҳаммом шиштаам. Лекин ман дар ғами худам не. Ману Зарифа токат мекунем. Аз ин мушкилтарашро дидаем. Ба ҳоли кўдакҳо дили кас месўзад... Тобу тавони дидан надорам...

Бачаҳои бўрониён азоб кашида, беҳол мешуданд, чисму чонашон коста буд ва чое набуд, ки онҳоро аз ҳавои хафа, аз гармои токатфарсо паноҳ бидиҳанд. Дар атроф на ягон бех дарахт ба назар мерасид, на ягон чўйборе ки барои бачаҳо ба роҳати чон баробар аст. Баҳорон дашти Сари Озек андаке чон гирифту сою теппаҳои атроф муваққатан сабзпўш гардиданд, бачаҳо аз шодиву фарах чои нишаст намеёфтанд. Руст-рустакон, тўббозй мекарданд, ба паҳнои дашт дав-давон рафта, аз дунболи юрмонҳо метохтанд. Садои чарангосии онҳоро аз дуру наздик шунидан ба кас халоват мебахшид.

Соній тобистон омаду ҳама зеру забар шуд. Бачаҳои бекарору ноором дар сояи деворҳо пинҳон шуданд ва фақат ҳангоми гузаштани қаторҳо аз соя мебаромаданд. Ягона шуғли онҳо акнун ҳамин буд, ки ҳисоб мекарданд — чанд катор ба ин сў гузашту чандто ба он сў.

чанд вагон мусофиркаш буду чандтоаш боркаш. Агар ягон қатори мусофиркаш ҳини гузаштан аз дуроҳа суръати гашташиро суттар кунад, бачаҳо гумон мекарданд, ки ана ҳаминаш ҳозир қарор хохад гирифт ва чашмони худро бо дастаконашон аз офтоб панах карда, ҳарсасзанон аз дунболи он медавиданд. Дар ин лаҳзаҳо, эҳтимол, дар дилашон орзуе мепарвариданд, ки ба вагонҳо савор шаванду аз машаққати ин ҷаҳаннам раҳой ёбанд. Ба дунболи каторҳои дуршаванда дӯхта шудани нигоҳи хастаҳомези чашмони ғамолуди кӯдакони бӯрониро дидан худ як амри дилфигоре буд. Мусофирони он вагонҳо низ, гарчи дару тирезахошон калон кушода буд, аз ҳавои дим, бадбӯй ва фавҷи магасҳо ба чон расида буданд, лекин онҳо умед доштанд, ки як-ду шабонарӯзи дигаре мегузараду ба канори дарьёҳои сероб ва бешазорони сабз мерасанд.

Ҳамон тобистон ҳаман калонсолон, ҳаман падару модарон ғами бачаҳоро мехӯрданд, аммо аз ин ҷиҳат то чй андоза ранҷ бурдани Абӯтолибро, рости гап, ба ғайр аз Зарифа факат Едигей медонист. Гуфтугӯи Едигей ва Зарифа бори аввал маҳз дар ҳамин мавзӯъ сурат гирифт. Ва аз ин сӯҳбат Едигей боз баъзе ҷиҳатҳои тақдири ин ду нафарро барон худ кашф кард.

Он рӯз дар сари рох кор мекарданд, сангрезаи таки рельсхоро ҳамвор менамуданд. Ба ҷойҳои ковоки зери шпалаҳо сангрезаро шибба мекарданд, то аз такону ларзиши рельсхо дигар парешон нашавад. Ин корро факат дар фосилаи байни каторхо кардан мумкин буд ва ин кори басе мехнатталабе буд, ки дар гармои шадид мадори касро хушк мекард. Қарибихои пешин Абӯтолиб чалаки холиро ба даст гирифту гуфт, ки рафта аз цистерна «оби гарм меорам ва якбора аз аҳволи бачаҳо хабар мегирам».

Харчанд, ки хаво тасфон буд, рӯ-рӯи шпалаҳо тезтез қадам мезад. Вай ҳамчунон дар ғами бачаҳо буд, ба назди онҳо мешитобид. Аз таки майкаи обшустаи рангпаридааш китфи лоғараш намудор буд. Дар сараш хаскулохи фарсуда, дар пояш батинкаи коргарии ресмонаш гумшуда. Рӯ-рӯи шпалаҳо шалап-шалап по монда, ба чизе эътибор надода мерафт. Вакте ки аз пас садои катор баланд шуд, ҳатто нигоҳ ҳам накард.

— Хой Абӯтолиб, поён фаро! Ба ту чй шуд, магар кар шудй?! — дод гуфт Едигей.

Аммо вай нашунид ва факат баъди он ки паровоз

бӯк зад, ба канори рох фаромад, бо вучуди он ба катори даргузар хатто нимнигохе накард ва мушти худро тахдидомез нишон додани мошинистро низ пай набурд.

Ин одам дар ҷангҳо иштирок карда, ба асорат афтода, як тора мӯяш сафед нашуда буд. Рост, ки ҷавон буд, дар нуздаҳсолагиаш бо рутбаи лейтенанти хурд ба фронт рафта буд. Лекин он тобистон ба мӯи сараш сафедӣ афтод. Мӯи сафеди дашти Сари Озек... Боз инаш ачиб, ки дар ин ё он ҷои мӯйсари анбӯҳ ва ғулии ёлшаклаш баногоҳ лахта-лахта сафедӣ медамид, хусусан дар канори пешонӣ, дар чаккаҳояш, ки пештар аз дигар чохо мошубиринч гардиданд. Замони осуда мешуд, ӯ марди зебои чаҳор кас медидагӣ буд. Пешонии фарох, бинии укобӣ, чашмони андаке бодомшакл, лабу дахони базебу бақуввату гардани дарози хушнамое дошт. Марди болобаланди хушпайкаре буд. Гоҳо Зарифа ҳазломез мегуфт: «Толеат баланд набудааст, Абӯ, вагарна накши Отелло дар саҳна шоистаи ту буд». Абӯтолиб низ ба ҳамон оҳанги шӯх посух медод: «Соӣ, лаҳзае хирасар мешуламу туро хафа карда мекуштам. Ба кӣ лозим буд чунин толеъ, азизам?».

Ба қатори аз пасаш бо шаст оянда эътибор надодани Абӯтолиб хотири Едигейро сахт парешон кард.


— Ту ба вай гап занӣ, намешавад? Ба чӣ инту мекунад,— бо лахни таънаомез гуфт Едигей.— Машинист гунахгор намешавад, чунки дар роҳи оҳан гаштани одам мумкин нест. Аслан гап дар ин ҳам не. Худро ба хатар андохтан чӣ лозим?

Зарифа аракӣ рухсори офтобзадаашро бо остин пок карда, оҳи вазнине кашид.

— Дилам хавотир аз вай.

— Чаро?

— Метарсам, Едике. Мо аз ту сирри пинҳоӣ надорем. Ҳам аз барои бачаҳо, ҳам аз барои ман ғам хӯрда, азоб мекашад. Ман бар хилофи раъи хешовандон шавҳар карда будам. Бародарам аз ғазаб қариб девона шуда, ба сарам дод мезад: «Як умр пушаймон мешавӣ, аҳмақ! Ту ба хонаи шавҳар не, ба мусибатхона меравӣ! Бачаҳоят бадбахт мешаванд, бачаи бачаҳоят ҳанӯз ба дуньё наомада, бадбахт мешавад. Вай ошиқи ту агар калла медошт, мебоист зан не, як газ таноб мегирифту худашро меовехт. Инсон мешуд, маҳз ана ҳамту мекард!» Мо бошем, аз раъи худ нагаштем. Умед доштем, модом ки чанг тамом шуд, акнун зиндаву мурдаҳоро ба



хамдигар чӣ хисобу чӣ кор? Мо худро аз хама — хам аз хешовандони ман, хам аз наздикони ӯ дур мегирифтем. Бовар мекуни, бародарам баъди чанчоли охирин бо дасти худаш ариза навишта, гуфтааст, ки вай маро огох кардааст, ба хонадоршавии мо зид баромадааст. Гуфтааст, ки аз бахри ман барин хамшира тамоман баромадаст, дар хусуси Абӯтолиб Кутлибоев — шахсе ки муддати дарозе дар хорича зиндагӣ кардааст, хатто хочати гап нест, гуфта навиштааст. Баъди ин азоби мо аз нав авч гирифт. Ба кучое наравем, дари бастаро медидем. Охири охирон ба ин чо афтодем. Аз ин чо дуртару мушкилтар чое набудагист, ба хаёлам.

Зарифа хомӯш шуду бо шиддат ба зери шпалахо сангреза партофтан гирифт. Аз пеш каторе намоён шуд, ки ин сӯ меомад. Едигей ва Зарифа белу занбархояшонро бардошта, ба канори рох фаромаданд.

Едигей хис мекард, ки ба ин одамон дар холи хозираи онон бояд мададе кард. Аммо аз дасти ӯ чӣ коре меомад? Решан бадбахтихои онон дар дигар чост, дар чохои хеле дур аст аз даштхои Сари Озек.

— Бисьёр солхо инчониб мо дар ин чо зиндагонӣ мекунем. Шумо хам одат мекунед, сонӣ осонтар мешавад. Лекин зиндагӣ кардан даркор,— рост ба рӯи Зарифа чашм дӯхта, таъкид намуд ӯ, вале дар дилаш гуфт: «Ха-а, нони ин даштро хӯрдан хунари хар кас нест. Рӯзи зимистон омада буд, чехрааш сап-сафед буд, акнун ранги рӯяш ба мисли хокистар.— Аз тадричан костани хусни зан худ ба худ таассуф мекард Едигей.— Чӣ хел кокулони зебо дошт, акнун рангаш паридааст, хатто мижагонаш дар оташи офтоб сӯхтаанд. Лабонаш парсинг бастаанд, бечора азоб мекашад. Ба ин гуна зист одат накардааст-дия. Лекин токат мекунад, сар намефарорад. Хайр, охир, дигар чӣ илоч хам дорад? Модари ду фарзанд бошад... Халолаш бод...»

Ин лахза катори навбатӣ наздик омаду хавои ночунбони тафсонро ба хар сӯ такон дода, ба мисли гумбуроси оханину оташини автомат такарросзанон гузашту рафт. Онхо асбобхои худро бардошта, боз ба сари рох баромаданд, то ба корашон идома диханд.

— Гӯш кун, Зарифа,— гуфт Едигей, ки мехост ӯро андаке таскин бубахшад, бо такдираш созиш бидихад.— Ахволи бачахо дар ин чо, рости гап, бисьёр вазнин, чои бахс не. Ба холашон назарам афтад, дили худам решреш мешавад. Аммо ин гармои зормонда як умр хамту

наменонад-ку. Ин ҳам мегузарад. Сонӣ, дуруттар фикр куний, шумо дар дашти Сари Озек танҳо намондаед, дар атроф одамон ҳастанд, нағз ё ганда — мо хастем. Модом ки ба сар омадааст, аз ғусса хӯрдан чӣ фоида?

— Ман ҳам, Едике, ба вай ҳамина мегӯям. Кӯшиш мекунам, ки аз даҳанам як калиман барзиёд набарояд. Ман, охир, дида истодаам, ки аз дилаш чиҳо мегузарад...

— Боракалло. Мақсади ман ҳам, Зарифа, ҳамин буд. Кайҳо боз фурсати муносибро маҳтал будам. Э аз худат гап наменонад. Мавридаш омаду гуфтам. Ба дилат нагир.

— Баъзан тоқатам тоқ мешавад. Ҳам ба ҳоли худам дилам месӯзад, ҳам ба ҳоли вай, аз ҳама зиёдтар— ба ҳоли бачаҳо. Айби вай набошад ҳам, худашро гунаҳгор медонад, ки моро ба ин чо овардааст. Ва илоче ҳам надорад. Дар ватани мо, дар доманаи кӯҳсору канори наҳрҳои Алатов обу ҳаво ҳам дигар аст, зисту зиндагӣ ҳам. Кошкӣ ақаллан бачаҳоро тобистон ба он чо фиристода метавонистем! Лекин ба назди кӣ мефиристем? Падару модарон кайҳо вафот кардаанд. Бародарон, хоҳарон, хешу ақрабо ҳастанд... Барои онҳо ҳам осон не, дахмасаи сар ба кӣ даркор? Пештар ҳам рӯи хуш намедоданд, акнун бошад, ҳочати гап не. Бачаҳои моро ба сарашон мезананд? Ана хамин хел худ ба худ ғусса мехурем. Ошкоро аз ин хусус гап назанем ҳам, биме дорем, ки мабодо ҳаман умр дар ин чо бимонем. Ман аён мебинам, ки шавҳарам чӣ гуна азоб мекашад. Худо медонад, фардо чӣ хохад шуд...

Сукути гароне ба миён омад. Дигар аз ин боб ҳарфе нагуфтанд. Кор мекарданд, то гузашта рафтани каторҳо ба каноре баромада меистоданд ва боз кори худро идома медоданд. Хайр, дигар чӣ чора? Боз чӣ гуна тасалло метавон дод, ин бахтбаргаштагонро боз чӣ мадад метавон кард? «Хатари бенавой аз сарашон дур,— фикр мекард Едигей,— дукаса кор мекунанд, рӯзашон мегузарад. Касе онҳоро ба ин чо бадарға накардааст, ва аз ин чо на фардо рохи гурез хасту на пасфардо».

Ва Едигей ба ҳоли худ тааччуб мекард, ки аз барои ин оила ин қадар ғусса мехураду ранҷ мекашад, гӯё тақдири он шахсан ба ӯ дахл дошта бошад. Кӣ мешаванд онон ба вай? Охир ӯ, рости гап, метавонист ба худ бигӯяд, ки «ин кор — кори ман нест. Ба ман чӣ?» Дар воқеъ ҳам, худи ӯ кист ва чӣ ҳакке дорад, ки дар хусу-

си ин чизҳо мухокимаю мулоҳиза ронад? Як марди коргар, як марди биёбонӣ, ки дар рӯи дуньё аз ин тоифа лаки дар лак ёфт мешавад. Дар зиндагонӣ кадом чиз аз рӯи инсоф асту кадомаш хилофи адолат аст, гуфта, хастии худро ба изтироб андохтан, вичдони худро нороҳат кардан ва оташин шуданро ба ӯ кӣ мондааст? Зохиран дар он чоҳое, ки ин масъалаҳо ба миён омадаанд, одамоне нишастаанд, ки назар ба ӯ, ба Едигеи Бӯроний ҳазор маротиба доништмандтаранд. Вай дар дашти Сари Озек гашта чиро мебинад? Оё ин кори вай аст?

Бо вуҷуди ин Едигей таскин намеёфт. Ва аз чӣ сабабе бошад, бештар барои Зарифа ғам мехӯрд. Вай аз сидқу вафои ӯ дар шигифт монда, ба пурбардоштӣ ва устуворихои ӯ дар талошн зидди носозгориҳо тан дода буд. Ӯ ба мурғаке шабохат дошт, ки болҳои худро ёзонида, ошьёнашро аз тӯфонҳо ҳимоят мекунад. Зани дигар мешуд, оби дидаашро мерехт-мерехту таслим мешуд, ба назди хешовандонаш рафта, сар ба тавозӯъ фуруд меовард. Зарифа бошад, бад-баробари шавҳараш подоши он чизеро ки аз ҷанги гузашта монда буд, мепардохт. Ва Едигейро маҳз хамин вазъият бештар аз ҳама ва бар хилофи ҳама ба изтироб меафканд, хусусан, ки вай тавоне надошт, ки фарзандони Зарифаро ё шавҳари ӯро пуштибонӣ кунад... Дертар лаҳзаҳое даррасиданд, ки Едигей афсӯс мехӯрд, сахт таассуф мекард, ки чаро сариавишти фитнакор ин оиларо овардаоварда ба дурохаи Бӯроний андохт? Чаро дили ӯро ғамхона кард? Бехтараш намедиду намесӯхт. Осуда буд мисли пешина...

VI

Дар ниман дуввуми рӯз дар Ӯкьёнуси Ором, дар самти чануби Ҷазирахои Алеут мавчҳо ба ҷунбиш омаданд. Боди ҷанубу шарқие, ки аз поингаҳи қитъаи Америка сар зада буд, тадричан қувват мегирифт ва ҳадафу мароми худро торафт муайянтар ва устувортар менамуд. Ва инак, дар масоҳати бузурге об ба ҳаракат даромад, гаронборона ин сӯву он сӯ алвонҷ хӯрда шалаппос мезад. Мавчҳо дунболи ҳам ба тохтутоз даромаданд. Ин аломате буд, ки тӯфон нахезад ҳам дере нагузашта ӯкьёнус сахт ноором хоҳад шуд.

Ин кабил мавчҳо барои киштии ҳавопаймобари

«Конвеншия» дар укьёнуси кушод хатаре надоштанд. Мавриди дигар мешуд, вай аз чои истодааш заррае намечунбид. Лекин ҳоло ҳар дақика интизор буданд, ки ҳавопаймоҳои комиссияҳои фавкулодда пас аз анчоми машварататашон бо мақомҳои болой баргашта, ба саҳни кишти хоханд нишаст. Аз ин сабаб кишти рӯй ба чониби бод овард, то ки алвончи арзиаш пасанда гардад. Рафти корхо мӯътадил буд. Аввал лайнери аз Сан-Франциско омада нишаст, баъд—хавопаймое ки аз Владивосток баргашта буд.

Комиссияхо дар хамон ҳайати пурран худ баргаштанд. Хама хомӯш буданд, аз андоми хама нишонаи изтироб хонда мешуд. Пас аз поздах дакика ба машварати пӯшидаи якчоя сар карданд. Баъди панч дақикаи дигар ба кайхон, ба кароргохи мадории «Паритет» барои фиристодан ба паритет-кайҳоннавардони 1-2 ва 2-1 дар Фалаки Дастгир радиограмман махфии таъчилӣ рохӣ карда шуд: «Барои кайҳоннавардони муфаттиши 1-2 ва 2-1 дар кароргохи мадории «Паритет». Паритет — кайҳоннавардони 1-2 ва 2-1, ки берун аз Системаи Офтоб мебошанд, огоҳонида шаванд, ки ягон иқдоме пеш нагиранд. То фармони махсуси Мармутидор дар чойҳои худ бимонанд».

Сипас комиссияхои фавкулодда бидуни тавақкуф оид ба ҳалли бӯҳрони кайхонӣ ба изхори ақида ва пешниҳодоти тарафайн пардохтанд...

Хавопаймобари «Конвенция» дар миёни амвочи ноороми бекарони Укьёнуси Ором рӯ ба чониби вазиши бод карор гирифта буд. Касе дар олам огоҳ набуд, ки дар ин асно дар саҳни он кишти тақдири кулли сайёра ҳал мешавад...

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд...

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

То кабристони Она-Байт боз ду соата рох монда буд. Силсилаи ҷанозабарон дар дашти Сари Озек бо ҳамон марром пеш мерафт. Дар пеш Едиген Бӯронӣ уштурсавор буду роҳ нишон медод. Қаранори ӯ ҳамчунон бо қадамхои калон-калон башаст роҳ мепаймуд. Аз дунболи вай трактори аробачадор меомад, ки дар болояш дар пахлӯи часади марҳум Қазонқоп домодаш, шавҳари Ойзода, танҳо ва махзун менишаст. Аз паси он экскаватори «Беларусь» меомад. Аз пахлуи онон саги синафароху сурхмӯй Ҷолбарс ҳамчунон бо ҳавсала ва эътимоди тамом медавид, вале гоҳ-гохе ё чанд қадам пештар мегузашт ё ягон кори ниҳоят мухиммаш мебаромаду саҳле қафо мемонд.

Офтоб торафт баландтар мебаромад ва тасфаш мафзуд. Қисми зиёди роҳ тай шуд, вале дашти бузурги Сари Озек аз паси ҳар пушта ба назари кас боз заминҳои нав ба нави дастнорасидаеро чилвагар месохт, ки то ба хатти уфуқ доман пахн карда буданд. Вокеан дашти фарохи нопайдоканоре буд Сари Озек. Як замонхо дар ин ҷойҳо жуань-жуанҳои маломатзада мезистанд, ҳамон ачнабиёне, ки қариб сар то сари дашти Сари Озекро ба муддатҳои тӯлонӣ забт карда буданд. Дар ин ноҳияҳо қавмхои дигари бодиянишин низ мезистанд ва дар байни онон барои чарогоҳ ва чоҳҳои об ҷангу чидолҳои доимӣ барпо мешуданд. Гоҳ яке дастболо мешуд, гоҳ дигаре. Аммо чӣ ғолибон ва чӣ мағлубон боз дар ҳамин ҷо мемонданд, фақат мулки яке васеътар мегардиду азони дигаре тангтар. Елизаров мегуфт, ки дашти Сари Озек мавзеи ободе ва аз ҳамин сабаб ҳадафи талошҳо буд. Он вақтхо дар ин ҷо ҳам дар фасли баҳор, ҳам дар мавсими тирамоҳ борони зиёде меборид. Галаву рамаҳои бисьёре аз алаф сер мешуданд. Тоҷирон равуо доштанд, бозорҳо барпо мешуданд. Баъдтар, мегӯяд Елизаров, иқлим якбора дигар шуд, боронгарӣ тамом шуд, чоҳҳо хушк шуданд, алаф дигар наруӯид. Қавмхо ва халқҳое, ки ба Сари Озек омада буданд, ҳар кадом ба сӯе бирафтанд, жуаньжуанҳо бошанд, тамом беному нишон ғайб заданд. Онҳо ба сӯи Адил бирафтанд — он вақтҳо дарьёи Волгаро ҳамин тавр меномиданд — ва дар канорахои Адил гумном гардиданд. Касе намедонист, ки онҳо аслан аз кучо омаданд ва касе ҳам пай набурд, ки ба кучо бирафтанд. Нақл мекарданд, ки онҳоро балои ногаҳонӣ ба комаш кашидааст,— даме ки издиҳомашон рӯзи зимис-

тон аз болои Адил убур мекардааст, банохост яхи рӯи дарьё ба ду тараф рафтаасту хамаашон хамрохи галаву рамахошон ба зери ях даромадаанд...

Мардуми тахчоии Сари Озек, яъне номадони [1] казок, хамон замонхо низ диёри худро тарк накардаанд, дар чохои нав чоххои тоза кофта зиндагониашонро давом додаанд. Вале давраи пурчумбучӯши таърихи Сари Озек солхои баъди Чанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфтааст. Автомошинахои обкашон пайдо шуданд. Агар ронанда махалро хуб донад, бо якта мошина ба се-чахор чарогохи дурдаст об расонида метавонист. Колхозу совхозхои вилоятхои атроф нияте доштанд, ки чарогоххои Сари Озекро ичора гирифта, пойгоххои доимии чорвопарварӣ буньёд кунанд. Накшахо мекашиданд, хисобу китоб мекарданд, ки он иншоотхо барои хочагихо ба чанд пул меафтода бошанд. Хайрият, ки шитоб накарда будаанд. Дар атрофи Она-Байт номаълуму ноаён як шахри бенном — Куттии почта пайдо гардид. Ха, одамон айнан хамин тавр мегуфтанд: ба Куттии почта меравам, дар Куттии почта будам, фалон чизро аз Куттии почта харидам, фалониро дар Куттии почта дидам... Куттии почта торафт калонтар мешуд, он чо бинохои нав месохтанд, баъдтар рафтуомади берунахоро манъ карданд. Рохи мумфарше онро аз як тараф бо космодром мепайваст, аз тарафи дигар бо истгохи рохи охан. Давраи нави ободонии саноатии Сари Озек аз хамон чо сар шуд. Дар ин нохия аз даврахои гузашта факат хамин кабристони Она-Байт, хамин оромгохи мӯътабари сокинони Сари Озек боқӣ монд, ки дар сари Экизтеппа ном кӯшапуштае ба ранги кӯхони уштур вокеъ гашта буд. Дар замони кадим мурдаи одамонро ба ин чо аз рохои дур меоварданд, хатто чанозабаронро лозим меомад, ки дар ниман рох шабе дар дашти кушод бихобанд. Лекин ворисони онхое, ки дар Она-Байт дафн мешуданд, хурмати гузаштагонро ба чо овардем, гуфта, хаккони фикр мекарданд. Мӯътабартарин ва номдортарин одамонро, ки умри дароз дида, дониши фаровоне андухтаанд ва бо амалу сухани худ дар байни мардум шӯхрат ёфтаанд, дар хамин чо ба хок месупориданд. Елизаров, ки аз хама вокеахо хабар дорад, ин чоро пантеони [2] Сари Озек меномад.

---

[1] Номад *(юнонии қад.)* — бодиянишин *(шарҳи тарҷумон)*.
[2] Пантеон *(юн.)* — мақбараи одамони машхур *(мутарҷим)*.

Силсилаи зоҳиран ачибу ғариби ҷанозабароне, ки аз трактору уштуру саг иборат буду аз дурохаи Бӯрони баромада меомад, он рӯз ана ба ҳамин мавқеъ наздик мерасид...

Қабристони Она-Байт ҳам қисса дошт. Дар оғози қисса гуфта мешуд, ки жуань-жуанҳое ки дар асрҳои гузашта Сари Озекро забт кардаанд, ба ҷанговарони асирафтода бағоят бераҳмона муносибат мекардаанд. Агар шароити мусоид ояд, асиронро ба кишварҳои ҳамсоя бурда, ба ғуломӣ мефурӯхтаанд ва ғуломон инро саранҷоми нек мешуморидаанд, чунки дер ё зуд имконияте пайдо мекардаанд, ки ба ватани худ бигурезанд. Тақдири пурваҳшате насиби онҳое мегаштааст, ки жуань-жуанҳо дар хидмати худ бимонанд. Онҳо ба каллаи асири худ ширӣ[1] пӯшонида ва ӯро ба машаққати даҳшатангезе гирифтор мекардаанд. Одатан ҷавонмардони асирафтодаро чунин пешомаде насиб мегаштааст. Аввал сари онҳоро як дона мӯй намонда, бо теғ тоза метарошидаанд. Дар айни вақт дар гӯшае қассобони чобукдасти жуань-жуань уштури калонеро сар мезадаанд. Ӯштурро пӯст канда, аввал қисми ғафстарин ва гаронтарини он — пусти гарданро ҷудо карда мегирифтаанд. Ҳамон чои пӯстро дар гармогармиаш ба чанд пора тақсим карда, ҳар як пораи онро ба сари тоза тарошидан як асир мекашидаанд. Пӯсти тару гарм матои ширадор барин ба сари луч чиппӣ мечаспидааст, чунон ки дар замони мо шиноварон ба сарашон ҳамин гуна тоқичаҳои резинини танг мепӯшанд. Ана ҳамин корро ширӣ пӯшондан меномидаанд. Ҳар касе ки ба сараш ширӣ пӯшонанд, ё ба ранчу азият тоб оварда натавониста мемурдааст, ё ба тамоми умр аз ҳофиза маҳрум шуда, ба манкурт мубаддал мегаштааст, яъне ғуломе ки ному нишони худро дар ёд надорад. Аз пӯсти гардани як уштур панҷта-шашта ширӣ месохтаанд. Пас аз ширӣ пӯшонидан ба гардани асирон кунда мезадаанд, то сари худро ба замин расонида натавонанд. Дар ҳамин ҳолат онҳоро аз ибодатгоҳи одамон дуртар бурда (то ки нолаи ҷонгудозашон дигаронро норохат накунад), бо дасту пои баста дар саҳрои кушод, зери офтоб бидуни обу ноне мепартофтаанд. Азобу шиканча чандин шабонарӯз давом мекардааст. Фақат дар чоҳои муайян гурӯҳ-гурӯҳ

---

[1] Ширӣ *(хитой)* — пӯсте ки аз он саноч ва дигар гуна зарфҳо медӯзанд *(мутарҷим)*.

посбон мегузоштаанд, то хамқабилагони асирон барои озод кардан наоянд. Лекин ин гуна кӯшишҳо ахьён-ахьён воқеъ мегардидаанд, зеро дар дашти кушод чунбучӯли одамон ҳечгоҳ аз назар пинҳон наметавонанд. Ва агар фаразан овозае паҳн шавад, ки фалониро жуань-жуанҳо дошта, манқурт кардаанд, хатто наздиктарин одамони ӯ кӯшише ба кор намебурданд, то ӯро озод намоянд ё ба ивази пулу мол харида бигиранд, чунки манқуртро бозовардан баробари он буд, ки хӯсаашро оварда бошанд. Ва факат як нафар модари наймаи, хамон зане ки дар ривоятҳо Найман-Она ном дорад, ба тақдири талхи писараш созиш накард. Достони Сари Озек хам аз ин боб ҳикоят мекунад. Номи кабристон — Она-Байт, яъне Оромгохи Модар низ аз хамон достон баромадааст.

Асирони ба сахро, ба зери офтоб андохташуда аксаран азоби бехад кашида чон медоданд. Аз панч-шаш манқурт факат як ё дутоаш зинда мемонд. Онҳо на аз гуруснагӣ, хатто на аз ташнагӣ халок мешуданд, балки аз шиддати дарду ранчи токатфарсои ғайриинсонӣ чон медоданд. Манбаи азоб пӯсти хоми уштур буд, ки ба сари асирон кашидаанд ва он ҳар лаҳза хушк мешуд. Ширӣ зери шуохои тафсони офтоб тадричан хушк ва фушурда шуда, сари бемӯи асирро ба мисли чанбари оҳанӣ тазъиқ медод. Рӯзи дуввум мӯи сари тарошидаи бечорахо аз нав ба сабзидан шурӯъ мекард. Мӯйхои сахт ва сихвор рости мардуми осиёӣ зарра-зарра сабзида, ба пӯсти хоми сарпӯш мехалиданд, ё аксаран баъди расидан дигар чои ёзиш наёфта, нӯкашон қат мешуд ва баргашта ба пӯсти сари соҳибашон мехалиданд ва азоби аз хад афзунаш медоданд. Аз шиддати шиканча чавонмардон аз ақл бегона мешуданд. Факат рӯзи панҷум жуань-жуанҳо омада хабар мегирифтанд, ки оё касе зинда мондааст? Агар аз бечорахо лоакал якеро зинда дарьёбанд, хурсанд мешуданд, ки ба мурод расидаанд. Ӯро об медоданд, аз кундаву ишкел озод мекарданд ва бо мурури замон бар по росташ менамуданд. Зеро вай акнун манқурт — ғуломе ҳисоб меёфт, ки ба зӯрӣ аз хотираааш махрум кардаанд ва аз ин чихат бахояш баланд аст, баробари дах асири саломату тавоно арзиш дорад. Хатто дастуре вучуд дошт, ки дар чанги байни қабилахо манқурте кушта шавад, ба ивазаш ба андозае товон пардохта мешуд, ки аз қимати чони хамқабилаи озод се маротиба гаронтар буд.

Манқурт намедонист, ки кист, аз кадомин авлод аст, номаш чист, айёми кӯдакӣ, исми падар ва модараш чӣ буд,— хулоса худро чун инсон эҳсос карда наметавонист. Мафҳуми «ман» барои вай бегона бошад ҳам, дар кори хонаву рӯзгор як қатор бартариҳо дошт. Вай баробари як чонвари безабон ва, аз ин рӯ, итоаткор ва бехатар буд. Хаёли фирор кардан ҳеҷ гоҳ ба сараш роҳ намеёфт. Мудҳиштарин рӯйдод барои тоифаи ғуломдорон исьёни ғуломон аст, зеро ҳар як ғулом дар ниҳоди худ исьёнгарест. Манқурт аз ин ҷумла ягона истисное буд — майли саркашӣ ё шӯриш барои вай тамом бегона буд. Ӯ аз вуҷуди ин гуна эҳсосот умуман хабар надошт. Бинобар ин ҳочат ба посбон набуд. Манқурт ба мисли саг фақат сохиби худро мешинохт. Бо дигарон сари коре надошт. Ҳамаи фикру зикри ӯ ба он равона буд, ки шакамаш сер бошад. Дигар ғаме надошт. Аммо супоришҳоро кӯркӯрона бошад ҳам, аз таҳти дил ва мукаммал ба ҷо меовард. Манқуртҳоро водор менамуданд ифлостарин, гаронтарин корҳоро анҷом бидиҳанд ё машғулоти дилгиру пурмашаққатеро мефармуданд, ки сабр-ру тоқати бепоёни куинду карахтеро тақозо мекунад. Фақат манқурт метавонист дар биёбони бениҳоят хилвату бекаси Сари Озек, дар чарогоҳҳои дурдаст муттасил саробони ғалаи уштурон бошаду ба ранҷи танҳоӣ тоб оварад. Дар ҷоҳои дур ба танҳоӣ кори чандин нафарро анҷом медод. Ба ӯ фақат ғизое бошад, шикамаш сер бошад, аз танҳоӣ дилгир нашуда ва аз маҳрумиятҳо шиква накарда, шаба шаб, рӯза рӯз нагуфта, зимистону тобистон нагуфта, кор мекард. Амри сохиб барои манқурт олитарини амрҳо буд. Ба ҷуз хӯрок ва кӯхналибосе ки аз сармо задан дар биёбон эмин дорад, дигар чизе талаб намекард...

Барои тарсонидани чашми асирон як-ду нафари ононро сар буридан ё ҷазои дигаре додан басе осонтар аст назар ба он, ки хофизаи ӯро барҳам зананд, ақлу хиради ӯро маҳв намоянд, яъне чизеро решакан созанд, ки то нафаси вопасин бояд дар вуҷуди инсон бошад ва яккаву ягона бозьёфти ӯ ҳисоб ёбад ва баробари ӯ аз ин олами равшан бираваду барои дигарон дастнорас бимонад. Аммо жуань-жуанҳои бодиянишин, ки аз қаъри таърихи тираву торашон бешафқаттарин навъи ваҳшониятро ба мерос оварда буданд, ҳатто ба ҳамин гавҳари ниҳонии бани-одам дастдарозӣ карданд. Ҳилае ёфта, хотири зиндаи инсонро бирабуданд ва ба ҳамин ва-

сила ба табиати инсон эиёни тасаввурнопазире расониданд. Бесабаб нест, ки Найман-Она дар сари навҳа бар писари манкурт шудааш дар оташи ҳасрату андӯҳ сӯхта, чунин мегуфт:

«Рӯзе ки хотири туро, чони модар, аз ту чудо мекарданд, косаи саратро ба пӯсти хушкандаи уштур печонида, чунон ки чормағзро ба чанголи анбӯр бишкананд, мефишурданд, он лаҳза ки чанбари ноаёнро ба сарат кашиданду чашмонат аз тарси чон ба хуноби чигар олуда аз хонаҳои худ барчастанд, даме ки ташнагии фанногар дар кӯраи оташи бедуди Сари Озек шиканчаат медоду қатрае борон набуд, ки ба лаби сӯзони ту биафтад, он рӯз оё офтоби барои дигарон оламтоб ва ҳаётофарин дар назари ту, чони оча, чароғи манфур, чароғи хомӯш, тиратарини чароғҳои олам набуд?

Даме ки фарьёди дилхарошат аз дарди чонсӯз дар пахнои дашт дахшат мефиканд, соате ки дар истифроғоти худ, ки аз ранчи чисм бенихтиёр берун меомад, нафастанг мешудй ва дар начосати дилбехузуркунанда, ки аз шиддати ташаннучоти пайкарат бармеомад, ғел мезадй, лахзаҳое ки аз туғьёни он бӯи бад ва ҳамлаи фавчҳои магас хуш мебохтию чон месупоридй ва ба худ мепечидиву фарьёд мезадй, шаб то саҳар ва субҳ то шом ба даргоҳи худованд илтичо мекардй ва аз осмони бевафо умеди мадад доштй, оё он рӯз, чони оча, охирин мадори худро ғундошта, ба даргоҳи худованд лаънат нахондй, ки дар оламе ки худ тарк карда буд, моро офаридааст?

Вақте ки ақлу хуши аз кину азоб афгоршудаи туро пардаи зулмот фаро гирифт ва хотират, ки бо зӯр аз ту чудо карда будандаш, вобастагии айёми гузаштаро бебозгашт аз каф медод ва ҳангоми даступозаниҳои тақатшиканат нигоҳи чашми модар, шарфаи оби чӯйбори домани кӯҳ (чӯе ки рӯзҳои тобистон оббозй мекардй), исми худ ва номи падарро дар шуури зеру забаршудаат гум мекардй, даме ки чеҳраи одамони туро ба воя расонида аз пеши назарат дур мешуд, номи духтараки ба рӯят хаёмез табассумкарда фаромӯш мегардид, магар, он рӯз лахзаи сарнагун рафтан ба чоҳи бетаки фаромӯшй бар унвони модарат, аё чони оча, лаънату нафрин нахондй, ки замоне чуръат карда, аз вучуди ту обистан шуда буду сипас туро ба рӯи ин дуньёи дун биовард, то рафта-рафта, чунин рӯзе бар сарат биафтад?..»

Ин қисса аз замоне ривоят дошт, ки жуань-ғуанҳо дар бошишгоҳи худ — кишварҳои бодиянишини ҷануби Осиё ба танг омада, фирор карданд ва ба сӯи шимол ҳучум оварданд ва Сари Озекро ба муддати тӯлонӣ забт намуда, бо мақсади вусъат додани мулки худ ва асир гирифтани бегонагон муттасил ҷанг мекарданд. Рӯзҳои аввал аз ногаҳонӣ будани ҳамлаи худ истифода бурда, дар ноҳияҳои атрофи Сари Озек мардуми бисёре, аз чумла занон ва кӯдаконро асир гирифтанд. Ва ҳаман онҳоро ба ғуломӣ бидоданд. Вале муқобилат ба истилои ачнабиён меафзуд. Муҳорибаҳои шадид сар шуданд. Жуаньжуанҳо аз Сари Озек рафтан намехостанд, балки баръакс мекӯшиданд, ки дар ин мулки фарохи боби чорвопарварӣ мустаҳкамтар ҷойгир шаванд. Қабилаҳои тахчой бошанд, ба чунин талафот тан намедоданд ва қарзи худу ҳаққи худ медонистанд истилогаронро дер ё зуд аз хоки ватан берун кунанд. Хулоса, задухӯрдҳои хурду калон идома доштанд ва гоҳ ба нафъи ин тараф анҷом меёфтанду гоҳ ба суди он тараф. Аммо дар байни ҷангу ҷидол фосилҳои оромӣ низ воқеъ мегардиданд.

Дар яке аз ҳамин гуна даврaҳои оромиш ба кишвари найманҳо корвони бозургонон омаду яке аз точирон ҳангоми чойнӯшӣ дар сари дастархон нақл кард, ки вақте онҳо аз дашти Сари Озек убур мекарданд, жуаньжуанхо ба сари чоххои об наздик шудани онҳоро манъ намекарданд. Сипас гуфт, ки дар Сари Озек чорвопарвари чавонеро дидааст, ки галаи бузурги уштуронро бонӣ мекард. Бозургонон хостаанд, ки бо ӯ ҳамсӯҳбат шаванд, вале маълум гардидааст, ки вай манқурт аст. Зохиран одами тануманд менамояд ва касе пай намебарад, ки ба ӯ чӣ иллате расида бошад. Аз афташ, як вақтхо мисли дигарон забон доштааст, ба фаҳми сухан мерафтааст. Худаш холо хеле чавон будааст, дар лабаш акнун хатти сабз медамидааст, андомаш ҳам бечо нест, лекин аз ягон бобат савол дихӣ, мебинӣ, ки гӯё дина аз модар таваллуд шудааст, бечора на исми худаш, на номи падару модарашро медонад, на чӣ кор кардани жуань-жуанхоро, на дар кадом диёр ба дунё омаданашро. Фаромӯш кардааст. Ҳар чиз напурсӣ, хомӯш меистад, факат «ҳа» ё «не» гуфта ҷавоб мегардонад ва даст аз телпаки сараш намеканад. Одамон ваболу савоб намегӯянд, ба айби дигарон механданд. Дар ин чои ривоят онҳо хандакунон мегуфтанд, ки манқурт-

ҳое будаанд, ки пӯсти уштур ба сарашон якумрӣ часпида мемондааст. Ин гуна манқуртро тарсонидан хоҳӣ, мегӯӣ, ки биё, ошно, каллаатро тар карда, пӯстакашро канда мегирем. Ин гапро шунавад, ба мисли аспи маст бардорузан мекунад, аммо наметмонад, ки ба сараш даст бирасонӣ. Ин тоифа телпакашро на шаб мекашад, на рӯз... Аммо, боз накл карданд бозургонон, он манқурт девонаавзоъ намояд ҳам, ба кори худ ҳушьёр буд. То даме ки корвон аз наздикиҳои галаи уштурони ӯ дур нарафт, ба ҳаракати он зиракона назорат карда истод. Яке аз корвониён ба ӯ шӯхикунон мурочиат намуд:

— Рохи мо дуру дароз аст. Бигу, ба кӣ аз ту салому паём расонем? Шояд дар ягон диёр нозанине будагист? Бигӯ, шарм надор. Ё, шояд, барои ӯ рӯймолаке ҳадья фиристодан мехоҳӣ?

Манқурт дергоҳе ба корвонӣ чашм дӯхта истод-истоду баъд гуфт:

— Ман ҳар рӯз ба рӯи моҳ менигарам, вай ҳам ба ман нигоҳ мекунад. Лекин мо гапи ҳамдигарро наметшунавем... Дар он ҷо касе нишастааст...

Ҳангоми ин сӯҳбат дар хайма зане ҳузур дошт ва барои меҳмонон чой мерехт. Найман-Она буд ӯ. Ва бо ҳамин ном дар достони Сари Озек ҳам бимонд.

Найман-Она ҳолати ботини худро ба меҳмонон изҳор надошт. Касе пай набурд, ки аз ин хабар ӯ чӣ гуна ба изтироб афтод, чӣ тавр қиёфааш дигаргун шуд. Ӯ мехост бозургонро дар бораи он манқурти чавон мафассалтар пурсупос намояд, аммо ҳарос дошт, ки мабодо аз он чӣ гуфта шуд, боз бештар маълумаш гардад. Ва лаб ба савол боз накард ва бимеро ки дар вучудаш чун фарьёди мурғи захмин бедор шуда буд, зуд хомӯш намуд... Сӯҳбат дар он давра ба мавзӯи дигар гузашт, ба манқурти шӯрбахт дигар касеро коре набуд, магар дар дуньёи равшан ҳодисаҳои ачибу ғариб каму андаканд?.. Вале Найман-Она ҳамчунон бо тарсу ҳаросе ки тамоми ҳастиашро фаро гирифта буд, дастбагиребон буд, мекӯшид ларзаи дастонашро фурӯ нишонад, гӯё дар воқеъ мехост, ки он мурғи захмини дар кадом гӯшаи дилаш нолиш кардаро хафа карда бикушад. Вай рӯймоли азодориашро ба рӯяш поёнтар кашида фаровард, ҳамон рӯймоли снёҳеро ки ҳама дар сари кайҳо сафедшудааш дида одат карда буданд.

Корвон ба рохи худ бирафт. Найман-Она ҳамон шаби бедорхобиаш дарк кард: то даме ки дар дашти Сари

Озек он галабони манқуртро пайдо накунад ва бовар ҳосил накунад, ки вай фарзанди ӯ нест, дигар ором нахоҳад буд. Дар як канори дили модар муддатҳо инчониб шубҳае мезист, ки писараш дар майдони чанг ҳалок гардидааст ва андешаи ранҷовару даҳшатноки ҳамоншаба он гумони норавшани пешинаро боз қувват бахшид. Бехтар ки писарро дуввумбора ба хок биспорад, назар ба он ки аз тарси ногузир, аз ранчи устувор ва иштибоҳи доимӣ дар азоб бошад.

Ҳа, писари ӯ дар яке аз набардҳо бо жуань-жуанҳо дар дашти Сари Озек кушта шуда буд. Шавҳараш як сол қабл аз он ҳалок гашта буд. Дар байни найманҳо шахси номдору шӯҳратманде буд шавҳараш. Сонӣ писар ба ҷанги аввалинаш камар баст, то интиқоми падарро биситонад. Аз рӯи оин ҷасади кушташудагонро дар майдони чанг наметавонанд. Аммо барои ин кор имконият пайдо нашуд. Дар он ҷанги сахт бисьёр касон диданд, ки вақте лашкари ду тараф рӯ ба рӯи ҳамдигар расида даромехтанд, писари Найман-Она бар гардани аспи худ барафтод ва аспи тасфида ва аз ғалоғулаи чанг ба харос афтода, баногоҳ бардошту ҷуссаи соҳибашро ба каноре бурд. Баъд ӯ аз сари зин биафтод, аммо пояш дар рикоб буд ва аз паҳлуи асп овезон мерафт ва аспе ки аз ин ҳол тарсу ҳаросаш дучандон шуда буд, тани бечони ӯро рӯй-рӯи замин кашолакунон ба паҳнои дашт бурд. Гӯё бадқасдона асп ба самти ҳарифон медавид. Ҳарчанд ки чанг ҷанги шадид ва хунине буду касе ба тарк кардани майдон ҳақ надошт, ду нафар аз ҳамқавмон аз дунболи ӯ асп монданд, то аспи бардоштаро дастгир карда ҷасади рафиқашонро аз замин бардоранд. Аммо дар оббурдае як даста жуаньжуанҳо ба камин нишаста будааст ва чанд нафар савораи кокулдор аз байни ин даста наъраказон аз роҳи миёнбур ҳамла намуданд. Яке аз найманҳо тир хӯрда ҳалок шуд, дуввумаш сахт ярадор шуда, қафо нишаст ва баробари расидан ба лашкари худ аз зин барафтод. Ин воқеа боис шуду найманҳо аз дастаи камингирифтан жуань-жуанҳо огоҳ гардиданд, ки мехост фурсати мунисибе ёфта, аз паҳлуи ҳариф зарба занад. Найманҳо бо шитоб ақиб нишастанд, то сафҳои худро аз сари нав биороянд ва омодаи ҳарби нав бишаванд. Ва дар чунин вазъият, албатта, тақдири ҷанговари ҷавонашон, писари Найман-Она дигар аз ёди ҳама фаромӯш шуда буд... Наймани захмдоршуда, ҳамон марде ки худро ба-

зӯр ба назди ҳамқавмон расонида буд, сонитар накл мекард, ки вақте жуань-жуанҳо ӯро дунболагирӣ мекарданд, аспи писари Найман-Она ба кадом як самти номаълуме аз назарҳо ғоиб шуда буд...

Найманҳо чанд рӯз паси ҳам ба ҷустуҷӯи ҷасади ӯ баромаданд. Вале на худи ҷавони ҳалокшударо пайдо карданд, на аспи ӯ, на силоҳаш ва на ягон нишони дигаре. Ба ҳалок шудани ӯ касе шубҳа надошт. Ва агар фақат захмин шуда бошад ҳам, дар бадали ин чанд рӯз ё аз ташнагӣ дар дашти фарох, ё аз ҷорӣ шудани хуни зиёд талаф шуда буд. Ҳамқабилаҳо изҳори надомат карданд, ки ҷасади шарики ҷавонашон дар дашти хилвати Сари Озек дафн нашуда мемонад. Ин барои ҳама як кори нангине буд. Заноне ки дар хайман Найман-Она навҳагарӣ мекарданд, ба унвони шавҳарон ва барода-рони худ таъна мезаданд:

— Бадани зебописарро лошахӯрон минқор заданд, шағолон канда-канда, ба ҳар сӯ бурданд. Баъди ин шумо чӣ ҳад доред, ки телпаки мардонаро ба сар пӯшед!..

Дар чашми Найман-Она акнун ҳаман олам хилват-кадае буд. Вай медонист, ки дар ҷанг одамон талаф мешаванд, аммо андешае ки писараш дар майдони ҷанг ғариб мондааст, тани ӯро ба хок насупоридаанд, ӯро орому қароре намедод. Андешаҳои талхи бепоён дили модарро реш-реш мекарданд. Касе набуд, ки дарду ҳасраташро гуфта, дилашро холӣ кунад. Ғайр аз худо дигар вуҷуде надошт, ки ба вай мурочиат кунад...

Вай мебоист бо чашми худ медид, ки писараш дар воқеъ ҳалок шудааст. Фақат баъди ҳамин метавонист худ ба худ амр бидиҳад, ки дигар дар ин хусус фикр накунад. Фақат баъди ҳамин ба тақдир тан медод. Бенишон гум шудани аспи писараш ҳам хотири Найман-Онаро мушавваш месохт. Вай захмдор набуд, аз тарс гурезон шуда буд. Вай ба мисли ҳар як аспи дигари дар тавила ба воя расида дер ё зуд мебоист ба зодгоҳаш бармегашт ва ҷасади соҳибашро дар рикоб меовард. Ва онгоҳ, сарфи назар аз он ки лаҳзаи мудҳиштаринест чунин лаҳза, модар дар сари пайкари бечони писар доду фарьёд мекашид, навҳаю фиғон мебардошт, мӯй меканду рӯй меканд ва аз сарнавишти талху шӯр, аз сари сахту кисмати мусибатосораш чунон суханҳо гуфта мегирист, ки нолааш ба осмонҳо рафта, ба гӯши худованд бирасад ва агар парвардигор во-

қеан рамузфаҳм бошад, аз кардаҳои худ сад пушаймон шавад. Ва онгоҳ дар дили модар дигар шубҳае намемонд ва ӯ бо хотири ҷамъ ба истиқболи ачал омода мегардид ва ҳатто бар гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ки умраш як-ду рӯзи дигар дарозтар бошад ва ҳар даме ки ачал бирасад, бо майли тамом пешвозаш мегирифт. Аммо ҷасади писарро пайдо накарданд, аспаш ҳам барнагашт. Дили модарро ҳамчунон шубҳа шиканча медод, ҳарчанд, ки ҳамқавмон он воқеаро тадричан аз ёд мебурданд. Дардеву аламе нест, ки рафта-рафта фаромӯш нашавад... Фақат дили модар таскин намеёфт, танҳо алами ӯ кӯҳна намешуд. Фикру хаёли ӯ гаштаву баргашта ба сари ҳамон муаммо меомад: аспаш чӣ шуда бошад, зину лаҷому шамшеру сипари ӯро кӣ гирифта бошад? Кош нишонае ёфт мешуду маълум мегардид, ки ба сари писар чӣ рӯзе расидааст. Охир, аз эҳтимол дур нест, ки аспи ӯро баъди хаставу кӯфта шуданаш дар биёбони Сари Озек жуань-жуанҳо дастгир карда бошанд. Аспи нағз бо анҷому афзораш магар ғанимат нест? Пас онҳо писари пой дар рикоб банди ӯро чӣ кор карда бошанд? Оё дар гӯшае гӯраш карданд ё ба коми гургу шағолон афкандаанд? Рафту вай зинда бошад, мӯъҷизае шуда, зинда монда бошад? Ҳарифон ӯро кушта, ҷонашро аз азоб раҳонида бошанд, ё дар саҳрои кушод ба ҳоли тоқатшиканаш гузошта бошанд? Ё худ рафту ӯро...

Гумону пиндоштҳоро нитиҳое набуд. Бозургонони рохгузар дар сари дастурхон аз манқурти ҷавони дар дашти Сари Озек дидаашон гап кушоданду ба роҳи худ бирафтанд. Гумон надоштанд, ки бо ин кори худ ба ҷароҳати дили Найман-Она нохун мезананд. Дили модар аз иштибоҳи тоза ба изтироб афтод. Ақидае ки ҳамон манқурти ҷавон эҳтимол писари гумноми ӯ бошад, ақлу эҳсосоти ӯро торафт бештар, амиқтар ва муттасил тасхир менамуд. Модар фаҳмид, то даме ки он манқуртро ёфта, бо чашми худ набинад, то бовар накунад, ки вай писари ӯ нест, дилаш таскин нахоҳад ёфт...

Дар он кӯҳдоманҳо, дар бошишгоҳҳои тобистонии найманҳо нахракони майда-майдаи кӯҳӣ чорӣ буданд. Найман-Она шаб то саҳар ба шарфаи оби нахр гӯш медод. Суруди шӯхи об ба дили ғамзадаи ӯ чӣ лозим буд? Вай тасаллои хотир мечуст. Қабл аз он ки худро ба канори пурсукунати Сари Озек бияндозад, мехост аз садоҳои гӯшнавози оби кӯхсорон серӣ бишнавад. Ӯ ме-

донист, ки ба танҳой сар ба биёбони бекарони Сари Озек ниҳодан корест таваккалӣ ва хатарнок, аммо намехост касе аз нияти ӯ воқиф гардад. Ягон кас, ҳатто хешу табораш аз қасди ӯ огоҳ мешуданд, азми ӯро намеписандиданд. Ба ҷустучӯи писари кайҳо ҳалокшуда баромадан чӣ фонда дорад? Ва агар тасодуфе рӯй дода, вай зинда монда ва ба манқурте мубаддал шуда бошад, ба кофтукови вай камар бастан ва дар ин кӯй дилу дидаро обу адо кардан корест дар ғояти номаъқулӣ ва бемаъной, чунки манқурт фақат хӯсаест, танҳо суратесту бас...

Найман-Она ҳамон шаб дар арафаи сафар чанд маротиба аз хайма берун рафт. Дергохе ба атрофаш чашм медӯхт, гӯш меандохт, мекӯшид, ки хушу ёдашро ба як нукта ғундорад. Моҳ дар фарози осмони беабр истода, заминро аз нури ширрангаш мунаввар мекард. Хаймаҳои сафеди сершуморе ки дар доманаи кӯҳсор хар чохар чо комат афрохта буданд, селаи мурғони бузурги афсонавиро ба хотир мерасониданд, ки ба ин чо, ба канори нахрҳои шӯх барои шабгузаронӣ фурӯ нишаста бошанд. Аз паҳлуи овул, аз он чое ки қӯраҳои гӯсфандон вокеъ гашта буданд, ва аз онсӯтар, аз пастхамие ки галаҳои аспон мечаридаид, аккоси сагон ва садоҳои мубҳами одамон шунида мешуд. Вале ба гӯши Найман-Она суруди духтарон аз ҳама гуворотар мерасид, ки дар гӯшаи овул, назди гӯсфандон шабзиндадорӣ мекарданд. Як замоне худаш низ шабонгоҳон сурудхонӣ мекард... Чӣ қадаре ки ёд дорад, аз он айёме ки ӯро арӯс карда, ба ин чо оварданд, овули онхо ҳар тобистон дар ҳамин маҳал хайма мезанад. Ҳаман умраш дар ҳамин чоҳо гузаштааст: ҳам он солҳое, ки хонаводаашон калон буду дар ин бошишгоҳ якбора чаҳор хайма рост мекарданд — якта барои ошхона, дуввумӣ меҳмонхона ва дутои дигар барои истиқомати худашон — ҳам соҳитар, пас аз ҳамлаи жуань-жуанҳо, пас аз он ки худаш танҳо монд...

Акнун ӯ хайман хилваташро тарк мегуфт... Ҳанӯз аз шоми гузашта ба сафар омода мешуд. Аз обу озуқа захира гирифт. Обро бисьёртар — ду машки пур гирифт, зеро эҳтимоле ҳаст, ки дар дашти Сари Озек чоҳу об ба осонӣ пайдо нашавад. Модауштураш Оқмоя ҳанӯз аз бегоҳ дар паҳлуи хайма баста шуда буд. Ҳам мадори дилаш буд ин уштур, ҳам ҳамсафари боэътимодаш. Ба тавонгарии вай, ба хушрафтории вай эътимод намедошт,

магар ҷуръат карда, роҳи хилвати дарозу дури Сари Озекро пеш мегирифт?!

Ҳамон сол Оқмоя бебор монда буд, пас аз дута зоидан дам мегирифту савории хеле хушгаште шуда буд. Оқмоя уштури сафедранги газгӯште буд, поҳои дарози неруманде дошт, ки кафҳошон аз мурури солҳо ва гарони борҳо ҳанӯз кӯфтаву фасурда нашудаанд, балки қоиму гироанд; қӯшкӯҳони маҳкамаш, сари дилкашу гардани сермушаки пуриктидораш ба ҳуснаш ҳусн мафзуд; ҳангоми давидан парраҳои нозуки биниаш болҳои шабпараквор ба ҷунбиш меомаданд...

Уштури сафед Оқмоя ба баҳои як рама гӯсфанд меарзид. Ба ивази ин ҷонвари бодпо, ки дар айни камолоти умраш буд, даҳҳо сар чорвои калон медоданд, то онро ба гала андохта, зоти хуш ба даст оранд. Модауштури хушсиришт охирин дурдонае буд дар бисоти Найман-Она, вопасин нишонае аз сарватҳои дирӯзаи ӯ. Дигар ҳаман молу мулк ба мисли чирки даст гум шуду бирафт. Ба адои қарзҳо бирафт, ба харочоти рӯзи чил, оши сол. Ба ҳамин қарибӣ ҳам ба ёдбуди писараш маъракаи калоне биорост ва мардуми зиёде омаданд, ҳаман наймаиҳои гирду атроф ҷамъ омаданд. Ҳа, ба ёдбуди писар, ҳамон писаре ки ба доғи ҳасрататаш тоб оварда натавониста, модар ба ҷустуҷӯи нишонаш баромадааст.

Бомдодон Найман-Она аз хайма баромад. Ӯ ба сафар омода буд. Аз остона як қадам беруи ниҳоду ба дар такья намуд ва овули ба хоб рафтаро аз назар гузаронида, ба хаёл рафт. Ҳусни пешина андоми ӯро ҳанӯз тарк накарда, қоматаш ҳанӯз боло ва расо, миёнашро, чунон ки қабл аз сафари дуру дароз шояд, бо фӯтае баста буд. Ба пояш мӯза, ба танаш шолвор ва аз болои курта камзӯли беостин пӯшида, ҳуллаи баркаде ба сари китф андохта буд. Ба сараш рӯймоли сафеде партофта, гирехи онро аз паси гардан баста буд. Ҳа, дар анчоми андешаҳои шабонааш ба ҳамин қарор омада буд, модом ки аз зинда дарьёв кардани писар умед надоштааст, ҳочат ба либоси мотам нест. Ва агар мабодо умедаш бар ҳадар биравад, ба сар гирифтани он рӯймоли сиёҳи бадфол ҳаргиз дер намешавад. Дар ҳавои нимторики субҳгоҳон мӯйҳои сафед ва нақши мусибатҳои дилфигори модар — чинҳои амики чеҳраи андӯҳбори ӯ чандон аён ба назар намерасиданд. Аз андешаҳои гарон чашмонаш нам гирифтанд ва ӯ оҳи вазнине, ка-

шид. Кай дар гӯшаи хаёлаш буд, ки чунин рӯзе хам ба сараш мерасад? Лекин модар худро ба даст бигирифт. «Ло илоҳа иллоллоҳ»— зери лаб пичирросанон хонд оғози нахустин оятро ва бо қадамҳои қатъй ба уштураш наздик омада, «чих, чих» — гӯён онро ба зону биншонид. Оқмоя аз рӯи одаташ ва бештар барои зебаш лахзае ғул-ғулкунон наъраи пасте кашиду пас сина бар замин ниҳод. Найман-Она зуд хӯрчини калонро ба рӯи зин партофта, ба уштур савор шуд ва чугӯён амр бидод, ки аз ҷой бархезад. Уштур поҳои худро рост намуд ва соҳибаи худро бар ҳаво бардошт. Оқмоя акнун пай бурд, ки ӯро сафар дар пеш аст...

Аз ин воқеа касе дар овул хабар надошт. Фақат хоҳарзодаи шавҳараш, ки надимааш буд, дам ба дам хамьёза кашида, ӯро ба сафар гусел менамуд. Ба вай ҳанӯз бегоҳи рӯзи гузашта гуфта буд, ки ба назди тӯркунҳо — хешовандони падару модари худаш ба меҳмонӣ рафтанист ва аз он ҷо агар дастаи сайёҳон дучор ояд, ба онҳо ҳамроҳ шуда, ба зиёрати оромгоҳи Хоҷа Аҳмади Ясавӣ хоҳад рафт...

Найман-Она бармаҳалтар ба роҳ баромад, то одамон бо пурсупосашон заҳмат надиҳанд. Аз овул дуртар рафта, баъд сари уштурро ба сӯи дашти Сари Озек гардонид, ки тарҳи норавшанаш дар уфуқи дуродур ва сокит базӯр фарқ карда мешуд...

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гриневич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Аз сахни киштии ҳавопаймобари «Конвенция» ба унвони кайҳоннавардони муфаттиш дар қароргоҳи мадории «Паритет» боз як радиограмман махфӣ фиристода шуд. Дар ин радиограмма низ бо ҳамон лаҳни огоҳии қатъй пешниҳод мешуд, ки бо паритет-кайҳоннавардо-

ни 1-2 ва 2-1, ки аз Олами афлоқии Офтоб берун рафтаанд, оид ба мӯҳлат ва имконияти бозгашти онон ба қароргоҳи мадорӣ ҳеҷ гуна радиоалоқае барқарор ҷакунанд ва ба фармоишоти минбаъдаи Мармутидор мунтазир бошанд.

Дар уқьёнус нимтӯфоне ҳукмфармо буд. Киштии ҳавопаймобар дар рӯи мавҷҳо алвонҷ мехӯрд. Оби уқьёнус ба дунболаи киштии азим бо шаст расида, кафкҳои сафедашро ба ҳар тараф пош медод. Бар фазои беканори бахри пуртуғьён офтоб шаъшаапоший мекард. Бод ба як маромӣ мунтазам мевазид.

Ҳаман қитъаҳои киштии ҳавопаймобари «Конвенция», аз ҷумла қитъаи ҳавопаймоҳо ва дастаи амнияти манофеи давлатӣ дар ҳолати ҳозиру нозир, дар вазъи «омода бош!» буданд...

Чандин рӯз шуд, ки сафедуштури Оқмоя ба оҳанги якнавохт ва нолишомезе садо дода ва кафҳои пояшро рӯи хоку рег шалаппосзанон дар сою кӯтал ва ҳамворихои дашти бузурги Сари Озек лӯккакунон роҳ мепаймуд. Ва соҳибааш онро ҳамчунон маҳмез мезаду дар хоки сӯзони дашти бегиёҳ шитоб мекунонид. Фақат шабона дар сари ягон чоҳе ки аҳьён-аҳьён дучор меомад, дам мегирифтанд. Саҳарӣ боз ба ҷустуҷӯи галаи бузурги уштурон мебаромаданд, ки дар оғӯши нопайдоканори Сари Озек ноаён гаштааст. Бозургонони рохгузар ҳамон манқурти галабонро, ки ҳоло Найман-Она кофтуковаш дошт, маҳз дар ана ҳамин қитъаи Миёнадаштҳо, дар қарибии Ҷари сурхреги Маллақумдичап дидаанд, ки ба фарсаххо тӯл кашидааст. Рӯзи дуввум буд, ки Найман-Она аз мулоқот бо жуань-жуанҳо дар ҳарос дар атрофи Маллақумдичап уштур меронд, вале ҳар қадар рох напаймояд, ҳар қадар ба дуродур чашм надӯзад, ба ҷуз дашти бекарону саробҳои назарфиреб дигар чизеро намедид. Рӯзе ӯ фирефтаи сароб гардида, то ба шаҳри азиме, ки дар пеши чашмонаш ҷилвагар шуду манораву деворҳои масҷиду қалъаҳояшро барало медид, рохи дарози пурмашаққатеро тай намуд. Шояд, мегуфт ӯ дар дилаш, писари ӯ он ҷосту ба бозори ғуломон андохтаандаш? Ва онгоҳ ӯ писарро бар болои Оқмоя дар паси худ савор мекарду мегурехт! Ку он чонваре ки ба Оқмояи бодпо расида тавонад?..

Фиреби назар аз машаққатҳои биёбон сар мезад.

Касеро дар дашти Сари Озек чуста ёфтан, албатта, кори сахл нест. Вай дар ин масоҳати бепоён мисли як дона регест дар хирмани азим. Лекин агар ӯ саробони галаи калоне бошад, он гала дар чарогоҳ ҳатман ба масоҳати зиёде парешон мешавад ва дер ё зуд ягон чонвареро дар канори гала мебинӣ, пас дигаронашро, ва ниҳоят худи галабонро ҳам дарьёв мекунӣ. Дар қалби Найман-Она маҳз ана ҳамин умед шӯъла мезад.

Аммо то ҳол чизе ба назараш нарасида буд ва ӯ бо ҳарос аз дил гузаронид, ки мабодо галаро ба чои дигар ронда бошанд? Мабодо жуань-жуанҳо ҳаман уштуронашонро барои фурӯш ба бозорҳои Хива ё Бухоро бурда бошанд? Он галабон оё аз чунин роҳи дур метавонад зинда баргардад?.. Лаҳзае ки модар аз шиддати андӯҳ ва шиканчаи шубҳаву пиндорҳо азият кашида, овули худро падруд мегуфт, дар замири қалб фақат як орзуе дошт, ки писари худро зинда бубинад, бигузор, ки вай манқурт ё махлуқи дигар шуда бошад, бигузор, ки чизеро дар ёд надошта бошад, чизеро сарфаҳм наравад, аммо маҳз писари вай бошад, зинда бошад, фақат зинда бошад... Магар ин кам аст!?

Вале ба қадри наздик шудан ба дашти Сари Озек, ба маҳалле ки, ба қавли бозургонони роҳгузар, галабон он чо будааст, дар вучудаш биме пайдо мешуд, ки мабодо дар шакли писар махлуқи хирасареро бубинад. Ва онгоҳ тарсу ҳарос дар вучудаш раъша меафканд. Ва ӯ ба худованд илтичо мебурд, ки он галабон каси дигаре бошад, ягон фалакзадан ношиносе бошад, писари ӯ набошад. Ва дар ин асно ӯ бечуну чаро розӣ буд тан диҳад, ки писараш дар қайди ҳаёт нест ва беруни аз ҳадди имкон аст, ки дар қайди зиндагӣ бошад. Ва ӯ фақат бо чунин ният ба сафар баромадааст, ки ба афту андоми манқурт як назар бингарад ва бовар кунад, ки тахмину гумонҳояш ботил будаанд ва пас аз ин ба роҳи омадааш баргардад ва дигар ранчу азоб накашад ва чунон ки дар сарнавишташ будааст, бокимондаи умрашро ба осудагӣ бигзаронад...

Вале ғалаёни ҳузн боз боло мегирифт ва модар мехост, ки дар дашти Сари Озек шахси дигарро не, балки, ҳар чӣ бодо бод, маҳз писари худро дарьёбад...

У дар банди ҳамин гуна эҳсосоти мухталиф буд ва ба сари теппае расид ва галаи бузурги уштуронро дид, ки дар ҳамвории фарохе баҳузур дар чаро буданд. Уштурони фарбеҳтани бӯрранг миёни буттазори паст ва

хористон гашта, озодона мечаридаид. Найман-Она Оқмояи худро башиддат маҳмез зада, бо суръат ба пеш тозонид. Даставвал бисьёр хушҳол шуд, ки галаро, ниҳоят, пайдо намуд, аз шодмонй ҳатто нафасаш гирифт. Баъд банохост тарсид, ба танаш ларза афтод, сахт тарсид, ки худи ҳозир писарашро, писари манқурт шудаашро хоҳад дид. Сипас боз хушҳол шуд ва дигар сарфаҳм рафта натавонист, ки ба чй ҳоле афтодааст.

Мана он гала, дар чаро аст. Лекин ку галабонаш? Боид дар ҳамин қарибиҳо бошад. Ва дар канори дигари китъа галабонро бидид. Аз дур маълум набуд, ки ӯ чй касест. Асои дарозе дар даст рост меистод, нӯки таноби уштури пурбори савориашро, ки дар пасаш мечарид, дар дасти дигар нигоҳ медошт. Галабон аз зери телпаки ба сар зер карда пӯшидааш наздик омадани ӯро оромона назора мекард.

Найман-Она наздик бирасид, писари худро бишиноҳт ва дигар дар ёд надошт, ки аз болои уштураш чй гуна ба замин фаромад. Аранг-аранг ба хотираш мерасид, ки аз болои уштур ғелон барафтод, аммо ба ҳоли худ ӯро дигар коре набуд.

— Писарам, чони ширинам! Ман туро дар ҳама чо мекофтам! — гуфт модар ва бо душворй худро ба канори писар андохт, гӯё дар миёни онҳо ҷангали анбӯҳе пайдо шуда бошад.— Модари туам ман!

Ва дарҳол вазъиятро дарк намуд ва пойкӯбон ба гирья даромад, лабудаҳони аз изтироб ларзони худро ғайриихтиёр качу килеб намуда, талху сӯзон бигирист. Мегиристу дар айни замон мекӯшид, то худро ба даст бигирад, аммо наметавонист. Аз бозуи писар беларво сахт бигирифт, то аз пой наафтад. Ӯ мегиристу мегирист, аз шиддати мусибат мегирист, мусибате ки кайҳо ба сараш омада буду инак, бо тамоми тавониою гарониаш ба ӯ ҳамла оварда, пахш ва зеру забараш карда буд. Мегиристу аз паси пардаи ашк, торахои мӯи сафеди тар ва ба рӯяш часпида, аз паси ангуштони ларзонаш, ки чангу хоки рохро ба рухсораш мемолиданд, ба тарҳи шиноси чеҳраи писар менигарист ва мекӯшид, ки нигоҳаш бар нигоҳи чашмони вай бипечад ва ҳанӯз умеде дошт, ки вай ӯро хоҳад шиноҳт. Охир бишиноҳтани модари зода кори мушкил нест-ку!

Вале пайдоиши модар ба вай заррае таъсир накард, гӯё ӯ ҳамеша ин чо бошад, гӯё ҳар рӯз ба аёдаташ меомада бошад. Вай ҳатто напурсид, ки ӯ кист ва чаро

мегирьяд? Ногоҳ дасти модарро аз китфаш дур андохту уштури савории пурборашро аз дунболаш етаккунон ба канори дигари гала равон шуд, то бубинад, ки мабодо чорпоёни чавони шӯх саргарми бозӣ дур рафта бошанд.

Найман-Она дар чои худ монд, баъд диккак нишаста, фиқ-фиқ гирист ва рӯ бо дастони худ пӯшида, ҳамчунон сар набардошта нишаст. Сипас худро ба даст гирифта, ба сӯи писар равон шуд. *У* мекӯшид худро ором вонамуд кунад. Аммо писари манқурташ гӯё воқеае рух надода бошад, аз зери телпаки сахт зер карда ба сар пӯшидааш ба ӯ нигоҳи беэътино ва бемаъное дӯхт ва дар чеҳраи лоғару наҳиф ва аз боду офтоб сип-сиёҳ сӯхтаи вай чизе ба монанди лабханди сабуке соя афканд. Вале нигоҳи чашмонаш ҳамчунон лоқайдона буд, дар он аз майл ё рағбате ба ягон чиз, ягон кас ё ягон рӯйдоди олам заррае асар набуд.

— Бинишин, чорта гапзанон кунем,— охи гароне кашида гуфт Найман-Она.

Онҳо рӯи замин нишастанд.

— Маро шинохтӣ? — пурсид модар.

Манқурт ба аломати инкор сар чунбонид.

— Номат чист?

— Манқурт,— чавоб дод вай.

— Ин номро ба ту акнун додаанд. Номи пештараат дар ёдат хаст? Номи худатро ба ёд биор.

Манқурт хомӯш меншаст. Модар медид, ӯ кӯшише дорад, ки ба хотир биоварад, аз шиддати фикр дар канори бинаш чанд қатра арақ дамид ва рӯи чашмонашро гӯё тумани ларзоне фаро гирифт. Аммо, якин дар пеши ӯ садди устуворе пайдо шуд ва ӯ наметавонист он монеаро бартараф кунад.

— Номи падарат чӣ буд? Худат кистӣ, аз кадом қавм мешавӣ? Лоақал чои таваллуд шудаатро медонӣ?

Не, ӯ чизе намедонист, чизе дар ёд надошт.

— Туро ба чӣ ҳоле расондаанд онҳо! — пичирросзанон гуфт модар ва боз лабонаш ғайри ихтиёри ӯ пир-пир мепариданд ва ӯ худро нигоҳ дошта натавонист, аз дарду алам, ғазаб ва андӯҳ ба гирья даромад. Аз ғаму ғуссаи модар манқуртро парвое набуд.

— Замини одамонро забт мекунанд, сарваташонро кашида мегиранд, хатто аз чони ширинашон махрум мекунанд,— бо овози шунаво гуфт модар,— лекин аз ҳушу аз ёд чудо кардани касро кӣ фикр карда баровардааст, чӣ тавр чуръат кардааст? Худовандо, агар ту вучуд до-

рӣ, чаро ба одамон чунин амреро талқин кардай? Магар бе ин дар рӯи замин зулму таадди кам буд?

Ва он гоҳ модар ба писари манқурташ нигоҳ карда, навҳаи машҳури худро оид ба офтоб, худованд ва доир ба худаш ба забон овард. Ҳамон навҳаеро ки чун сухан аз қиссаи Сари Озек сар шуд, огоҳдилон такрор мехонанд...

Ва сипас фиғони худро оғоз намуд, ки пирони огоҳ онро имрӯзҳо низ ба хотир меоранд:

— Мен ботасы олген боз мая,
Тулыбын келип искеген...[1]

Ва навҳаю фиғони пурҳасрати модари зор боз дергоҳе сукунати дашти бекарони Сари Озекро халалдор менамуд...

Аммо писари Манқурти ӯро ҳеҷ гуна гирьяе, ҳеҷ гуна сухане асар надошт.

Ва онгоҳ Найман-Она қарор дод на бо пурсуков, балки бо талқину таълим кӣ будани писарашро ба худаш фаҳмонад.

— Номи ту Жоламан. Фаҳмидӣ? Жоламан — ин исми туст. Номи падарат Доненбой буд. Магар падаратро дар ёд надорӣ? Вай аз кӯдакиат тирандозиро машқ медод. Ман бошам, модари туам. Ва ту писари ман ҳастӣ. Ту аз қавми найманҳоӣ, фаҳмидӣ? Ту найманӣ.

Ҳаман ин суханҳоро вай бидуни ягон зарра марок гӯш кард, гӯё ин гапҳо ба касе ё чизе дахл надошта бошанд. Эҳтимол, вай ба чир-чири малаххо ба хамин тарика гӯш медода бошад.

Ва онгоҳ Найман-Она ба писари манқурташ савол дод:

— Пеш аз он ки ба ин чо биоӣ, чиҳо дида будӣ?

— Ҳеҷ чиз,— гуфт ӯ.

— Шаб буд ё рӯз?

— Ҳеҷ чиз набуд,— гуфт ӯ.

— Бо кӣ мехоҳӣ гапзанон бикунӣ?

— Бо мох. Лекин мо гапи ҳамдигарро намешунавем. Он чо касе нишастааст.

— Дилат боз ягон чиз мехоҳад?

— Мехоҳам мисли хоча кокул дошта бошам.

— Биё, бубинам, ки онхо бо сари ту чӣ коре кардаанд,— гуфт Найман-Она ва даст ёзонид.

---

[1] Ман уштури беборам ва омалаам, ки аз пӯсти кох чой кардан бӯтаам бӯе бишамам.

Манқурт якбора ҷаста, худро ба каноре кашид, телпаки сарашро маҳкам даст гирифт ва дигар ба сӯи модар нигоҳ накард. Модар пай бурд, ки дар бораи сари вай ҳеҷ гоҳ даҳон кушодан лозим нест.

Дар ин асно аз дур уштурсаворе намоён шуд, ки ба сӯи онҳо меомад.

— Вай кист? — пурсид Найман-Она.

— Вай барои ман хӯрок меорад,— ҷавоб дод писар.

Найман-Она ба ташвиш афтод. Жуань-жуани пайдошуда ҳанӯз ӯро надида, зудтар пинҳон шудан лозим буд. Модар уштури худро ба замин нишонида, худро болои зин бигирифт.

— Ба вай ҳеҷ чиз нагӯ. Ман зуд меоям,— гуфт Найман-Она.

Писар посухе надод. Барои вай ҳама баробар буд.

Найман-Она пай бурд, ки хато кардааст, аз мобайни галаи уштурон савора гузаштанаш хуб нашуд. Аммо дигар дер шуда буд. Жуань-жуане ки ба сӯи гала меомад, савори уштури сафедро ба осонӣ метавонист бубинад. Дар паси уштурони чаранда панаҳ шуда-панаҳ шуда, пиёда гурехтан лозим буд.

Найман-Она аз чарогоҳ хеле дур рафта, ба селгохи амике фаромад, ки дар атрофаш зич явшон руста буд. Оқмояро дар мачрои селгоҳ ба замин хобонида, худ пиёда шуд. Ва аз ҳамин ҷо ба назора кардан шурӯъ намуд. Ҳа, тахминаш айнан тасдиқ шуд. Жуань-жуан ӯро дида будааст. Пас аз муддате уштури худро тозонида омад. Найза ва тиру камон дошт. Вай хеле ошуфта менамуд, чаҳор тарафро аз назар гузаронида, бо тааҷҷуб фикр мекард, ки савори аз дур дидааш бо уштури сафеди худ ба кучо ғайб зада бошад? Намедонист, ки ба кадом сӯ биравад. Аввал тозон ба як тараф бирафт, пас ба самти дигар бишитофт. Бори охирин аз қарибии селгоҳ гузашта рафт. Хайрият, Найман-Она даҳони Оқмояро бо рӯймоле баста буд. У дар канори селгоҳ зери буттаҳои явшон пинҳон шуда, жуань-жуэнро бо диққат аз назар мегузаронид. Вай савори уштури жӯлидамӯе буду пайваста ба атроф менигарист. Рӯяш варам карда менамуд, дар сар кулоҳи сиёҳи заврақшакле дошт, ки ду канораш ба боло қат шуда меистод. Аз пушти сараш кокули сиёҳи дутобае чило медод. Жуань-жуан дар рикоб комат афрохта, найзаро омодаи кор нигоҳ медошт ва сар гардонида, чашмони дурахшонашро ба атрофу ҷавониб медӯхт. Вай аз лашкари душманоне буд, ки Са-

ри Озекро забт карда, мардуми бисьёреро ба асорат бурдааст, ба сари хонаводаи Найман-Она низ шўру шари бешумор овардааст. Аммо як зани мушти пар бо ин сарбози хашмгини жуань-жуан чӣ кор метавонист кунад? Вай фикр мекард, ки зиндагонии ин тоифа ба чӣ тарикате мегузаштааст ва ба сари он чӣ ҳодисоте омадааст, ки оқибат ба чунин ваҳшоният ва берањмӣ овардааст у акнун аз вучуди ғуломони худ ҳушу ёди онҳоро мезудояд?..

Жуань-жуан ба ин сӯ-он сӯ уштур давонида ниҳоят ба сари гала баргашт.

Шаб фаро мерасид. Офтоб дар паси уфуқ пинҳон шуд, аммо шафақи он ба дашту ҳомун дергоҳе равшаной меафканд. Баъд ногаҳон ҳаво торик шуду шаб даромад.

Ҳамон шабро Найман-Она дар қарибии писари бахтбаргаштаи манқурташ дар рӯи дашт ба танҳоӣ ба сар бурд. Аз баргаштан ба назди писар метарсид. Эҳтимоле буд, ки он жуань-жуан шаб дар пеши гала монда бошад.

Ва Найман-Она қарор дод, ки фарзанди худро дар банди асорат нахоҳад монд, саъй хоҳад кард, то ӯро ҳамрохи худ бигирад. Бигузор ки вай манқурт бошад, бигузор чизеро сарфаҳм наравад, аммо бехтараш дар хонаводаи худ, дар байни одамони худ бошад назар ба он ки дар дашти хилват барои жуань-жуанҳо галабонӣ кунад. Амри дили модар чунин буд. Модар наметавонист ба тақдире тан бидиҳад, ки дигарон тан додаанд. У наметавонист пайванди чони худро дар асорат бимонад. Зоро ки дар диёри азиз аклу ҳушаш ба чояш баргардад, баноҳост айёми кӯдакӣ ба ёдаш бирасад...

Субҳи рӯзи дигар Найман-Она боз ба Окмоя савор шуд. Дар зарфи ин шаб гала хеле дур рафта будааст ва ӯро лозим омад, ки масоҳати калонеро давр зада, онро аз нав пайдо намояд. Найман-Она галаро диду даставвал бо диққат нигоҳ кард, ки мабодо яке аз жуаньжуанҳо он чо бошад. Вақте бовар ҳосил кард, ки касе нест, писарашро ном гирифта фарьёд намуд:

— Жоламан! Салом, Жоламан!

Писар ба ӯ рӯй овард ва модар нидои шодмонӣ баланд кард, вале дарҳол фаҳмид, ки вай фақат ба тарафи садо рух овардааст.

Найман-Она боз саъе ба кор бурд, ки хотираи маҳвгаштаи писарашро аз нав зинда гардонад.

— Номатро ба ёд биор, бигӯ, ки исмат чист? — бо

илтичо мегуфт ӯ.— Доненбой падарат буд, наход надоний? Исми худат Манқурт не, Жоламан[1] аст. Мо барои он туро ин хел ном додем, ки ҳангоми кӯчи бузурги наймаиҳо ба дуньё омадай. Дар чои таваллуд шудан ту мо се рӯз хайма задем. Се рӯз тӯю сур оростем.

Харчанд ки ҳаман ин гапҳо ба манқуртписар заррае таъсир набахшиданд, модар суханашро идома медод, дар дилаш ҳамчунон умеди ботиле мепарварид, ки шояд дар шуури тирагаштааш шарорае пайдо шавад. Аммо ӯ мушт ба сандон мезад. Ва бо вучуди ин бо исрор мегуфт:

— Номатро ба хотир биовар! Падари ту Доненбой!

Сипас ӯ аз тӯшаи худ писарро ғизое хуроиду об нӯшонид ва ба лолой гуфтан оғоз кард.

Суруди модар ӯро писанд омад. Шунидани лолой барояш гуворо буд ва дар рухсори карахт ва шахшӯлу снёҳаш як нишонаи чунбиш, як навъ аломати нармӣ ҳувайдо шуд. Ва онгоҳ модар ба розӣ карданаш бипардохт, ки ин чоро ва жуань-жуанҳоро тарк намояд ва ҳамрохи ӯ ба диёри худаш баргардад. Манқурт ба худ тасаввур карда наметавонист, ки чӣ тавр баногоҳ мехостааст ба кучое равона мешудааст? Пас, ахволи гала чӣ мешавад? Не, хоча фармудааст, ки аз гала як кадам дур наравад. Ҳа, хоча ҳамин тавр амр додааст. Ва ӯ аз гала як кадам дур нахоҳад рафт...

Найман-Она гаштаву баргашта мекӯшид, ки дар хотири маҳвгаштаи писар рахнае пайдо кунад ва такрор ба такрор мегуфт:

— Ба ёдат биовар, ки ту кистӣ? Номат чист? Падари ту — Доненбой!

Модар пай набурд, ки бо кӯшишҳои барабаси ӯ чӣ кадар вакт сипарӣ гардид. Фақат даме ки дар як канори гала жуань-жуани уштурсаворе пайдо шуд, модар хушьёр гардид. Ин дафъа хариф наздик омада буд ва уштурашро торафт бештар шитоб кунонида, тунд меомад. Найман-Она фурсатро аз даст надода, зуд ба Окмоя савор шуд ва рохи гурезро пеш гирифт, лекин аз канори дигар боз як жуань-жуани уштурсавор рохро мибуриданд карда медавид. Найман-Она Окмояро махмез зада, ба рохи мобайни ду ҳариф андохт. Окмояи бодпо бо шаст аз рӯ ба рӯи онон убур карда, пеш гузашт ва жу-

---

[1] Жоламан — исми мураккаб аз ду калиман казоки «жол»— рох, «аман» — осоиш *(шарҳи муаллиф)*.

аньжуанҳо аз дунболи модашутури сафед тохта, фарьёд мекашиданд ва найзаҳои худро алвонч медоданд. Вале ба дунболи Окмоя расидан ба гуфтан осон. Онҳо савори уштурони жӯлидамӯяшон лӯк-лӯккунон медавиданд. Окмоя бошад, ба авчи тоза расида, рӯй-рӯи дашти Сари Озек бо суръати тасаввурнопазире роҳ мепаймуд ва сохибаи худро аз хатари марг ба эмин мебурд.

Аммо Найман-Она намедонист, ки жуань-жуанҳои хашмгин ба сари гала баргашта, манкуртро муддаои табъ калтаккорӣ карданд. Манкурт фақат ба як зайл ҷавоб медод:

— Вай мегӯяд, ки модари ман аст.

— Модар-подар нест вай. Ту модар надорӣ! Медонӣ, вай барои чӣ омадааст? А, медонӣ ё не? Мехоҳад телпакро аз сарат бигирад, баъд саратро тар карда, пусти онро биканад! — манкурти бечораро метарсониданд онон.

Ин гапро шунида, ранги рӯяш канд, чеҳраи тирафомаш хокистаргун шуд. Сари худро ба китфаш фурӯ кашида, телпакашро маҳкам дошту ваҳшивор ба атроф нигоҳ кардан гирифт.

— Натарс, натарс! Ма, ина дор! — гуфт жуань-жуани калонӣ ва ба дасти вай тиру камон дод.

— Ку, бизан! — жуань-жуани хурдӣ кулохи худро ба осмон ҳаво дод. Тир кулохро сӯрох карда гузашт.— Ина бин-а, ҳайрон шуд сохиби кулоҳ.— Осори машқҳои пешина дар дасташ монда будааст.

Найман-Она дар пахнои дашт чун мурғи аз лона ронда даврзанон мегашт. Ва намедонист, ки чӣ кор кунад ва чӣ дидание ӯро дар пеш аст. Оё жуань-жуанҳо акнун галаи худ ва ҳамрохи гала манкуртписари ӯро ба чои дигари барои ӯ дастнорас, ба наздиктари ӯрдаи бузургашон ҳай карда мебаранд ё кӯшиш хоҳанд кард, то Найман-Онаро дастгир намоянд? Дили модар ба ҳазор кӯй рафта меомаду худаш дар канорҳои чашмонрас давр зада мегашт. Ва, ниҳоят, дид ва хурсанд шуд, ки он ду жуань-жуан аз гала дур мераванд. Ба пасашон нигоҳ накарда, дӯш ба дӯш мераванд. Найман-Она дергоҳе аз онон чашм намеканд ва ҳангоме ки онҳо нопадид гардиданд, қарор дод, ки ба назди писараш баргардад. Акнун ӯ мехост ҳар чӣ бодо бод гӯён, ӯро ҳамрохи худ бибарад. Писар чӣ хеле ки набошад, ҳамроҳ хоҳад буд. Айби вай нест, тақдираш ҳамин гуна будааст, ки душманон масхарааш кардаанд, қину азобаш до-

дааид, вале модар ӯро дар асорат нахоҳад монд. Бигузор найманҳо низ бубинанд, ки истилогарон йигитҳои асирафтодаро чӣ гуна маъюбу маслух мекунанд, чӣ гавр хорузор мекунанд, аз акл бегона мекунанд. Бигузор бубинанду оташи ғазабашон аланга бизанад ва либоси ҷангӣ дар бар бикунанд. Гап дар замин ҳам нест. Замин ба ҳама мерасад. Аммо он бадкирдориҳое ки жуаньжуанҳо мекунанд, аз доираи сабру тоқат фарсаххо берун аст, хатто барои ҳамсоягони дур...

Найман-Она бо ҳамин гуна андешаҳо ба назди писар бармегашт ва боз фикр мекард, ки чихо бигӯяду ӯро ба фирор кардан худи ҳамин шаб розӣ намояд.

Ҳаво торик мешуд. Ба паҳнои дашти азими Сари Озек боз як шаб фаро мерасид, боз як шаб аз силсилаи беинтиҳои шабҳои гузашта ва оянда. Вай бар сари ҳамвориҳо ва сою селроҳаҳо домани тирафому андаке сурхтоби худро оҳиста-оҳиста мегустарид. Модауштури сафед Окмоя чобуку нарм гом зада, сохибаи худро ба сари галаи бузурги уштурон меовард. Тарҳи пайкари модар дар партави вопасин шуоҳои онрӯзаи хуршед дар миёни кӯшакӯҳони уштураш барало ба назар мерасид.

Дили модар моломоли ташвиш ва изтироб буд, ранги рухсораш канда, андомаш ошуфта. Мӯи сафедаш, ожангҳои рӯяш, нақши андешаҳои гаронаш дар чабин ва дарду алами рафънопазираш гӯё ҳамрангу ҳамоҳанги он шомгоҳони бибёбон буданд... Инак, ӯ ба гала наздик бирасид, аз миёни чорпоёни чаранда роҳ мепаймуд, ба ҳар тараф нигоххо меафканд, вале писарро намедид. Уштури пурбори савории писар аз чӣ сабабе бошад, таноби нӯхтаро аз дунболаш кашолакунон танҳо мечарид.

— Жоламан! Писаракам Жоламан, ту дар кучой?— фарьёд мекард Найман-Она.

Касе пайдо нашуд, садое барнаомад.

— Жоламан! Ту дар кучой? Ин манам, модарат! Ту дар кучой?

Модар парешонхотирона ба ҳар сӯ чашм медӯхт ва пай набурд, ки манқуртписараш дар сояи уштуре камин гирифта ва тир ба зехи камон гузошта ва ба зону нишаста, ӯро нишон гирифта буд. Нури офтоб халалаш мерасонид ва ӯ барои тирандози лаҳзаи муносиб мечуст.

— Жоламан! Писаракам! — фарьёд мекард Найман-Она. Модар дар харос буд, ки ба писараш ходисае рӯй додааст. Ва дар рӯи зин пахлу гашт.— Напаррон!— фа-

кат ҳамин қадар гуфта тавонист модар ва мехост Окмояро махмез зада, рӯ ба чониби писар оварад, вале шуввоси тир шунида шуду пайкони он ба пахлӯи чапаш ба зери даст фурӯ рафт.

Тири кушандае буд он. Сари Найман-Она ба сина бихамид, пайкараш ларзиду лаҳзае дар гардани уштур банд шуд, сипас оҳиста-оҳиста ғелида, ба замин барафтод. Аммо қабл аз афтодани вай рӯймоли сафедаш аз сар парид ва дар ҳаво ба мурғе мубаддал гардид ва парвозкунону фиғонкашон бирафт. «Ба ёдат биёвар, ки худ кистӣ? Чӣ ном дорӣ, э чон, чун зистӣ? Доненбой — исми бобои ту! Доненбой, Доненбой — додои ту!».

Ривоят мекунанд, ки мурғи Доненбой дар биёбони Сари Озек аз ҳамон рӯз пайдо шуд ва ҳар шаб парвоз мекунад. Ҳамин ки мусофире дучор омад, мурғи Доненбой болзанон болои сараш меояд ва хитоб мекунад: «Ба ёдат биёвар, ки худ кистӣ? Чӣ ном дорӣ, э чон, чун зистӣ? Доненбой — исми бобои ту! Доненбой, Доненбой,— додои ту!..»

Он чои биёбони Сари Озек, ки пайкари Найман-Онаро ба хок биспориданд, мазори Она-Байт ном гирифт, яъне Оромгоҳи Модар...

Аз модауштури сафед Окмоя насли зиёде боқӣ монд. Бачаҳояш мода бошанд, мисли худаш сафедсару ширранг мешуданд. Модауштурони сафедсар дар он ноҳия басо шӯҳрат доштанд. Ва агар тифлаш нар бошад, баръакс, тираранг ба дуньё меомад ва монанди Каранори Бӯронии имрӯза чонвари сиёҳсари тавоно ба воя мерасид.

Шодравони Қазонқоп, ки ҳоло мурдаашро ба Она-Байт мебурданд, доимо мегуфт: Қаранори Бӯронӣ уштури одди нест, хуни ачдодонаш рафта ба Окмоя мерасад, ба хамон модауштури сафеди овозадор, ки баъд аз халок шудани Найман-Она дар биёбони Сари Озек мондааст.

Едигей ба суханҳои Қазонқоп бовар мекард. Чаро бовар накунад?.. Қаранори Бӯрониро ҳар қадар тавсиф кунед, меарзад. Чӣ дар рӯзи неку чӣ рӯзгори бад чӣ миқдор санчишҳо пеш омадаанд Қаранор ҳамеша мушкилосонкун мададгоре буд... Фақат дар мавсими даваш аз ҳад афзун бадхӯ мешавад. Боз ин фасл ба сармои қаҳратун рост меояд ва Қаранор сангиндилу ғаддор мешавад ва сахт заҳмат медиҳад. Ҳам Қаранор азият медиҳад, ҳам сармои зимистон. Гӯё зимистон болои зи-

мистон меояд. Сари одам сих мемонад дар ин гуна рӯзхо...

Боре Қаранори Бӯронӣ Едигейро бо вазъи ногуворе афканд, вазъи бисьёр ногуворе буд он ва агар вай, яъне Едиген Бӯронӣ, фарз кардем, фарзанди инсон нею ягон махлуки дигари камидроктар мебуд, ҳаргиз аз гунохи Қаранор намегузашт... Лекин чӣ илоҷ, ки Қаранор фақат ҷонваресту бас. Чӣ ҷои гила аз уштуре ки дар айёми ҷуфтхоҳиаш хирасар гаштааст?.. Зотан гап дар сари Қаранор хам не. Аз уштур кӣ ранҷидааст, ки Едиген Бӯронӣ биранҷад? Вай ҳамин тавр, дар омади гап гохо чунону чунин мегӯяд. Аслан дар тақдираш будааст, ки ҳамон вокеа рӯй дихад. Айби Қаранори Бӯронӣ чист? Шодравони Қазонқоп аз он ҳодиса хуб огоҳ буд ва дар он марҳала ҳаками баинсоф ҳам худаш буд, вагарна кӣ медонад, окибат чӣ мешуд.

VII

Анҷоми тобистон ва оғози тирамохи соли 1952-умро Едигей ҳамчун айёми хушбахтона ёд мекунад. Гӯё ҷодугаре афсун карду пешгӯии Едигей ҷоман амал пӯшид. Пас аз гармои токатшикане ки ҳатто сусморони Сари Озек аз офтоби сӯзон гурехта, ба остонаи бошишгоххои одамон хазида меомаданд, банохост дар мобайни мохи август обу хаво дигар шуд. Гармо якбора бикоҳид, серуни рӯз ба рӯз меафзуд. Ба ҳар ҳол шабонгоҳон осуда хобидан имконпазир гардид. Дар биёбони Сари Озек, ҳар сол набошад ҳам, гоҳ-гоҳе чунин ҳавои бафайз меҳмон мешавад. Зимистонҳои ин нохия ҳамеша якранганд, ҳамеша сармоҳои шадид меоранд, лекин тобистон аҳьён-аҳьён ба одамон ва ҷонварон андак гузашт мекунад. Ва он ҳам вакте ки дар қабатҳои болои чараёни кабод, накл карда буд боре Елизаров, дигаргунихои калон ба амал меоянд ва дарьёҳои осмонӣ чараёни худро тағьир медиҳанд. Елизаров дар ин гуна мавзӯъҳо сӯхбат карданро дӯст медошт. Вай мегуфт, ки дар боло дарьёҳои бузурги ба назар ноаёни бод ҷоринанд ва мунисиби худ сохилҳо, туғьёнҳо доранд. Ва онон ҳамеша дар ҳаракат буда, сатҳи кураи заминро гӯё бодшӯ мекунанд. Ва замин, ки ҳамеша дар иҳотаи ана ҳамин чараёнҳои бодаст, дар ҳалқаи хоси худаш давр мезанад ва аз гардиши вай мурури замон, яъне вакт ба вучуд меояд. Ба

нақлҳои Елизаров гӯш кардан ҳаловат мебахшид. Ин хел одамон аҳьён-аҳьён вомехуранд, инсони оличаноб гӯед, меарзад. Едигеи Бӯроӣ ӯро бисьёр эҳтиром мекард, Елизаров низ ба ӯ меҳр баста буд. Ҳа, вокеан, ҳамон дарьёи осмонӣ гоҳо ба фазои биёбони Сари Озек дар авчи гармо ҳавои фароғатбахши серунро меорад. Меорад-меораду нохост аз чӣ сабабе аз қабати боло поён мефарояд. Поёнтар ки фаромад, ба пайкари муаззами кӯҳсори Ҳимолой бармехурад. Ҳимолой, албатта, аз ин чо дур аст, худо медонад, чӣ қадар дур аст, аммо агар ба миқьёси кураи Замин чашм андозем, Ҳимолой ҳам тамоман наздик аст. Дарьёи бод ба синаи Ҳимолой рафта, бармехураду пас мегардад; яъне то ба Ҳиндустону Покистон намерасад. Он чо ҳаво чӣ хеле ки гарм бошад, ҳамон гуна мемонад. Баргашта ба осмони Сари Озек меояду дар ин чо тадричан паҳн мешавад, чунки биёбони Сари Озек ба мисли бахрест, фазои кушоди бемонеаест... Ана ҳамон дарьё аз Ҳимолой серунӣ меорад...

Ба ҳар ҳол, анчоми тобистону оғози тирамоҳи ҳамон сол фасли хуше буд. Дар Сари Озек борон ҳодисаи нодирест. Ҳар як борон дергохе дар хотири одамон мемонад. Аммо он боронро Едигей то охири умр фаромӯш нахоҳад кард. Аввал рӯи осмонро абр пӯшид. Аз назар пинҳон шудани қаъри ҳамеша мубаррою сӯзони осмони Сари Озек худ як рӯйдоди ғайримукаррарӣ буд. Ҳаво дим ва нафасгардон шуд. Едигей он рӯз вагонхоро васл мекард. Дар роҳаки сарбастаи канори дуроҳа се платформаи холӣ меистод. Сангрезаву шпалаҳои кочии онро рӯзи гузашта фароварда буданд. Ҳамеша ҳамин тавр: кореро «зуд, бетаъхир тамом кунед!» гуфта мефармоянду баъд маълум мешавад, ки ба шитоб кардан он қадар ҳоҷат набудааст. Платформаҳои холӣ як шабонарӯз дар роҳи сарбаста маҳтали қатор истоданд. Азбаски борфароринро таъҷилӣ эълон карданд, ба ин кор ҳама якчоя часпиданд: Қазонқоп, Абӯтолиб, Зарифа, Укубала, Букей ва ҳар каси дигар, ки аз назорати роҳи оҳан озод буд. Ҳаво бениҳоят гарм буд ва ҳама корро он вакт дастӣ анҷом додан лозим меомад. Ачобат дар ин буд, ки омад-омади платформаҳо махз ба ҳамин гуна ҳавои гарм рост омад! Лекин чӣ илоч, зарур бошад, раво бошад. Ҳама баробар кор мекарданд. Укубаларо дил бехузур шуду қай кард. Вай ба бӯи шпалаҳои тафсони қатронолуд тобу тоқат надошт. Ӯро ба хо-

на фиристоданд. Сонӣ ҳаман занонро рухсат доданд: кӯдаконашон низ дар хона аз гармо дар азоб буданд. Танҳо мардон монданд ва ҳаман сиву ду рагашонро якчоя карда, корро ба сомон расониданд.

Рӯзи дигар, яъне ҳамон рӯзе ки мебоист борон меборид, каторе бо вагонҳои холӣ ба сӯи Қумбел мегузашт. Вақте ки паровоз вагонҳоро ин сӯву он сӯ кашола карда, саф мебаст, Едигей гӯё ба ҳаммоми сарбозон дароямада бошад, аз ҳавои даму гарм нафастанг мешуд. Агар ҳаво соф мешуду офтоб месӯзонид, аз ин беҳтар буд. Илова ба ин мошинист ҳам чунон камҳавсалаи сусткор будааст, ки гӯё уштурро бо кафлес об медод. Аз афташ, фикр намекард, ки так-таки вагонҳо дукат шуда гардӣ, очаи зоратро мебинӣ. Едигей машинистро як дашноми болохонадоре дод. Вай ҳам ҷавоби муносибе гуфт. Дар дами алавхонаи паровоз аҳволи вай ҳам сабук набуд. Аз шиддати гармо хама ба ҷон расида буданд. Хайр, шукри худо, катор вагонҳояшро кашола карда рафт. Ва банохост борони сел омад. Гӯё осмон сӯрох шуду замин ларзид ва дар як сония сатҳи он аз ҳубобу, кӯлакҳо пур гардид. Борон ҳай мебориду меборид. Борони шиддатноки чунуномезе ки, агар гуфтаҳои Елизаров дуруст бошанд, захирахои рутубат ва ҳавои серунро аз куллахои пурбарфи Ҳимолой бардошта омадааст... Ӯҳ, ӯҳ, ана Ҳимолою мана Ҳимолой! Ана шиддату мана қудрат!

Едигей ба сӯи хонааш давид. Лекин худаш намедонад, ки барои чӣ давид. эҳтимол, бесабаб давид. Охир, одатан одам ба зери борон монад, зуд ба сӯи хонааш метозад ё ба зери ягон боми дигар. Оре, ин одати одамист, вагарна аз чунин борон гурехтан чӣ лозим? Вай ин нуктаро вақте дарк намуд ва аз давидан бозистод, ки манзараи ғалатие ба чашмаш расид: ҳаман хонавобдан Қутлибоевҳо — Абӯтолиб, Зарифа ва ҳар ду писарашон — Даул ва Эрмек дар назди хонаи худ дасти ҳамдигарро дошта мераксиданду частухез мекарданд. Едигей моту мабхут гардид. На аз он сабаб, ки ин мардум аз борон хушҳолӣ мекарданд. Барои он ки Абӯтолибу Зарифа ҳанӯз қабл аз борон аз болои роҳи оҳан қадамҳои калон-калон партофта, ба хонаи худ мешитофтанд. Едигей акнун пай бурд, ки онҳо мехостаанд хама якҷоя, ҳамроҳи кӯдаконашон, тамоми хонавода ба таки борон бароянд. Ба гумон буд, ки чунин ният ба хотири Едигей бирасад. Онҳо бошанд, чунон ки ғозҳои аз ду-

родур омада дар баҳри Арал мекарданд, дар ин ҷо, дар зери селоби борон мерақсиданду фарьёд мезаданд! Ба сари онон аз осмон борон не, файзу неъмат меборид, барои онон ин борон набуд ид буд, ид! Бечораҳо, дар биёбони Сари Озек ба қатраҳои борон ин қадар пазмон шудаанд. Дили Едигей ҳам шод шуд, ҳам ғамгин, вай ба ҳоли ин одамони аз ёру диёр дурафтода, ки аз як лаҳза хушнудй дар дуроҳаи Бӯронй ин кадар сарфарозиҳо доштанд, ҳам механдид, ҳам таассуф мехӯрд.

— Едигей! Биё ба пеши мо! — аз қабати селоб фарьёд кард Абӯтолиб дастони худро мисли шиноварон ҳаракат дода.

— Амаки Едигей! Амаки Едигей! — баробар дод гуфтанд ҳар ду писарак ва бо шодмонй ба сӯи ӯ давиданд.

Писараки хурдй, Эрмеки сесола, ки Едигей бештар дӯсташ медошт, дар ҳолате ки даҳонаш калон кушода буду дам ба дам об ба гулӯяш мерафт, оғӯши худро кушода, ба сӯи вай медавид. Чашмонаш аз ифодаи шӯхиву бебокй ва шодмонии тасвирнопазир моломол буданд. Едигей ӯро озод ба даст бардошта, чанд бор дар ҳаво чарх занонид. Ва намедонист, ки боз чй коре кунад. Ӯ ният надошт, ки ба бозию шӯхии онлаи онҳо шарик шавад. Аммо дар ин асно духтарони Едигей — Саула ва Шарофат чирросзанон аз паси иморат баромада омаданд. Онҳо аз доду фарьёди Қутлибоевҳо хабар ёфта омадаанд ва низ шоду масрур буданд. «Ота, биё, дав-давакон мекунем!» — талаб намуданд онҳо ва дудилагии Едигей бо ҳамин ба охир расид. Акнун ҳама якчоя зери борони сел хандаву бозй мекарданд.

Едигей Эрмеки майдаякро аз даст намегузошт, то дар ин шӯру валвала ба селоба афтода, нафасаш нагардад. Духтарчаи хурдии ӯ Шарофатро Абӯтолиб ба пушташ савор кард. Ба ҳамин тарика онҳо ба хотири дилхушии бачаҳо медавиданду мечаҳиданд. Эрмек дар сари дасти Едигей частухезҳо мекард, бо ҳаман овоз фарьёд мекашид ва ҳар гоҳ, ки ба даҳонаш об даромаду ба гулӯяш рафт, зуд рӯи тари худро ба гардани Едигей ҷафс менамуд. Дили Едигей аз ин ба риққат меомад. Вай ду-се маротиба пай бурд, ки Абӯтолиб ва Зарифа ба сӯи вай нигоҳҳои дурахшони сипосдорона медӯзанд: онҳо хушнуданд, ки писаракашон бо амаки Едигей ин қадар хуб бозй мекунад. Лекин ҳангомае ки оилаи Қутлибоев дар зери борон барпо карда буд, ба Едигей ва духтаракони ӯ низ писанд омада буд. Ва

Едигей ғайри ихтиёр зеҳн мемонд, ки Зарифа чй гуна зани соҳибчамоле будааст. Борон гесувони ӯро ба рӯй ва китфу гарданаш парешон карда буд. Об аз фарқи сар то ба нӯки пояш шорида, пайкари маҳкаму тару тозаи ӯро мешуст ва тарҳи гардан, дасту бозу, нақши миён ва банди поҳон барахнаашро аёнтар месохт. Чашмонаш аз шавқу суруру харорат шарора мепошиданд. Хатто дандонҳои марворидвор сафедаш гӯё аз саодатманд медурахшиданд.

Аз бороне ки ахьён-ахьён меборад, барои дашти Сари Озек чандон суде нест. Барф борад, тадричан об шуда, то мағз-мағзи замин тар мекунад. Борон бошад, чун қатраи симоб дар кафи даст, дарҳол ба сою селгоххо давида меравад. Шарросзанон мерезаду шуввосзанон мегурезад.

Дар бадали он чанд дақикае ки борони сел мезад, селобаҳо ва чӯйборҳои тезобу пуркафке пайдо шуданд. Ва бӯрониён дар чараёни ин обҳо ба часту хезу даводав даромаданд. Тосу лагану тағораҳоро оварда, ба рӯи об сар медоданд. Бачаҳои калонсолтар — Даул ва Саула ҳатто ба тосу тағораҳо савор шуда, дар рӯи селобаҳо сайр мекарданд. Баъдтар хурдсолонро низ ба тағораҳо савор кардан лозим омад...

Борон ҳамчунон меборид. Бо сайру бозии бачаҳо саргарм шуда, чй тавр ба роҳи оҳан, ба он чое ки дуроҳа оғоз меёфт, наздик омаданашонро нафахмида мондаанд. Дар ин асно аз дуроҳан Бӯрони катори мусофиркаше мегузашт. Мусофирон тани худро аз тиреза ва дарҳои калон кушода то миёна берун бароварда, ба бӯрониён, ба ин сокинони ачибу ғариби биёбон бо ҳайрат менигаристанд. «Ҳой, хушьёр бошед, ки ғарк нашавед!» — ба ҳамин мазмун чиҳое гуфта фарьёд мезаданд, механдиданд, ҳуштак мекашиданд. Зоҳиран, афту андоми бӯрониҳо дар вокеъ ғалатй буд. Эҳтимол, саворони он қатор, ки аз қабати борон гузашту рафт, пас аз як рӯз ё ду рӯз ба манзил расида, аз тамошои насибашон гардида ба хешу таборон накл кунанд ва онҳоро низ хандонанд.

Едигей худ ба худ ҳамин тавр фикр мекард. Аммо агар ӯ гирьяи Зарифаро намедид, чунин фикр ҳатто ба гӯшаи хаёлаш намеомад. Вақте ки борони сел меборад ва аз сару рӯи одам об мешорад, гиристани касро пайҳас рафтан амри муҳол аст. Лекин Зарифа ба ҳар ҳол мегирист. Вай чунон вонамуд мекард, ки механдаду бе-

андоза шоду хуррам аст, вале вокеан мегирист ва барои он ки аз гирьяаш пай набаранд, бо овози баланд механдид ва нидохо мебароварда. Абӯтолиб ба ташвиш афтида, аз бозӯи ӯ дошт ва гуфт:

— Чӣ шуд? Ягон чоят дард мекунад? Биё, рафтем ба хона.

— Не, не,— чавоб дод Зарифа.— Ҳамту. Ҳиққакам гирифт.

Ва онҳо аз неъмати бороне тасодуфӣ ҳар чӣ бештар баҳра бурданӣ шуда, ба бозӣ дорондани бачаҳо давом доданд. Дили Едигей сахт фишор хӯрд. «Барои ин одамон,— гуфт ӯ дар дилаш,— пеши назар овардани зиндагонии дигар чӣ гуна бояд амри азиятоваре бошад! Ҳамон зиндагоние ки маҳрумашон кардаанд; ҳамон рӯзгоре, ки он чо боридани борон вокеаи оддист, он чо одамон дар обҳои тозаву шаффоф шиновариӣ ва бозиҳо мекунанд, он чо шароит дигар аст, дилхушиҳои дигар ҳаст, бачаҳо низ ба дигар тариқат рӯз ба сар мебаранд...» Ва барои он ки ба дили Абӯтолибу Зарифа ягон гап наояд, Едигей ҳам шодиву фарахи ононро тақвият додан гирифт, алалхусус ки зану шавҳари чавон ҳаман ин дилхушиҳоро фақат ба хотири бачаҳо бофта ва сохта мебаровардаанд...

Ҳам бачаҳо, ҳам калонсолон аз даводаву бозиҳо сер шуданд, аммо борон ҳамчунон меборид. Он гох хама ба хонаҳои худ пароканда шуданд. Едигей дӯш ба дӯши ҳамдигар тозон рафтани Қутлибоевҳоро муддате бо хуснии назар тамошо карда истод. Ҳамаашон сар то по тар шудаанд. Он рӯз рӯзи хушбахтиашон буд, ки дар биёбони Сари Озек насибашон гардид.

Едигей духтарчаи хурдиро ба бағал гирифта ва калониашро аз даст дошта, дар остонаи хона пайдо шуд. Укубала афту андоми онҳоро дида, аз ҳайрат каф ба каф зад:

— Вой ман мурам! Ба шумоҳо чӣ шуд?

— Натарс, оча,— ӯро таскин дод Едигей ва хандакунон илова намуд: — Атан маст шавад, бо тайлоқҳояш бозӣ мекунад [1].

— Ҳа, ҳа, дида истодаам, айнан уштури маст,— таъналомез хандид Укубала.— Хайр, рост-рост наистед, мурғи ба об афтодаворӣ шудаед, либосҳотона кашед.

Борон бозистод, аммо дар канорахои биёбони Сари

---

1 Атан — уштури нар. Тайлоқ — уштурбача *(муаллиф)*.

Озек то сахар меборид, гумбуроси раъд нимишабй хам аз дур ба гўш мерасид. Едигей аз ин садохо чанд бор бедор шуд ва ҳар дафъа тааҷҷуб мекард: дар соҳили бахри Арал ҳар шаб раъд меғуррид, вале касе бедор намешуд. Шояд сабаб ин бошад, ки ба раъду барки доимй одат карда буданд. Дар ин чо чашмонаш пўшида бошанд хам, хис мекард, ки шўълахои барқ аз даштхои дуродур то ба ин чо расида, тез-тез чашмакзанон ба тирезахо акс меандохт.

Едиген Бўроній ҳамон шаб хоб дид, ки боз дар майдони ҷанг асту зери гулўлаборон мехобад. Аммо гулўлаҳо бесадо меафтоданду таркишҳо хоки сангарҳоро ба мисли абрҳои сиёҳ ба осмон мебардоштанд ва он абрҳо дар ғояти сустй ва душворй ба замин бозмегашастанд. Яке аз он таркишҳо ўро ба ҳаво бардошт ва ў муддати мадиде пас меафтод, дар ҳоле ки дилаш кариб аз тапидан мемонд, ба партгохи хавлангезе меафтод. Сонй онхо ба ҳуҷум гузаштанд. Онхо — сарбозони шинели хокиранг дар бар, ки барои ҳамла ба по хестанд, хеле бисьёр буданд, лекин қиёфаҳошоиро аз ҳамдигар фарқ карда намешуд, гўё худи шинельхо автомат дар даст пеш медавиданд. Ва даме, ки шинельҳо «ура!» гўён фарьёд кашиданд, дар сари рохи Едигей Зарифа пайдо шуд. Вай аз борон саропо тар шуда буду пайваста механдид. Манзараи ачибе: куртаи чит дар бар дошт, гесувонаш парешон буданд, аз сару рўяш оби борон мешориду худаш беист механдид. Едигей фурсат надошт, ки бозистад, дар ёд дошт, ки ба ҳуҷум меравад. «Зарифа, чаро ин хел механдй? Ин хосият надорад» — гуфт Едигей. «Ман нахандидаам, ман гирья карда истодаам» — ҷавоб додааст Зарифа ва дар зери селоби борон ҳамчунон механдидааст.

Рўзи дигар Едигей мехост хобашро ба Абўтолиб ва Зарифа бигўяд. Вале аз раъяш баргашт, ба назараш нохуш менамуд хобаш. Хотири одамонро парешон кардан чй лозим...

Пас аз он борони фаромўшношуданй мавсими гармо дар Сари Озек ба охир расид ё, ба қавли Қазонқоп, лутфу марҳамати тобистон тамом шуд. Баъзе рўзҳо ҳаво гарм мешуд, лекин на ба он дарачаи токатшикан. Ҳавои форами мавсими оғози тирамоҳ барқарор гардид. Бачаҳои бўроній ҳам аз ранчи гармо рахой ёфтанд. Садоҳои хушҳолонаи онон аз ҳар гўша шунида мешуд.

Дар яке аз ин рўзҳо аз Кумбел хабар доданд, ки ба

истгоҳ аз Қизил Урда тарбузу харбуза омадааст. Бӯронихо хоҳанд, ҳаккашонро худашон омада бигиранд, нахоҳанд, ба дуроҳа мефиристанд, гуфтаанд. Едигей аз маврид истифода бурда, сардори дуроҳаро розӣ кунонид, ки ба Қумбел худашон бираванд, вагарна аз рӯи зарбулмасали «Ҳозирро ҳузур, ғонбро маъзур» амал хоҳанд кард. Сардор розӣ шуд. Биравед, гуфт, ҳамроҳи Қутлибоев бираведу нағз-нағзаша ҷудо карда гиред. Едигей ана ҳаминро мехост. Мехост, ки Абӯтолиб ва Зарифаро бо кӯдаконашон ақаллан як рӯз бошад ҳам, аз Бӯронӣ берун барад. Худаш ҳам каме ҳавои тоза хурад, бад намешуд. Ва ҳар ду оила ҳаман бачаҳоро гирифта, саҳарӣ ба қатори роҳгузар савор шуданду ба Қумбел рафтанд. Ҳама либосҳои тоза пӯшида буданд. Саёҳати ачибе шуд. Бачахо хаёл мекарданд, ки ба кишвари афсонавие равонанд. Аз сар то охири сафар хурсандӣ мекарданд, калонсолонро саволборон менамуданд: дар он ҷо дарахт меруяд? Меруяд. Алафи кабуд хаст? Алафи кабуд ҳам хаст. Хатто гулҳо меруянд. Хонаҳо калон-калон будагистанд? Дар кӯча мошинҳо мегарданд? Чӣ қадар ки хоҳӣ, харбузаву тарбуз ёфт мешавад? Хӯш, яхмос чӣ? Баҳр чӣ? Баҳр ҳам хаст?

Аз дари вагон, аз таку болои чапараке ки барои эҳтиёти бачаҳо ба даромадгоҳ монда буданд, боди форам зада медаромад. Едигей ва Абӯтолиб дар пеши дар болои куттихои холӣ нишаста, аз ҳар боб сӯҳбат мекарданд, ба саволҳои бачагон чавоб медоданд. Едиген Бӯроӣ хурсанд буд, ки ҳамагӣ якчоя мераванд, ҳаво ҳам хуб омад, бачаҳо низ хушнуданд. Лекин ӯ аз бачаҳо дида, бештар аз барои Абӯтолибу Зарифа хурсанд буд. Чеҳраи онон кушода шуд. Лоақал ба муддате аз ғаму ташвиши доимӣ, аз фишори андешаҳои гарон озод шуданд бечораҳо.

Зарифаю Уқубала ҳам аз ҳар гуна кору бори рӯзгорашон сӯҳбати гарме доштанд. Димоқашон чоқ буд. Охир, бояд ки ҳамин тавр бошад, барои хушҳолии одам чандон чизи бисьёр зарур нест... Едигей самимона мехост, ки Қутлибоевҳо ҳамаи нохушиҳояшонро фаромӯш кунанд, модом ки илочи дигаре ба назар намерасид, ба зисту зиндагонии дуроҳаи Бӯроӣ одат кунанд, дар ҷои навашон реша давонанд. Ба Едигей хуш меомад, ки Абӯтолиб дар паҳлуяш, дӯши ба дӯш нишастааст ва ҳис мекунад, ки ба Едигей эътимод метавон кард, ва онҳо дили ҳамдигарро бидуни гапи бисьёр мефаҳманд,

дар гирудори зиндагӣ ба мавзӯъхои дарднок даст намезананд. Аклу идроки Абӯтолиб, тамкини ӯ ва хусусан дилбастагии ӯ ба оилааш Едигейро маъкул буд. Абӯтолиб ба хотири оилааш мезист ва аз хамин садокати худ илхому кувват гирифта, ба мушкилихо тан намедод. Едигей суханхои ӯро мулохиза карда, ба натичае меомад, ки бехтарин хидмати инсон ба дигарон ба воя расонидани фарзандони хуб аст. Аммо ба мадади дигарон умед набаста, балки худаш хар рӯзу хар соат, дар хар кадам бо ин кор машғул бошад, ба кадри имкон бештар хамроху хамдами бачахо бошад.

Собитчон чӣ? Дар кучохо нахонд? Аз хурдсолиаш ба интернатхо мерафт, дар институтхо, курсхои такмили ихтисос тахсил кард. Бечораи Қазонқоп хаман ёфтаву тофтаашро сарфи писар мекард, то ки зиндагонии Собитчонаш аз дигарон камтар набошад. Аммо оқибат чӣ шуд? Аз хама гап бохабару як пула одамигарӣ надорад.

Инак, Едигей хангоми сафар ба Кумбел, даме ки барон харбузаву тарбуз мерафтанд, ба чунин хулосае омад, ки модоме тадбири дигаре нест, Абӯтолиб Қутлибоев боид дуруттар сокини дурохаи Бӯронӣ шавад. Рӯзгорашро сару сомон дихад, чорво парвариш кунад ва ба кадри холу тавонаш писарони худро дар ин дашти Сари Озек тарбият кунад. Рост, ки Едигей ба ӯ насихат накард, рӯирост маслихат надод, лекин аз рафти сӯхбат най бурд, ки худи Абӯтолиб низ хамин гуна ният дорад. Ба Едигей савол медод, ки чӣ кадар картошка захира кардан лозим, барои зимистон ба зану бачахояш мӯзаи намадиро аз кучо ёбад (майлаш, гуфт ӯ, худам бо мӯзаи муқаррарӣ рӯз гузаронидан мегирам). Боз пурсид, ки оё дар Кумбел китобхона хаст ва ба коргарони дурохахо аз он чо китоб мединханд?

Бегохии хамон рӯз тарбузу харбузаи барои бӯронихо додан шӯъбаи таъминоти коргаронро ба катори рохгузаре бор карда, ба хона баргаштанд. Бачахо андаке хаста шуданд, албатта, лекин аз саёхат хушхол буданд. Кумбелро тамошо карданд, хар гуна бозичахо харидаанд, яхмос хӯрданд ва ғайра. Факат дар сартарошхонаи истгох як воқеаи майдае шуду гузашт. Ба он чо писарчахоро барои мӯйсаргирӣ оварданд. Навбат ба Эрмек расиду вай гирья кард, сонӣ чунон доду фарьёде бардошт, ки хеч илочи ба рох андохтанаш набуд. Хама азоб кашиданд, бача бошад, аз усто метарсид, аз дасти ӯ гурехтанӣ мешуд, дод гуфта, падарашро чеғ мезад.

Дар он лаҳза Абӯтолиб ба магазин рафта буд. Зарифа чӣ кор карданашро намедонист, аз ҳичолат гоҳ сурх мешуд, гоҳ сафед. Бо оҳанги узромез мегуфт, ки аз таваллуд шуданаш инчониб ягон маротиба мӯи сарашро нагирифтаанд, дилашон намешуд ба қайчӣ кардани ҳамин хел мӯи хушрӯи ҷингила. Воқеан, мӯи писарак ҷингилаву ғуллӣ ва бисьёр зебо буд, айнан мисли мӯи модараш. Умуман Эрмек ба модараш бисьёр монанд буд. Сарашро шуста, мӯяшро шона кунанд, аз ӯ чашм кандани кас намеомад.

Чи навъ ором кардани писаракро намедонистанд. Укубала ҳатто рухсат дод, ки мӯи Сауларо андаке кӯтох кунанд, яъне, ки мана, Эрмекчон, худат бин, ҳатто духтарча аз амаки усто наметарсад. Ин тадбир, аз афти кор, андаке нафъ кард, вале сартарош мошинкаро ба даст гирифта буд, ки доду фиғон аз нав сар шуд. Эрмек аз таки дасти усто баромада гурехт. Дар ин дам Абӯтолиб аз дар намоён шуд. Эрмек худро ба канори падар андохт. Абӯтолиб бачаро бардошта, ба оғӯш кашид, пай бурд, ки кӯдакро бехуда азоб додан хоҷат нест.

— Мебахшед,— гуфт ӯ ба сартарош.— Ягон рӯзи дигар меоем. Андак далертар шавем, баъд... Шитоб неку... Бори дигар меоем...

Дар рафти машваратӣ фавқулоддаи комиссияҳои доимии ваколати махсус дар саҳни киштии ҳавопаймобари «Конвенция» ва мувофиқи созиши тарафайн ба қаргоҳи мадории «Паритет» барои роҳӣ намудан ба паритет — қайҳоннавардони 1-2 ва 2-1, ки дар сайёраи мансуб ба тамаккуни хорич аз замин буданд, радиограммаи махфӣ фиристода шуд, ки зинҳор ягон иқдоме пеш нагиранд, то расидани фармони махсуси Мармутидор дар ҷои худ бошанд.

Машварат дар паси дарҳои баста идома дошт. Киштии ҳавопаймобари «Конвенция» ҳамчунон дар Ӯқьёнуси Ором дар ҷои пештарааш — дар самти ҷанубии Ҷазираҳои Алеут дар масофаи баробари роҳи ҳавоӣ аз Сан-Франциско ва Владивосток воқеъ гашта буд.

Дар олам ҳанӯз касе хабар надошт, ки бузургтарин воқеаи байналафлокӣ рух додааст — дар системаи Хуршеди Дастгир сайёраи мансуб ба тамаддуни ғайризаминӣ кашф шудааст ва сокинони соҳибидроки он таклиф пешниҳод кардаанд ба заминиён робита барқарор шавад.

Тарафхо дар машварати фавкулоддаи худ хаман чихатхои мусбат ва манфии ин муаммои ногахонй ва гайримукаррариро мавриди музокира карор доданд. Дар рўи мизи хар яке аз аъзоёни комиссия ба чуз санадхои ёрирасон чузъгире буд, ки дар он матни мукаммали номахои паритет-кайхоннавардони 1-2 ва 2-1 махфуз буд. Хар як нукта, хар як калиман хуччатхоро бо диккат баррасй мекарданд. Хар як чузъиёте ки чун далели хаёти окилона дар сайёраи Пайкараи Чангалистон оварда шуда буд, кабл аз хама аз нуктаи назари окибатхои имконпазираш, аз дидгохи созгор будан ё набуданаш бо тачрибаи тамаддуни заминй ва бо манфиати мамлакатхои пешдасти сайёра тадкик мегардид... Касе аз навъи башар ханўз ба ин гуна муаммохо рў ба рў наомада буд. Ба замми ин халли масъала таъхир намепазируфт...

Дар Укьёнуси Ором хамчунон нимтўфоне хукмфармо буд.

Пас аз он ки онлан Кутлибоев фасли токатфарсои тобистони Сари Озекро паси сар намуду ноумед нашуд ва чулу пўстакашро бардошта, дуртар аз дурохаи Бўронй ба ягон гўшаи олам гурехта нарафт, бўронихо пай бурданд, ки ин хонавода мукими хамин чо мешавад. Абўтолиб Кутлибоев хеле зиндадилтар гардид, ба ибораи дигар, бори гарони рўзгори бўрониро ба гардан гирифт. Ба шаронти дуроха одат кард. Вай хам мисли хар як шахси дигар хак дошт бигўяд, ки дурохаи Бўронй чои бехудатаринест дар рўи замин. Охир хатто обро барои нўшокй ва дигар гуна зарурат цистерна-катй бо роки оханмекашонидаанд, агар касе оби тозаи хакикй нўшидан хохад, бояд уштурашро зин занаду машкхоро бор карда ва даххо фарсахро тай карда, ба сари чохи биёбон биравад. Аммо ба ин гуна амр ба чуз Едигей ва Казонкон дигар касе чуръат карда наметавонист.

Ха, соли панчоху дуввум ва хатто то солхои шастум, то вакте ки чохи чукуре кофта, бо насоси электрй об набаровардаанд, ахвол чунин буд. Бо вучуди ин Абўтолиб хеч гох на дурохаи Бўрониро нафрин мекард, на ин гўшаи дашти Сари Озекро. Нагзро нагз мегуфту бадро бад. Зотан ин сарзамин ба касе бадй накардааст. Зиндагонй кардан ё накардан дар ин чо ба ихтиёри худи одамон вобаста буд...

Дар хамин чо хам мардум саъй мекарданд, ки зин-

дагониашонро хубтар сару сомон диҳанд. Вақте Қутлибоевҳо низ ба қароре омаданд, ки чои онҳо хамин дуроҳаи Бӯронист ва дигар чои рафтан надоранд ва боид дар хамин маҳал рӯзгорашонро соз кунанд, ба корхон хона вақташон нарасида монд. Аввал ин ки ҳар рӯз дар поси худ ба кор баромадан лозим буд, сонӣ вақти бокимоида хам барои саранчом додани корҳо кифоя намекард. Рӯзхое ки хонаи худро ба зимистон тайёр менамуд — печкаро аз нав месохт, дарҳоро рӯйкаши гарм мечаспонид, чорчӯбаи тирезаҳоро таъмир менамуд, аз серкорӣ хаставу шалпар мешуд. Ба ин кабил корҳо дасту панчааш чандон намечаспид, вале Едигей дам ба дам ба имдодаш мерасид, асбобҳо ва якта-нимта масолеҳи даркориро ёфта медод. Вақте ки дар паҳлуи анборак сардоба месохтанд, Қазонқоп хам ба ёрмандӣ омад. Секаса таххонае канда, болояшро бо шпалаҳои кӯҳна пӯшиданд ва аз рӯи он хасу хошок хобонида, баъд лой молиданд, хулоса боми махкаме баромад ва акнун эмин метавон буд, ки чорвои ягон кас ба таҳхона нахоҳад афтод. Калонсолон бо чӣ коре машғул набошанд, писаракони Абӯтолиб дар гирду атрофашон бозӣ карда мегаштанд. Гоҳо ба кор халал мерасониданд, аммо дар хамин чо буданашон як амри дилкаш буд ва хушҳолӣ меовард.

Едигей ва Қазонқоп фикр мекарданд, ки ба рӯзгордории Абӯтолиб чӣ гуна кӯмак бирасонанд. Қарор доданд, ки барои ӯ якта уштури чӯшой чудо кунанд. Лекин Абӯтолибро лозим меояд, ки уштурчӯширо биомӯзад. Шири уштурро рост истода медӯшанд, аз дунболаш дашт ба дашт мегарданд. Аз хама муҳиммаш тайлокаки ширмакро эҳтиёт бояд кард, сари вакт ба писто-ии модар рох додану дар вақташ чудо карда гирифтан ҳам ҳунар аст. Хулоса, ташвишу захматаш кам не ва ҳаман инро донистан ва омӯхта шудан лозим...

Аммо зиёда аз хама Едигей аз он вачҳ хурсанд буд, ки Абӯтолиб на фақат хӯрчини алои рӯзгорро ба гардан гирифт, на фақат бо бачаҳои хар ду оила машғулиятхо мегузарониду хамрохи Зарифа онҳоро харфиношиву расмкаший меомӯхт, балки гарониҳои зиндагонии маҳалли хилватро паси сар намуда, бо корхои дилхохи худаш хам шуғл меварзид. Охир Абӯтолиб Қутлибоев одами бамаърифат буд. Бидуни китоб хондану хар гуна иншохо навиштан рӯз гузаронида наметавонист. Едигей дар замири дил меболид, ки чунин дӯсте

дорад. Барои хамин хам ба ӯ майлу рағбати калон дошт. Муносибати дӯстонаи Едигей бо геологи Сари Озек Елизаров, ки ба ин чоҳо бисьёр омаду рафт мекард, низ бесабаб пайдо нашудааст. Вай олимон, одамони фозилро аз тахти дил эҳтиром мекард. Абӯтолиб хам бисьёр чизҳоро медонист. Фақат камтар гап мезад. Боре дар миёни онҳо сӯҳбати чиддие барпо гардид.

Бегоҳирӯзӣ аз кор бармегаштанд. Он рӯз дар километри ҳафтум, ки ҳамеша барфи бисьёре тӯда мешавад, чапари барфдорак мегузоштанд. Гарчи ҳанӯз фасли тирамоҳ дар айни авҷаш буд, лекин ба зимистон бармаҳалтар омода шудан зарур. Инак, ду кас ба хона бармегаштанд. Шоми бафайзе фаро мерасид. Дар ин гуна соатҳо канораҳои дашти Сари Озек дар ҳавои шафақгун нимравшан ба назар мерасанд, чунон ки қаъри бахри Арал гӯё туманолуда метобад.

— Як чиза аз ту пурсам, Абӯ. Қадом вақте ки аз назди хонаат нагузарам, мебинам, ки сарат ба пештахтан тиреза хам. Чароғро ба пешат монда, ягон чиз менависӣ ё чизеро таъмир мекунӣ?— гуфт Едигей.

— Ҳа, рост. Лекин сабабаш маълум-ку,— белро аз як китф ба китфи дигараш гузаронида, бо майли тамом чавоб дод Абӯтолиб.— Мизи хатнависӣ надорам. Ҳамин ки писарчаҳо хоб карданд, Зарифа китобе мехонад, ман бошам, баъзе чизҳоро, фаромӯш нашавад гуфта, навишта мемонам. Воқеаҳои чанг, хусусан солҳои дар Югославия гузаронидаамро. Вакт мегузарад, гузаштаҳо торафт дуртар мераванд.— Вай даме хомӯш монд.— Ман доимо дар андешаам, ки барои бачаҳоям чӣ коре метавонам бикунам. Хуроидан, пӯшонидан, тарбият кардан— ин вазифаи маълум. Чӣ қадаре аз дастам ояд, кӯшиш мекунам. Ман он қадар рӯзхоро аз сар гузаронидам, ки ин гуна рӯзҳоро каси дигар дар сад сол намебинад. Лекин ҳанӯз зиндаам, аз хок берун гаштаам. Пас ин шароитро ба ман тақдир ато кардааст. Шояд барои он ки андешаҳои худро, пеш аз ҳама барои фарзандонам накл кунам. Аз зиндагонии худ бояд ба онҳо баёноте бидиҳам, чунки боиси ба дуньё омаданашон будаам. Ба хаёли ман ана ҳамин тавр. Ҳақиқате ҳаст, ки барои ҳама умумист, аммо ба ғайр аз ин боз ҳар кас фаҳмиши худро дорад. Вале фаҳму идроки мо ҳамроҳи худамон меравад. Инсон агар умри худро аз рӯзи таваллуд то соати марг дар миёни гирудору задухӯрдҳои ин дуньё гузаронад ва сад бор ба лаби гӯр зинда рафта, зинда бар-

гардад, дар масъалахои некиву бади, хакикат ва фиреб бисьёр нуктахоро мефахмад...

— Сабр кун, ман як чизро намефахмам,— бо таач-чуб сухани ўро бурид Едигей.— Шояд гапхоят дуруст бошанд, лекин писарчахои ту чиро мефахманд? Онхо хануз кўдаканд, биниашонро худашон пок карда наметавонанд, аз мошинаки сартарош метарсанд...

— Ана барои хамин хам навишта мемонам. Ха, мехоҳам махз барои онхо эҳтиёт карда монам. Касе намедонад, ки фардо зиндааст ё не. Се рўз пеш аз ин савдой барин ба хаёл рафтаам, қариб ба таги чархи паровоз монам. Қазонқоп халос кард. Тела дода фиристод. Соңй бисьёр сахт дашном дод. Бирав, гуфт, ба занат бигў, ки оши худой дихад.

— Рост мегўяд. Ман ба ту кайхо боз мегўям. Ба Зарифа хам гуфта будам,— дар навбати худ оташин шуд Едигей ва аз фурсат истифода бурда, дарди дилашро изхор намуд.— Барои чй ту дар болои рохи оҳан ин хел беларво мегардй? Чй, паровоз бояд ба ту роҳ дихаду худаш аз дигар чо давр зада гузарад? Ту одами хондагйку, чанд маротиба гуфтан даркор? Худат коргари рохи оҳан шудай, аммо чунон мегардй, ки гўё ин чо бозор бошад. Хазл накун, окибаташ хуб нест.

— Ягон фалокат шавад, худам гунахгор мешавам,— маҳзунона тасдик намуд Абўтолиб.— Хайр, ту аввал ба гапи ман гўш андоз, баъд сарзаниш мекунй.

— Майлаш, бигў. Гап омаду гуфтам-дия.

— Замонҳои қадим одамон ба фарзандонашон мерос мегузоштанд. Аз он мерос гоҳ баракат меёфтанд, гоҳо не. Дар ин хусус чи қадар китобхо, афсонаҳо навишта шудаанд. Дар театрҳо хам дар бораи он замон пьесахо гузошта, таксими мерос ва баъд чй шудани ҳоли вориссонро нишон медиханд. Хўш, сабаб чист? Сарвате ки ба мерос мемонданд, аксаран бар хилофи инсоф ба миён меомад, аз захмати бегонагон, бо рохи дурўғу фиреб чамъ мешуд ва аз хамин сабаб дар ниҳодаш шарру бадй ва гуноху ноадолатиро ниҳон медошт. Ман розиам, ки мо, шукри худо, аз ин гуна шўру шар озодем. Мероси ман ба касе зиён намеорад. Вай рухи ман, қайдҳои ман аст, хар чизе ки ман аз чанг дарк кардаам ва дарьёфтаам, дар онхо акс ёфтааст. Барои фарзандонам аз ин зиёд сарвате надорам. Ман дар ин чо, дар биёбони Сари Озек ба хамин хулоса омадам. Зиндагони маро телаву такон дода, танг карда ба ин чо овард, гўё ме-

хост, ки гумном шавам, ғайб занам, вале ман барои писарҳоям ҳамаашро, ҳаман фикру андешаҳоямро навишта мемонам, ва умед дорам, ки рафта-рафта ягон вақт дар ин навиштахо ва дар шахси фарзандонам боз арзи вучуд хохам кард. Он чизе ки ба ман муяссар нашуд, шояд ба онҳо даст бидиҳад... Зиндагонии онҳо назар ба мо мушкилтар хоҳад шуд... Бигузор, ки аз айёми ҷавонӣ ақлу фаросат ғундоранд...

Муддате хомӯш роҳ мерафтанд. Ҳар кадоме банди хаёлоти худ буд. Ба гӯши Едигей ин гуна суханон ачиб мерасиданд. Пас, мегуфт ӯ дар дилаш бо ҳайрат, одамизод метавонистааст моҳияти зиндагиашро дар рӯи замин ин гавр ҳам шарҳ дихад. Бо вучуди ин вай қарор дод, ки чизи нафаҳмидаашро бипурсад:

— Ҳама мегӯянд, ана аз радио ҳам шунидаам, ки зиндагонии бачаҳои мо назар ба мо бехтар, сабуктар мешавад. Лекин ту мегӯй, ки ҳаёти онон мушкилтар хоҳад шуд. Ҷанги атомӣ мешавад? Барои ҳамин инту мегӯй?

— Не, на факат барои ин. Ҷанг, эҳтимол, нашавад, ё шавад ҳам, на ба ин қарибихо. Гап дар сари ошунон ҳам не. Гардиши чархи айём суръат мегирад. Фарзандони моро лозим меояд, ки ба ҳаман муаммоҳо бо қуввати худ, бо фаросоти худ бирасанд, дар назди таърих аз ҷониби мо низ бори масъулият бикашанд. Фикру андеша барин кори мушкил набуду нест. Барои ҳамин ҳоли онҳо назар ба мо душвортар хоҳад шуд.

Эдигей дигар напурсид, ки чаро фикру андеша ҳамеша мушкилтарини корҳо будааст. Сонитар ин сӯҳбатро ба ёд оварда, пушаймон мешуд, ки бехуда напурсидааст. Бале, пурсидан даркор буд, асли мақсади Абӯталиброро фаҳмидан лозим буд...

— Медонӣ, аз ин гапҳо мақсад чист? — суханашро давом кунонид Абӯталиб гӯё аз шубҳаи Едигей пай бурда бошад.— Дар назари бачаҳо калонсолон ҳамеша боақлу мӯътабар менамоянд. Қалонтар шуда мебинанд, ки муаллимонашон, яъне ки мо, он қадар ҳам боақлу фаросот набудаанд, чунон ки пештар мепиндоштанд. Ба ҳоли онон хандидан ҳам мумкин. Баъзе мураббиёни кухансол хатто мискину бечора менамоянд. Чархи айём торафт тезтар давр мезанад. Бо вучуди ин сухани охиринро оид ба худ бояд худамон бигӯем. Аҷдодони мо ин корро дар қиссаву достонҳо адо кардаанд. Ба авлодони худ нишон доданӣ шудаанд, ки чи гуна одамони бузург

будаанд. Мо ҳоло дар боран онҳо аз рӯи ана ҳамин осори рухашон хулоса мебарорем. Ман ҳам барои писаронам кори аз дастам омадаро мекунам. Солҳои чангии ман достонҳои мананд. Дафтарҳои партизаниамро маҳз барои онон менависам. Ҳар он чизе ки дидам, аз сар гузаронидаам. Калон шаванд, лозим мешавад. Аммо ғайр аз ин ҳам баъзе андешаҳои дигар дорам. Бачаҳо дар биёбони Сари Озек ба воя хоҳанд расид. Вакте ба камол расиданд, мабодо гумон кунанд, ки дар чои хоп-холй зиндагй ба сар бурдаанд. Ман сурудхои бостонии худамонро навишта гирифтам, вагарна сонитар онҳоро ковй ҳам намеёвй. Суруд, ба хаёли ман, ин чайғомест аз замони гузашта. Укубалаи ту суруди бисьёреро медонистааст. Ваъда дод, ки боз ба хотир хоҳад овард.

— Набошад чй! Вай аз кабилаи соҳили Арал-куl — дарҳол ва бо ифтихоре гуфт Едигей.— Умри қазоқони Арал дар бахр мегузарад. Чи хуш аст дар пахнои бахр сароидан! Бахр ҳама чизро хуб мефаҳмад ва дар он чо ҳар чиз нагӯй, самимй ва созгор мебарояд.

— Дуруст мегӯй. Ба қарибй сурудҳои навишта гирифтаамро такрор хондам, ману Зарифа қариб гирья карда будем. Хушрӯ месароиданд дар замони пеш! Ҳар як сурудашон — як қисса. Одамон пеши назарат ба чилва меоянд. Ва мехоҳй, ки бо онон дӯстона зиндагй куний. Ҳам ишку муҳаббат, ҳам ранчу азобат мисли онҳо бошад. Дидй, чи гуна осоре гузоштаанд аҷдодони мо! Ман Букей Қазонқопро низ розй кунонидам. Сурудҳои қарақалпоқиатро ба ёд овар, гуфтам, ба дафтари алохида навишта мегирам. Баъд мо дафтари қарақалпоқй хам хохем дошт...

Ҳамин тавр онҳо сӯҳбаткунон аз паҳлуи роҳи охан мерафтанд. Соати аҷоибе буд он дам. Анҷоми роҳатбахши рӯзи охири тобистон чун оҳи тӯлонй оҳиста ва сабук ба интиҳо мерасид. Аз ҷангалу дарьё, аз замини сабзапӯш дар биёбони Сари Озек нишоне набошад хам, офтоби ба уфуқ сар ниҳода дар чеҳраи фарохи замин фавчи нур ва сояҳоро ба тарзи ачибу ноаёне ба бозй андохта, бинандаро таассуроте мебахшид, ки ин дашт аз ҳусну тароват саршор аст. Ранги нилии андаке норавшан ва ҳар лаҳза дигаргуншавандаи масоҳати азиму дилфиреб андешаҳоро начобат меофарид, дар дилҳо орзуе мепарварид, ки кас умри дарозе бубинаду бисьёр-бисьёр фикр кунад.

— Ба ман нигар, Едигей,— боз ба гап даромад Абӯтолиб. Аз қиёфааш аён буд, ки чизеро кайҳо инчониб пурсидан мехостаасту фақат акнун мавриди изҳор карданаш расидааст.— Дар хусуси мурғи Доненбой пурсидан мехостам. Аз афти кор, Доненбой ном мурғе дар табиат вучуд дорад, а? Чй гуфтй? Ту онро ягон бор надидай?

— О, ин қисса-ку!

— Медонам. Аммо аксаран он чиро ки дар киссаву достонҳо ҳаст, воқеият, яъне зиндагони тасдиқ мекунад. Масалан, дар Ҳафтрӯди мо парранда ҳаст, номаш зардак, ё зарғилдоқ ҳам мегӯянд. Рӯзи дароз дар боғоти кӯҳистон суруд мехонаду хитоб мекунад: «Духтари суфй, биё!». Хайр, фарз кардем, ин бозни садоҳо, ҳамоҳангии созу сухан аст. Ва афсонае низ ҳаст, ки чаро ин тавр гуфтани он мурғро шарҳ медиҳад. Шояд дар даштҳо мурғе зиндагй мекунад ва аз хонишаш исми Доненбой шунида мешавад ва барои ҳамин ҳам ин мурғ ба достон даромадааст, а?

— Не, намедонам. Ба хаёлам, ин тавр не,— изҳори шубҳа кард Едигей.— Чй қадар солҳо боз дар ин ҷойҳо мегардам, ҳама гӯшаҳояшро дидаам, лекин ба ин хел мурғ вонахӯрдаам. Худаш аслан набудагист.

— Эҳтимол,— хаёломез гуфт Абӯтолиб.

— Хӯш, агар ин мурғ набошад, ҳаман ин гапҳо дурӯғанд? — ба ташвиш афтод Едигей.

— Не, ҳаргиз. Мазори Она-Байт ҳаст-ку. Як замоне дар ин чо воқеае шуда будааст. Намедонам аз чй сабабе, бовар дорам, ки ин гуна парранда вучуд дорад. Ягон кас рӯзе аз рӯзҳо онро хохад дид. Барои бачахо ман ана хамин тавр менависам.

— Барои бачахо бошад, мумкин... — бо оҳанги шахси дудила гуфт Едигей.

Едиген Бӯроий дар ёд дорад, ки достони Сари Озекро оид ба Найман-Она танҳо ду кас ба рӯи коғаз оварданд. Аввал онро Абӯтолиб Қутлибоев барои писаронаш навишта гирифт, ки калон шаванд, мехонанд. Ин дар охири соли панҷоҳу дуввум буд. Дастнависи Абӯтолиб гум шуд. Баъди он рӯзҳои сахте ба сараш омаданд ва дастнависи гумшуда ба ёди касе намерасид. Пас аз чанд соли дигар, тахмин соли панҷоҳу ҳафт, киссаро Афанасий Иванович Елизаров навишта гирифт. Ак-

нун Елизаров ҳам аз олам гузаштааст. Худо медонад, дастнависаш чӣ шуда бошад, эҳтимол, дар Алма-ато дар миёни коғазҳо хобидагист... Ҳар дуяшон ҳам қиссаро аз даҳони Қазонқоп навишта гирифта буданд. Едигей ҳам ҳузур дошт, гоҳ-гоҳе ба Қазонқоп чизеро хотиррасон мекард ва баъзе ҷойҳои достонро шарҳ медод.

«Умри одамизода бинед-а. Об барин мегузаштааст мерафтааст. Гӯё ки дирӯз шуда буд ҳаман ин воқеаҳо. Э худоҷон-е!» — ба мароми гашти Қаранор миёни кӯшкӯҳони ҷулпӯши вай ҷунбида-ҷунбида аз дил мегузаронид Едигеи Бӯронӣ. Акнун ӯ худи Қазонқопро ба мазори Она-Байт мебурд. Гӯё як силсилаи умр ба итмом расид. Гӯяндаи достон акнун худ аз қабристоне манзил мегирифт, ки қиссаи онро дар хотираш ҳифз мекард ва ба дигарон нақл менамуд.

«Акнун фақат ду тан мондем: ман ва Она-Байт. Ба қарибӣ худам ҳам бояд ба ин ҷо биоям. Ба манзилам сохиб шавам. Ҳа, мӯҳлат наздик шуда истодааст» — худ ба худ маҳзунона гуфт Едигей. Вай ҳамчунон пешпеши силсилаи ғароиби ҷанозабарон савори уштураш роҳ мепаймуд. Аз дунболи ӯ трактори аробачадор ва экскаватори «Беларусь» меомаданд. Саги сурхмӯй Ҷӯлбарс, ки худсарона ба онҳо ҳамроҳ шуда буд, ба ҳар тарзе ки хоҳад, ба ҳамон тарика роҳ мерафт: гоҳ пеш мегузашту гаҳе аз ақиб меомад, даме аз паҳлу метохту баъзан муддате аз назарҳо гум мегашт... Думашро бо эътимод сих карда, бо қиёфаи коршиносонае ба атроф нигоҳҳо меафканд...

Офтоб ба қиём расида, рӯз пешин шуда буд. Қабристони Она-Байт акнун чандон дур набуд...

VIII

Ба ҳар ҳол охири соли панҷоҳу дуввум, саҳеҳтараш тирамоҳ ва зимистоне ки андак дер карда омад, вале бе боду бӯронҳо омад, барон як даста сокинони ҳамон-вақтаи дуроҳаи Бӯронӣ айёми хуше буд. Едигей баъдтар он рӯзҳоро бо мамнуният ёд мекард.

Қазонқоп, саркори бӯрониён, оксаколи хушодобе ки ба кору бори дигарон худда-бехуда дахолат намекард, он рӯзҳо сиҳат-саломат буд. Собитҷони ӯ дар интернати Қумбел мехонд. Онлан Қутлибоевҳо то он вақт муқиму

коим шуда буд. Хонаи худро барои зимистон гарм карданд, картошка захира намуданд, барои Зарифа ва писаракон мӯзахои намадӣ хариданд, як халта орд оварданд. Ордро аз Кумбел, аз шӯъбаи таъминоти коргарон худи Едигей ба Қаранор бор карда овард, ки дар айни чӯшу хурӯши кувваи чавоннаш буд. Абӯтолиб вазифаи худро дар роҳи оҳан ба чо меовард ва хаман вакти холиашро мисли пештара бо бачаҳо мегузаронид ва шабонгоҳон ба пештахтаи тиреза чароғ монда, сар набардошта менавишту менавишт.

Боз ду-се онла коргарон буданд, лекин аз киёфаашон аён буд, ки дар ин дуроҳа хаман онҳо меҳмонанд. Сардори хамонвактаи дуроха Абилов одами ганда набуд. Касе аз бӯронихо касал набуд. Кор идома дошт. Бачахо калон мешуданд. Хаман корҳои кабл аз зимистонӣ оид ба таъмири роҳи оҳан ва мухофизати он аз барф сари вакт анчом меёфтанд.

Ҳавои дашти Сари Озек бисьёр хуш омад. Аз нафаси тирамоҳ хама чо ба мисли пуштаки нон ранги дорчинӣ гирифт. Соҳӣ зимистон омад. Рӯи заминро кӯрпаи барф пӯшид. Ба кадом тараф нанигарӣ, хама чо сап-сафед, назаррабо менамуд. Ва аз мобайни биёбони сокиту сафед хатти сиёҳи роҳи оҳан тӯл мекашид ва аз болои он чун хамеша қаторхо мегузаштанду мегузаштанд. Ва дар пахлӯяки ин роҳи серҳаракат, дар миёни теппахои барфини кариян майдаяке — дуроҳаи Бӯронӣ чой гирифта буд. Чанд хонаи истиқоматӣ ва чанд кулбаи дигар ва ғайра... Мусофирон аз даруни вагонҳо ба ин кулбахо як назари бепарвоёна меафкандану гузашта мерафтанд, ё худ дар дили баъзе аз онон ба ҳоли сокинони дурафтодаи дуроҳа як лаҳза эҳсосоти шафкатомез бедор мешуду хомӯш мегардид...

Аммо он назари шафкатомези даргузар бечиҳат буд. Бӯронихо соли хуберо паси сар мекарданд, ба истиснои ҳамон гармон дахшатангези тобистонаш, ки он хам гузашту рафт. Зиндагонии давраи баъди чанг дар хама чо бо душворихо бошад хам оҳиста-оҳиста бехтар мешуд. Гап-гап буд, ки аз соли нав нархи озука ва молхои саноат боз арзон мешавад. Магазинхо аз хама чиз пуру пемон набошанд хам, вазъият сол аз сол бехтар мегардид...

Бӯронихо одатан ба Соли нав чандон эътибор намедоданд, сари соли нимшабиро бесаброна мунтазир намешуданд. Кор дар дуроха сарфи назар аз хар гуна

вокеот давом мекард, каторхо доимо дар харакат буданд ва коре надоштанд, ки Соли нав дар кучо ва кай фаро мерасад. Илова бар ин дар фасли зимистон ташвиши рӯзгор меафзуд. Печкахоро алав мондан лозим, чорпоён чӣ дар сахро ва чӣ дар оғилхо нигохубини бештар талаб мекунанд. Кас субх то шом чунбучӯл карда, хаста мешавад ға мехохад зудтар ба чогах даромада, истироҳат кунад.

Солхо ба хамин тарика мегузаштанд...

Лекин арафаи соли панҷохуми саввум дар дурохаи Бӯрони иди хакикӣ барпо шуд. Ташаббускори ид, албатта, оилаи Қутлибоев буд. Едигей ба тайёрии Соли нав фақат дар анҷомаш шарик шуд. Кор аз он сар шуд, ки Қутлибоевхо барои бачахо арча оростанӣ шуданд. Аммо дар биёбони Сари Озек арчаро аз кучо меёвӣ? Дар ин чо тухми динозаврро ёфтан осонтар аст. Вокеан Елизаров дар сар то сари биёбони Сари Озек дар пайрохахои геологии худ гашта-гашта, чанд тухми миллионсолаи динозаврро пайдо карда буд. Хар кадоми он ба тарбузи калон баробар меомад, лекин санг барин сахт шуда буд. Бозьёфти ӯро ба Алма-Ато бурда, дар музей гузоштанд. Дар рӯзномахо ахборот нашр карданд.

Ба Абӯтолиб Қутлибоев лозим омад, ки ба сармо нигох накарда, ба Қумбел биравад ва комитети махаллии иттифоки касабаро навъе карда, розӣ кунонад, ки яке аз панҷ дона арчаи ба хамин қадар истгохи бузург омадаро ба дурохаи Бӯронӣ бидихад. Хаман хангома аз хамин арча сар шуд.

Едигей дар назди анбор истода, аз сардори дурохо дастпӯшакҳои нав мегирифт, ки дар ин асно ба роҳи якум қатори боркаши вагонҳояш саросар барфолуд даромада, тормозҳои аз сармо хунук шудаашро ғичирросанон қарор гирифт. Қатори дарозе буд ва хаман вагонҳояш чаҳортира буда, ба дарҳошон тамғаи сурбӣ овезон буд. Аз айвончаи кушоди вагони охирин поҳои аз хунуки карахтшудаи худро базӯр чунбонида, Абӯтолиб фаромад. Кондуктори қатор, ки низ дар хамон айвонак меистод, аммо пӯстини васеи бузурге пӯшида, гӯшакҳои телпаки мӯйнаашро аз таки манах зич баста буд, нохинчорона, чунбида, як чизи калонро ба ӯ дароз мекард. «Арча овардааст» пай бурд Едигей ва ба тааччуб афтод.

— Хой Едигей! Хой Бӯронӣ! Ин чо биё, ба ин мар-

дак кӯмак кун! — фарьёд кард ӯро кондуктор, чуссаи фахӯли худро аз болои зина овезон карда.

Ёдгей ба он сӯ шитофт ва наздиктар расида, аҳволи Абӯтолибро диду сахт тарсид. Вай аз сар то по барфолуд буда, ба андозае аз сармо шах шуда буд, ки лабашро чунбонида наметавонист. Дастонаш ҳаракат намекарданд. Нихолаки арча дар пахлуяш ба замин мехобид, ки аз барои ҳамин шуда, қариб ба он дунёё рафта буд.

— Бӯронихоро чӣ чин зад? Магар одам бо ҳамин сару либос ба сафар мебарояд? — кохишомез ғур-ғур кард кондуктор. Дар ин айвонак бод чунон башиддат мезанад, ки сад чон дошта бошӣ, хамаашро рӯфта мебарад! Пӯстинама диҳам гӯям, худам дар як зум шах шуда мемонам.

Абӯтолиб лабони худро навъе карда чунбониду гуфт:

— Мебахшед, хамту шуд-дия. Хона наздик, хозир гарм мешавам.

— Ман ба вай гуфта будам,— ба Ёдгей мурочиат карда ғурунгос мезад кондуктор.— Ман пӯстин пӯшидаам, аз такаш либоси пахтагин, боз телпаку мӯзаи намадӣ дорам, бо вучуди он вагонҳоро то ба он китъа бурда месупорам, ки чон ба лабам мерасад. Магар одам бо ҳамин сару либос ба рох мебарояд?

Ёдгей хичолатомез гуфт:

— Хайр, Трофим, кори ношуданӣ шудааст. Ташаккур ба ту. Бирав, ошно, рохи сафед!

Ёдгей арчаро бардошт, ки кадаш баробари кади одам буд. Аз миёни сӯзанбарг бӯи бешазорони санавбар ба димоғаш заду дилаш тах кашид: чангалзорони майдони чанг ба ёдаш расиданд. Ин гуна нихолакони арча он чо лак андак лак месабзиданд. Зери тасмачархи танкхо монда нобуд мешуданд, гулӯлахо таркида решакан месохтанд. Ба гӯшаи хаёлаш намеомад, ки бӯи сӯзанбарги санавбарро шамидан ягон вакт ин кадар нашъа мебахшад.

— Рафтем,— гуфт Ёдгей арчаро ба китфаш гирифта ва ба Абӯтолиб нигарист.

Чехраи вай аз сармо карахт шуда буд, дар ду бари рухсораш катра-катра ашк ях баста буд, аммо аз зери абрӯвони сап-сафеди шӯша баста чашмонаш хушхолона менигаристанду аз каноатмандӣ ва фирӯзиаш гувоҳӣ медоданд. Баногоҳ Ёдгей бо харос аз дил гузаронид, ки

рафту бачаҳояш ба қадри чунин муҳаббату садоқати падарона нарасанд! Охир дар ҳаёт на ҳамеша гандум кошта, гандум медаравӣ! Гоҳо ба чои сипосгузорӣ номеҳрубонӣ ва ҳатто нафрат ва адоват мебинӣ. «Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад ӯро. Бе ин ҳам сари ин бечора аз мусибат холӣ нест» — аз дил гузаронид Едигей.

Арчаро пеш аз ҳама Даул дид. Хушҳолона фарьёд кашиду ба дари хонаашон даромад. Аз он чо саросема ва либоси гарм напӯшида, Зарифа ва Эрмек зада баромаданд.

— Арча! Арча! Нигоҳ кун, чи хел арча! — аз шодиву сурур бонг мезад Даул ва дар гирди одамон ҷасту хез мекард.

Хурсандии Зарифа ҳам аз ин камтар набуд.

— Охир ҳам овардӣ-а! — гуфт ӯ.— Чӣ тавр нағз!

Маълум шуд, ки Эрмек арчаро бори аввал медидааст. Вай нихолаки ба китф бардоштан амаки Едигейро чашм наканда тамошо мекард.

— Оча, арча ҳамин, а? Вай нағз, а? Акнун вай ҳамроҳи мо зиндагонӣ мекунад, а?

— Зарифа,— гуфт Едигей,— аз барои ҳамин нихолак шавҳаратро кариб бой медодӣ. Зудтар ба хона дарору гармаш кун. Аввал мӯзаро аз пояш баровардан лозим.

Мӯза ба пояш часпида буд. Вакте ки хама ахлона амал карда, мӯзаро аз пояш кашиданӣ мешуданд, Абӯтолиб дандон ба дандон монда, рӯй турш менамуд. Хусусан бачахо аз тахти дил зӯр мезаданд. Мӯзахои вазнину дурушти аз шиддати сармо шах шуда, ба пой сахт часпидаро бо дастакони нозукашон гоҳ аз соқу гаҳе аз пошна дошта мекашиданд.

— Бачахо, истед, бачахо, халал нарасонед, хозир худам мебарорам! — мегуфт Зарифа онҳоро ба каноре баровардани шуда.

Аммо Едигей бо нимовоз ба ӯ маслиҳат дод:

— Кордор нашав, Зарифа. Бимонашон, андак захмат кашанд.

Вай бо фаросат дарьёфт, ки мехрубонию ғамхории бачахо барои падарашон олитарини мукофотҳост: яъне ки онҳо ба катори одам даромадаанд, як чизро сарфахм мераванд. Кору кирдори хурдиаш хусусан ачиб ва риккатангез буд. Аз чи сабабе бошад, Эрмек падарашро отаяк меномид. Ва касе намегуфт, ки ин тавр нагӯ, отачон, ё дадачон бигӯ, чунки «отаяк» шакли кӯдак

рафту бачаҳояш ба қадри чунин муҳаббату садоқати падарона нарасанд! Охир дар ҳаёт на ҳамеша гандум кошта, гандум медаравӣ! Гоҳо ба ҷои сипосгузорӣ номеҳрубонӣ ва ҳатто нафрат ва адоват мебинӣ. «Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад ӯро. Бе ин ҳам сари ин бечора аз мусибат холӣ нест» — аз дил гузаронид Едигей.

Арчаро пеш аз ҳама Даул дид. Хушҳолона фарьёд кашиду ба дари хонаашон даромад. Аз он ҷо саросема ва либоси гарм напӯшида, Зарифа ва Эрмек зада баромаданд.

— Арча! Арча! Нигоҳ кун, чи хел арча! — аз шодиву сурур бонг мезад Даул ва дар гирди одамон ҷасту хез мекард.

Хурсандии Зарифа ҳам аз ин камтар набуд.

— Охир ҳам овардӣ-а! — гуфт ӯ.— Чӣ тавр нағз!

Маълум шуд, ки Эрмек арчаро бори аввал медидааст. Вай ниҳолаки ба китф бардоштан амаки Едигейро чашм наканда тамошо мекард.

— Оча, арча ҳамин, а? Вай нағз, а? Акнун вай ҳамроҳи мо зиндагонӣ мекунад, а?

— Зарифа,— гуфт Едигей,— аз барои ҳамин ниҳолак шавҳаратро қариб бой медодӣ. Зудтар ба хона дарору гармаш кун. Аввал мӯзаро аз пояш баровардан лозим.

Мӯза ба пояш часпида буд. Вақте ки ҳама аҳлона амал карда, мӯзаро аз пояш кашиданӣ мешуданд, Абӯтолиб дандон ба дандон монда, рӯй турш менамуд. Хусусан бачаҳо аз таҳти дил зӯр мезаданд. Мӯзаҳои вазнину дурушти аз шиддати сармо шах шуда, ба пой сахт часпидаро бо дастакони нозукашон гоҳ аз соқу гаҳе аз пошна дошта мекашиданд.

— Бачаҳо, истед, бачаҳо, халал нарасонед, ҳозир худам мебарорам! — мегуфт Зарифа онҳоро ба каноре баровардани шуда.

Аммо Едигей бо нимовоз ба ӯ маслиҳат дод:

— Кордор нашав, Зарифа. Бимонашон, андак заҳмат кашанд.

Вай бо фаросат дарьёфт, ки меҳрубонию ғамхории бачаҳо барои падарашон олитарини мукофотҳост: яъне ки онҳо ба қатори одам даромадаанд, як чизро сарфаҳм мераванд. Кору кирдори хурднаш хусусан ачиб ва рикқатангез буд. Аз чи сабабе бошад, Эрмек падарашро отаяк меномид. Ва касе намегуфт, ки ин тавр нагӯ, отачон, ё дадачон бигӯ, чунки «отаяк» шакли кӯдак

ихтироъ кардан нахустин калимоте буд, ки ҳазорон сол инҷониб аз даҳон ба даҳон мегузарад.

— Отаяк! Отаяк! — худро ба ҳар сӯ андохта, дод мезад Эрмек. Вай аз зӯрзаниҳон бехуда суп-сурх шуда буд. Мӯи сараш парешон гашта, аз чашмонаш шавқи беандозае хонда мешуд, ки мехоҳад ягон кори бағоят зарурero анҷом бидиҳад. Ва дар айни замон киёфааш чунон ҷиддӣ буд, ки беихтиёр хандан кас меомад.

Бидуни шубҳа, коре кардан лозим буд, ки бачаҳо ба муродашон бирасанд. Едигей тадбире андешид. То ин дам мӯзаҳо андак гарм ва нарм шуда буданд ва Абӯтолибро ранҷ надода, онҳоро кашида гирифтан мумкин буд.

— Ку, бачаҳо, биёед, аз паси ман нишинед,— гуфт Едигей.— Хозир паровозу вагон мешавему ҳамдигарa мекашем. Даул, ту миёни мана дор, Эрмек, ту аз миёни Даул бикап.

Абӯтолиб аз нияти Едигей пай бурда, каноатмандона сар афшонид ва дар холате ки аз хавои хунук ба хонаи гарм даромада, дар рухсораш қатрахои ашк пайдо шуда буданд, табассуми фарохе кард.

Едигей дар рӯ ба рӯи Абӯтолиб нишаст, аз дунболи ӯ бачаҳо чой гирифтанд ва ҳангоме ки ҳама омода шуданд, Едигей даст ба мӯзаи Абӯтолиб бурд.

— Ҳа, бачаҳо, ку, ҳама баробар, як зӯр занем! Набошад куввати ман намерасад. Ку, Даул, Эрмек, гирифтем, ҳа! Боз як бор, ҳа!

Бачаҳо дар кафо фишшос мезаданд, аз сидқи дил кӯшиш мекарданд. Зарифа чун хавохохи ҳама дар як сӯ рост. менстод. Едигей чунон вонамуд мекард, ки кори ӯ бисьёр мушкил аст ва ҳангоме ки як мӯзаро баровардаанд, бачаҳо музаффарона наъра кашиданд. Зарифа дархол рӯймолаки пашмине оварда, панҷаи пои шавҳарашро молиш додан гирифт, вале Едигей ба ҳама рӯй оварда гуфт:

— Хой бачаҳо, хой оча! Ҳамин ҳам кор шуд? Мӯзаи дуввумро кй мекашад? Е мемонем, ки падар як пояш лучу пои дигараш дар мӯзаи яхбаста гаштан гирад, а? Нағз мешавад?

Ва ҳама аз чй сабабе баробар хандиданд. Дуру дароз механдиданду рӯ-рӯи хона мегелиданд. Хусусан бачаҳо ва худи Абӯтолиб самимона механдиданд.

Кй медонад, эҳтимол, маҳз ана дар ҳамин лаҳзаҳо дар як чои бисьёр дур аз дурохан Бурони номи Абӯ-

толиб Қутлибоев боз дар рӯи коғаз пайдо шуд ва шахсони коғазро ба даст гирифта, дар асоси он бо халли масъалае машғул шуданд, ки аз он на дар онлаи худи ӯ заррае огоҳ буданд, на дар дигар хонаводахои дурохаи Бӯрони. Ҳар дафъа хамин тавр фикр мекард Едигей Бӯрони баъдтар, пас аз он ки он ҳодисаи дахшатангез ба вуқӯъ пайваст.

Мусибат банохост, чун балои осмонӣ даррасид. Лекин агар, фарз кардем, Едигей дар ин корхо зиёдтар тачриба медошт ё агар айёртар мешуд, омад-омади балоро пай набарад хам, лоакал дар ягон гӯшаи дилаш ташвиши ноаёне пайдо мешуд.

Лекин, охир, барои ташвиш кашидан сабаб хам набуд. Ҳамеша дар охирхои сол ба дуроҳа муфаттиши минтака меомад. Вай аз рӯи ҷадвал ҳаман дуроҳахо ва истгоххоро пан хам дида мебаромад. Меомад, як-ду рӯз зиста тафтиш мекард, ки маоши коргаронро кай ва чи тавр додаанд, масолехро ба кучохо сарф кардаанд ва ғайра ва ҳоказо. Соҳӣ ҳамрохи сардори дуроҳа ва боз ягон каси дигар аз чумлаи коргарон акти тафтишотро менавишту ба катори рохгузар савор мешуду мерафт. Дар дуроҳа чӣ хаст, ки дуру дароз тафтиш кунӣ? Едигей хам ахьён-ахьён акти тафтишотро имзо мекард.

Ин дафъа муфаттиш дар дурохаи Бӯрони се рӯз истод. Шабхо дар хонаи навбатдорон мехобид, дар хамон иморате ки бинои асосии дуроҳа хисоб меёфт, телефону телеграф ва хоначан сардор низ он чо буд, ки кабинеташ меномиданд. Сардори дуроҳа Абилов мокувор медавид, хар дам ба муфаттиш чои гарм мекашонид. Он шахс дар сари коғазхо меҳишасту пайваста тамоку дуд мекард. Едигей аввал гумон кард, ки шояд аз муфаттишони шиноси дерина бошад. Не, инаш ношинос баромад. Як марди айнакии сурхинарӯе буд, дандонхояш роғдору мӯи сараш мошубиринч. Дар чашмонаш гох-гоҳ як нимхандаи маънодори аҷибе падидор мегардид.

Як бевақтии шаб онхо бо хам вохӯрданд. Едигей аз поси худ бармегашт. Дид, ки муфаттиш дар назди хонаи навбатдорон дар партави фонус пасу пеш қадам мезанад. Гиребони пӯсти баррагинашро боло бардоштааст, дар сараш хамин гуна телпаки баррагин, дар чашмаш айнак, парешонхотирона тамоку мекашаду бо кафи мӯзаҳояш реги зери поро ғичиррос мезанонад.

— Шаб ба хайр. Чй, тамокукаший баромадед? Хаста шудагистед аз кор? — изхори хамдардй кард Едигей.

— Ха, албатта,— чавоб дод ӯ бо нимтабассуме.— Кор осон не,— гуфт ва боз нимтабассумашро намоиш дод.

— Ха, маълум, албатта,— боз гуфт Едигей ба хотири одоб.

— Фардо сахар меравам,— хабар дод муфаттиш.— Хабдахӯм омада, як дам қарор мегирад. Ман меравам. — Ӯ боз нимхандае кард. Овозаш хаста, хатто як андоза ранчурона буд. Чашмонаш нимкоф бошанд хам, ба рӯи кас синчакорона дӯхта мешуданд. Едигей Чонгелдин шумо будагистед-дия? — пурсид муфаттиш.

— Ха, ман.

— Тахминам дуруст баромад.— Муфаттиш дуди тамокуро бо қатъияте аз роғи дандонхояш пуф кард.— Собиқ чанговари фронт. Дар дуроха аз соли хазору нӯхсаду чилу чахорӯм кор мекунед. Коргарон Бӯрони меномидаанд шуморо.

— Ха, дуруст,— соддадилона тасдик намуд Едигей. Ба ӯ хуш омада буд, ки ин шахс ӯро ба ин дарача хуб мешинохтааст ва дар айни замон хайрон хам мешуд, ки хаман ин маълумотро муфаттиш чй тавр ба барои чй гундошта, дар хотир нигох дошта бошад.

— Хофизаи ман бисьёр хуб аст,— бо нимтабассум суханашро идома дод муфаттиш. Вай зохиран аз андешаи Едигей лай бурда буд.— Ман хам ба мисли Қутлибоеви шумо асар менависам,— гуфт ӯ ва сар афшонида да, роғаи дудро ба сӯи тирезаи равшане пуф кард, ки он чо сари чун хамеша ба рӯи дафтархо хами Абӯтолиб намоён буд.— Се рӯз инчониб дикқат мекунам, факат менависаду менависад. Ин барои ман фахмо, чунки худам хам нависанда. Лекин ман шеър менависам. Дар рӯзноман сертиражи депо қариб ҳар мох чоп мекунанд. Мо дар он чо махфили адабй дорем. Худам рохбарй мекунам. Шеърҳои маро дар рӯзноман вилоят хам чоп кардаанд, як маротиба рӯзи 8 март, имсол бошад, Якуми май.

Онхо муддате хомӯш монданд. Едигей мехост хайрухуш карда, ба рохаш биравад, аммо муфаттиш боз ба гап даромад:

— Вай дар бораи Югославия менависад?

— Рости гап, якин намедонам,— чавоб дод Едигей. — Ба хаёлам, дар бораи Югославия. Вай охир он чо

партизанӣ кардааст.. Барои бачаҳои худаш менависад.

— Шунидам. Ман аз Абилов пурсида будам. Маълум мешавад, вай асир ҳам афтода будааст. Чанд сол муаллимӣ ҳам мекардааст. Акнун қарор додааст, ки қалам ба даст қувваозмоӣ кунад,— кикирросзанон хандид ӯ.— Лекин ин кор на он қадар осон аст, ки ба назар менамояд. Ман ҳам ният дорам, ягон чизи калонтар нависам. Оид ба фронт, акибгоҳ, меҳнат. Лекин мо мардум аз фурсат камбағалем. Доимо дар сафар...

— Вай ҳам факат шабонгоҳон менависад. Рӯзона кор мекунад,— илова намуд Едигей.

Онҳо боз муддате хомӯш монданд. Ва боз Едигей ба хайрбод гуфтан фурсат наёфт.

— Ҳай-ҳай-ҳай, расо менавиштааст-дия, лоақал сар боло намекунад-е,— нимхандаашро такрор намуда, дандоиҳояшро нишон дод муфаттиш дар ҳолате ки тарҳи Абӯтолибро дар паси тиреза муоина мекард.

— Хайр, охир, ба ягон кор машғул шудан даркордия,— ба сухани ӯ чавоб дод Едигей.— Дар атроф на касе хасту на чизе. Хату савод бошад, нахонда, нанавишта чӣ кор мекунад?

— Ҳа, ҳа, ин ҳам фикри дуруст. Дар атроф на касе хасту на чизе,— гуфт муфаттиш чашмонашро нимкоф карда ва дар айни замон дар чӣ хусусе андеша ронда. — Дар атроф на касе хасту на чизе ва ҳар коре ки хоҳӣ, кардан мегирӣ... Ҳар коре ки хоҳӣ...

Онҳо хайрухуш карданд. Пас аз ин дар бадали чанд рӯз ба сари Едигей хаёле меомад, ки ба Абӯтолиб дар хусуси он сӯҳбати тасодуфӣ бо муфаттиш накл кардан лозим, вале фурсати муносиб даст намедод, сонитар ин ният аз ёдаш фаромӯш шуду рафт.

Зимистон омаду кор зиёд шуд. Ва аз ҳама мухиммаш ин ки Қаранор ба ҷунбиш омад ва давраи ташвиш оғоз ёфт. Боз чӣ гуна ташвиш! Ин хел оворагию ошуфтагиро ягон уштурдори дигар надидааст. Қаранор ду сол неш атанча[1] шуда буд. Аммо дар бадали он ду сол шавқу шаҳваташ ҳанӯз чандон зоҳир нашуда буд, ҳанӯз вайро ба рох андохтан, бо дӯғу дараиг чашмашро тарсонида, кор фармудан мумкин буд. Хусусан ки паруштури галаи бӯрониён, яъне уштури солхӯрдаи Қазонқоп вайро сар бардоштанӣ наменонд. Мезад, мегазид, коре карда аз назди модауштурон дуртар ме-

---

[1] Атанча — атаии чавон, паруштури чавон *(муаллиф)*.

ронд. Лекин, охир, дашт чои васеъ аст. Аз як гӯша зада пеш кунад. Каранор аз канори дигар давида меомад. Атани кухансол рӯзхои дароз аз дунболаш сур карда мегашт-мегашту окибат шалпар мешуд. Ва он гоҳ Каранори чавону оташинхӯ навъе карда, ба муроди худ мерасид.

Дар мавсими нав, баробари фаро расидани сармои зимистон, ки дар хуни уштурон нидоҳои азалии табиат аз нав баланд мешаванд, Каранор дар галаи бӯрониён фармонфармо гардид. Соҳиби қувват, соҳиби қудрат ва тавоноии камаршикане шуд. Атани пири Қазонқопро дар дашти хилват пеш андохта, ба таки чаре бурду чунон зад, ончунон кӯбиду хоид, ки вай кариб мурда буд. Касе набуд, ки онҳоро аз ҳам чудо кунад. Табиат дар риояи қонунҳои тағьирнопазираш устувор буд, навбати наслгузорӣ акнун ба Каранор расида буд.

Афсӯс ки ба ҳамин сабаб дар миёни Қазонқопу Едигей гап гурехт. Қазонқоп атани шаттахӯрдаи худро дар зери чар дар он ҳоли табох дида, токат карда натавонист ва аз дашт ғамгину парешон омаду ба Едигей дарафтод:

— Инсоф дорӣ ё не? Онхо хайвон бошанд, мову ту инсон-ку! Қаранорат қотил шудаасту ту онро ба дашти кушод сар додай!

— Ман сар надодаам, Қазаке. Худаш гурехтааст. Хайр, бигӯ, чӣ кор кунам? Ба занчир бандам? Занчир хам тоб наовард. Худат медонӣ, одамони қадима бе чиз нагуфтаанд: «Куш атасын танымайды»[1]. Акнун навбати вай расидааст.

— Ту бошӣ, аз шодӣ дар куртаат намеғунчӣ. Ҳоло сабр кун, ба сарат чунон рӯзҳое расад, ки... Ту ба вай рахм карда, аз биниаш маҳор нагузаронидӣ. Ҳоло аз дунболаш давида, хун-хун гирья мекуни. Ин хел хайвон бо якта гала қоней намешавад. Ба чаҳор тарафи Сари Озек давида, занозанихо мекунад. Ана баъд нигоҳ дошта наметавонӣ. Ана соӣ гуфтаҳои ман ба ёдат мерасанд...

Едигей бо Қазонқоп дигар бахс накард. Уро бисьёр хурмат мекард. Хусусан ки ҳак ба чониби ӯ буд.

— Тайлоқчан майдаяке буд, ки худат тӯхфа карда будӣ,— гуфт Едигей сулҳҷӯёна.— Акнун маро сарзаниш мекунӣ. Хайр, ягон илоҷ ёфта, ором мекунам.

---

[1] Зӯр падарашро намешиносад *(муаллиф)*.

Лекин дасту дили Едигей намерафт, ки бинии Қаранорро сӯрох кунад, хамин хел як уштури дӯстрӯро безеб карда, аз биниаш маҳор гузаронад. Дар ҳакикат хам баъдтар суханони Қазонқоп борҳо ба хотираш расиданд. Борҳо аз ранчу азобҳо хашмгин шуда, савганд мехӯрд, ки дигар рахм нахоҳад кард. Аммо боз аз раъяш бармегашт. Як замоне ахд намуд, ки уштураш-ро ахта кунад, аммо боз дилаш нашуд, натавонист. Солҳо пай ҳам мегузаштанд ва ҳар сол дар оғози фасл, сармо сарсонию саргардониҳо такрор мешуданд, Едигей ба ҷустуҷӯи Қаранори ба ҷунун омада мерафт...

Нохушиҳо ана ҳамон зимистон сар шуданд. Ҳа, Едигей, хуб дар ёд дорад. То даме, ки вай Қаранорро ба тавила андохта, нағзакак басту андаке оромаш намуд, Соли нав хам омад. Қутлибоевҳо арчаро оростанд. Барои ҳаман бачаҳои Бӯроӣ ин воқеаи бузурге буд. Укубала бо духтараконаш ба хонаи Қутлибоевҳо гӯё тамоман кӯчида гузаштанд. Рӯзи дароз тайёрӣ медиданду арчаро зинат медоданд. Едигей ҳам вақти ба кор рафтан ё аз кор баргаштанаш аввал ба хонаи онҳо даромада, арчаро тамошо мекард. Арча рӯз ба рӯз хушрӯйтар мешуд, аз ҳар гуна шилшилаҳо, бозичаҳои дасти зеб мегирифт. Зарифаю Укубала — ҳалолашон бод занҳоро! — ба хотири бачаҳо ҳамаи ҳунарашонро сарф мекарданд. Лекин, рости гап, фикру зикри калонсолон аз арча дида, бештар ба умедҳои ногуфта ва ноаёне робита дошт, ба чашмдошти айёми наздикрасидае ки дигаргуниҳои некпае хоҳад овард.

Абӯтолиб бо арча хам қаноат накарда, бачаҳоро ба рӯи ҳавлӣ бароварда ва онҳо ба сохтани одами барфин сар карданд. Едигей аввал гумон мекард, ки онҳо бо ҳазлу бозӣ машғуланд, аммо натиҷаи корашонро дида, қоил шуд. Як одами калони барфини кадаш баробари одам, як ҳайкали аҷибу ғариби хандаоваре дар назди иморатҳои дуроҳа, рӯ ба ҷониби каторҳои ояндаву раванда қомат афрохта буд, ки чашму абрӯвони сип-сиёҳи ангиштӣ, бинии сурх ва дахони ба ханда моиле дошта, телпаккӯҳнаи гӯшакдори рӯбоҳии Қазонқопро ба сар пӯшида буд. Дар як даст байракчаи сабзи рохиоҳанчиёнро дошта меистоду гӯё мархамат, бигзаред, рохатон кушодааст, мегуфт, дар дасти дигар тахтапорае дошт, ки ба рӯяш дуруде навиштаанд: «Соли нави 1953 муборак бошад!». Бисьёр хайкали дилкаш баромад. Хатто пас аз 1 январь низ дергохе пой бар ҷо меистод...

31 декабри соли ба поён расида бачаҳои Бӯронӣ дар атрофи арча ва дар рӯи ҳавлӣ то шомгоҳон бозӣ мекарданд. Калонсолони аз навбатдории озод низ ҳамрохи онҳо буданд. Абӯтолиб ба Едигей нақл кард, ки саҳари барвақт писараконаш ба сари бистари ӯ омаданд. Чунбучӯле доштанд, пичир-пичир гап мезаданд, аммо вай худро масти хоб вонамуд мекард.

«— Бихез, отаяк, бихез, — мегӯяд Эрмек ва аз дасташ мекашад.— Хозир Бобои барфин меояд. Рафта пешвозаш бигирем.

— Хуб,— мегӯям.— Меоям, гуфта ваъда дода буд. Мана ҳозир мехезем, дастурӯ мешӯем, либосамонро мепӯшему меравем.

— Кадом катор-катӣ меояд? — калонаш мепурсад.

— Кадомаш, ки бошад,— мегӯям дар чавоб.— Барои Бобои барфини қатори дилхоҳаш хатто дар дуроҳан мо қарор мегирад.

— Набошад, зудтар баромадан даркор.

Хӯш, ки бошад, мо саросема нашуда, бо тамоми чиддият либос пӯшида, тайёр мешавем.

— Очаамон чӣ? — савол медиҳад Даул.— Охир вай ҳам мехоҳад Бобои барфинро бубинад.

— Албатта,— мегӯям ман,— албатта. Отаатонро ҳам фарьёд кунед.

Ҳама ҷамъ шуда, аз хона баромадем. Бачаҳо пештар гузашта, ба сӯи хонаи навбатдорон тохта рафтанд. Мо аз дунболи онҳо. Бачаҳо ба ин сӯ-он сӯ давиданд, лекин аз Бобои барфин дараке нест.

— Отаяк, ку Бобои барфин? — мепурсад Эрмек ва чашмонаш милт-милт метобанд.

— Хозир, як дам сабр кунед. Аз навбатдор мепурсем.

Ба хонаи навбатдорон даромадам. Он ҷо аввали шаб мактубаки бобои барфин ва як халтача савғоти ӯро руст карда монда будам. Берун баромадам, бачаҳо ба пешам давида омаданд.

— Ҳа, отаяк, чӣ шуд?

— Нағз шуд,— мегӯям дар чавоб.— Мана, бинед, Бобои барфин ба шумо хат навишта мондааст. Ана хаташ: «Писаракони азиз Даул ва Эрмек! Ман ба дуроҳаи машҳури Бӯронии шумо саҳари бармаҳал, соати панҷ омадам. Шумо ҳанӯз дар хоб будед, ҳаво

бисьёр хунук буд. Худи ман хам он қадар гарм не, чунки риши ман аз торҳои яхин иборат. Қатор фақат ду дақика истод. Мана ҳамин мактубака навиштам ва барои шумо савғот мондам. Дар халтача себу чормағз ҳаст. Барои ҳар як бача якта себу дута чормағз. Аз ман наранҷед, кори ман ниҳоят мӯл. Ба назди бачаҳои дигар ҳам рафтан лозим. Онҳо маро мунтазиранд. Кӯшиш мекунам. Соли нави оянда ба наздатон чунон биоям, ки ҳамдигарро бубинем. Хайр, то боздид. Бобои барфини шумо, Аяз-ата». Э сабр кунед, ана дар ин чо мактуб боз чизе илова шудааст. Шитоб карда, норавшан навиштааст. Эҳтимол, қатор ба ҳаракат даромада бошад. Ҳа, ҳа, хондам, хонда тавонистам. Мана чӣ навиштааст: «Даул, ту сагчаи худатро назан. Як рӯз ту ба сараш бо калӯш задӣ, сахт гирья карда буд, ман шунидам. Лекин баъд овози гирьяаш набаромад. Аз афташ, ту ӯро дигар озор намедиҳӣ. Хайр, бо салом Аяз-атаи шумо». Сабр кун, дар ин чо боз чизе навишта шудааст. Ҳа, фаҳмидам: «Одами барфинатон чудо нағз баромадааст. Ману вай ба ҳамдигар даст дода, вохӯрӣ кардем. Офарин ба шумо!»

Бачаҳо хеле хурсанд шуданд. Ба суханони Бобои барфин дархол бовар карданд. Касе наранҷид. Фақат мунозира сар шуд, ки халтачаи савғотро кӣ мебардорад. Ин муамморо модарашон ҳал кард:

— Аввал дах қадам Даул мебарад, вай калонтар аст. Сонӣ дах қадам ту мебарӣ, Эрмек. Ту хурдтарӣ...»

Едигей ин наклро шунида, аз тахти дил хандид.

— Ба чои онҳо мешудам, ман ҳам бовар мекардам,— гуфт ӯ.

Лекин рӯзона дар байни бачаҳо обрӯи амаки Едигей аз ҳама баландтар буд. Вай барои онҳо чанасаворӣ ташкил кард. Қазонкоп якта чанаи кӯҳнае дошт. Уштури Қазонқопро, ки ҷонвари ором ва ба хамут одат кардае буд, ба чана бастанд. Қаранорро ба ин гуна корҳо, албатта, рох додан мумкин набуд. Ҳамаи бачаҳо ба чана савор шуданду ба рох даромаданд. Ух, ӯх, чунон шӯру валвалае барҳост, ки... Едигей чанарон буд. Ҳама ба китфу бозӯи ӯ мечаспиданд, ки дар паҳлуяш бинишинанд. Ва ҳама бо як овоз илтимос мекарданд: «Тезтар ҳай кунед, боз тезтар!». Абӯтолиб ва Зарифа гоҳо оҳиставу гох тозон аз паҳлу меомаданд на дар чоҳои нишеб ба канори чана менишастанд. Аз дуроҳа тахмин ду километр дур рафта, дар болои теппае сари

уштурро ба акиб гардонданд ва аз баландй башаст фаромаданд. Уштури бечора хаста шуд. Барои дамгирй муддате карор гирифтанд.

Рӯзи хушхавое буд. Дар пахнои дашти пурбарфи Сари Озек то ба чое ки нури чашму неруи гӯш мерасид, сукути комил хукмфармо буд. Теппахо, хамворихо ва теғахои барфпӯши атроф асроромез метофтанд. Аз осмони бинёбон нури ширранг ва харорати нарме фурӯ мерехт. Насими фораме гӯшхоро навозиш мекард. Аз пеш, аз рохи оҳан катори тӯлонии вагонхояш суп-сурхи кирмизй мегузашт. Қӯшапаровози сиёхе онро кашида мебурд. Аз дудбарои паровозхо дуд халка-халка бар фазо печида, чанд сония муаллак менстод, сипас охиста-охиста парешон ва ноаён мегардид. Паровози пешрав ба семафор наздик расида, дуру дароз бук зад. Боз як бори дигар наъра кашида, аз омаданаш огоҳ кард. Катори даргузаре буд он ва аз паҳлӯи семафор ва чанд хонаву кулбае ки бо вуҷуди бекарории масоҳати атроф дар карибии хатти рох дӯш ба дӯши хамдигар часпида менстоданд, гашти худро суст накарда, гумбуросзанон гузашту рафт.

Ва боз дар хама чой сукунат ва оромй хукмрон шуд. Чизе ба назар намерасид, ки бичунбад ё садое барорад. Фақат аз мӯрии кулбахои Бӯронй дуди кабуде кашол шуда боло мерафт. Хама хомӯш буданд. Хатто бачахои аз сайру саёхат ба вачд омада он лахза лаб фурӯ баста буданд. Зарифа бо овози паст, фақат ба шавҳараш шунавонида гуфт:

— Чй хел нағз! Ва... чй хел ваҳмангез!

— Рост мегӯй,— бо хамон гуна нимовоз чавоб дод Абӯтолиб.

Едигей сари худро нагардонида, бо гӯшаи чашм ба зану шавҳар назар афканд. Ба хамдигар хеле монанд буданд онхо. Суханони бо овози паст, вале барало гуфтаи Зарифа ба қалби Едигей хузн оварданд. Вай баноҳост пай бурд, ки Зарифа ба ин кулбахо ва ба дуди бафазо печандаи онон бо чй гуна дили пурғусса ва пурхарос чашм медӯхтааст! Аммо Едигей аз кӯмак кардан ба онон очиз буд, зеро кулбахое ки дар канори рохи оҳан ба паҳлуи хамдигар чафс шуда менстоданд, ягона сарпаноҳе буданд барои хамаи онон.

Едигей уштурро тезтёна заду ба роҳ андохт. Чана баргашта, ба сӯи дуроха равон шуд.

5 январи соли 1953 соати дахи пагохӣ дар дурохаи Бӯроӣ қатори мусофиркаше қарор гирифт ва хол он ки роҳаш кушода буд ва чун ҳамеша метавонист фурсатро аз даст надода, гузашта биравад. Қатор ҳамагӣ якуним дақиқа истод. Ва ин муддат, зоҳиран, кифоя мекард. Се нафар, ки ҳама мӯзаҳои снёҳи хроми дӯхташон якхела дар по доштанд, аз зинаи яке аз вагонҳо фаромада, рост ба хонаи навбатдорон равона шуданд. Хомӯш, бо тамкин, ба ягон тараф назаре наафканда, мерафтанд, фақат сонияе дар пеши одами барфин тавақкуф карданд. Ба тахтапорае ки калимаҳои ба рӯяш навишташуда онҳоро табрик мегуфт, инчунин ба телпакқӯҳнаи пашмаш рехтаи Қазонқоп, ки ба сари одами барфин пӯшонида буданд, як назар партофтанд. Ва ба хонаи навбатдорон даромаданд.

Пас аз фурсате аз дари хона сардори дурохаи Абилов зада баромад. Чунон башааст баромад, ки кариб рафта ба одами барфин бархӯрда буд. Дашноме доду ҳамчунон бошитоб ба роҳаш рафт. Вай кариб тозон роҳ мерафт, ки ин гуна рафтори ӯро пештар касе надида буд. Пас аз дах дакика хашхашкунон баргашт. Абӯтолиб Кутлибоевро аз сари кораш ёфта, ҳамроҳи худ меовард. Абӯтолиб телпакашро дар даст нигоҳ медошт, ранги рӯяш кандагӣ буд. Ҳамроҳи Абилов ба хонаи навбатдорон ворид шуд. Вале дере нагузашта ҳамроҳи ду нафар мӯзаи хромпӯшон аз он ҷо баромад ва ҳар се ба тарафи хонаи Қутлибоев равона шуданд. Баъди чанд дакика мӯзаи хромпӯшон Абӯтолибро пешандоз карда баргаштанд. Дар дасташон як қабза коғаз буд, ки аз хонаи Абӯтолиб гирифтаанд.

Сонӣ ҳама ҷо сокит гардид. Ба хонаи навбатдорон дигар касе намедаромад ва аз он ҷо низ касе намебаромад.

Ба Едигей дар бораи ин вокеа Уқубала хабар овард. Вай ба километри чаҳоруми роҳ, ки он рӯз таъмир идома дошт, бо супориши Абилов тозон омад. Едигейро ба гӯшае баровард гуфт:

— Абӯтолибро истинток мекунанд.

— Кӣ?

— Намедонам. Чанд кас омада буд. Абилов таъкид кард, ки агар туро такпурсӣ накунанд, нагӯй, ки Соли навро ҳамрохи Абӯтолиб ва Зарифа гузаронида будем.

— Хайр, ин чӣ бадӣ доштааст?

— Намедонам. Вай ҳамту гуфта таъин кард. Ва

боз зинҳор кард, ки соати ду дар хона бош. Аз ту хам чизе мепурсидаанд. Дар хусуси Абӯтолиб.

— Чӣ мепурсанд?

— Ман аз кучо донам? Абилов тарсону ларзон омаду ана хамин гапҳоя таъин кард. Ман ба пеши ту давидам.

Едигей бидуни ин хам соати ду барои наҳорӣ ба хонааш мерафт. Вай дар рох ва дар хона сарфахм рафтанӣ мешуд, ки чӣ вокеае рух дода бошад? Ва худ ба худ чавобе ёфта наметавонист. Оё боз барои гузаштааш, барои асир афтоданаш бозпурсӣ мекарда бошанд? Охир ӯ кайҳо аз санчиш гузашта буд-ку. Боз чӣ лозим? Дилаш танг шуд, сип-сиёх шуд. Аз ӯгро ду кошук ошомиду косаро ба каноре гузошт. Ба соат нигарист. Панҷта кам ду шудааст. Модом ки ба соати ду таъин кардаанд, дар вакташ хозир шудан лозим. Едигей аз хона баромад. Дар назди хонаи навбатдорон Абилов пасу пеш кадам зада мегашт. Бечорахол буд, афсурдаю пажмурда менамуд.

— Чӣ гап?

— Мусибат, Едике, мусибат,— бо харос ба сӯи дар нигохе афканда гуфт Абилов. Лабонаш пир-пир мепариданд.— Кутлибоевро хабс карданд.

— Барои чӣ?

— Аз хонааш хар гуна коғазҳои манъшуда ёфтанд. Охир ҳар шаб нишаста, чизе менавишт-ку! Ин ба хама маълум-ку! Ана окибати нависонавис.

— Вай барои бачаҳои худаш менавишт.

— Намедонам. Намедонам барои кӣ менавишт. Ман хеҷ чиз намедонам. Бирав, туро мунтазиранд.

Дар хонаяки сардори дуроҳа, ки кабинеташ меномиданд, ӯро марди тақрибан хамсиннаш ё андаке аз ӯ чавонтар, тахмин сисолае нигарон буд. Марди чорпаҳлӯи каллакалон буда, мӯйсарашро кӯтоҳ кайчӣ зада бударданд. Вай чизе менавишт ва аз шиддати фикр бинии калонашро арақ пахш мекард. Ба пешонии фарохаш чин андохта, аракии рӯи биниашро пок намуд. Сонитар, дар ҳаман муддати сӯҳбаташон низ бинии аракинашро дам ба дам пок мекард. Аз куттияки рӯи миз хобидан «Казбек» якта папироси думдароз бароварда, миёни ангуштонаш давр занонид, баъд онро оташ дода, чашмони лочинвор зираки маллагунашро ба Едигей дӯхт, ки дар ин асно дар дами дар меистод.

— Бишин,— мухтасар фармуд мардак.

Едигей ба курсии бетакьяи пеши миз нишаст.

— Хӯш, байни мо набояд ягон шубҳае бошад,— гуфт лочинчашм ва аз кисаи сарисинагин кители урфиаш дафтарчаи қаҳварангеро бароварда, қабати онро кушоду дарҳол пӯшид ва номи худро зери лаб ба забон овард. Ё «Тансықбоев» гуфт, ё «Тысықбоев», ба ҳар ҳол Едигей фамилияи ӯро якин нафаҳмид.

— Фаҳмидӣ? — пурсид лочинчашм.

— Фаҳмидам,— ночор чавоб дод Едигей.

— Хӯш, ин тавр бошад, сар мекунем. Мегӯянд, ки ту бехтарин ошиқи Қутлибоев будай.

— Эҳтимол ҳамин тавр бошад, чӣ шудааст?

— Эҳтимол, ҳамин тавр бошад... — такрор намуд лочинчашм ва як қуллоб дуди казбекро фурӯ бурд, гӯё мехост, ки ба маънои ин гап дуруғтар сарфаҳм биравад.— Эҳтимол, хамин тавр бошад... Хӯш, фараз кардем. Фаҳмо, фаҳмо.— Ва ба нохост бо ришханди ногаҳоние дар лаб, бо қаноатмандӣ ва хушҳолие ки дар чашмони шишасон шаффофаш акс ёфтанд, савол дод:— Хӯш, дӯсти азизи ман, бо нависонавис машғулем?

— Қадом нависонавис? — хичолатомез пурсид Едигей.

— Ман ҳам ҳаминро донистан мехохам.

— Ман нафахмидам, ки чиро дар назар доред.

— Нахол? А? Ку, як фикр карда бин.

— Нафаҳмидам, ки чиро мегӯед.

— Қутлибоев чиҳо менависад?

— Намедонам.

— Чӣ хел намедонистай? Хама медонанду фақат ту намедонӣ?

— Медонам, ки чизе менависад. Аммо аз кучо донам, ки чӣ менависад? Кори ман чӣ? Касе навиштан хоҳад, навиштан мегирад. Ба кӣ дахл дорад ин?

— Яъне чӣ хел «ба кӣ дахл дорад?» — лочинчашм аз ғояти тааҷҷуб дар чои нишастааш як қад парид ва нигоҳи барқвор тезашро ба рӯи Едигей дӯхт.— Пас маълум мешавад, хар кас чизе хохад, навиштан мегирад? Инро ба ту ӯ маънидод кард?

— Вай ба ман чизе маънидод накардааст.

Вале лочинчашм ба чавоби ӯ эътиное накард. Вай хамчунон мешӯрид:

— Ана! Ташвикоти душман мана ин хел мешавад! Ту ягон маротиба андеша кардӣ, ки хар касу нокас нависонавис кардан гирад, окибат чӣ мешавад? А? Му-

лоҳиза накарди? Сонӣ ҳар кас фикри ба каллааш омадаро гуфтан мегирад! Хамин тавр не? Ин мафкураи бегонаро аз кучо ёфтӣ? Не, азизам, мо ба ин роҳ намедиҳем. Ба ин хел ҳаракатҳои аксулинқилобӣ ичозат нест!

Едигей хомӯш шуд. Вай аз гаронии он чизе ки ногаҳон ба сараш фурӯ рехтанд, афсурдаю ғамгин шуда буд. Ва сахт дар шигифт буд, ки дар атрофаш ҳеҷ чиз тағьир наёфт. Гӯё вокеае рух надода бошад. Ба тиреза нигоҳ карда дид, ки қатори Тошканд башаст гузашту рафт. Ва лаҳзае ба худ тасаввур намуд, ки мусофирон дар вагонҳо осуда нишаста, аз пои корубор ё эҳтиёчоти худ равонанд; чой ё худ шароб менӯшанд, бо ҳамдигар чақ-чақ мекунанд ва касеро коре нест, ки ӯ дар айни замон дар дуроҳаи Бӯроӣ дар назди мардаки лочинчашме нишастааст, ки аз кучое банохост ба сари ӯ пайдо шуда омадааст. Вай аз таҳти дил, аз қаъри дили фишурда ва озурдаи худ мехост аз хонаи навбатдорон зада барояду аз дунболи қатори дуршаванда бидавад ва ба он навъе карда савор шаваду ба ягон гӯшаи дуньё биравад. Коре кунад, ки дар ин лаҳза дар ин чо, мана дар ин хона набошад.

— Хӯш? — ба суханаш давом мекард лочинчашм.— Мағзи масъала ба ту маълум шуд?

— Маълум шуд,— чавоб дод Едигей.— Фақат як чизро фаҳмидан мехостам. Вай, охир, хотираҳояшро барои бачаҳои худаш навиштан мехост. Он чизе ки, мисол гирем, дар майдони ҷанг, баъди асир афтодан ва партизан шудан ба сараш омада буд. Дар ин кор чӣ чиҳати бад будааст?

— Хм, барои бачаҳо! — хитоб кард мардак.— Ба ин гап кӣ бовар мекунад? Қади бача аз замин нахеста, барои вай кӣ асар менависад? Ба ман афсона лозим не! Душмани зирак ана хамин тавр амал мекунад! Дар чои хилвате пинҳон шуда гирифтааст, дар атроф касе нест, чизе нест, касе ба вай кордор ҳам нест. Вай бошад, бахузур шишта ёддошт менависад!

— Рафту хоҳиши дилаш ҳамту бошад,— эътироз намуд Едигей.— Дилаш хостааст, ки сухани шахсии худашро, якта-нимта фикру андешаҳояшро аз забони худаш навишта монад. Ба умеде ки фарзандҳояш як вакт ба воя мерасанду мехонанд.

— Сухани шахсии худаш? Боз ин чӣ навигарӣ!— сари худро маломатомез ҷунбонида оҳ кашид лочин-

чашм.— Фикру андешаи худ, сухани шахсии худ чӣ маъно доштааст? Назари хосаи худ, оё ҳамин тавр нест? Фикри шахсии худ, яъне ки... Ҳеҷ гуна сухани шахсӣ набояд бошад! Чизе ки ба рӯи коғаз омадааст, дигар фикри шахсӣ нест. Чизе ки ба қалам омадааст, ба теғ намеравад! Ҳар кас хоҳад андешаи худро навиштан мегирифтааст. Дилатон боз ягон чиз намечӯяд? Мана он «Дафтари партизан», дар зери сарлавҳа боз як унвон дорад; «Рӯзгоре дар кишвари Югославия». Ана, ана! — ӯ ба рӯи миз се дафтари серварақи муковаш тунукеро ҳаво дод.— Бетартибҳо! ту ошноятро тарафгирӣ мекунӣ, лекин мо сирру пиёзашро ошкор кардем!

— Чӣ будааст сирру пиёзаш?

Лочинчашм боз дар ҷои нишастааш як қад парид ва дар ҳолате ки мижа таҳ намекарду чашмони шишавор шаффофашро рост ба рухсори Ёдигей дӯхта буд, боз ба хамон нимхандаи иғвогарона ва ҳисси тамасхуромези каноатмандӣ гуфт:

— Чӣ будани сирру пиёзашро мо медонем,— мардак аз талаффузи ҳар як калима ва ба хамсӯҳбат чи гуна таъсир бахшидани он лаззат мебурд.— Ин тарафаш кори мо. Ба ҳар кас арз намекунем.

— Хайр, ихтиёр... — саргарангона гуфт Ёдигей.

— Барои ёддоштҳои душманонааш ҳоло ҷавоб хоҳад дод,— гуфт лочинчашм. Вай тез-тез чизе менавишту сухани худро идома медод: — Умед доштам, ки ту боақлтарӣ, одами худӣ ҳастӣ. Коргари пешкадам. Собиқ ҷанговар. Ба фош кардани сирри душман мадад мекунӣ.

Ёдигей абрӯ дарҳам кашид ва бо овози на чандон баланд, вале равшану бурро гуфт:

— Пешакӣ гуфта монам, ба ягон хел коғаз имзо намекунам.

Лочинчашм ба ӯ ғазаболуд нигоҳ кард.

— Мо ба имзои ту мӯҳтоҷ не. Ба хаёлат, ту имзо накунӣ, кори мо чатоқ? Хато мекунӣ. Бе имзои ту хам хуччати бисьёре дорем, ки ӯро ба ҷавобгарии сахт кашем.

Ёдигей баногоҳ худро хору зор ва оҷизу нотавон дида, хомӯш монд. Ва дар айни замон ҳис мекард, ки ӯ бо он вазъе ки дар пеши назараш ба миён омадааст, ҳаргиз розӣ нест ва чунон ки дар пахнои бахри Арал туғьён кардани мавҷҳоро медид, дар замири дилаш

қаҳру ғазаб ба ҷӯш меомад. Ва дар вуҷудаш хоҳише пайдо шуд, ки мардаки лочинчашмро ба мисли як саги девона хафа карда бикушад. Ва медонист, ки ин кор аз дасташ меояд. Он фашисте ки бо дастони худ хафа карда кушта буд, чи хел гардани серрагу пай мустаҳкаме дошт! Едигейро илочи дигаре набуд. Вақте ки душманро аз мавқеаш зада пеш мекарданд, онҳо дар хандақе ба ҳам рӯ ба рӯ омаданд. Аскарони мо аз паҳлу ҳамла оварда, сангарҳои душманро граната ва тирборон карданд. Хатти мудофиаи ҳариф қариб тамом забт шуд ва аскарон ҳамлаи худро давом доданӣ буданд, ки дар ҳамин асно Едигей бо фашист рӯ ба рӯ омад. Вай, аз афти кор, пулеметчӣ буд ва мехост то охирин тир мукобилат кунад. Вайро асир гирифтан лозим буд. Ин фикр дар шуури Едигей лаҳзае пайдо шуд, аммо немис дарҳол ба сари ӯ корд кашид. Едигей бо каллаи кулаҳхӯдпӯшаш ба рӯи ӯ «шох» зад ва ҳар ду ба замини хандақ ғелиданд. Едигейро ба ҷуз хафа кардани гулӯи фашист, дигар илоҷе набуд. Душман хиросзанон метапид, ба халос шудан мекӯшид ва бо панҷаҳояш атрофи худро мепалмосид, то корди аз даст афкандааашро дарьёвад. Едигей нигарон буд, ки ҳар сония мумкин аст, ба пайкараш теғи фашист фурӯ биравад, бинобар ин хекиртаки душмани даҳон гиз карда ва ранги рӯяш сиёҳ гардидаро наъразанон ва фарьёдкашон бо саъю шиддати афзоянда мечафиду мефушурд. Ва фақат пас аз он ки дами ҳариф ба даруни афтоду бӯи тези пешобаш ба атроф паҳн шуд, панҷаҳои аз ихтилоҷ шахшудааашро аз гулӯи вай бардошт. Ва худи ҳамон лаҳза дилаш бехузур шуд, қай кард ва дар ҳолате ки пеши чашмонашро сиёҳӣ гирифту худаш беихтиёр нолиш мекард, ба каноре хазид.

Едигей аз ин вокеа на он вақт ва на баъдтар ба касе ҳикоят накардааст. Гоҳо ин даҳшат ба хобаш медаромад ва рӯзи дигар ба андозае аз зиндагонӣ дилаш мемонд, ки намедонист сари худро ба кучо бизанад...

Ҳоло низ он вокеаро ба ёд оварду танаш аз кароҳат ларзид. Едигей пай мебурд, ки лочинчашм ба василаи дониш ва макру хилаҳояш дастболо шуданист ва аз ин нукта сахт барошуфт. Лочинчашм ҳамчунон, бо нависонавис машғул буд ва Едигей ҷои сусти далелҳои ӯро мечуст.

— Ман як чизро нафаҳмидам,— гуфт Едигей ва ҳис намуд, ки аз шиддати изтироб ҳалқаш кок шудааст.

Лекин худро маҷбур намуд, ки оромона сухан кунад.— Мисол гирем, ту мегӯй, ки... — вай касдан «ту» гуфт, то лочинчашм бидонад, ки Едигей хушомад нахохад зад ва тарсе хам надорад, зеро аз биёбони Сари Озек дуртар ва хилваттар чое нест, ки ӯро бифиристанд.— Ту, мисол гирем, мегӯй ки,— такрор намуд Едигей,— ёддоштхояш душманона будаанд. Ин чӣ маъно дорад? Ба хаёли ман, одам чизеро ба ёд меоварад, ки як вақтхо будааст ё кайхо гузашта рафтааст. Ин хел қонда нест, ки чизи нағз бошад, ба хотир бинёру чизи ганда бошад, ба ёдат наор, яъне фаромӯш кун. Ба хаёлам, ин хел қонда набуду нест. Фарз кардем, одам хобе дид ва он хобро ба ёд овардан лозим шуд. Хӯш, рафту он хоб хоби ваҳшатнок бошад ва ба табъи касе нафорад?..

— Эх-ха! Ту хеле доништманд будай! Хм, чин занад! — хайрон шуд лочинчашм.—Мухокимаю мунозираро дӯст медоштай... Аз афти кор, файласуфи ин чойхо худат хастӣ. Майлаш, сӯхбат мекунем.— Вай муддате хомӯш нишаста, ба андеша рафт, гӯё харифашро каблан меозмуд ва баъд гуфт: — Дар зиндагонӣ ҳар гуна воқеахо рӯй мединханд, аз чумла воқеоти таърихӣ. Лекин ин аҳамият надорад. Давран гузаштаро хоҳ дар наклхои дахонӣ, хоҳ алалхусус хаттӣ ба тарзе ёдоварӣ ва тасвир кардан лозим аст, ки хозир талаб карда мешавад ё ҳозир барои мо мувофик аст. Ва хар чизе ки барои мо фоида надорад, ба хотир оварданаш даркор нест. Агар хамин нуктаро риоя накунӣ, рафторат бадхоҳона мебарояд.

— Ман розӣ не,— гуфт Едигей.— Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин не.

— Лекин ризоияти ту хам ба касе лозим нест. Ман дар омади гап гуфтам. Ту савол додӣ, ин хам як кори савоб гуфта, чавоб дода истодаам. Ман аслан набояд бо ту мунозира карда нишинам. Хайр, бинё, аз гапи хушку холӣ ба кори амалӣ бигзарем. Бигӯ, Кутлибоев ягон вакт, фарз кардем, ҳангоми сӯхбати махрамона, мисол гирем, баъди андак шароб нӯшидан ягон номи англисиро ба забон наоварда буд?

— Барои чӣ ин тавр мекардааст? — ба тааҷҷуб афтод Едигей.

— Хозир ба ту мефаҳмонам.— Лочинчашм аз он се «Дафтари партизан» якеро кушода, сатрхоеро ки ба такаш бо калами сурх хат кашида шуда буд, хонда дод: — «27 сентябрь ба мавқеи қисмхои мо намояндагони

Англия омаданд. Як полковнику ду майор. Мо аз пеши онҳо саф баста гузаштем. Онҳо моро табрик намуданд. Сонӣ дар хайман командирон барои онҳо зиёфат оростанд. Мо, чанд нафар партизанҳои хоричаро, ки дар байни югославҳо будем, низ даъват намуданд. Вакте ки маро ба полковник шиносониданд, вай дастамро бо мехрубонӣ фушурда, ба воситаи тарчумон савол дод, ки аз кучо мешавам ва чи тавр ба ин кишвар афтодаам. Ман мухтасар хикоят кардам. Барои ман хам шароб рехтанд ва ман хамрохашон нӯшидам. Баъд дуру дароз сӯҳбат карда нишастем. Англисҳо одамони оддии кушодарӯ будаанд, ба ман маъқул шуданд. Полковник гуфт, бахти бузургамон мададгор шудааст мо дар Аврупо ҳама бар зидди фашизм муттахид гардидем. Саҳехтараш, тақдир дастгирамон шудааст, гуфт ӯ. Дар акси ҳол мубориза бо Гитлер боз мушкилтар мегардид ё, эҳтимол, барои халкхои пароканда бо окибати мусибатомез анҷом меёфт» ва ғайра ва ҳоказо.— Лочинчашм иқтибосро қатъ намуда, дафтарро ба канора бигузошт. Боз якта казбекро оташ дода, дуди онро фурӯ бурд ва пуф карду суханашро давом кунонид:— Маълум мешавад, Қутлибоев ба полковники англис нагуфтааст, ки агар заковати Сталин намешуд, онҳо дар Аврупояшон чӣ қадар партизанӣ, ё дигар корҳо кунанд хам, ғалаба ба даст намеомад. Пас, Қутлибоев рафик Сталинро хатто дар ёд надоштааст! Фахмидӣ гап дар кучо?

— Шояд ӯ дар ин хусус гуфта бошад,— Абӯтолибро ҳимоя кардани мешуд Едигей.— Гуфтаасту аммо баъд навиштанро фаромӯш кардааст.

— Хӯш, далел ку? Чӣ тавр исбот мекунӣ? Илова ба ин мо баёноти соли чилу панҷум пас аз баргаштан аз қисмҳои партизании Югославия ба комиссияи санҷиш додаи Қутлибоевро дида баромадем. Дар он ҳуҷҷат дар бораи намояндаҳои Англия як калима нест. Пас, дар ин чо як чатоқӣ ҳаст. Кӣ зомин шуда метавонад, ки вай бо разведкаи англис алока надоштааст?

Боз дили Едигей сиёҳ шуд ва сахт фишор хӯрд. Вай сарфахм намерафт, ки лочинчашм чӣ ғаразе дорад ва гапро печонида, ба кучо бурданист.

— Қутлибоев ба ту ягон чиз нагуфтааст? Ба ёдат биор, номҳои англисиро аз ӯ нашунидай? Мо бояд бидонем, ки он намояндаҳои Англия махз киҳо буданд.

— Номҳои англисӣ чӣ хел мешаванд?

— Хайр, мисол гирем, Чон, Кларк, Смит, Чек...

— Дар умрам нашунидаам.

Лочинчашм ба андеша рафт, чеҳрааш тира гардид. Вай аз мулоқоташ бо Едигей зоҳиран норозӣ буд. Баъди муддате бо оҳанги соддалавҳона пурсид:

— Мегӯянд, ки вай дар ин ҷо чӣ хел як мактабе кушода, бачаҳоро таълим медодааст?

— Э, мактаби чӣ? — беихтиёр хандид Едигей.—Худаш ду писарак дорад, ман ду духтарча. Буду шуди мактабаш ҳамин. Калониҳошон панҷсола, майдатарашон — сесола. Бачаҳо ягон шуғл надоранд, чор тараф — биёбон. Ҳаминҳо-катӣ машғул мешаванд, яъне ки тарбият мекунанд. Ба ҳар ҳол ҳам худаш, ҳам занаш пештар муаллимӣ мекардаанд. Китоб мехонанд, хӯш ки бошад, расм мекашанд, як чиз-ним чиз навиштанро, шумурданро машқ мекунанд. Ана ҳамин мактабашон.

— Чӣ хел сурудҳо мехонданд?

— Ҳар хел. Сурудҳои бачагона-дия. Ба ёдам намондааст.

— Чиҳоро машқ медод? Бачаҳо чӣ менавиштанд?

— Ҳарф менавиштанд. Калимаҳои муқаррарӣ.

— Масалан, кадом калимаҳо?

— Кадом калима? Дар хотирам нест.

— Мана ин калимаҳо! — хитоб кард лочинчашм ва аз байни коғазҳо чанд варақ дафтари талабагиро бароварда, ки ба рӯяш хати качу килеби кӯдакона кашида шуда буд.— Ана аввалин калимаҳошон! — Ба сафҳаи коғаз дасти кӯдаке «Хонаи мо» навишта буд.— Дидӣ, нахустин бор кӯдак қалам ба даст гирифта, чӣ навиштааст? «Хонаи мо». Хӯш, чаро «Ғалабаи мо» не? Аввалин калима дар забони ҳар як шахс бояд чӣ бошад? А? Ку, андак фикр кун, «Ғалабаи мо» — бояд нахустин сухан бошад! Ё гапам нодуруст? Хӯш, чаро ин сухан ба каллаи вай наомадааст? Ғалаба ва Сталин ҷудоинопазиранд!

Едигей гаранг шуда монд. Вай аз ҳаман ин гуфтугузор худро чунон хору залил ҳис намуд ва ба ҳоли Абӯтолибу Зарифа, ки ба таълиму тарбияти кӯдакон ин қадар қувват ва фурсати худро сарф мекарданд, ба андозае дилаш сӯхт ва, ниҳоят, дар вуҷуди худаш низ он қадар хашму ғазаб ба ҷӯш омад, ки ба лочинчашм бенбо нигоҳ карда гуфт:

— Агар ин тавр бошад, пас дар навбати аввал «Ле-

нини мо» навиштан лозим буд. Ленин ба ҳар ҳол дар ҷои якум меистад.

Аз ин гапи ногаҳонӣ дами лочинчашм ба дарун афтод. Соңӣ ӯ ба худ омада, муддати мадиде дуди дар шушҳояш ғуншударо ба фазои хона пуф мекард. Сипас аз чояш бархост. Эҳтимол, мехост, ки ба пасу пеш қадам занад, аммо дар он хоначаи танг барои ин кор имконияте набуд.

— Мо Сталин мегӯему Ленинро дар назар дорем,— гуфт ӯ калимаҳоро якта-якта ва гӯё талаффуз карда. Сипас ба мисли давандагони ба марра расида сабук-сабук нафас кашида, бо оҳанги оштичӯёна илова намуд: — Хуб, фарз кардем, ки байни мову ту ҳамин гуфтугӯ нашудааст.

Вай ба чояш нишаст ва боз дар чеҳраи аз ифодаи эҳсос бенишонаш чашмони андаке малларанги лочинвор зираку равшанаш дурахшон гардиданд.

— Ба дасти мо маълумот расидааст, ки Қутлибоев ба таълими бачаҳо дар интернат зид будааст. Ба ин чӣ мегӯӣ? Ту дар он сӯҳбат ҳузур доштай...

— Ин хел маълумот аз кучо расидааст? Кӣ додааст? — Ҳайрон шуд Едигей ва дарҳол аз дилаш гузашт: ин кори Абилов аст, решаи ҳаман ин гапу калоча сардори дуроҳа аст. Ҳа, вай оварда расонидааст, чунки ин гуна сӯҳбат дар ҳузури вай шуда буд.

Лочинчашм аз саволи Едигей сахт ба ғазаб омад:

— Гӯш кун, ман ба ту як бор гуфтам: чӣ хел маълумот омадааст у аз кучо омадааст — ин кори мо. Мо ба касе ҳисобот намедиҳем. Инро ба гӯшат ҳалқа карда мон. Ку, нақл кун Қутлибоев чиҳо гуфт?

— Чиҳо гуфта буд? Ба хотир овардан лозим. Ҳа, дар дуроҳаи мо кӯҳнатарин коргар Қазонқоп аст. Писари ана хамин Қазонқоп дар интернати истгоҳи Кумбел мехонад. Ин писарак саҳл-паҳл шӯрапуштӣ дорад, гоҳ-гоҳе дурӯғ мегӯяд. Хайр, бача-дия, маълум. Арафаи якуми сентябрь буд, Собитҷон мебоист ба хондан мерафт. Падараш ба уштур савор карду бурд. Модараш бошад, яъне ки зани Қазонқоп — Букей оби дида рехта, шикоят мекард. Ин чӣ бало буд, мегуфт, бача ба интернат рафту бегона шуд. Ба хона, ба падару модар, мегуфт, иштара барин меҳр надорад, дилаш ягон зарра кашол не. Хайр, охир як зани чаласавод-дия апаи Букей. Албатта, ба вай хам осон не. Писарро аз як

тараф хонондан лозим, аз тарафи дигар, вай моххо, солҳо аз чашм дур мегардад...

— Хайр, хуб,— сухани Едигейро бурид лочинчашм. — Ба ин гап Қутлибоев чӣ гуфт?

— Вай ҳам дар байни мо буд. Гуфт, ки модар аз носозгорӣ бо як гӯшаи дилаш пай бурдааст. Чунки зарурати дар интернатҳо таълим додани бачаҳо на аз созгории зиндагонист. Интернат бачаро аз оила, аз падару модар чудо мекунад, чудо не, балки дур мекунад. Аммо ин масъала аз муаммоҳои мушкил аст, гуфт. Ҳам барои ӯ мушкил, ҳам барои дигарон. Аммо чӣ илоҷ, мо-дом ки ҳанӯз имконияти дигар нест. Ман фикри ӯро фаҳмидам. Фарзандони мо низ ба воя мерасанд. Лекин аз ҳоло дил дар андеша, ки рафта-рафта оқибат чӣ мешавад. Албатта, хуб нест, ки...

— Соӣ мегӯӣ,— сухани Едигейро бурид лочинчашм, — Пас вай гуфт, ки интернати советӣ бад аст?

— «Советӣ» нагуфтааст. Ҳамту интернат гуфт. Интернати мо дар Қумбел аст. Онро ман «бад» гуфтам.

— Хайр, ин аҳамият надорад. Қумбел ҳам як қарияи Иттифоқи Советист.

— Барои чӣ аҳамият надоштааст! — боз ба ғазаб омад Едигей, чун дид, ки ӯро боз ба тори ҳила мепечонанд.— Чизи ногуфтаро ба касе часпонидан чӣ лозим! Ман ҳам ба вай ҳамфикр ҳастам. Дар ин дуроҳа нею дар ягон чои дигар мезистам, бачаҳоямро ба ҳеҷ вачҳ ба ягон интернат намедодам. Ақидан ман ана ҳамин. Хӯш, аз ин мебарояд, ки...

— Майлат. Акидаат ҳамин бошад, ҳамин,— боз мияни сӯҳбатро бурид лочинчашм. Ва даме хомӯш монда, ба суханаш идома дод: — Хӯ-ӯш, акнун ба як хулоса меоем. Маълум шуд, ки Қутлибоев ба тарбияти дастчамъона муқобил будааст. Оё ҳамин тавр нест?

— Ҳаргиз муқобил нест!—токат карда натавонист Едигей.—Ба як кас тӯҳмат кардан чӣ даркор? Худаш чӣ гап?

— Шуд, бас,— беэътино гуфт лочинчашм, ки шарху эзоҳро барзиёд мешуморид.— Акнун ба ман бигӯ, ки ин чӣ дафтарест, мана номаш «Мурғи Доненбой» будааст? Қутлибоев мегӯяд, ки онро аз даҳони Қазонқоп ва қисман ту навишта гирифтааст. Оё рост аст?

— Рост! Рост! — чеҳраи Едигей андак боз шуд.— Ин чо, дар даштҳои Сари Озек ҳамин хел қисса ҳаст, яъне ки достон. Дар масофае аз ин чо қабристони най-

манҳо воқеъ гаштааст, як замонҳо кабристони найманҳо будааст, ҳоло умумӣ шудааст, номаш Она-Байт. Он чо Найман-Онаро дафн кардаанд, ки писараш, манқурт куштааст...

— Хайр, кифоя, дафтарро мехонем, мебинем, ки ин чӣ гуна мурғе будааст, дар таки коса чӣ нимкосае будааст,— гуфт лочинчашм ва дафтарро варақ задан гирифт. Варақ мезаду бо садои шунаво мулоҳизаҳои худро изҳор медошт:— Мурғи Доненбой, ҳм, як ном ёфтаанд, ки... Қоил ман, номи одамро ба пои мурғ бастаанд. Оббо, нависанда шаву бирав-е. Мухтор Ауэзови нав баромадааст гӯё. Ҳм, вассофи замонҳои феодалӣ, Мурғи Доненбой, тавба! Ба хаёлаш, мо сарфаҳм наметавем... Дар як гӯшаяк нишаста, иму ҷим нависонавис мекардааст. Барои кӯдаконаш менавиштааст, яъне масалан. Хӯш, инаш чӣ? Ин ҳам барои бачаҳо навишта шудааст? — лочинчашм боз як дафтари ғафси муковатунукро ба манаҳи Едигей наздик овард.

— Чист ин? — нафаҳмид Едигей.

— Чӣ? Инро бояд ту донӣ. Мана унвонаш: «Сухани Раҳималӣ оғо бо додараш Абдулхон».

— Ҳа, воқеан, ин ҳам достон,— гуфт Едигей.— Қиссаи воқеӣ. Куҳансолон онро хуб медонанд...

— Хотирҷамъ бош, ман ҳам медонам,— сухани ӯро қатъ намуд лочинчашм.— Ба гӯшам як ҳаво расида буд. Марди пири аз ақл бегонашуда ба духтари нуздаҳ сола ошиқ шудааст. Кӯҷои ин нағз будааст? Маълум мешавад, ин Қутлибоев на фақат як зоти бадхоҳ, балки шахси фосиқ ҳам будааст. Ина бинед, чи қадар зӯр зада, ҳаман ин фасодро батафсил навишта гирифтааст!

Едигей суп-сурх шуд. На аз хиҷолат, балки аз ғазаб хун ба сараш зад, зеро ноадолатии аз ин бештареро ба Абӯтолиб раво дидан аз доираи имкон берун буд. Ва Едигей базӯр худро ба даст гирифта, гуфт:

— Хой, эҳтимол, ту дар ягон ҷо сардори калон ҳам бошӣ. Лекин дар ин хусус ту ба вай нарас. Ҳар кас ба мисли вай падар ва шавҳар шуда метавонист, ба худо шукрона мегуфт. Чӣ гуна инсон будани ӯро дар ин ҷо ба ту ҳар кас гуфта метавонад. Мо ҳамагӣ чанд танем ва ҳамдигарро нағз медонем.

— Хайр, майлаш, ором шав,— чавоб дод лочинчашм.— Каллаи ҳамаатонро гиҷ кардааст. Душман ҳамеша никоб мепӯшад. Лекин мо никобашро кушода мепартоем. Гап тамом, ба ту рухсат.

Едигей аз чояш бархост. Телпакашро пӯшиду даме дудила шуда истод.

— Тақдири вай акнун чӣ мешавад? Окибаташро мегӯям. Факат барои хамин дафтархо одамро хабс мекунед?

Лочинчашм часта аз сари миз бархост.

— Гӯш кун, ман ба ту боз як бор мегӯям: ин кори ту не! Душманро чӣ хел дастгир мекунанд, бо вай чӣ гуна муомила мекунанд ва чӣ чазое медиханд,— хаман ин кори мо! Ту ташвиш накаш ҳам машавад. Рохи худу кори худата дон. Бирав!

Хамон рӯз шомгохон дар дурохан Бӯронӣ катори мусофиркаше бори дуввум карор гирифт. Ин дафъа катор ба самти мукобил мерафт. Фақат се дақика истод.

Дар наздикии рохи якум хамон се нафар мӯзаи хромпӯшон, ки Абӯтолиб Кутлибоевро хамрохи худ мебурданд, дар хавои нимторик мунтазири катор меистоданд. Каме дуртар аз онон, ки бо пайкари худ чуссаи Абӯтолибро панах мекарданд, бӯронихо — Зарифа ва писарчахояш, Едигей ва Укубала рост меистоданд. Сардори дуроха Абилов беист ин сӯву он сӯ кадам зада, ба як тарзи ночиз ва ночоя парешонхолии худро намоиш медод, чунки катор назар ба чадвали ҳаракат ним соат дер мемонд. Абилов дар чое карор гирифта, ором меистод, бехтар буд, зеро дермонии катор ба ӯ дахле надошт. Казонкон хам бо бахонан достонхои аз хонаи Абӯтолиб ёфтшуда аз маросими истинток гузашта буд. Вай он дам дар баромадгохи дуроха дар сари васлгохи роххо меистод ва мебоист бо дасти худ барои он катор рох мекушод, ки Абӯтолибро ба чохои дуродур аз дашти Сари Озек мебурд. Букей хамроҳи духтарчахои Едигей дар хона монда буд.

Се нафар мӯзаи хромпӯшон гиребони пальтоҳои худро бардошта ва пайкари Абӯтолибро бо чуссахои худ панах намуда, дар хомӯшии том рост-рост меистоданд. Бӯронихое ки ба хайрбод гуфтан ба Абӯтолиб омада буданд, низ сукут меварзиданд.

Бод паст-паст хуштак мекашид ва барфи рӯи замино хиш-р-хишир меруфт. Аз хаво бӯи бӯрон мео ад. Дар осмони торику сарди Сари Озек пардаи зулмот торафт бештар доман мегустарид. Курси мох дар гӯшае, ба мисли лаккаи нимрангу танхое падидор буд ва бо намуди гамангезаш ба хузни осмон хузи меафзуд. Аз шиддати сармо чехрахои одамон сӯзиш мекард.

Зарифа фиқ-фиқ мегирист. Дар даст гирехаке дошт, ки ба он либосу тўшаи шавҳарашро баста буд. Укубала дам ба дам оҳи гарон мекашид ва аз дахонаш фағонаи бухор баромада, пешопеши бод давида мерафт. Вай зери домани пўстин Даулро панох дода меистод. Даул, зоҳиран, чизеро пай бурда буд, ба тани холаи Укубала чафс шуда, сокит меистод. Эрмекро Едигей ба сари даст гирифта ва бо пайкараш аз ҳамлахон бод ҳифз мекард. Писараки хурдй ба чизе сарфаҳм намерафт.

— Отаякам, отаяк!—фарьёд мекард ў падарашро,— Ин сў биё, назди мо биё. Мо ҳам ҳамрохат меравем.

Ҳар боре ки Абўтолиб овози ўро шунид, баданаш меларзид, ғайри ихтиёр ба ў рўй оварда, дар чавоб чизе гуфтанй мешуд, аммо ба вай иҷозат намедоданд, ки ба ин сў нигоҳ кунад. Ниҳоят, яке аз он се нафар токат карда натавонисту бонг зад:

— Дар ин чо наистед! Ба шумо мегўям! Биравед, аз ин чо, сонитар меоед.

Онҳо ночор ба канортар бирафтанд.

Инак, аз дур чароғи паровоз намоён шуд ва ҳама ба ҷунбиш омаданд. Садои гирьяи Зарифа баландтар шуд. Акнун Укубала низ баробари ў мегирист. Қатор бори гарони фирокро бардошта меомад. Бо шўълаи чароғи бузургаш пардаи ғафсу сарди торикиро дарида, ҷуссаи азиму тирафомашро аз миёни анбўҳи туман бо гумбуроси салобатноке пеш кашида меомад. Ҳар қадар ки наздиктар бияд, чароғҳои шўълавараш аз сатҳи замин ҳамон қадар баландтар мешуданд, шўриши барф дар васати рельсҳо равшантар ба назар мерасид, садои чарху тупию бозувони паровоз баландтар мегардиду изтироби дилҳоро зиёдтар менамуд. Ниҳоят, тарҳи қатор аён гардид.

— Отаякам, отаяк! Нигоҳ кун, катор омад! — фарьёд мекашид Эрмек ва аз чавоб надодани падар ҳайрон шуда, хомўш мегардид. Вале пас аз лаҳзае боз диккати ўро ба худ ҷалб кардани мешуд: — Отаякам! Отаяк!

Сардори дуроҳа Абилов, ки ҳамчунон давуғеҷ карда мегашт, ба назди он се нафар омад:

— Вагони почта дар саргаҳи қатор. Мархамат кунед, пештар, хо ба он чо бигзаред.

Ҳама бо шитоб ба самти нишон додаи ў равон шуданд. Қатор ҳам наздик мерасид. Пешопеши ҳама лочинчашми портфельдор ба пасаш нигоҳ накарда ме-

рафт, аз дунболи ӯ ду нафар дастьёрони шонапаҳнаш Абӯтолиброро ҳамроҳӣ мекарданд ва дар фосилае аз онҳо Зарифа ва аз дунболи ӯ Укубала мерафт, ки аз дасти Даул дошта буд. Едигей Эрмекро дар бағал гирифта, андаке аз пас ва аз паҳлӯ қадам мезад. Вай ба худ эб намедид, ки гиристанашро занон ва кӯдакон бубинанд. Роҳ мерафту худ бо худ дар талош буд, зӯр мезад, ки гираҳи лӯндаю гарони дар гулӯяш дармондароро фурӯ барад.

— Ту, Эрмекчон, писараки боақлӣ. Боақл, а? Ҳа, боақл, ту гирья намекуни, хуб? — писарашро ба синааш ҷафс намуда, зери лаб парешонҳолона гап мезад ӯ.

Дар ин асно катор гашти худро суст намуда, ба истгоҳ наздик мерасид. Вақте паровоз ба онҳо баробар шуду боз кадре пеш гузашт ва баногоҳ сахт фашшос зада, бухори барзиёдашро ба ҳаво сар дод ва дар айни замон чирроси хуштаки кондуктор баланд шуд, бача дар бағали Едигей аз тарс як қад парид.

— Натарс, натарс,— гуфт Едигей.— То даме ки ман ҳастам, аз ҳеҷ чиз натарс. Ман ҳамеша ҳамроҳи ту хоҳам буд.

Катор ғичирроси дуру дарози гӯшхароше бароварда бозистод. Вагонҳои аз сармо ва гарди барф сап-сафед гашта бо тирезаҳои яхбастаи хираашон қарор гирифтанд. Даме сукунат ҳукмрон шуд, вале дере нагузашта, паровоз боз фашшос зада, буғ сар дод ва ба роҳ омода шуд. Вагони почта аз дунболи вагони бағочкаш меистод. Тирезаҳояш шабака доштанд, дари дутабақааш дар мобайни вагон воқеъ буд. Дар аз дарун кушода шуду як марду як зан намудор шуданд, ки фуражкаҳои расмии ходимони почта, шалвору нимтанаҳои пахтадор пӯшида буданд. Зан фонусе дошт ва зоҳиран дар рутба калонтар буд. Зани фарбеҳи синафарохе буд.

— Ҳа, ин шумоед? — гуфт ӯ ва фонусро баробари сараш бардошт, то аз шунаҳи он чеҳраи хозирон равшан шавад.— Мо мунтазир. Чой тайёр.

Аз ҳама пеш лочинчашм портфели калонашро бардошта баромад.

— Ҳа, зуд бошед, зудтар, фурсат танг! — дарҳол ба шитоб кунонидан сар карданд он ду нафар.

— Ман зуд меоям! Иштибоҳ шудааст! — саросема мегуфт Абӯтолиб,— зуд бармегардам, нигарон бошед!

Укубала дигар тоқат карда натавонист. Вақте ки Абӯтолиб бо кӯдаконаш хайрухуш мекард, бо овози ба-

ланд гирья кард. Абӯтолиб писаракони харосон ва чизе пай набурдаашро сахт ба сина мефушурд, мебӯсид ва чизе мегуфт. Паровоз омодан рох буд. Хаман ин чунбучӯл дар партави фонуси дасти сурат мегирифт. Ва боз чирроси тезу гӯшхарош ва дилфигори ҳуштак баланд шуду чун синони барқ сар то поёни қатор башаст парида рафт.

— Шуд, шуд, бас, савор шав! — гӯён он ду нафар Абӯтолибро ба сӯи зинаи вагон кашиданд.

Едигей ва Абӯтолиб фурсате дарьёфта, ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд ва лаҳзае дар ҳамин ҳол истоданд. Рухсорахои тар ва риши расидаашонро ба ҳам чафс карда менстоданду маъною мохияти рӯйдодро, бо аклу фаросот, бо замири дил ва хаман хастии худ дарк мекарданд.

— Ба онхо аз баҳр бисьёртар хикоят кун!— охиста гуфт Абӯтолиб.

Охирин сухани вай ҳамин буд. Едигей фаҳмид. Падар илтимос мекард, ки ба писараконаш аз Баҳри Арал ривоят кунад.

— Хайр, бас акнун, шуд, шуд, тезтар савор шав! — гӯён онхоро аз ҳам чудо карданд.

Он ду нафар Абӯтолибро аз пас бо китфхояшон тела дода, ба вагон савор карданд. Ва бачахо аз мохияти талхи чудой факат акнун пай бурда, хар ду баробар гиристанду фарьёд кашиданд:

— Отаяк! Дадачон? Отаякам! Дада, дадачон!

Ва Едигей, ки Эрмек дар бағалаш буд, ногох худро ба сӯи вагон андохт.

— Ба кучо? Ту ба кучо рафтанӣ? Э хушата ба чояш биёр! — зани фонусдор Едигейро бо хашм аз сина тела дода дур мекард ва бо китфи фарохи худ дами дарро мегирифт.

Касе дар он лаҳза намедонист, ки Едигей ҳозир буд агар илочаш бошад, ба чои Абӯтолиб савор шавад, то дар рох лочинчашмро бо дастони худ хафа карда бикушад. Фарьёди бачаҳоро шунида, косаи сабраш дигар лаброз гашта буд.

— Дар ин чо наистед! Биравед аз ин чо, биравед!— дод мегуфт зани фонусдор. Ва роғае бухор аз даҳони ӯ баромада, ба рӯи Едигей расид ва бӯи махлути тамоку ва пиёзро ба димоғаш овард.

Зарифа гирехаки дар дасташ бударо акнун ба ёд овард.

— Тӯшан рох, ба вай диҳед — гуфт ӯ ва гирехакро ба даруни вагон партофт.

Дари вагонро бастанд. Атроф хомӯш шуд. Паровоз бук заду ба ҳаракат даромад. Дар ҳавои сард чарххо ғичиррос мезаданд ва суръати даврзаниашон тадричан меафзуд.

Бӯроніҳо ғайрихтиёр аз дунболи қатор, аз паҳлӯи вагони дарбаста қадам мезаданд. Пештар аз хама хушш Укубала ба қояш омад. Вай аз бозуи Зарифа дошту ба канораш кашид ва дигар раҳо накард.

— Даул, нарав! Бинст, писарам, ҳамин қо бинст! Аз дасти модарат бикап! — бо овози баланд мегуфт ӯ, зеро мехост овозаш аз гумбуроси чарххои торафт тезтар даванда баландтар бароянд.

Едигей Эрмек дар бағал боз масофае аз паҳлуи қатор тозон рафт ва факат баъди он ки вагони охирин аз пешаш гузашт, аз рох бозистод. Қатор дур бирафт, садои чарххо ва охирин нури чароғҳояш низ хомӯш гардиданд. Танҳо боз як буқи тӯлонии паровоз аз дуродур ба гӯшхо расид...

Едигей пас гашт. Муддати мадиде кӯдаки гирьёнро ором карда наметавонист...

Нимшаби дар хона назди печка нимбехушу нимкарахт менишаст. Банохост Абилов ба ёдаш расид. Охиста аз чой бархосту ба либоспӯшӣ даромад. Укубала аз нияташ пай бурд.

— Ха, ба кучо? — аз дасти шавхараш маҳкам капид.— Даст нарасон ба вай, ха, хатто якта ангуштатро ба вай намерасонӣ! Занаш дучон, фахмидӣ? Ғайр аз ин ҳак хам надорӣ. Чӣ хел исбот мекунӣ?

— Ташвиш накаш,— оромона чавоб дод Едигей.— Даст намерасонам, лекин вай бояд бидонад, ки ба ягон чои дигар кӯчида равад, ба худаш бехтар мешавад. Ба ту қавл медиҳам, як тора мӯяш кам намешавад. Бовар кун! — гуфт ва дасти худро ворахонида аз хона баромад.

Дар хонаи Абилов чароғ фурӯзон буд. Пас, ҳанӯз бедоранд.

Едигей барфи пайраҳаро ғирч-ғирч зер карда, ба дари хона наздик шуд ва онро тақ-тақ зад. Дарро Абилов боз кард.

— Ха, Едике, биё, биё,— бо овози ҳаросон гуфт ӯ ва ранги рӯяш парида, худро ба кафо кашид.

Едигей дар иҳотаи абри сафеди бухор хомӯш ба

хона даромад ва аз остона дур нарафта, дарро аз пасаш пӯшид.

— Ту ин бечорахоро барои чӣ ятим кардӣ? — гуфт ӯ дар ҳоле ки саъй дошт худро ба даст бигирад.

Абилов гурсӣ ба зону бияфтод ва чорпоя хазида, ба домани пӯстини нимтанан Едигей даст ёзонид.

— Худо занад, Едике, ман не! Мана, худат медонӣ, занам дучон аст, ба сари фарзанди таваллуднашудаам қасам мехурам! — савганд ёд кард ӯ ба тарафи зани ҳомилаи аз тарс шах шуда мондааш рӯй гардонида ва саросемаву телба шуда, ба гап даромад: — Худо занад, Едике, ман не! Наход аз ман гумонбар шавӣ-а? Ин кори ҳамон муфаттиш! Ба ёдат биор. Фақат пурсуков мекард, ки вай чӣ менависаду барои чӣ менависад. Ин кори ҳамон муфаттиш. Наход аз ман шубҳа куний! Рӯи фарзанда набинам-а! Ои чо, дар пеши қатор чӣ кор карданама намедонистам, замин накафид, ки дароям! Ҳамон муфаттиш гаштаву баргашта савол медод, ба дилам даст меандохт, ҳама чиза пурсида гирифт. Ман, охир, аз кучо донам... Агар медонистам, ки...

— Хайр, бас,— сухани ӯро бурид Едигей.— Бихез, одам барин дуруттар гапзанон кунем. Мана занат ҳам дар пешат. Илоҳо сиҳат-саломат чашмаш равшан шавад. Ҳозир гап дар ин хусус не. Фарз кардем, ки ту гуноҳ надорӣ. Дар кучо зиндагонӣ кардан барои ту фарқ надорад. Мо бошем, эҳтимол, то охири умрамон ин чо бимонем. Ту як андеша карда бин. Вақту соаташ катӣ ба ягон кори дигар бигзарӣ, шояд барои худат беҳтар шавад. Маслиҳати ман ҳамин. Тамом. Дигар ба ин масъала барнамегардем. Ҳамин қадар гап доштам ба ту...

Едигей аз хонаи Абилов баромада, дарашро пӯшонид.

IX

Дар Укьёнуси Ором, дар самти чануби чазирахои Алеут рӯз аз пешин гузашта буд. Ин чо хамчунон нимтӯфоне ҳукмфармой мекарду аз уфук то уфук, сар то сари масоҳати беканоре ки чашм мерасид, мавҷҳо ба мисли пуштахои пуркафки чӯшон дунболи ҳамдигар медавиданд ва тавонои олами ҳамеша мутаҳаррики обро намоиш медоданд. Киштии ҳавопаймобари «Кон-

венция» дар рӯи амвоҷ сабук-сабук алвонҷ мехӯрд. Вай дар ҳамон чон пешинааш буд, дар масофаи баробаре дар роҳи ҳавоии байни Сан-Франциско ва Владивосток. Ҳаман қитъаҳои киштии барномаи илмии байналхалқӣ хидмати худро бо шиддат идома медоданд ва омодаи амр ва амал буданд.

Дар саҳни киштии ҳавопаймобар машвarати таъҷилии комиссияҳои махсус онд ба таҳқиқи вазъияти фавкулоддае, ки дар асари кашфи тамаддуни ғайризамини дар системаи Хуршеди Дастгир ба амал омада буд, ба анҷом мерасид. Паритет-кайҳоннавардони 2-1 ва 1-2, ки ҳамроҳи сокинони сайёраи ношинос худсарона сафар карда буданд, ҳанӯз дар сайёраи Пайкараи Чангалистон умр ба сар мебурданд ва аз тарафи Мармутидор ба василаи радиоалоқа бо қароргоҳи мадории «Паритет» се маротиба огоҳонида шуданд, ки то фармони махсуси Мармутидор нарасад, хеҷ гуна иқдоме пеш нагиранд.

Ин талаботи қатъии Мармутидор дар воқеъ на фақат нишонаи ошуфтагии мутахассисони сохибхирад, балки гувоҳи он вазъияти бағоят мураккабу торафт тезу тундшаванда ва авҷи шиддати ихтилофот дар муносибати тарафайн буд, ки он ихтилофҳо метавонистанд ба хавфи тамоман қатъ шудани ҳамкорӣ ва ҳатто такобули ошкоро оварда расонанд. Барномаи «Демиург», яъне он чизе ба ҳамин қарибӣ тарафайнро ба манфиати иттиҳоди иқтидори илмию техникии давлатҳои пешдаст ба ҳам наздик месохт, дар назди бузургмуаммое, ки дар натичаи кашфи тамаддуни ғайризамини ногаҳон пайдо шуд, аҳамияти пештараи худро якбора гум кард. Аъзоёни комиссияҳо фақат як нуктаро равшан медиданд: ин кашфиёти бемислу монанд пояҳои ҷамоати муосири олам, кулли он чизеро ки дар шуури наслҳо дар бадали қарнҳо таълим ва талқин мешуду таркиб ва тарбият меёфт, яъне ҳамин м^ҷмӯи қоидаву суннатҳои зиндагонии ононро ба вартаи озмоиши куллӣ меафканд. Оё ба чунин иқдоми пурхатар ки метавонист ҷуръат бикунад? Ва ҳол он ки боз андешаҳои онд ба амнияти кулли кураи арз низ вуҷуд доштанд.

Ва дар ин марҳила, чунонки ҳамеша дар лаҳзаҳои бӯҳронии таърих мешуд, ихтилофоти асосии ду системаи гуногуни ҷамъиятӣ ва снёсии рӯи Замин бо тамоми қувват зоҳир гардид.

Мухокиман ороми масъала ба мубохисаи чўшон мубаддал гардид. Тафовути афкор ва акида торафт бештар ба ихтилофи равияхо бадал мешуд. Кор башиддат ба сўи низоъ, ба тахдидхои тарафайн ва бархурдхое мерафт, ки агар чунин мухити носоз мабодо аз зери назорат барояд, ногузир ба чанги чахонй меовард. Бинобар ин хар яке аз тарафхо дар зери хатари умумии ба ин тарика инкишоф ёфтани вокеот мекўшид, ки аз ифрот бархазар бошад. Лекин боз як омили аз ин хам тавонотари худдорй вучуд дошт: агар хабари тамаддуни гайризамининй тасодуфан ба рўи олам пахн мешуд, шуури бани-одам ба таркиш мерасид, ки ин ходисаи номатлуб, сахехтараш, хатарноке мебуд. Касе зомин шуда наметавонист, ки окибати чунин ходиса чй гуна хохад буд...


Ва, инак, аклу хирад бартарй ёфт, тарафайн дар асоси мувозинаи комил созише ба даст оварданд. Ва ба ин муносибат радиограмман Мармутидорро ба мазмуни зайл ба истгохи мадории «Паритет» рохй намуданд:

«Барои кайхоннавардони муфаттиши 1-2 ва 2-1. Шумо вазифадоред ба воситаи системахои робитаи «Паритет» бо паритет--кайхоннавардони 1-2, 2-1, ки дар худуди хорич аз Фалаки Офтоб, дар ситемаи ба ном Хуршеди Дастгир, дар сайёраи Пайкараи Чангалистон мебошанд, фавран радиоалока баркарор намоед. Онхо бояд таъчилан огох карда шаванд: Мармутидор дар асоси хулосаи комиссияхои муштараке ки ахбороти оид ба тамаддуни гайризамининй кашфкардаи паритет-кайхоннавардони 1-2 ва 2-1-ро тахлил ва тадкик карданд, чунин кароре кабул мекунад, ки тағьир ё тахрираш катъиян мамнўъ мебошад:

а) бозгашти паритет-кайхоннавардони 1-2 ва 2-1 ба кароргохи мадории «Паритет» ва, аз ин рў, ба Замин хамчун ашхоси номатлуб барои тамаддуни Замин манъ карда шавад;

б) ба сокинони сайёрае ки Пайкараи Чангалистон ном доштааст, чавоби радди мо доир ба хар гуна робита бо онон эълон карда, иттилоъ дода шавад, ки ин амр ба тачрибаи таърихй, манфиатхои хаётй ва хусусиятхои хозираи тараккиёти чамъияти инсонй дар рўи Замин номувофик аст;

в) собик паритет-кайхоннавардони 1-2 ва 2-1, ничунин сокинони сайёраи «Пайкараи Чангалистон», ки бо





онон дар робита ҳастанд, огоҳ карда шаванд: **барои** баркарор намудани алоқа бо замининёи ва алалхусус барои дохил шудан ба фазоҳои назди Замин (чуноне ҳангоми ба кароргоҳи мадории «Паритет» дар мадори «Трамплин» омадани сокинони сайёраи Пайкараи Чангалистон ҳамин ҳол рух дода буд) ҳеҷ гуна кӯшише ба кор набаранд;

г) бо мақсади таҷриди фазои назди Замин аз нуфузи имконпазири аппаратҳои парвозии сайёрахои ғайр Мармутидор ба тарзи таъҷилӣ таҳти унвони амалиёти «Чанбар» баркарор шудани Низоми фавқулоддаи байналафлокиро эълон менамояд ва дар мадорхои муайян ба парвоз даромадани як силсила робот-мушакҳои чангиро ба барнома мегирад, ки хар чизеро ки ба кураи Замин наздик меояд, бо шуохои ядроию лазерӣ сӯзонида махв гардонад;

д) ба маълумоти собиқ паритет-кайхоннавардон, ки бо мавчудоти сайёраи ғайризамининӣ робита бастаанд, расонида шавад: бо мақсади таъмини амният ва хифзи пояҳои созмони муосири сиёсию географии замининёи имконияти хар гуна робита бо онон истисно мешавад. Сипас барои қатъиян махфӣ нигоҳ доштани ҳодисаи ба вукӯъ пайваста ва пешгирӣ намудани алокаи тоза ё такрорӣ хаман чорахо дида хоҳанд шуд. Бо ҳамин мақсад мадори кароргохи «Паритет» фавран тағьир дода, рамз ва аломатҳои шартии каналхои радиоалока аз нав тартиб дода хоҳанд шуд;

е) бошандагони сайёраи ғайр бори дигар аз хатари нуфуз ба минтакаи «Чанбар»-и атрофи кураи Замин огоҳ карда шаванд.

Мармутидор. Сахии киштии хавопаймобари «Конвенция».

Мармутидор ин тадбирхои хифозатиро пеш гирифта, водор шуд, ки хаман барномаи «Демиург»-ро оид ба фатхи сайёраи Икс ба муддати номуайян хобонад. Кароргохи мадории «Паритет» мебоист ба дигар параметри гардиш гузаронида, барои назорати чории кайхоҳӣ истифода карда мешуд. Киштии хавопаймобари тадкикотиву илмии «Конвенция», ки ба маблағи муштарак сохта шудааст, барои махфуз доштан ба Финландияи бетараф супорида мешуд. Баъди дар кайхони дур ба кор даромадани системаи «Чанбар» хамаи гурӯҳу минтакахои хидмати паритетӣ, хамаи кормандони

илмӣ ва маъмурӣ, ҳаман коргарони дастьёр мебоист пароканда мешуданд, аммо қабл аз рафтан ба ҷои нав мебоист ахдноман махфиро имзо мекарданд, ки то дами марги худ аз сабаби қатъи фаъолияти Мармутидор ба касе ҳарфе нахоҳанд гуфт.

Аммо ба маълумоти умум чунин иттилооте дода мешуд, ки адои барноман «Демиург» вобаста ба зарурати ногаҳонии тадқиқот ва тасҳеҳоти хеле муҳим дар сайёраи Икс ба мӯҳлати номуайян ба таъхир афтодааст.

Хулоса, масъала ҳамачониба фикр карда шуда буд. Ва ҳаман ин тадбирҳо пас аз таъчилан баровардашудани «Чанбар» дар атрофи кураи Замин мебоист чоман амал мепӯшиданд.

Баъди анчом ёфтани машварати комиссияҳо ҳаман санадҳо, ҳаман ҳуҷҷатҳои махфии рамзӣ, ҳаман ахбороти собиқ паритет-қайҳоннавардон, ҳаман қарорҳо, наворҳо ва қоғазҳое ки ба ин ҳодисаи ғамангез алоқае доштанд, саросар нобуд карда шуданд.

Дар Ӯқьёнуси Ором, дар самти ҷанубии ҷазираҳои Алеут рӯз бегоҳ мешуд. Ҳаво ҳамчунон ба эътидол наздик буд. Аммо нооромии ӯқьёнус тадричан авҷ мегирифт. Ғурриши мавҷҳои хурӯшон аз ҳар тараф шунида мешуд.

Ходимони китъаи ҳавопаймоён лаҳзаи тамом шудани машварат ва боло баромадани аъзоёни комиссияҳои махсусро бо камоли диққат нигарон буданд. Ана онҳо ба саҳни киштӣ баромаданд. Ба ҳамдигар ҳайрбод гуфтанд. Гурӯҳе барон савор шудан ба сӯи як ҳавопаймо равона шуд, дастае — ба сӯи ҳавопаймои дигар.

Сарфи назар аз алвонҷ хӯрдани киштӣ парвози ҳавопаймоҳо хеле хуб оғоз ёфт. Яке аз киштиҳои ҳавой ба тарафи Сан-Франциско роҳ гирифт, дигаре ба самти мукобил — ба Владивосток.

Замине ки бодҳои осмони барии бодшӯяш мекарданд, дар роҳҳои азалии худ ҳамчунон шиновар буд. Оре, шиновар буд... Вай ба мисли як дона регрезае буд дар масоҳати беандозаи Коинноти бенитиҳо. Фақат дар рӯи он, дар сайёраи Замин одамон мезистанд. Ба қадри тавону тавонои худ мезистанд ва гоҳ-гоҳе ононро ҳисси кунҷковӣ даст медоду донистан мехостанд, ки оё дар ягон маҳалли дигар мавҷудоте ба монанди онҳо ҳаст ё не. Бо ҳамдигар баҳс мекарданд. Фарзияҳо пешниҳод менамуданд, ба Моҳ сафар мекарданд, ба дигар ҷисмҳои осмонӣ аппаратҳои автоматӣ мефиристоданд,

вале хар дафъа ба натичаи талхе меомаданд, ки дар хаволи системаи Офтоб на касе хасту на чизе ва на умуман осоре аз хаёт. Баъдтар чустучўҳои худро фаромўш мекарданд, ба ин гуна корҳо дигар дасташон намерасид. Байни хам созиш кардану ба хам зистан бароряшон чандон осон набуд. Хамон кути лоямут низ бо захматхо насибашон мегардид. Бисьёриҳо фикр мекарданд, ки ин кори онон нест. Вале Замин ба сари худ хамчунон шиновар буд...

Хамаи он моҳи январь хаво сард ва серабр буд. Кас хайрон мешуд, ки ин қадар хавои хунук ба дашти Сари Озек аз кучо меояд? Каторҳо аз барфу яху сармо сап-сафед мешуданд, равғанхонаи чархи вагонҳо ях мебаст. Хатто цистернаҳои сиёҳи нафтро сап-сафеди барф-олуд дидан ба назар ғалати менамуд. Баъди фурсате карор гирифтан дар дуроха дубора аз чой чунбидани каторҳо ба осонӣ муяссар намешуд. Паровозҳои кўша-кўша муддати тўлонӣ вагонхоро ба пасу пеш такон дода, чарххои ба рельсҳо часпида мондаро базўр чудо мекарданд. Ва ин гумбуросу шакарроси ба хам хўрдани қисмҳои пўлодини вагонҳо дар хавои софи сармогин то ба масофаҳои дуродур пахш шуда мерафт. Шабонгоҳон бачаҳои бўроннён аз ин ғулғула тарсида, аз хоб бедор мешуданд.

Болои сўхта намакоб, боз роҳи оҳанро барф зер мекард. Бод ба ҳар тарзе ки мехост, хукмравой мекард. Сохиби дашт гўё хамин бод буд ва кас намедонист, ки холо хозир аз кадом самт хамла хохад овард. Ба назари бўронихо чунон мерасид, ки вай мехохад барфи оламро оварда, махз ба сари роҳи оҳан бирезад. Гўё сар то сари дашт кофта мегашт, ки алҳол ба кадом қитъа, ба кадом гўшаи роҳ нарасидааст ва хамин ки чунин чоеро дарьёв кард, дарҳол хучум меовард, бўроне мехезонид. Едигей, Қазонқоп ва боз се коргари дигари роҳ гоҳ ба ин қитъа, гоҳ ба онаш ва боз ба чои аввала баргашта роҳ тоза мекарданд. Чигинаҳои уштурӣ нағз кор медоданд. Қабати гарони болои барфтўдаро ба чигина бор карда, ба канори роҳ мебаровардаанд, бокимондаашро дастӣ бел мекарданд. Едигей Қаранорро берахмона кор мефармуд, хурсанд буд, ки аз маврид истифода бурда, онро хаста намоянд, майли ошўбгарӣ ва арбадакориро дар вучудаш фурў бинишонад. Вай Қаранорро

ҳамрохи як уштури дар қувват бо вай баробар ба мола басту худ бар болои мола савор шуд. Едигей уштуронро дами мола ба рост гузошташуда қабати болои барфро бурида тӯда карда, ба каноре мебароварда. Дигар асбоби барфтозакунак набуд он вақтҳо. Нақл мекарданд, ки заводҳо барфрӯбақҳои махсус баровардаанд, локомотивҳое сохтаанд, ки бартфӯдаҳоро ба ду тарафи рохи оҳан тела медиҳанд. Ваъда медоданд, ки пагоҳ-фардо аз ҳамин мошинҳо ба Сари Озек низ хоҳанд фиристод, вале ваъдаҳо чоман амал намепӯшиданд.

Думоха гармои тобистон хамаро аз хол равонда бошад, акнун аз хавои сармогин нафас кашидан амри мухол буд, чунин менамуд, ки хамин холо шуши одам таркида, пора-пора мешавад. Бо вучуди он каторхо дар харакат буданд. Ва кор кардан зарур буд. Риши Едигей расида баланд шуд, дар баъзе чохояш сафедй дамид. Чашмонаш аз камхобй варам карданд. Андомашро дар оина бинад, худаш метарсид: рӯяш ба пораи чӯяне монанд буд.

Пӯстини нимтанаашро аз бараш дур намекард, аз болои он боронии брезентии кулохдоре ва ба пояш мӯзаи намадин пӯшида мегашт.

Бо хар кор машғул набошад ва хар қадар душворй ба сараш наояд, вокеаи Абӯтолиб Кутлибоев аз ёдаш намерафт. Едигей барои ӯ бисьёр ғам мехӯрд. Ҳамрохи Қазонқоп нишаста, фикр мекарданд, ки чй шуду ин ходиса рӯй дод ва окибати он чй мешуда бошад. Қазонқоп бештар абрӯ гирех карда, хомӯш менишаст ва худ ба худ фикр мекард. Боре ӯ гуфт:

— Хамеша ахвол хамин буд. То ҳақиқат мекунанд, ки... Дар замонхои кадим мегуфтанд: «Худо подшоҳ аст, аммо подшоҳ худо нест. Вай гохо намедонад, ки дарборйёнаш бо чй коре машғуланд, дарборйён намедонанд, ки амлокдорону андозгирон чи корҳое мекунанд». Хамеша ахвол хамин буд.

— Э ба ту чй шуд? Ин хирадманда бинанд-а! — Едигей ӯро масхара мекард.— Линги подшоху дарборйён кайхо аз осмон омада буд-ку! Гап дар ин не...

— Хайр, гап дар кучо? — саволи бачо дод Қазонқоп.

— «Дар кучо, дар кучо»,— ошуфтахолона такрор намуд Едигей, аммо чавоб надод. Ва муддати дарозе

ин савол дар мағзи сараш мегашту чавоби сахеҳ ёфта наметавонист.

Камбағалро аз болои уштур саг мегазад, гуфтаанд. Писараки калонии Қутлибоевхо сахт шамол кашида буд. Таби баланд бароварда, хазьён гуфта мехобид, сулфа азобаш медод, гулӯяш хам дард мекард. Зарифа мегуфт, ки Даул ангина шудааст. Хар хел хабхоро мехуронд. Аммо Зарифа кор мекард, гоҳ шабона ва гохо рӯзона ба навбатдорй мебаромад, дар сари бистари кӯдаки бемор нишаста наметавонист. Укубаларо лозим омад, ки ин ташвишро низ ба зимман худ бигирад. Хаман бачахоро парастории мекард, мефахмид, ки ба сари оилаи Қутлибоев чй рӯзи сахте расидааст. Едигей хам то он чое ки аз дасташ меомад, кӯмак мерасонид. Сахари бармаҳал аз анборак ба хонаашон ангишт меовард ва агар фурсат дошта бошад, печкаро алав мемонд. Ангиштро оташ додан хам хунар металабад. Едигей ба печка такрибан якуним сатил ангиштро рехта, оташ мегиронид, то ки аз субх то шом хона гарм бошад ва бачахо хунук нахуранд. Обро аз цистернаи канори дуроха низ худаш меовард. Аммо хаман ин корхо барои Едигей ташвиш оварад хам, мушкил набуд. Ба чашми писаракони Абӯтолиб нигох карда, ба саволхои онон чавоб гуфтан мушкил буд. Басе кори мушкил, азобовар ва токатфарсо буд. Калониаш бемор мехобид, сихат бошад хам табиатан писараки камгапи вазнин буд, лекин хурдиаш, Эрмек мисли модараш зираку мехрубон ва бисьёр хассос буду дили нозуке дошт ва бо вай муомила кардан осон набуд. Пагохои Едигей ангишт оварда, оташ меафрӯхту кӯшиш мекард, ки бачахо бедор нашаванд. Аммо номаълум баромада рафтан аксаран муяссар намешуд. Эрмеки чингиламӯй дархол бедор мешуд ва баробари чашм аз хоб кушодан савол медод:

— Амаки Едигей, отаякам имрӯз меояд?

Писарак тану пои барахна ба сӯи ӯ медавид. Дар чашмонаш умеди рафънопазире акс ёфта буд, ки амаки Едигей факат «ха» бигӯяд кифоя аст ва он гох падараш албатта меояд ва хамрохи онон дар хона мемонад. Едигей тани гарму логараки писарчаро ба оғӯш мекашид ва пас бурда, дар бистараш мехобонид. Бо ӯ хамчун бо шахси калонсол гуфтугӯ мекард:

— Отаякат имрӯз меояд ё не, ман намедонам, Эрмек, лекин аз истгох бояд ба мо хабар диханд, ки бо

калом катор меояд. Охир, худат медонй, дар дурохаи мо каторхои мусофиркаш наменстанд. Факат бо фармони диспетчери аз хама калонтарини рох меистанд. Ба фикри ман, дар рўзхои наздик бояд хабар диханд. Он гох ману ту ва агар то он вакт сихат шавад, Даул хам ба пешвозаш мебароем.

— Мебароему мегўем: отаяк, ана мо омадем!

— Албатта! Махз ана хамту мегўем,— бо оханги эътимодбахш сухани бачаро таквият медод Едигей.

Аммо бачаи зиракро ором кардан чандон осон набуд.

— Амаки Едигей, хо як вакт хама ба катори боркаш савор шуда, ба пеши он диспетчери аз хама калон рафта будем. Биё, боз биравему бигўем, ки катори отаякам савор шударо дар ин чо нигох дорад.

Иложе ёфта, чавоб гуфтан лозим буд.

— Э он вакт тобистон буд-ку, хаво гарм буд. Хозир ба катори боркаш чй хел савор мешавй? Хаво хунук. Боли сахт мевазад. Ана нигоҳ кун, тирезахо ях бастаанд. Ба катор савор шавем хам, то ба он чо намерасем, шўша барин ях баста мемонем. Не, намешавад, ин кори хатарнок.

Писарак ғамгин ва хомўш мемонд.

— Ту хоб кун, ман аз холи Даул як хабар гирам,— бахона меёфт Едигей ва ба сари бистари бемор омада, дасти пургиреху шахшўлашро ба пешонии сўзони бача мерасонид... Бача бо азобе чашмонашро нимроғ мекард, лабони аз таби баланд парсин бастааш саҳле ба табассум моил мешуданд. Табаш ҳанўз нафаромада буд. — Болоят кушода нашавад, — мегуфт Едигей.— Баданат арақ кардааст, фахмидй, Даул? Набошад, боз шамол мехўрй. Эрмек, агар акаат пешобаш биояд, тосро ба пешаш биёр. Фахмидй? Аз чогахаш нахезад. Хозир холан Укубала омада, ба шумо хурок медихад. Сонй модаратон аз навбатдорй бармегардад. Даул сахат шавад, хар дуятон ба хонаи мо меоед, бо Саула ва Шарофат бозй мекунед. Хайр, ман бояд ба корам биравам, барфи калон боридааст, каторхо рох гашта наметавонанд,— гўён Едигей қабл аз рафтанаш бачахоро ба гап андармон мекард.

Вале Эрмекро фирефтан мушкил буд.

— Амаки Едигей,— мегуфт писарак ба ў, ки дар сари остона рост меистод.— Барф чудо калон бошаду ка-

тори отаякам роҳ гашта натавонад, ман ҳам барфбелкуни мебароям. Ман белча дорам.

Едигей бо хотири гирифтаву ошуфта аз назди онҳо мебаромад. Аз шиддати алам, заъф ва раҳму шафқат дилаш ба дард медаромад. Аз ҳаман дуньёи равшан норизову дарғазаб мешуд. Ва алами худро аз барфу бод, аз барфтӯдаҳо ва уштурони бегуноҳ мегирифту онҳоро беамон кор мефармуд. Худаш ҳам монанди як дев кор мекард, чунон кор мекард, ки гӯё ҳаман бӯрони дашти Сари Озекро ба танҳой мағлуб карда метавонста бошад...

Рӯзҳо дунболи ҳам сипарй мешуданд, чунон ки катраҳон об пай ҳам ба як марому як низом фурӯ мерезанд, ногузиру лоилоҷ фурӯ мерезанд. Ана, январь ҳам гузашту рафт, шасти сармо андаке баргашт. Аз Абӯтолиб Қутлибоев ҳамчунон хату хабаре набуд. Едигей ва Қазонқоп ба ҳамдигар ҳар гуна тахмину фарзияҳои худро мегуфтанд, фикру акидаи худро изҳор менамуданд. Ҳар ду ба натичае меомаданд, ки ӯро ба қарибй бояд озод намоянд. Хайр, охир вай гуноҳи азим накардааст-ку, чизе навиштааст, барои дигарон не, барои худаш навиштааст. Ҳамин гуна умеде доштанд онҳо дар дил ва ин умедашонро ба Зарифа ҳам талқин мекарданд, то ки устувор бошад, маъюс нашавад. Худи Зарифа низ мефахмид, ки ба хотири бачаҳо бояд иродаашро сангин кунад. Ва дар вокеъ, ӯ ҳамин гуна махкаму сангин гардид. Гӯшагир шуд, лабонашро ба ҳам зич фишурда мегашт, фақат чашмонаш изтиробомез медурахшиданду бас...

Едиген Бӯронй он соат аз кор фориғ буд. Қарор дод, ки ба дашт баромада, аз галаи уштурон хабар бигирад ва аз хама муҳиммаш бубинад, ки вазъи Қаранор чй гуна аст. Оё ҷонвареро зада маъюб накарда бошад? Шӯру арбадаро бас карда бошад, ё не? Ҳамин кадараш ҳам кифоя будагист... Роҳ чандон дур набуд, Едигей лыжа савор шуда рафт ва сари вакт ба дуроҳа баргашт. Акнун мехост ба назди Қазонқоп рафта, арз кунад, ки кор бад нест. Уштурон дар пастхамии Думи Рӯбоҳ мечаранд, он ҷо барф тақрибан нест, чунки шамол рӯфта мебарад, хасу хошок бисьёр, яъне ки хоҷат ба ташвиш кашидан нест.

Едигей хост, ки аввал ба хона даромада, лыжаҳояшро бимонад. Духтарчан калониаш Саула бо чехран харосон дарро кушод ва:

— Дада, модарам мегирьяд! — гуфту нопадид гардид.

Едигейро ба дил оташ афтод ва лыжаро ба гӯшае партофта, ба хона шитобид. Укубала чунон бо сӯз мегирист, ки аз тарс лахзае нафаси Едигей ба дарун афтод.

— Чӣ гап? Чӣ шуд?

— Кунфаякун шавад, сӯзаду хокистар шавад ҳамин олам, ҳамин дуньёи лаънатӣ! — нафасгардон шуда навҳа мекард Укубала.

Едигей ҳеҷ гоҳ зани худро дар чунин вазъ надида буд. Ҳамеша зани пурбардошти солимақле буд.

— Ҳамааш кори ту, айби ту!

— Чӣ шудааст? Ман чӣ гуноҳе кардаам? — ҳайрон шуд Едигей.

— Ба кӯдакони бадбахт чиҳо гуфтӣ ин қадар? Чанд дақиқа пеш ин ҷо катори мусофиркаш истод. Аз тарафи мукобил катори дигар меомад, барои ҳамин истод. Чаро онҳо махз дар дурохан мо рӯ ба рӯ омаданд? Бачахои Абӯтолиб карор гирифтани каторро диданду «Отаякам! Дадачонам! Отаякам омад!» гуфта, фарьёдкашон давиданд. Рост ба сӯи қатор давиданд, ман аз кафояшон метохтам. Аз вагон ба вагоне медавиданду то чон доштанд, фиғон мекашиданд: «Отаякам! Дадачонам! Отаяки ман дар кучост?» Тарсидам, ки ба зери чархи вагоне намонанд. Ягонта дар кушода нашуд. Бо вучуди он бачахо кад-кади он катори тӯлонӣ медавиданду медавиданд. Вай, майдаякашро базӯр доштам, соңӣ бо як азоб калонашро даст гирифтам. Хайрият, катор аз ҷояш ҷунбиду ба роҳ даромад. Бачаҳо бошанд, аз дастам баромада рафтанӣ мешуданд. Доду фарьёд мекарданд, ки «Отаякам дар он ҷост, аз вагон фаромада натавонист!» Дилам реш-реш шуд, чунон оху афғон мекарданд, ки гумон кардам, ҳозир девона мешавам. Аҳволи Эрмек ганда. Бирав, ором кун кӯдакро! Бирав, гуфтам! Ин кори ту, ту ба онҳо гуфтай, ки катори мусофиркаш бистад, падаратон ҳам меояд. Қошкӣ бо чашми худат медидӣ ҳоли зори онҳоро: катори мусофиркаш бирафту падарашон пайдо нашуд! Қошкӣ худат медидӣ! Зор монад ин зиндагонӣ, чаро падар ба фарзанд ин хел сахт дил мебандаду фарзанд ба падар? Кӣ баровардааст ин дарду аламро?

Ба назди бачаҳо чун шахси маҳкум ба қатл мерафт. Ва аз худованд илтичо мекард, ки ниоят фармо-

яду гуноҳашро биомурзад, ки кӯдакони соддадилро беихтиёр фанд додааст. Вай охир ин корро бо нияти бад накардааст. Акнун чӣ мегӯяд, чӣ ҷавобе медиҳад?

Эрмек ва Даул аз гирья варам карда буданд. Едигейро дидан замоно бо кувваи тоза доду фарьёд бардоштанд ва сухани ҳамдигарро бурида, ба накл даромаданд, ки қаторе ба дуроха расида, карор гирифт, аммо падарашон барои фаромадан аз вагон фурсат ёфта натавонист, бигузор акнун амаки Едигей қаторро боз гардонад..

— Сағындым[1], атыкамды! Сағындым, сағындым!— дод мегуфт Эрмек ва бо тамоми ҳоли зораш, бо эътимод, бо умед ва мусибати худ илтичо менамуд.

— Ҳозир ман мефаҳмам. Бас, бас, гирья накунед! — доду фиғони бачаҳоро андак насанда карданӣ мешуд Едигей. Дар айни ҳол ба худаш ҳам осон набуд. У мекӯшид, ки худаш низ ба ин озмоиш тоб оварад, суст наояд, ҳолати ботинаш дар чеҳрааш зоҳир нашавад ва бачаҳо дар шахси ӯ одами заифу нотавонро набинанд.— Ана ҳозир меравем, худи ҳозир меравем! — мегуфт ӯ ва аз дил мегузаронид: «Ба кучо меравем? Ба пеши кӣ? Ба кучо меравем? Чӣ бояд кард? Чӣ бояд гуфт?» — Ана ҳозир аз хона мебароему фикр мекунем, маслиҳат мекунем,— нимғурма ваъда медод Едигей ва зери лаб беробтона чизе мегуфт.

Вай ба назди Зарифа омад. Зан дар кат рӯи худро ба болин зер карда мехобид.

— Зарифа! Зарифа! — ба китфи ӯ даст расонид Едигей.

Аммо вай хатто сар аз болин набардошт.

— Мо ҳозир баромада камтар мегардем, андак сайр мекунем, сонӣ ба хонаи мо медароем,— гуфт ӯ ба Зарифа.— Бачаҳо ҳамроҳи мананд.

Ин буд ягона тадбире ки ӯ биандешид то бачаҳоро каме таскин дихад ва худ низ хушу ёдашро ба нуқтае ғундорад. Эрмекро ба гарданаш савор карду дасти Даулро ба даст гирифт. Ва онҳо қад-қади роҳи оҳан равон шуданд. Дар дили Едигей хеч гоҳ ба ин дарача ҳамдардӣ ба мусибати дигарон чойгир нашуда буд. Эрмек ҳамчунон бар дӯшаш савор буду фик-фик мегирист ва нафаси гарму тар ва андуҳомезаш ба пушти гардан мерасид. Кӯдаки аз ғаму ғусса дилфигор ба пайкари ӯ

---

[1] Сағындым — пазмон шудам *(муаллиф)*.

бо чунон эътикоде часпида, аз ду бари китфаш маҳкам капида буд ва ҳамин гуна кӯдаки дигар бо чунин бовари бузург дасти ӯро дошта мерафт, ки Едигей мехост, агар илоҷаш бошад, аз шиддати алам фарьёдҳо занад.

Ҳамин тавр онон қад-қади роҳи оҳан дар биёбони бекаси Сари Озек кадам мезаданд ва фақат қаторҳо гоҳ ба ин сӯ тозон гузашта мерафтанду гоҳ ба он сӯ. Оре, аз дуродур меомаданд ва мегузаштанду мераф-танд...

Ва боз Едигей водор шуд, ки ба кӯдакон дурӯғ бигӯяд. Вай гуфт, ки бачаҳо хато кардаанд. Он қаторе ки дар дуроҳан онон тасодуфан қарор гирифта будааст, ба дигар тараф рафтааст. Отаяки онҳо бошад, бояд аз тарафи дигар биояд. Аммо ӯ, эҳтимол, ба ин қарибиҳо наояд, чунки ӯро баҳрнаварда таъин карданд ва ба кадом баҳре фиристодаанд ва ҳар вақте ки кишти аз он сафари дуродур баргардад, отаяк низ ба хона меояд. Алҳол сабр кардан лозим.

Ба гумони Едигей ин дурӯғ ба онҳо барои бардошт кардан кӯмак менамуд. Барои сабр то даме ки дурӯғ ба рост табдил наёбад. Едигей шубҳа надошт, ки Абӯтолиб Қутлибоев хохад баргашт. Муддате мегузараду корашро дида мебароянд ва ҳамин ки озодаш карданд, як дақика таъхир накарда, ба хона хохад омад. Оре, падаре ки фарзандони худро ба ин тарика дӯст медорад, хатто як сония даранг намекунад... Бинобар он Едигей дурӯғ гуфта буд. Едигей Абӯтолибро хуб мешинохт ва назар ба дигарон бехтар ба худ тасаввур карда метавонист, ки дарди ҷудоиро ин одам чӣ гуна ба сар мебарад. Каси дигаре мешуд, аз айёми фироқ ин қадар тунду ба ин дарача сахт алам намекашид, алалхусус ки он фироқ муваққатӣ бошад, ба ихтиёри ӯ вобаста набошад ва умеде бошад, ки ба зудӣ ба хонаи худ боз хоҳад омад. Аммо барои Абӯтолиб ҷудой ба олитарини ҷазоҳо баробар буд. Ва Едигей ба ин шубҳае надошт. Ва аз ин сабаб биме дошт. Бовар надошт, ки оё то охир бардошт медиҳад, яъне то даме ки кор ба маҳкама мерасад, мавриди баррасӣ мешавад ва хоказо...

Зарифа то он рӯз ба муассисаҳои дахлдор чанд мактуб фиристода, хоҳиш карда буд ба ӯ чавоб нависанд, ки оё метавонад барои бозгашти шавҳараш биравад. Ҳанӯз ҳеҷ гуна ҷавобе набуд. Қазонқоп ва Едигей низ дар ин хусус бисьёр андеша мекарданд. Аммо мардон са-

баби дер мондани чавобро дар он мединанд, ки дурохан Бўрони бо почта робитаи бевосита надошт. Муросилоти почта ба воситаи Кумбел мегузашт ва он хам ба салохдиди савобчўён... Ва ин тарзи алока, чуноне маълум аст, хеле кашолакор аст.

Вокеан, яке аз рўзхо махз хамин тавр шуд...

Охирин рўзхои мохи февраль буд. Казонкоп ба Кумбел бирафт, то аз холи Собитчон дар интернат хабар бигирад. Уштурсавор бирафт, чунки дар фасли зимистон кас ба катори боркаш савор шавад, сармо мезанад. Ба даруни вагон даромадан мумкин нест, манъ шудааст, дар айвонаки кушод бошад, боди сард чашм кушодани наметонад. Либоси гарм пўшида, ба уштур савор шавй ва агар гашти уштурат нагз бошад, дар як рўз бахузур ба Кумбел рафта меой, коратро хам буд мекуний.

Казонкоп бегохи хамон рўз баргашт. Едигей лахзаи аз уштур фаромадани ўро дида, дар дилаш гуфт, ки кайфаш он кадар чўр нест, хотираш гирифта менамояд, аз афти кор, писараш дар интернат ягон номаъкулй кардагист, ба замми ин хаста хам шудааст, ба ин кадар рох лўк-лўккунон рафта омадан ба гуфтан осон.

— Сафар ба хайр! — нидо бароварда Едигей

— Бале,— мухтасар ва бо овози хафа чавоб дод Казонкоп, ки бо фаровардани бору бунааш машгул буд. Сонй ба Едигей рўй оварду дакикае фикр карда истода пурсид: — Ту хозир дар хонаат мешавй?

— Ха, дар хона.

— Як кор дорам. Хозир ба наздат меоям.

— Биё, биё.

Казонкоп зуд омад. Хамрохи Букеяш омад. Худаш пешопеш, занаш аз дунбол. Хар ду парешон менамуданд. Казонкоп намуди хастахолонае дошт, гарданаш боз дарозтар шудааст гўё, китфонаш хамидаанд, мўйлабхояш кашол. Букеи пуррабадан базўр-базўр нафас мекашид, гўё дилаш танг шуда, бисьёр сахт метапид.

— Чаро афту андоми шумо инхелй? Мабодо-ку чанчол-панчол накардаед? — хазломез пурсид Укубала.— Мехохед, ки мо оштинатон дихем? Мархамат, нишинед.

— Кошкй чанчол мекардем,— бо садои хаста гуфт Букей хамчунон гарон-гарон нафас кашида.

Казонкоп ба атрофаш назаре афканда пурсид:

— Духтарчахотон дар кучо?

— Дар хонаи Зарифа, бачахокатй бозй мекунанд,—

чавоб дод Едигей.— Чаро бачахоро мепурсӣ?

— Хабари нохуш овардам,— гуфт Казонкоп ба Едигей ва Укубала мурочиат карда.— Холо хозир бачахо нафахманд, бехтар. Мусибати калон. Абӯтолибамон мурдааст!

— А? Наход? — Як кад парид Едигей, Укубала бошад, нидои кӯтохе бароварду дахонашро ба кафи даст пушид ва ранги рӯяш девор барин сап-сафед шуд.

— Ха, мурдааст! Бачахои бадбахт, ятимчахои шӯрбахт!— бо овози нимхирриву нимпичирроеӣ гуфт Букей.

— Чӣ хел? Кай? — пурсид Едигей, ки ба хабари шунидааш ханӯз бовар намекард ва харосон ба Казонкоп наздиктар омад.

— Ба истгох когаз омадааст.

Ва хама банохост хомӯш гардиданд. Касе ба дигаре нигох намекард.

— Ана рӯзи сиёх! Мана рӯзи фалокат! — сари худро дошта ва ба ду тараф алвонч хӯрда, мегирист Укубала.

— Ку хамон коғаз? — ниҳоят пурсид Едигей.

— Коғаз дар чояш, дар истгох, — ба накл даромад Казонкоп. — Ман ба интернат даромада баромадам. Сонӣ гуфтам, ки сари кадам ба вокзал биравам. Он чо дар толори калонаш якта магазинча буд, Букей таъин карда буд, ки собун бинёр. Аз дар надаромада, аз рӯ ба рӯям сардори истгох Чернов баромад. Саломуалек кардем, охир кайхо боз ошноем. Сонӣ вай гуфт: «Нагз шуд, ки туро дидам. Биё, ба кабинети ман дароем, якта хат хаст, ба дуроха мебарӣ». Кабинеташро кушод, даромадем. Аз даруни мизаш якта лифофа бароварда, дар рӯяш харфхои чопӣ. «Абӯтолиб Кутлибоев, гуфт, дар дурохаи шумо кор мекард?» Ха, гуфтам, чӣ буд? «Се рӯз пеш мана ин коғаз омада буд. Як кас ёфт нашуд, ки ба Бӯронӣ дода фиристам. Ма, ба занаш бидех. Ба хаташ чавоб омадааст. Навиштаанд, ки вай мурдааст»,— гуфт сардор ва боз як калимаи ношиносро илова намуд. «Аз инфаркт мурдааст» гуфт. Пурсидам, ки инфаркташ чист? Чавоб дод, ки сактаи калб, яъне ки дилаш таркидааст. Мана окибат — дилаш кафидааст. Ман дар чои нишастаам шах шуда мондам. Аввал бовар накардам. Он коғазро ба дастам гирифтам. Дар он навишта шудааст: ба сардори истгохи Кумбел. Ба дурохаи Бӯронӣ ба гражданка фалонӣ чавоби расмӣ ба номааш расонда шавад. Ва баъд гуфта

шудааст, ки Абӯтолиб Қутлибоев, ки тахти бозҷӯй вокеъ гашта буд, дар фалон ҷою фалон вақт аз хамлаи дард мурдааст. Айнан хамин тавр навишта шудааст. Бо чашми худам хондам, сонӣ ба сардор нигох кардам, чунки чӣ кор карданамро намедонистам. «Ана хамин хел корхо,— гуфт Чернов дастонашро ба ду тараф ёзонида.— Инро бигиру ба занаш бидех». Ман гуфтам, ки не, намегирам. Қоидаи мо намебардорад, гуфтам. Шумхабарро ман намебарам. Дута кӯдак дорад, гуфтам, ман чӣ хел ҷуръат карда, ин хабарро ба онхо мебарам? Мо, бӯронихо, гуфтам, аввал дар он ҷо худамон маслихат мекунему ба як карор меоем. Ё касе аз мо махсус омада, ин коғазро мебарад, ин хел хабари гаронро ба як тарзи ба худаш муносиб мебаранд, охир инсоне аз олам гузаштааст, чумчук не... Ё худи занаш Зарифа Қутлибоева омада, аз дастатон мегирад. Хаминаш аниктар. Ва худатон ба вай мефахмонед, накл мекунед, ки ин вокеа кай ва чӣ хел шудааст. Сардор ба ман гуфт: «Майлат, ихтиёр ба ту. Лекин ман ба занаш чизи фахмонидани ва накл кардание надорам. Ман аз тафсилоташ бехабарам. Ба ман фармудаанд, ки ин коғазро ба соҳибаш расонам, вассалом». Хайр, гуфтам ман, моро мебахшед, лекин ин коғаз холо хозир дар дасти шумо бошад, даханакӣ ман хабар мерасонам ва мо дар чои худамон аввал маслихат мекунем. «Хайр, майлаш, гуфт, ту медонӣ». Аз пеши ӯ баромада, рост ба ин сӯ уштур рондам. Уштурро махмез мезадаму дилам хун мешуд: анкун чӣ бояд кард? Ку одами бачуръат, ки ба онхо ин хабарро расонад?..

Казонкоп хомӯш шуд. Едигей сари худро ба зер афканда менишаст, гӯё кӯхеро ба дӯшаш бор карда бошанд.

— Акнун чӣ мешавад? — савол дод Казонқоп, вале касе ба ӯ чизе нагуфт.

— Дилам гувохӣ медод,— махзунона сар ҷунбонида гуфт Едигей.— Ба сӯзи фирок аз бачахо тоб оварда натавонистааст. Ман аз хамин метарсидам. Чудой корашро кардааст. Ғам чизи андак нест. Мана бачахояш хам ғусса мехуранд, бинӣ, рахмат меояд. Каси дигар мешуду хукми хабсаш мебаромад, намедонам барои чӣ, аммо фарз кардем, ки ба хабс хукм мебароварданд, як сол, ду сол ё аз он зиёдтар мӯхлаташро буд мекарду бармегашт. Охир вай дар асорати немисхо, дар лагерьхои концентрационӣ чӣ кадархо азоб кашидааст, дар

отряди партизанӣ ҳам рӯзгораш аз он сабуктар набудааст ва ҳамаи ин солҳоро дар кишварҳои бегона бо набард гузаронида, коматаш нашикастааст, чунки он вақтҳо танҳо, худи ба худ будааст, оила надоштааст. Аммо акнун ӯро аз бачаҳояш — азизтарин мавҷудоташ, гӯштро аз нохун чудо кардагӣ барин, чудо карда бурданд. Мана, оқибат чӣ шуд...

— Ҳа-а, фикри ман ҳам ҳамин,— гуфт Қазонкоп.— Касе мегуфт, ки одам аз дарди чудоӣ ҳам метавонад бимирад, бовар намекардам. Бутун чавон-а, боз одами бамаърифат, боақл, агар токат мекард, корашро дида баромада, озод мекарданд. Охир ҳеҷ гуноҳ надошт. Аз ин мебарояд, ки ақлаш мегирифту лекин дилаш тоб оварда натавонист...

Онҳо боз муддати дарозе нишаста вокеаро муҳокима менамуданд, маслиҳат мекарданд, ки Зарифаро ба шунидани ин хабар чӣ гуна омода кардан лозим аст. Аммо ҳар чиз нагӯянду ба ҳар хулоса наоянд, боз сӯҳбат гашта-гашта, ба сари ҳамин нукта меомад, ки оила аз падар маҳрум гардид, бачаҳо ятимча шуданд, Зарифа бева монд ва ин амри вокеъ буд, амри тағьирнопазир. Аммо таклифи окилонатарин ба ҳар ҳол аз даҳони Укубала баромад:

— Бигузор ба истгоҳ рафта, он коғазро бо дасти худаш бигирад. Соати гаронаш ҳам дар ҳамон ҷо бигзарад, на дар ин ҷо — дар пеши чашми бачаҳо. Ва дар ҳамон ҷо, дар истгоҳ ба ягон карор биояд, боз дар бозгашт ҳам фурсати фикру андеша ҳаст, ки оё ба бачаҳо маълум кардан лозим ё ҳоло ҳозир не. Шояд карор дихад, ки то калонтар шуданашон сабр кардан даркор, то ки ақаллан андаке ӯро аз ёдашон бароранд. Охир кӣ медонад...

— Гапат маъқул,— суҳани занашро қувват дод Едигей.— Вай модар аст, бигузор худаш ҳал кунад, ки аз марги Абӯтолиб ба фарзандонаш хабар додан лозим ё не. Шахсан ман бошам, наметавонистам... — Ва Едигей суҳанашро давом дода натавонист, забонаш намегашт. Вай касдан сулфа кард то изтиробашро пинҳон дорад.

Вакте ки маслиҳат пухт, Укубала боз илова намуд.

— Казаке, шумо ба Зарифа бигӯед, ки сардори истгоҳ ба номи вай чӣ хел як мактубе гирифтааст,— маслиҳат дод Укубала.— Яъне ки ба хатҳоят ҷавоб омадааст. Аммо таъин кардаанд, ки шахсан худаш биояд, чунки қонда ҳамин хел будааст. Сонӣ,— суханашро давом

дод Укубала,— дар чунин рӯз Зарифаро ба он чо танхо фиристодан мумкин не. Онҳо дар ин чо на хешу табор доранд, на ягон шахси наздик. Дар мусибат танҳо будан бисьёр даҳшатангез аст. Ту, Едигей, ҳамроҳаш бирав, дар чунин соат дар паҳлуяш бош. Кӣ медонад, он хабарро шунавад, чи ҳоле ба сараш меояд. Бигӯ ки дар истгоҳ кор дорӣ. Ҳамроҳаш бирав. Бачаҳо дар хонаи мо мемонанд.

— Майлаш,— розӣ шуд Едигей ба далелҳои занаш. — Фардо ба Абилов мегӯям, ки Зарифаро ба касалхонаи истгоҳ бурдан лозим. Ягон қатори роҳгузарро як даҳика нигоҳ дорад.

Ба ҳамин қарор омаданд. Аммо фақат пас аз ду рӯзи дигар қаторе бо илтимоси сардори дуроҳа дар Бӯронӣ қарор гирифту савор шуда, ба Қумбел рафтан онҳоро муяссар гардид. 5 март буд он рӯз ва дар хотири Едиген Бӯронӣ ба як умр нишаст.

Ба вагони умумӣ савор шуданд. Вай аз ҳар тоифа мардум пуропур буд. Хонаводаҳо, бачаву качаҳояшонкатӣ мерафтанд. Ба хар су бингарӣ, аломатҳои зисти мусофиронаро медидӣ: чанде шароб менӯшад, гурӯҳе бахуда-беҳуда ин сӯву он сӯ мегардад, дастае то ба ҳадди бечо шудани авзоашон қартабозӣ мекунад; занҳо бо овози паст ба ҳамдигар аз мушкилоти рӯзгор, бадмастиҳои мардон, аз никоҳу талоқ, тӯю чаноза дарду ҳасрат мекунанд... Одамон ба роҳҳои дур мерафтанд ва ҳар он чиро ки хоси зиндагонии харрӯзаашон аст, ҳамроҳи худ мебурданд. Зарифа ва Едигей Бӯронӣ низ бо ғаму ғуссаи худ ба муддати кӯтоҳе ба онон ҳамсафар гардиданд.

Аҳволи Зарифа, албатта, вазнин буд. Ҳаман рох бо хотири мушавваш хомӯш менишаст, аз афташ, фикр мекард, ки ба сардори истгоҳ чӣ гуна мактубе омада бошад. Едигей ҳам бештар хомӯш буд.

Дар олам одамони дилсӯзу меҳрубон ҳам хастанд, ки бо як нигоҳ аз дили кас огоҳ мешаванд. Вақте Зарифа аз чои нишастааш барҳосту ба даромадгоҳи вагон равон шуд, то ки муддате он чо дар пеши тиреза рост биистад, як пиразани рус, ки дар рӯ ба рӯи Едигей менишаст, чашмони як вақтхо осмониранг будааш ва акнун дар пиронсолӣ рангпаридаашро лаҳзае ба ӯ дӯхта гуфт:

— Занат, писарам, нотоб аст магар?

Едигей як кад парид.

— Зан не, оча, хоҳарам мешавад,— гуфт.— Ба табобатхона мебарам.

— Бечора, чонаш дар азоб. Ахволаш бисьёр вазнин менамояд. Нигохаш лаболаб аз ғаму ғусса. Аз афташ, ба дилаш вахм афтодааст. Метарсад, ки духтурҳо ягон касалии ганда наёбанд. Эх ин зиндагонй ин кадар мушкил будааст! Очаат назояд, оламро намебинй, ба дуньё биой — чонат ба азоб мемонад. Замин сахту осмон баланд. Хайр, худованд карим аст, худаш ҳам ҳоло чавон, ниҳолло саҳат шуда меравад,— мегуфт пиразан. Вай аз андӯхе ки тамоми ҳастии Зарифаро фаро гирифта буду ба қадри наздиктар расидан ба истгоҳ торафт меафзуд, чй навъе карда пай бурда буд.

То Кумбел ҳамагй якуним соата роҳ буд. Мусофирон коре надоштанд, ки қатор аз чй гуна чое мегузарад. Факат гоҳ-гоҳе мепурсиданд, ки кадом истгоҳ дар пеш аст. Биёбони азими Сари Озек ҳанӯз барфпӯш буд, дар фазои нопайдоканори озодаш сукунат хукмрон. Аммо чо-чо нахустин нишонахои бозгашти зимистон ба назар мерасид. Дар нишебихо порча-порча замини барфаш обшуда тирагун метофт, ноҳамвории лабмарзаи чархо аёнтар гашта буд, дар сари теппахо низ доғҳои тира ба чашм мехурданд ва дар ҳама чо қабати барф аз таъсири боди нарму рутубатомези мохи март андак-андак фурӯ менишаст. Лекин офтоб ханӯз дар паси абрхои анбӯхи пасти тирафом, ки хатто ба назари оддй серобу тар менамуданд, пинхон буд. Биёбон ханӯз дар ҳукми зимистон буд ва эҳтимоле вучуд дошт, ки барф борад ё хатто бӯроне ба шӯриш дарояд...

Едигей ба тиреза чашм дӯхта, дар чои худ дар рӯ ба рӯи пиразани раҳмдил менишасту гоҳ-гоҳе бо вай якду калима радду бадал мекард, вале ба назди Зарифа нарафт. Бигузор танҳо бошад, мегуфт дар дилаш, дар пеши тиреза истода, ахволи худашро тааммул кунад. Шояд ба дилаш ягон эҳсоси тозае бияяд. Эҳтимол ҳамон сафарашон дар оғози тирамохи порина ба ёдаш бияяд, ки хамаашон, хар ду оила якчоя бо бачахо ба қатори боркаш савор шуда, барои харбузаву тарбуз ба Кумбел рафта буданд ва ҳама хушҳолу хушбахт буданд ва он саёҳат дар хотири бачахо низ чун иди фаромӯшнашудание мондааст. Гӯё дирӯзак буд он сайру саёҳат. Едигей ва Абӯтолиб дар назди дари кушоди вагон, дар дами боди вазон нишаста, аз ину он сӯҳбат мекарданд, дар пешашон бачахо менишастанду аз чо-

хое ки аз паҳлуи қатор тозон мегузаштанд, чашм намеканданд, Зарифа ва Укубала хам дар кадом як мавзуи худ сўҳбати самимонае доштанд. Сонй ба магазинхо даромаданд, дар хиёбонаки истгоҳ сайр намуданд, ба тамошои кино, ба сартарошхона даромаданд. Бачаҳо яхмос хўрданд. Ходисаи аз хама ғалатй хамин буд, ки хама якчоя ба Эрмек зўрашон нарасид ва мўйсари ўро гиронида натавонистанд. Аз чй сабабе бошад, бача аз мошинаки сартарош метарсид. Ва он гоҳ, ба ёд оварда Едигей, аз дари сартарошхона Абўтолиб намоён шуд ва писаракаш худро ба оғўши ў биандохт, вай ўро ба канор кашида, ба синааш бифушурд ва ба мисли он ки аз устои сартарош ҳимояаш мекарда бошад, гуфт, ки онҳо боз андаке далертар шаванд, баъд дафъаи дигар боз меоянд ва ҳочат ба шитоб нест. Эрмек ҳанўз бо хамон мўи снёҳу чингилаи модарзодаш гаштааст, факат акнун бепадар мондааст...

Ва Едигеи Бўронй боз як бори дигар, маротибаи чандўме ба андеша рафта фахмидан ва ба худ шарҳ додан хост, ки чаро Абўтолиб Кутлибоев ба яктарафа шудани кораш мунтазир шуда натавониста, аз олам бигузашт? Ва боз ба сари хамон ягона таъбири кобили кабул мерасид, ки ба дарди бедармони чудой аз бачаҳояш тоб оварда натавониста, дил бохтааст. Факат азоби хичрон, ки на хар кас кобил аст гаронии онро эҳсос намояд, факат бими он ки писараконаш аз дидори ў махрум шуда, дар кадом дурохае дар гўшаи биёбони хилвату беоби Сари Озек ба дасти такдир вогузор шуданд, кори ўро тамом кард. Охир ў на танҳо зиндагонй, балки як нафаси худро, ки бидуни он одамизод зинда нест ва дар як лахза риштаи умраш канда мешавад, дур аз фарзандон тасаввур карда наметавонист...

Едигей дар интизории Зарифа дар хиёбонаки назди истгоҳ рўи хараке нишаста, боз дар хамин хусус фикр мекард. Онҳо шарт намуданд, ки Зарифа ба назди сардори истгоҳ барои гирифтани он коғаз мераваду Едигей ўро дар хамин чо, дар болои харак мунтазир мешавад.

Рўз пешин шуда буд, вале хаво вайрон буд. Осмони пасти пурабр хамчунон тирагун буд. Аз он чо ба рўи кас дам ба дам чизе меафтод, ё заррахои барф буд он ё катраи борон. Боди рутубатомезе аз чониби дашт мевазид ва аз он бўи барфи обшуда ба машом мерасид.

Едигей худро нороҳат ҳис мекард. Баъзан ӯ ба издиҳоми одамон қатӣ шуда, ҳамроҳи онон ҷунбучӯл карда гаштанро дӯст медошт. Худат ба ягон ҷои дур наравӣ ва коре надошта бошӣ ҳам, қаторҳоро тамошо мекунӣ, мебинӣ, ки чӣ тавр мусофирон аз вагонҳо шитобон мефароянд, ба ин сӯ он сӯи перрон телба-телба метозанд ва гӯё лаҳзаеро аз навори кино ба арсаи зиндагонӣ мекӯчонанд: ана худи ҳозир қатор омада истоду баногоҳ ғайб зад, бирафт.

Ин дафъа Едигейро ба ин ҳангома коре набуд. Вай медид, ки қиёфаи одамон ачиб менамояд: андоми ҳама хаста ва лоқайдона метобад, гӯё онҳо аз дуньё ва аз ҳамдигар дур шудаанд... Ба замми ин ба майдони назди истгоҳ аз радио оҳанги ғамангези якнавохте паҳн мешуд ва ба дилҳо хузи меовард. Ачабо, ин чӣ мусиқие бошад?

Аз он даме ки Зарифа ба бинои вокзал даромада рафт, тахмин бист дақиқа, хатто аз он зиёдтар гузашт. Ва дили Едигей ба ташвиш афтод ва ҳарчанд онҳо шарт карда буданд, ки ӯ Зарифаро дар ҳамин ҳарак нишаста мунтазир хоҳад шуд, маҳз ана дар ҳамин ҳараке ки дафъаи гузашта ҳамроҳи бачахо ва Абӯтолиб нишаста, яхмос хӯрда буданд, бо вуҷуди ин қарор дод, ки аз дунболи Зарифа биравад ва бубинад, ки ҷаро дер мемонад.

Ва дар ин асно чашмаш ба ӯ афтод, ки аз дар беруи меомад ва бехтиёр пайкараш ларзид. Зарифа аз издиҳоми даробарокунандагон бо қиёфаи лоқайдонааш, бепарвоиаш ба атроф ва атрофиён фарқ мекард. Ранги рӯяш азони мурдаҳо барин сап-сафед буд. Гӯё дар хоб бошад, гӯё дар биёбоне танҳо бошад, ё худ нобиное бошад, ба касе ва ба чизе нигоҳ накарда ва барнахӯрда сари худро ба як тарзи хузнангез рост дошта ва лабонашро маҳкам фишурда пеш меомад. Едигей ба пешвозаш бархост. Зарифа хеле оҳиста, хеле ба сустӣ қадам мегузошт ва ба мисли он ки дар хакикат хам дар хоб бошад, ба ин дарача суст гаштанаш ва нигоҳи бенфодаи чашмонаш ҳавлангез менамуд. То наздик омадани ӯ гӯё муддати бехадду ҳисоб тӯлоние бигузашт, гӯё замони дарозу дури тираву тор ва сармогини интизорӣ паси сар шуд. Ва ӯ коғазе дар даст, ки ба рӯи лифофаи ғафсаш, ба гуфти Қазонкоп ҳарфҳои чопӣ накш баста буданд, наздик омаду лабонашро андаке боз намуда пурсид:

— Ту медонистӣ?

Едигей сар ба зер афканд.

Зарифа ба харак нишасту рӯй бо дастонаш пушид, сипас сари худро маҳкам дошт, гӯё дар акси ҳол вай метавонист аз танаш чудо шуда биафтаду пора-пора шавад. Ва баъд талху тунд бигирист, ба ҷуз худ ва дарду аламу талафоти худ дигар хамаро аз ёд бурду бигирист. Пайкараш ба мушти пуразоби ларзоне бадал шуд, вуҷудаш ба туғьёни ранҷи беандоза торафт бештар, амиқтар ғарқ мегардид. Едигей дар паҳлуяш менишаст ва мисли он дақиқае ки Абӯтолибро мебурданд, ҳозир буд, ки ба ҷои он мард бошад ва ҳар машаққате пеш ояд, лаҳзае дудила нашуда, бар дӯши худ бигирад, то ин занро аз садама эмин гардонад. Ва дар айни ҳол дарк менамуд, ки то аввалин мавҷи токат-фарсои мусибат аз сар гузашта наравад, илочи таскин додани ӯ, чораи ором карданаш нест.

Ба хамин тариқа рӯи хараки хиёбонаки назди истгоҳ менишастанд. Зарифа фик-фиқ мегиристу бехтиёр меларзид ва лаҳзае буд, ки лифофаи ғичимшударо бо номаи фочиаосораш ба каноре андохт. Худаш зинда набошад, коғази шумхабараш ба кӣ лозим буд? Едигей лифофаро аз замин бардошта, ба кисааш андохт. Сонӣ дастрӯмолашро бароварда, панҷаҳои Зарифаро ба зӯрӣ аз рӯяш чудо карда, маҷбур намуд, ки оби дидагонашро пок кунад. Аммо ин кор ҳам суде наовард.

Бар фазои истгоҳ аз радио гӯё дониста, мусиқии ниҳоят ғамангези мотам пахш мешуд. Осмон ҳамчунон тира ва серабр буд, ҳамлаҳои бод ҳам касро безор мекард. Роҳгузарон бо гӯшаи чашм ба Зарифаю Едигей назар афканда, эҳтимол, дар дилашон мегуфтанд, ки онҳо бо ҳамдигар ҷанчол кардаанд. Мардак занашро сахт ранҷонидааст, аз афти кор... Лекин маълум шуд, ки на ҳама ин хел гумон мекардаанд.

— Гирья кунед, одамони нек... Бигирьед, — садои хамдардонае баромад аз наздикии онон.— Падари чоночонамонро аз даст додем! Вой ба холи мо!

Едигей сар бардошта, занеро дид, ки шинели кӯҳна дар бар, бо бағаласо аз пеши онҳо мегузашт. Як пои ӯ аз рон поён набуд. Едигей ӯро мешинохт. Иштирокку-нандаи ҷанг буд, дар кассаи билети истгоҳ кор мекард. Чашмонаш аз гирья варамида буданд ва ӯ ҳамчунон роҳравон мегиристу мегуфт: «Бигирьед. Бигирьед. Вой ба холи мо!» Ва ашкрезон гузашту рафт. Ҳар боре ки

ӯ бағаласояшро тӯққасзанон ба пеш мепартофт, китфхояш ба як тарзи ғайритабиӣ баланд мешуданд ва сипас ба замин шалаппосзанон совиш ёфтани кафи мӯзаи фарсудаи сарбозиаш ба гӯш мерасид...

Елигей дид, ки баногоҳ дар пеши даромадгоҳи истгоҳ издиҳоме ҷамъ омад. Одамон сари худро бардошта, нигоҳ мекарданд, ки чи тавр чанд нафар ба девор нардбон гузошта, сурати калони Сталинро дар либоси низомӣ ва хошияи мотам бар болои даромадгоҳ меовехтанд.

Елигей маъноии суханони зани бағаласодорро акнун фахмид. Акнун пай бурд, ки чаро аз радио ин кадар савтхои хазин ба гӯш мерасидаанд. Мавриди дигар мешуд, вай хам аз чояш хеста, дар катори одамон меистод, мепурсиду мефахмид, ки ин одами бузург, ки касе гардиши айёмро бидуни ӯ тасаввур карда наметавонист, кай ва чӣ тавр вафот кардааст. Вале холо бе ин хам ғами худаш ба худаш мерасид. Вай чизе нагуфт. Ва Зарифаро низ ба касеву чизе коре набуд...

Каторхо, чунон ки бояду шояд, ба рохи худ идома мелоданд. Пас аз ним соат мебоист катори раками хабдахум мегузашт. Вай ба мисли хамаи каторхои мусофиркаш дар Бӯронӣ барин дурохахо наменистод. Ва дар гӯшаи хаёли касе хам набуд, ки катори раками хабдах ин дафъа дар дурохаи Бӯронӣ хохад истод. Елигей бо дили пур ва катъй ба чунин кароре омада буд. Вай ба Зарифа гуфт:

— Мо ба зудӣ бармегардем. Ним соати дигар вакт мондааст. Ту бояд чӣ кор карданатро хуб мулохиза кунӣ. Бачахоро аз марги падарашон холо огоҳ мекунӣ ё сонитар? Ман туро тасаллӣ ё маслихат доданӣ нестам. Ихтиёр ба худат. Акнун худат хам ба чои падар хастӣ, хам ба чои модар. Холо ки ба хона нарасидаем, бояд ба як хулоса биоӣ. Агар бачахоро хозир огоҳ кардан нахохӣ, худатро ба даст бигир. Дар пеши онхо набояд оби дида резонӣ. Оё сабру токатат мерасад? Дар пеши бачахо чӣ хел рафтор карданамонро мо низ бояд бидонем. Фаҳмидӣ? Ин масъала бисьёр нозук.

— Майлаш, фахмидам,— гирьяомез чавоб дод Зарифа.— То ба хона расиданамон фикр мекунам, баъдтар мегӯям. Ман хозир, ман худамро ба даст мегирам. Ман хозир...

Дар бозгашт низ манзараи дохили вагон хамон гуна буд. Одамон ба чамоае гирд омада, хама чоро аз

дуди тамоку пур карда, сар то сари мамлакати бузург сафар мекарданд.

Зарифа ва Едигей ба вагони купэдор афтоданд. Ин чо мусофир камтар буд ва онхо аз як гӯшаи гузаргох, аз назди тиреза чой гирифтанд, то ба дигарон халал нарасонанд ва гапи худро ба хамдигар бемалол гуфта тавонанд. Едигей аз нишастгохи ба девори долон пайваста чой гирифт. Зарифа дар пахлуи ӯ рост истода, ба тиреза менигарист, гарчи Едигей, ба вай чои худро таклиф карда буд.

— Не,— гуфт Зарифа,— рост бинстам, бехтар.

Зарифа ханӯз фик-фик мегирист, ба тиреза чашм дӯхта мекӯшид мусибати ба сараш афтодаро андак баркапор намояд ва изтиробашро фуруӯ нишонида, хушу ёдашро ба як нукта ғундораду лоакал рӯзгори нави бевазанонаашро ба андеша бигирад. Пештар умеде буд, ки як рӯз не як рӯз хаман ин ғаму андӯх ба мисли як хоби дахшатнок катъ мегарладу Абӯтолиб дер ё зуд бармегардад — охир хеч мумкин набуд, ки ништибох ошкор ва масъала хал нашавад — ва хаман онла боз якчоя мешавад. Он тарафаш охиста-охиста дуруст шуда мерафт, хар кадар мушкил бошад хам, илоче ёфта, зиндагонашонро ба низом медаровардаид. Сабру токат мекарданд, писарчоро тарбият карда, ба воя мерасонидаид. Оре, пештар хамин гуна умеде вучуд дошт. Акнун хамон хам нест.

Басо гарон буд бори андешахои Зарифа.

Едигеи Бӯрони низ дар хамин хусус фикр мекард, зеро ӯ аз такдири ин онла ташвиш накашида наметавонист. Ин хам як амри такдир будааст. Лекин Едигей карор дода буд, ки назар ба харвакта боид орому пуртамкин бошад ва бо рафтори худ ба Зарифа бовару эътимод талкин намояд. Ва дуруст мекард, ки Зарифаро шитоб намекунонид. Худи Зарифа гирьяро бас карда, ба сухан даромад.

— Холо хозир аз бачахо марги падарашонро боид пинхон дорам,— гирьяро ба зӯр фуруӯ нишонида, бо овози канда-канда гуфт Зарифа.— Хозир наметавонам. Хусусан Эрмек... Барои чй кӯдак ин кадар сахт дил бастааст? Маро вахм зер мекунад... Умеду орзӯхои ононро чй гуна барбод медихй? Холашон чй мешавад? Поян зиндагониашон хамин умед аст. Падарро нигаронанд, хар рӯз, хар соат, хар дакика нигаронанд... Пас аз муддате аз ин чохо рафтан лозим меояд, ба ягон

чои нав... Андак калонтар шаванд. Аз Эрмек дилам он қадар пур не. Андак калонтар шаванд... Соңӣ мегӯям, то он вақт худашон ҳам кам-кам пай мебаранд. Аммо хозир не, наметавонам... Бигузор, ки танҳо худам дар азоб бошам... Ба хоҳару бародарони худам ва Абӯталиб хат менависам. Акнун аз мо ҳазар намекардагистанд? Умед хаст, ба хатам чавоб мегардонанд, барои рафтан аз ин ҷо ёрӣ мерасонанд. Он тарафашро дида арз мекунем. Модом ки худаш нест, ақаллан бачахояшро калон кунам, дигар муроде надорам...

Чунин мегуфт Зарифа ва Едигеи Бӯронӣ сокит ни шаста гӯш медод ва маъноии ҳар як калиман ӯро мефаҳмид ва хуб медонист, ки ин суханон ифодаи фақат як зарраи хурд, фақат як қабати болои он тӯғьёни афкору эҳсосотест, ки дар вуҷуди зан ба амал омадааст. Дар ин гуна мавридҳо кас ҳаман дарду алами худро баён карда ҳам наметавонад... Ва Едигей низ намехост, ки мавзӯи гуфтугӯ вусъат ёбад.

— Гапат маъқул, Зарифа,— гуфт Едигей.— Бачахои туро ман ҳам медонам. Ба ҷои ту мешудам, ман ҳам ин гуна хабарро расонида наметавонистам. Камтар сабр кардан лозим. То ҷавоб навиштани хешу таборат аз мо хотират ҷамъ бошад. Пештара барин ҳама аҳлона зиндагӣ кардан мегирем. Ба корат баро, бачахо дар хонаи мо мешаванд. Худат медонӣ, Укубала онхоро фарзандони худаш барин дӯст медорад. Он тарафашро боз мебинем...

Зарифа охи вазнине кашида, боз гуфт:

— Зиндагонӣ як чизи бисьёр мураккаб будааст. Як тарафашро бинӣ, вахм зер мекунад, тарафи дигараш хеле окилона ба ҳам вобаста шуда рафтааст. Охири умр, ибтидо ва идомааш... Бовар кун, Едигей, агар бачахо намешуданд, аз зиндгонӣ даст мешустам. Рост мегӯям. Чӣ лозим ба ман ҳамин зиндагӣ? Лекин бачахо аз доманам маҳкам доштаанд, хотиррасон мекунанд, ки дар пеши онҳо қарзе дорам, вазифае дорам. Ҳалосӣ ҳам дар ҳамин нукта будааст, давоми умр ҳам. Давоми тираву талх бошад ҳам, ба хар хол давоми умр. Ман ҳатто на аз он лаҳза метарсам, ки онҳо ҳақиқатро хоҳанд дарьёфт, аз он лахза чои гурез нест. Ман аз оянда бими калоне дорам. Рӯзи сиёҳе ки ба сари падарашон омада буд, ба як гӯшаи дили онҳо ҳамеша соя хоҳад андохт. Дар хар маврид номи падар садди роҳашон хоҳад шуд, хоҳ ба хондан ё ба коре даромада-

ни шаванд, хох дар ягон соҳа худашонро ба ҷамъият манзур карданӣ шаванд... Ҳамин ки дар ин хусус ба андеша рафтам, ба назарам чунин менамояд, ки садди тавоное дар пеши роҳи мо қомат афрохтааст. Ману Абӯтолиб аз ин хусус даҳон намекушодем. Ман ғами ӯро мехӯрдам, вай ғами маро. Аминам, агар вай зинда мешуд, писарони мо одамони хушгилу комьёб ба воя мерасиданд... Мо аз ҳар гуна садамаҳо ва носозгориҳо ба олами худамон паноҳ мебурдем... Акнун намедонам, чӣ мешавад... Ман чои ӯро гирифта наметавонам... Чунки вай... вай дигар хел инсон буд... Вай ба ҳар чизе ки мехост, муваффақ мешуд. Мехост, ки дар вуҷуди фарзандонаш ҷойгир шавад, таҷассум ёбад. Сабаби фавташ ҳам дар ҳамин — ӯро аз бачаҳояш чудо карданд ва ӯ маҳв шуд...

Едигей ба суханони ӯ бо диққат гӯш медод. Зарифа андешаҳои нихониашро ба ӯ чун ба дӯсти наздик изҳор медошт ва ӯ аз самими калб мехост, ки муносиби ҳамин ҷавоб гӯяд, Зарифаро ҳимоят кунаду кӯмаке бирасонад, аммо худро очиз ҳис мекард ва ин эҳсосот ӯро ноаён, дар замири дил хашмгин мекард.

Онҳо ба дуроҳаи Бӯронӣ наздик мерасиданд. Ин аз ҷоҳои шинос, аз нишонаҳои он қитъае маълум буд, ки Едигеи Бӯронӣ тобистону зимистонҳои зиёдеро он ҷо паси сар кардааст...

— Тайёр шав,— гуфт ӯ ба Зарифа.— Наздик расидем.— Хулоса ҳамин, ки ба бачаҳо ҳеҷ чиз намегӯем. Гап якта. Ту, Зарифа, коре кун ки маълум нашавад. Ҳозир афту андоматро дуруст кун. Ба тамбур бирав. Дар пеши дар бинист. Ҳамин ки поезд истод, саросема нашуда, аз вагон баро ва маро мунтазир шав. Соӣ ҳамроҳ меравем.

— Ту чӣ кор кардаӣ ҳастӣ?

— Ҳеҷ. Ин кори ман. Аз рӯи инсоф гӯем, ту ҳақ дорӣ дар ин ҷо аз катор фуруд ой.

Катори мусофиркаши рақами ҳабдаҳ чун ҳамеша аз дуроҳа бояд наистода мегузашт. Фақат дар қарибии семафор суръаташро андаке сусттар намуд. Маҳз ана дар ҳамин лаҳза — дар даромадгоҳи дуроҳаи Бӯронӣ қатор тормозҳояшро фишшос ва чарҳҳоро тақаррос зананида, карор гирифт. Ҳама тарсида аз ҷоҳои худ ҷаста бархостанд. Сар то сари қатор садои хуштак ва доду фарьёд баланд шуд.

— Чӣ шуд? Чӣ воқеа?

— Мили тормозро кандаанд?
— Кӣ кандааст?
— Дар кадом вагон?
— Вагони купэдор!

Едигей дари вагонро боз кард ва Зарифа ба замин фаромад. Худаш даме мунтазир истод, то маъмури вагон ва рохнамои катор ба тамбур омаданд.

— Бинст! Мили тормозро кӣ даст расонид?
— Ман,— чавоб дод Едигей Буроӣ.
— Худат кистӣ? Чӣ хак дорӣ?
— Лозим буд.
— Ба чӣ лозим буд? Мехохӣ корат ба суд афтад?
— Хеч вокеа не. Ба актатон нависед, хохед ба суд дихед, хохед ба идораи дигар. Мана хуччатхои ман. Нависед, ки собик чанговари фронт, коргари роҳи оҳан Едигей Чонгелдин мили тормозро тофта, каторро дар дурохаи Бӯроӣ ба аломати азодорӣ дар рӯзи вафоти рафик Сталин нигох доштааст.
— Чӣ? Магар Сталин вафот кардааст?
— Ха, радио эълон кард. Гӯш кардан лозим.
— Хайр, ин тавр бошад, масъала ранги дигар мегирад,— даступо гум карда гуфтанд он ду нафар ва ба рафтани Едигей монеъ нашудаанд.— Ин тавр бошад, бирав ба рохат.

Баъди чанд дакика катори рақами хабдах сафари худро идома медод...

Ва боз қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ. Аз ду самти роҳи оҳан дар ин нохия ҳамон биёбони асрҳои аср бекорхобида — биёбони Сари Озек, ё худ Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Он вақтҳо аз Космодроми Сари Озеки I дар ин қарибиҳо ҳатто ному нишоне набуд. Шояд он дар нақшаҳои офаринандагони ояндаи парвозҳои кайҳонӣ тарҳ мегирифт.

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Тобистону тирамохи соли панҷоҳу саввум пурмашаккаттарин айёме буд дар хаёти Едигеи Бӯроӣ. На кабл аз он ва на баъд аз он хеч гуна барфтӯдахои са-

ри рох, гармо ва беобихои Сари Озек, хеҷ гуна ноҳушиҳо ва бадбахтиҳо ва хатто ҷанг хам бо вуҷуди он ки ӯ то Кенигсберг рафта расиду хазор маротиба метавонистанд ӯро бикушанд, ярадор ва маъюбу маслух бикунанд, ба сари ӯ ин кадар азобу укубат наоварда буданд...

Афанасий Иванович Елизаров боре ба Едигеи Бӯроний накл карда буд, ки хокрезхо чӣ тавр ба амал меоянд, чӣ тавр баъзан ёнаи кӯхе, ё хатто умуман худи кӯҳ аз чои худ ҷунбида, ба паҳлуяш фурӯ меғалтад ва қабати замин боз шуда мемонад. Ва одамон ба дахшат меоянд, ки чунин касофате зери пояшои камин гирифта будаасту онхо хабар надоштаанд. Хавфи хокрез дар он аст, ки фалокат ноаён, дар бадали рӯзхо камкам пухта мерасад, зеро обхои зеризамини пояҳои қишри заминро тадричан шуста, аз так нарм мекунанд ва он гоҳ андаке ларзидани замин ё ғурриши барқ ё борони сел кифоя аст, ки кӯҳпорае аз чои худ оҳиста-оҳиста бичунбаду рост ва бемайлон ба поён биғелад. Тахдиди хокрез рафънопазир аст, куввае нест, ки хамлаи онро боздорад...

Агар одамизод низ бо ихтилофоти рафънопазираш тан ба тан монда, ғаму ғусса хурад, орому қарор аз даст бидихад ва дар чунин шароит касе набошад, ки дарди худро изҳор кунаду дасти ёрӣ дароз намояд, айнан чунин ҳол ба сари ӯ мерасад... Худи кас аз чунин ҳол вокиф аст, аз он бим дорад, вале он беамон ба сӯяш меояд...

Пас аз ду мохи сафараш ба Кумбел хамрохи Зарифа Едигей боз бо корубори худ ба он чо равон шуд ва аввалин бор ана дар хамон сафари дуввумаш хис кард, ки дар вучуди ӯ низ чунин чунбише ба амал меояд ва равшан дарк намуд, ки ин чӣ маъное дорад. Ӯ ба Зарифа ваъда дод, ки ба почта дарояд ва бипурсад, ки оё ба номи вай мактуб омадааст ва агар наомада бошад, ба се унвоне ки Зарифа навишта додааст, сета телеграмма бифиристад. Алҳол вай аз хешовандонаш ба ягонта аз мактубхои худ чавоб нагирифта буд. Вай акнун фақат хамин қадар донистан мехост, ки мактубҳояш ба дасти онон расидаанд ё не. Дар телеграммахои худ айнан ҳамин тавр навишта буд, ки яъне ба мактуб чавоб навиштанатон шарт нест, илтимос мекунам мухтасар «ҳа» ё «не» гуфта чавоб гардонед, ки оё мактубхои ман расиданд? Маълум мешуд, ки бародарону хоҳарон хо-

хише надоштаанд, ки хатто ба воситаи почта бо онлаи Абўтолиб робитае дошта бошанд.

Едигей саҳарӣ Қаранори Бўрониро савор шуду ба роҳ баромад, то ки шомгоҳон ба хона баргардад. Албатта агар ӯ мехост ҳар як мошинисти шиноси ўро, ки ҳеч бору бунае надошт, бо хурсандии тамом ба паровозаш савор мекарду дар якуним соат ба Қумбел мерасонид. Аммо худи Едигей ба хотири писаракони Абўтолиб аз савор шудан ба каторҳои роҳгузар даст мекашид. Ҳар дуи онон, ҳам калонӣ, ҳам хурдиаш, аз рохи оҳан дур нашуда, ҳар рўзи худо баргаштани падарашонро нигарон буданд. Дар бозиҳояшон, дар гуфтугўҳояшон, дар чистонҳо, расмҳо, дар ҳар шуғли кўдаконаи онҳо мавзўи интизории падар мавзўи асосӣ буд. Ва табиист, ки дар ин айём мўътабартарин шахс дар назари онҳо амаки Едигей буд, ки, ба акидаи онон, ҳама чизро медонист ва онҳоро дастгирӣ менамуд.

Худи Едигей низ мефаҳмид, ки агар дар дуроҳа вай набошад, бачаҳо бепадар монданашонро бештар ҳис мекунанд, бинобар ин кариб ҳамаи вакти холиашро бо онҳо мегузаронид, кўшиш мекард, ки бачаҳо ба интизории бехуда ҳар чи камтар машғул бошанд. Васияти Абўтолиб дар ёдаш буд, ки барои бачаҳо аз баҳр ҳикоят кун гуфта буд. Едигей тафсилоти нав ба нави айёми кўдакӣ ва чавониаш, ҳар гуна рўйдодҳои шуда ва нашудаи Бахри Аралро ба хотир меовард. Ба кадри тавони худ ин ривоятҳоро ба шуури писаракон мувофиктар карда накл менамуд ва ҳар дафъа ба зиракию хушзеҳнии онҳо коил мешуд. Ва хурсанд мешуд, ки таълиму тарбияи падарашон осори хуб гузоштааст. Едигей ҳангоми наклҳо пеш аз ҳама хурдиаш — Эрмекро дар назар дошт. Вале Эрмек аз акааш ҳаргиз монданӣ надошт ва дар байни чаҳор нафар сомеони ӯ — бачаҳои ҳар ду оила — ба дили Едигей аз ҳама наздиктар буд, ҳарчанд, ки худи Едигей кўшиш менамуд, ба ҳама ба як чашм нигоҳ кунад. Эрмек кунчковтарини сомеон ва беҳтарини таъбиркунандагон ҳисоб меёфт. Аз ҳар бобе суҳан наравад, ҳар як вокеа, ҳар як гардиши шавкоари ривоятро бо номи падар вобаста мекард.

Дар хаёли ӯ падараш ҳамеша ва дар ҳама чой ҳозиру нозир буд. Фаразан, сўҳбате ба тарзи зайл давом мекунад:

— Дар соҳилҳои Баҳри Арал кўлҳое ҳастанд, ки найзорони касногузар доранд. Дар гўшаҳои ана ҳамон

найзорон сайёдони милтикдор камин гирифта мешинанд. Бахорон мурғобихо ба сӯи Бахри Арал парвоз карда меоянд. Онхо зимистонро дар дигар бахрхо гузаронидаанд, дар он чохое ки хаво гармтар аст, аммо хамин ки дар Бахри Арал яххо об мешаванд, онҳо шаба шаб, рӯза рӯз нагуфта, бошитоб ба ин сӯ парвоз мекунанд, чунки ин чохоро бисьёр, бисьёр пазмон шудаанд. Онхо ба селахои калон-калон чамъ омада парвоз мекунанд, мехоханд ба манзил расида, оббозй кунанд, шиновари кунанд, ба об ғӯта зада, частухезхо кунанд. Барои хамин ба кадри наздик расидан ба сохил паст-паст парвоз мекунанд, аммо баногох аз миёни найзорон дуду оташ мебарояд: карс-карс-карс! Ин садои милтики сайёдон аст. Мурғобихо фиғоне кашида, саросемер ба об меафтанд. Бокимондахошон тарсида ба миёначои бахр мераванд ва намедонанд, ки чй кор кунанд, дар кучо зиндагонй кунанд. Ва дар болои мавчхо сарсону саргардон шуда мегарданд. Охир онҳо ба шино кардан дар карибии сохилхо одат кардаанд. Аммо аз наздик шудан ба сохил метарсанд.

— Амаки Едигей, якта мурғобй ба он тараф, ба чои омадааш парида рафт-ку!

— Барои чй ба он тараф парид?

— Охир, отаяки ман дар хамон тараф-ку, бахриавард аст вай, дар киштии калон шино мекунад. Амаки Едигей, охир худат гуфта будй-ку!

— Ха, рост, рост, — андак дастпо гум карда тасдик мекунад Едигей.— Хайр сонй чй шуд?

— Сонй ин мурғобй ба пеши отаякам парида рафту гуфт, ки сайёдхо дар найзор камин гирифта шиштаанд ва ба онхо тир андохтанд. Гуфт, ки онҳо акнун намедонанд, ки дар кучо зиндагонй кунанд!

— Ха, ха, рост мегӯй.

— Сонй отаякам ба он мурғобй гуфт, ки ба карибй ба хонааш меояд, дар дуроха ду писари ӯ — Даул ва Эрмек зиндагонй мекунанд, боз амаки Едигей хаст. Ва хамин ки вай баргашт, хама якчоя мешавему ба Бахри Арал меравем ва сайёдонеро ки ба мурғобихо тир андохтаанд, аз найзорон пеш мекунем. Мурғобихо дар Бахри Арал боз осуда зиндагонй кардан мегиранд... Боз оббозй мекунанд, мана ин тавр бо сарашон ғӯта мезананд...

Вакте ки захиран хикоятхо ба охир мерасид, Еди-

гєи Бӯроӣ бо сангчаҳо фолбиниро сар мекард. Вай акнун доимо чилу якта сангчаи аз нахӯд андак калонтарро дар кисааш бардошта мегашт. Ин тарзи деринаи фолбинӣ нишонаҳои мураккаби рамзӣ ва истилоҳоти қадимии худро дошт. Едигей сангчаҳоро паҳн карда, зери лаб калимаҳои сеҳргаронаро такрор мекард ва аз сангчаҳо талаб менамуд, ки аз дили соф ва холисона ҳақиқатро арз кунанд, бигӯянд, ки оё Абӯтолиб ном шахсе зиндаву саломат аст, дар кучост у ва пеши роҳаш кай боз мешавад ва холо дар чехрааш, дар дилаш чӣ ҳолате акс ёфтааст? Бачаҳо хомӯш нишаста, аз сангчаҳо чашм намеканданд.

Боре аз паси иморат шибир-шибир кардани чизе ва пичирроси касе ба гӯши Едигей расид. Писаракони Абӯтолиб будаанд. Акнун худи Эрмек бо сангчаҳо фол медид. Онҳоро ба таври худаш паҳн карда, ҳар кадомашро алоҳида-алоҳида бардошта, ба пешонӣ ва лабонаш наздик меовард ва изҳори садоқат мекард:

— Туро ҳам дӯст медорам. Ту ҳам бисьёр боакл ҳастӣ, сангчаи хубӣ. Ту хушьёр шав, ки хато накунӣ, пешпо нахурӣ, сангчаҳои амаки Едигей барин аз дили соф ва холисона ҳақиқатро бигӯ.— Сонӣ ӯ суханони Едигейро айнан такрор намуда, чою мавқеи сангчаҳоро ба акааш таъбир мекард.— Мана, Даул, дидӣ, ахвол чандон бад нест, ҳаргиз бад нест. Ана ин рох аст. Андак туманолуд менамояд, яъне ки туман фаромадааст, аммо ин ҳеҷ гап не. Амаки Едигей мегӯяд, ки рох ҳеҷ гоҳ бе монеаю бе носозиҳо намешавад. Падарамон ба рох омода шудааст. Мехоҳад худро болои зин бигирад, лекин пуштанг саҳле суст шудааст. Мана, бин, пуштанг ковок аст. Онро таранг кашидан лозим. Пас чизе будааст, ки падарро аз рох медорад. Сабр кардан лозим меояд. Акнун ба паҳлӯи росту паҳлӯи чапаш менигарем. Ҳамааш бутун, сахат-саломат. Хайрият. Хӯш, дар чабинаш чист? Дар чабинаш чин. Хотираш, Даул, аз мо чамъ нест. Дилаш ҳам, ана ба ин сангча бинигар, дилаш ҳам пур аз ғаму ғусса, хонаро бисьёр, бисьёр пазмон шудааст. Аммо роҳаш кай боз мешавад? Ба карибӣ. Э афсӯс, дар пои паси аспаш якта наъл ковок шудааст. Онро аз нав мех задан лозим. Пас, боз андаке сабр кардан даркор. Хӯш, дар хӯрчинаш чӣ ҳаст? Ҳа, чизҳои аз бозор харидааш. Ку, бубинем, ситорахо чӣ мегӯянд. Ана ин ситора — Яккамехи заррин. Аз он ба ин сӯ пайраҳае кашол шудааст, аммо чандон рав-

шан нест. Пас ба ҳамин қарибӣ аспро аз Яккамех кушода, ба роҳ баромадан мумкин...

Едигеи Бӯроӣ ҳаман ин гапҳоро шунида, ҳайрон шуд, ба риққат омад ва маҳзун шуду оҳиста худро ба каноре кашид. Аз ҳамон рӯз ӯ бо сангча фол диданро бас кард...

Аммо кӯдак ба ҳар ҳол кӯдак аст, навъе карда дилдорӣ додан, умедвор кардан метавон, ҳеҷ набошад, таваккал гуфта, ба муддате фиреб додан ҳам мумкин. Дар дили Едигеи Бӯроӣ боз як андӯҳе манзил гирифт. Дар он шароит, дар он силсилаи вокеот пайдо шудани он чиз табиӣ буд ва он, чун кӯҳлораи ба такаш об рафта ва омода ба фурӯ ғалтидан, мебоист як рӯз не як рӯз аз чои худ мечунбид ва Едигей ёрое надошт, ки онро боздорад...

Барои Зарифа вай бисьёр ғам мехӯрд. Ҳарчанд, ки сӯҳбатҳои байни онон аз доираи гуфтушунидҳои муқаррарӣ берун намерафт, харчанд чи аз даҳони Зарифа ягон калима намебаромад, ки боиси ин гуна фикру андешаҳо шуда тавонад, бо вучуди он Едигей пайваста дар бораи вай фикр мекард. Аммо ҳамдардию ғамхории вай, азони ҳар як каси дигар барин ҳамдардию ғамхории одди набуд, вай на фақат барои он ғусса мехӯрд, ки холи ӯро бо чашми худ медиду хуб медонист, мусибатҳои ба сари ӯ омадаро худаш шоҳид буд. Агар фақат ҳамин мебуд, дардӣ бахайр. Вай дар бораи Зарифа бо муҳабат фикр мекард, шабу рӯз фикр мекард ва ҳозир буд барои ӯ шахсе бишавад, ки дар ҳаёташ такьягоҳ бошад. Ва агар вай пай мебурд, ки ӯ низ, фарз кардем, чунин мешуморад, ки маҳз вай, яъне Едигеи Бӯроӣ дар рӯи олам ӯро аз ҳама бештар дӯст медораду аз ҳама зиёдтар садоқат дорад, агар инро пай мебурд, худро саодатманд медонист.

Лекин чунон вонамуд кардан, ки дар дили вай ба Зарифа ягон ҳиссиёте нест ва дар байни онҳо ҳеҷ гапе нест ва на бояд бошад, ин амр барои Едигей азоби алиме меовард!...

То ба Қумбел расиданаш ҳаман рох бо ҳамин гуна андешаҳо банд буд. Тамом ба танг омад. Хаёлаш дам ба дам дигар мешуд, рухаш гоҳ меболиду гумон мекард, ки ӯро иде дар пеш аст, гоҳ мекосту ҳис мекард, ки ҳамин ҳоло ба дарде гирифтор хоҳад шуд. Ва дар ин вазъ баъзан ба назараш чунон мерасид, ки вай боз ба паҳноии баҳр баромадааст. Одам ба рӯи баҳр баро-

яд, мухит осуда бошад ва хатаре тахдид накунад хам худро дигар хел, на он тавре ки дар рӯи замин аст, эҳсос мекунад. Дар рӯи мавҷхо озодона сайр кардан, хатто бо ягон кори зарур машғул будан хар кадар гуворо бошад хам, акси шафаки субҳ ё ғуруби офтоб дар сатҳи об хар кадар назаррабо бошад хам,— кадом сохил ки набошад, ба хар оина ба сохил баргаштан зарур аст. Як умр дар рӯи об шино карда гашта намешавад. Дар сохил зиндагони дигар хел. Бахр чои муваккатист, замин доимист. Ва агар ба сохиле расидан ба дилат дахшат ангезад, чазираеро бояд дарьёв куни, он чо манзил бигузини ва бидони, ки чои ту хамин чост ва бояд доимо ин чо бошӣ. Хатто ба хаёлаш омад, ки агар чунин чазирае ёфт мешуд, Зарифаро бо бачахояш мегирифту дар он чо зиндагӣ карда мегашт. Писараконро ба бахр омӯхта мекард ва то охири умраш аз такдир нанолида, балки шукрона гуфта, дар чазираи миёни бахр ба сар мебурд. Факат ба хамин шарт, ки дар лахзаи дилхохаш ӯро дида тавонад ва бидонад, ки барои ӯ одами даркорӣ, дилхох ва азиз аст...

Ва баногох аз ин орзухо худ ба худ хичолат мекашид ва харчанд дар атроф ба масофаи садхо километр аз одамизод ному нишоне набуд, хис менамуд, ки сару рӯяш суп-сурх шудааст. Ина бинед-а, бача барин ба олами орзуву хаёлот даромада рафтааст, дилаш чазира мехостааст... Дилат боз ягон чиз мечустагист, а? Охир хаман умрат, оила, бачахо, кору борат, рохи охан ва, нихоят, Сари Озекат, ки номаълум ба он дил бастай, туро магар аз дасту по дар ин чо баста намондаанд?... Ба Зарифа хам вай ба чӣ лозим аст? Ахволи ӯ, бешубха вазнин аст, аммо чаро вай бояд, худро чунин шахсе пиндорад, ки барои Зарифа одами дилхохе мешудааст? Аз писаракон чои шубха нест, вай онхоро аз тахти дил дӯст медорад ва онхо низ ба вай унс гирифтаанд. Хӯш, Зарифа аз чӣ сабаб ба ӯ майл мекардааст? Ва умуман ӯ чӣ хак дорад, ки ин гуна хаёлхоро парварад? Охир зиндагонӣ чои ӯро кайхо нишон додаст ва аз эхтимол дур нест, ки то дами вопасинаш чои ӯ хамон бошад...

Каранори Бӯронӣ аз пайрохаи шиноси борхо дидаш рох мепаймуд. Вай медонист, ки боз чӣ кадар масофа дар пеш аст ва бидуни мудохилаи сохибаш гох-гохе наъра кашида ва дам ба дам сабук-сабук нолишкунон аз пастию баландихо, сою чархо, аз лаби шӯркӯли

обаш як замонҳо хушкшуда ба шаст қадам мезаду фарсаххои касе ношумурдаи дашти Сари Озекро паси сар мегузошт. Едигей дар болои он савор буду ғарқи олами хаёлоти худ... Ва фикру эҳсосоти мухталиф вучуди ӯро ба андозае тасхир карда буданд, ки ҳамин биёбони бекарон ҳам барояш тангӣ мекард ва намедонист, ки чӣ кор кунад... Ҳоли токатфарсое дошт ӯ...

Ба ҳамин минвол ба Кумбел бирасид. Дилаш мехост, ки ба хатҳои ба хешовандон навиштаи Зарифа ниҳоят ҷавоб омада бошад, аммо аз андешае ки хешовандон метавонанд омада оилаи бесарвар мондаро хамроҳи худ ба кишварҳояшон гирифта бибаранд ё ба назди худ даъват бикунанд, боз дилаш ба изтироб меафтод. Дар почта дар қитъаи мактубҳои бозхостӣ ба ӯ гуфтанд, ки барои Зарифа Қутлибоева номае нарасидааст. Ва Едигей ғайри чашмдошти худ аз ин хабар шод шуд. Ҳатто бар хилофи вичдонаш як андешаяки ноаслу ночизаке низ лаҳзае пайдо шуду ғайб зад: «Хайрият, ки набудааст». Сонӣ ӯ супориши Зарифаро бо дили соф ичро намуд — ба се унвон сета телеграмма фиристод. Ва шомгохон ба хона баргашт...

Баҳор рафту тобистон ҳам омад. Сабзаи зумуррадгун ба мисли хоби хуш як намудор шуда, зуд нопадид гардид. Алафҳо сӯхта, пажмурда шуданд, дашти зарди Сари Озек аз сари нав заб-зард гардид. Ҳаво торафт метасфид ва мавсими гармо наздик мерасид. Аз хешовандони Қутлибоевҳо ҳамчунон на хатте мерасид, на хабаре. На ба хатҳо ҷавобе навиштанд, на ба телеграмаҳо. Аз дурохаи Бӯрони ҳамчунон ба ин сӯ ва он сӯ каторҳо мегузаштанду зиндагони бо мачроии худ дар ҷараён буд...

Зарифа дигар умедашро аз ҷавоб канда буд, фахмида буд, ки ба мадади хешовандон чашм дӯхтан фоида надорад, ба онҳо дигар мактуб навиштан, ёрӣ дихед гуфта, мурочиат кардан лозим нест... Ва ба ин хулоса омада, торафт камгап мешуд, маъюс мегардид. Фикр мекард, ки акнун чӣ кор кунад, сари худро гирифта, ба кучо биравад?.. Ба бачаҳо хабари гаронро аз падарашон чӣ гуна бирасонад, гапро аз кучо сар кунад, рӯзгори харобшударо чӣ тавр саранҷом дихад? Ба ҳаман ин саволҳо посухе набуд.

Барои онҳо, эҳтимол, на камтар аз Зарифа Едигей ғам мехӯрд. Ҳаман бӯронихо ғам мехӯрданд, лекин фақат Едигей медонист, ки фоҷиаи ин оила шахсан ба са-

ри ӯ чӣ рӯзеро овардааст. Вай худро аз онхо чудо намедонист. Шабу рӯз акнун хушу ёдаш бо тақдири ин бачахо ва Зарифа банд буд. Вай хам башиддат фикр мекард, ки холи онхо акнун чӣ хохад шуд, вале илова бар ин вай боз пайваста дар андеша буд, ки худаш чӣ тадбире бояд кунад, чӣ коре кунад, ки худро ба даст бигирад, он садоеро ки вайро ба сӯи Зарифа мекашад, чӣ навъ хомӯш намояд? Не, вай хам ба саволхои худ посухе намеёфт. Хеч гумон надошт, ки дар умраш ба чунин муаммое дучор хохад омад...

Едигей чандин маротиба ба худ ахд кард, ки ба ӯ рӯирост ва ошкоро бигӯяд, ки ӯро дӯст медорад ва хозир аст, ки хамаи душворихои зиндагонии ӯро ба зимми худ бигирад, чунки зиндагии худро дур аз онон, дар чудой аз онон тасаввур карда наметавонад. Аммо ин корро чӣ тавр мекунад? Ва оё ӯ максади Едигейро хохад фахмид? Охир ба сари токаи ӯ ин кадар мусибат омадааст, охир худи ӯ дар чӣ холесту боз акаи Едигеяш ба наздаш биояду изхори ишқ кунад! Оё ин айб нест? Едигей дар ин хусус фикр карда-фикр карда, дилтанг мешуд, махзун мешуд ва боз худро ба даст гирифта мекӯшид худро чунон вонамуд кунад, ки дар назари мардум бояду шояд.

Рӯзе аз рӯзхо вай хамин хел як ишорае намуд. Аз китъаи дур бармегашт, дид, ки Зарифа сатил бардошта, ба сӯи цистернаи об меравад. Чизе ӯро ба он сӯ тела дод ва ӯ бирафт. На аз он сабаб, ки мавриди муносиб буд, бахонае буд, ки сатилхои ӯро бардошта, то ба хонааш бирасонад. Онхо кариб рӯз дар миён ва гохо хар рӯз якчоя кор мекарданд ва хар кадар хоханд гапзанон карда метавонистанд. Аммо махз дар он дакика дар дили Едигей майли пурзӯре пайдо шуд, ки зуд ба назди Зарифа биравад ва он чизеро ки дигар пинхон дошта наметавонад, ба ӯ изхор намояд. Хатто дар хамон холи пуризтироб аз дил гузаронид, ки Зарифа матлаби ӯро нафахмад хам, майлаш, бигузор, ки сухани ӯро рад намояд, дар он сурат дилаш таскин меёбад ва рафта-рафта сард мешавад...

Зарифа наздик омадани Едигейро намедид ва намешунавид. Чумаки цистернаро кушода рӯ ба дигар сӯй рост мекард. Як сатили пур ба каноре гузошта шуда буд. Дар зери чараёни об сатили дуввум мекард ва низ пур шуда, об аз лабаш ба замин мерехт. Чумаки цистерна то охир кушода шуда буд. Об кафккунон ме-

рехту дар атрофи сатил кӯл мешуд, аммо Зарифа бо сари хам китфи худро ба цистерна такья дода менсто-ду гӯё аз олам бехабар буд. Дар танаш хамон куртаи чит буд, ки тобистони гузашта рӯзи борони сел пӯшида буд. Назари Едигей ба тораҳои чингилаи мӯяш дар бари рӯй ва паси гӯшаш афтод. Ба рости хам Эрмеки чингиламӯй айнан ба модар рафта буд. Лахзае ба чеҳраи коста, гардани сахле борик шуда, ба китфони хамида ва дасти ба миён гузоштаи Зарифа нигоҳ карда истод. Оё шарроси об ӯро афсун карда, чӯйбору нахрхои Хафтрӯдро ба хотираш овард буд, ё ягон андешаи рамангезе аз дунболаш кашида, ба олами хаёлот бурда буд? Худо медонад. Едигей ӯро диду дилаш ба ғоят танг шуд ва сахт тазьик ёфт. Вай медид, ки хамаи хастии ин зан, сар то пои ӯ то чй андоза барои ӯ азиз аст. Мехост худи хозир ӯро навозиш кунад ва аз хар чизе ки ӯро азият медиҳад, паноҳ диҳад ва ҳимоят намояд. Аммо ин корро кардан мумкин набуд. Вай факат, чумаки цистернаро хомӯшона тоб доду чараёни обро баст. Зарифа ба рӯи ӯ назари бепарвоёна ва лоуболонае афканд, гӯё ӯ дар пахлуяш не, балки дар ягон чои дуродуре бошад.

— Худаш чй гап? Ба ту чй шуд? — бо оханги дилсӯзона гуфт Едигей.

Зарифа чизе нагуфт, факат кунчи лабонаш сахле ба табассум моил шуд, абрӯвонашро андаке боло кашид ва Едигей дид, ки пардаи хаёлот аз рӯи чашмонаш дур шуд. Зарифа бо қиёфаи худ гӯё мегуфт, ки хеч вокеа нашудааст, хамин тавр... хеч гапе нест...

— Ахволат хуб нест? — боз пурсид Едигей.

— Хуб нест,— охи гароне кашида, эътироф намуд Зарифа.

— Чаро худатро ин кадар азоб медихй? — таъна-омез гуфт Едигей ва хол он ки дигар чиз гуфтан мехост.— Охир ҳар чиз хам эбаш-кати! Аз фикру хаёл чй фонда? Азоби туро дидан ба мо хам (мехост бигӯяд: ба ман хам) осон не, ба кӯдакон низ. Лозим не, худат як андеша кун. Ягон илоче ёфтан даркор,— мегуфт Едигей ва мекӯшид чунон суханоне ёфта бигӯяд ва ба Зарифа талкин намоянд, ки махз Едигей аз хама бештар дар ин олам барои Зарифа ғам мехураду аз хама зиёдтар ӯро дӯст медорад.— Худат як фикр карда бин. Фарз кардем, ки ба мактубхоят чавоб надоданд, хайр, майлаш, хаволаашон ба худо, наметирем.

Охир, ин чо дар гирду пеши ту хаман мо (мехост бигўяд, ки ман) одамони худием. Факат ноумед нашав. Кор кун, дилатро бакувват бигир. Бачахо бошанд, дар хамин чо, дар байни худамон хам (мехост бигўяд, ки дар пахлуи ман) ба воя мерасанд. Охиста-охиста хамааш нағз шуда меравад. Ба кучохое монда рафтани ту чй лозим? Мо хама одамони худй хастем. Ман бошам, худат дида истодай, аз бачахои ту як рўз дур нашудаам.— Ва дар ин чо лаб фуруй баст, зеро то ба он дарачае ки мавкеи ў имкон медод, арзи хол карда буд.

— Хамаашро медонам, Елике,— чавоб дод Зарифа. — Ташаккур ба шумоён, албатта. Медонам, ки моро ба холи худ намегузоред. Лекин мо боид аз ин чо бираевем. То ин ки бачахо хаман вокеахои ин чо рўйдодаро фаромўш кунанд. Сонй ман боид ба онхо хакикатро бигўям. Худат медонй, ба ин вазъият дергохе тоб оварда намешавад... Барои хамин доимо фикр карда мегардам, ки чй боид кард...

— Ин, албатта, маълум-куя,— ночор розй шуд Едигей. — Лекин ту ин кадар шитоб накун. Боз як бор андеша кун. Бо ин бачахои ёш ба кучо меравй, дар кучо панохе меёбй? Хамин ки рафтани шумою ин чо монданй худамро пеши назар овардам, дилам зер мекунад...

Дар вокеъ хам Едигей аз такдири онхо, аз такдири Зарифа ва бачахояш тахаммуле дошт ва аз ин сабаб ба оянда назар кардан шавад хам, аз фардо онсўтар намегузашт, харчанд мефахмид, ки дер давом кардани ин хол номумкин аст.

Пас аз чанд рўзи ин сўхбат вокеае рух доду Едигей сирри дилашро тамом ошкор намуд ва баъд сахт пушаймон шуд, аммо чй илоч: худкардаро даво нест, вайлон пинхонй.

Аз он сафари фаромўшношуданй ба Кумбел, аз он рўзе ки Эрмек аз устои сартарош гурехта, нагузошт мўйсарашро бигирад, муддати зиёде гузашт. Писарак хамчунон жўлидамўй мегашт ва гарчи мўи чигила ба худаш хеле мезебид, вале гесуи расидаи ин якрахаи майдаяки тарсончакро кайхо буридан лозим буд. Едигей дар хар мавриди муносиб сари ўро ба оғўш гирифта, мебўсид ва бўи хуши сари кўдакро ба димоғ мекашид. Аммо кокул расида, ба сари китфонаш фаромада буд ва хангоми бозй ва лаволавхо халалаш мерасид. Зарурати мўйсаргирй барои кўдак, аз афташ, як амри

бегона ва нолозиму номафҳум менамуд. Бинобар ин ба касе сар намефароварда. Вале Қазонқоп ӯро ба роҳ дароварда тавонист. Ҳатто андаке тарсонида монд, ки хушьёр бош, бузичахо бачахои мӯйдарозро дӯст намедоранд, шох мезананд.

Соҳй Зарифа чй тавр мӯйсаргирон шудани Эрмекро ҳикоят кард. Қазонқоп мачбур шудааст, ки зӯр ба кор барад. Тани бачаро миёни зонухо гирифта, мӯйсарашро бо мошина тарошидааст. Доду фиғони ӯ ба сар то сари дуроҳа пахн шудааст. Пас аз он ки мӯйсаргирй тамом шудааст, Букеи нармдил ба нияти таскин додани кӯдак ба дасташ оина додааст. Яъне ки ба андомат нигох куну бубин, ки чй хел бачаи хушрӯяк шудай. Писарак ба оина нигоҳ карда, худашро нашинохтааст ва доду фарьёдаш боз баландтар авч гирифтааст. Зарифа ӯро дар ҳамин ҳоли гирьёнаш аз ҳавлии Қазонқоп бардошта мебурд, ки дар пайроҳа ба Едигей рӯ ба рӯ омад.

Эрмеки сарлуч ба худаш заррае монанд набуд. Гардани барахнааш ба назар мухинак, гӯшхояш калон-калони лапашанг менамуданд. Дар холате ки аз гирья супсурх шуда буд, аз ласти модар часта баромаду гирьякунон худро ба оғӯши Едигей андохт.

— Амаки Едигей, бин, инхо маро чй кор карданд!

Агар пештар ба Едиген Бӯроний мегуфтанд, ки чунин холе ба сари ӯ хохад омад, харгиз бовар намекард. Вай писаракро ба даст гирифта, ба оғӯш зер кард ва мусибати ӯро, бепанохии ӯ, шикоят ва умеду эътикоди ӯро бо тамоми ҳастии худ эҳсос кард, гӯё ин мусибат ба сари худаш омада бошад. Вай сару рӯи бачаро бӯсаборон мекарду бо овозе ки аз шиддати хаячон ва рахму рикқат хаста ва гирифта мебаромад, ба маънои суханони худ чандон сарфахм нарафта, мегуфт:

— Ором шав, азизакам! Гирья накун. Ман дигар наменонам, ки касе туро озор дихад, ман барои ту падар мешавам! Ман туро падарат барин дӯст хохам дошт, факат гирья накун! — Ва ногоҳ назараш ба Зарифа афтод, ки дар пешаш аз хайрат карахт шуда меистод ва пай бурд, ки аз хад гузаштааст ва даступо хӯрда, дар холате ки кӯдак дар даст чй гуна калимахоеро хичолатомез зери лаб такрор мекард, шитобон аз пеши ӯ дур шуд: — Гирья накун! Ҳозир ман ин Қазонкопа чунон соз кунам, ки!.. Ҳозир ба вай нишон дода мемонам! Ба вай нишон медихам! Чунон созаш кунам,

кй!.. Хозир сабр кун, хозир ин Казонкопро!.. Хозир ба вай нишон медиҳам!..

Чанд рӯз баъди ин Едигей аз назари Зарифа канора мечуст. Вай ҳам, ба назари Едигей, аз мулоқот мегурехт. Едигеи Бӯронӣ пушаймон буд, ки бехуда аз даҳанаш ҳамин гап баромада рафту зани бечораро, ки бидуни ин ҳам мубталои ғаму ғурбат аст, ба хичолат мононд, болои сӯхта гӯё намакоб рехт. Хар қадар чӯяд ҳам барои худ ягон баҳонае, чизе бонси таскин ёфта наметавонист. Ва ин лаҳза ба солҳои дароз, шояд то дами вопасинаш дар лавҳи хотираш сахт накш баст: писараки ба гардани ӯ часпидаи бепаноҳ ва ранчидаро ӯ бо тамоми хастиаш ба оғӯш кашидаасту дилаш аз шиддати изтироб ва рахму рикқат ба чӯш омадааст; модараш бошад, аз ин манзара моту мабхут гардида, бо фарьёди беовози пурандӯҳ ба рӯи ӯ чашм дӯхтааст...

Едигеи Бӯронӣ муддате пас аз ин вокеа сокит гашт ва ҳаман он эҳсосотро ки дар дил нихон медошт, ба писаракони Зарифа равона намуд. Хар соати холие ки дарьёфт, ҳамрохи онон мегузаронид ва хикоятхои худро дар бораи бахр гоҳ такроран ва гоҳо тамом аз нав сохта, накл мекард. Дилкаштарин мавзӯи сӯхбатҳояшон хамин буд. Моҳихӯраккҳо, моҳихо, парранда ҳои аз чое ба чое кӯчанда, ҷазираҳои Бахри Арал, ки он чо чонварҳои дар олам ноёб зиндагонӣ мекунанд. Хангоми ин сӯҳбатҳо ба ёди Едигей торафт бештар ва исрорконатар саргузашти худаш мерасид, ки дар Бахри Арал рӯй дода буд, вале он ягона чизе буд, ки Едигей ба дигарон накл намекард. Ва алалхусус ба бачахо. Онро факат ду кас медонистанд: худаш ва занаш Укубала ва онҳо низ аз он хусус байни худ харгиз даҳон намекушоданд, чунки он вокеа ба нахустин фарзанди нобудшудаи онон марбут буд. Агар он писарак зинда мемонд, ҳоло аз бачаҳои бӯроннён, хатто аз Собитчони Казонкоп хам тахмин ду сол калонтар мешуд. Афсӯс ки талаф шуд. Ва ҳол он ки одамизод ба умеде сохиби фарзанд мешавад, ки вай баъди ба дунъё омадан умри дароз мебинад, умри бисьёр-бисьёр дароз мебинад, вагарна чӣ суд аз ташвиши оиладорию бачакалонкунӣ?..

Ха, он ходисаи ачибу ғарибе буд, ки эҳтимол дар умри одам факат як бор рӯй дихад ва дигар такрор нашавад. Едигей ва Укубала чавон буданд, ҳанӯз чанг сар нашуда буд. Едигей мохигир буд.

Баъди хонадор шудан Едигей дар бахр бошад хам мехост, ки зудтар ба хона баргардад. Укубаларо дўст медошт. Медонист ки чашми занаш хам дар рохи ў чор аст. Барои Едигей бехтар ва махбубтар аз занаш дигар зане набуд. Баъзан хаёл мекард, вай аслан барои хамин вучуд дорад, ки хамеша дар бораи занаш фикр кунад, неруи бахр ва куввати офтобро дар пайкари худ зарра ба зарра ғундораду баъд онро ба зани интизораш бибахшояд, зеро аз ин бахшиш хушбахтии дуюмиба, гавхари саодат тавлид меёфт. Хамаи дигар чизхои зохирй саодати онхоро, шавку лаззати онхоро аз атохои бахр ва офтоб факат мукаммалтар ва ғанитар менамуд. Ва рўзе ки Укубала хис намуд, ки дар тани ў дигаргуние ба амал омадааст, даме пай бурд, ки обистан шудааст ва ба карибй модар мешавад, ба интизорихои доимй ва одатии мулокоти пас аз бозгашт аз бахр умедвории нахустин фарзанд илова гардид. Айёми софу беғаш буд он рўзхо дар рўзгори онон.

Охири тирамох, кабл аз оғози зимистон дар бари рўи Укубала доғхои базўр аёни кахваранге пайдо шуданд. Шикамаш сахле пеш дамида, ба назар намоён гардид. Рўзе аз рўзхо аз шавхар пурсид, ки алтын макра чй гуна мохй будааст. Ба шунидан шунидаам, гуфт Укубала, аммо ягон бор надидаам. Едигей гуфт, ки ин мохии басо ноёфтест аз зоти сагмохихо, дар чохои чукури об мегардад, чуссааш хам хеле калон аст, лекин арзиши он бештар дар хуснаш мебошад: ранги худаш кабудчатоби хол-хол бошад хам, сараш, болхояш ва шонаву пушташ аз сар то нўки дум тиллоранг аст ва ба мисли зари асл ба тарзи хайратангезе чило медихад. Аз хамин сабаб хам алтын макра, яъне макраи зарринаш мехонанд.

Баъди чанд рўз Укубала гуфт, ки макраи заррин ба хобаш даромадааст. Гўё мохй дар гирду атрофи ў шино мекардаасту Укубала онро доштанй мешудааст. Бисьёр мехостааст, ки он мохиро бикападу баъд рахояш кунад. Лекин пеш аз сар додан хатман дар дасташ нигох дорад, пайкари зарринашро навозиш кунад. Вай то ба андозае мехостааст он мохиро ба даст бигирад, ки аз дунболаш таъкибкунон давидааст. Аммо дошта натавонистааст. Укубала аз хоб бедор шуда, дергохе изтироби худро фурў нишонида наметавонист, афсус мехўрд, надомат менамуд, гўё дар хакикат аз ягон чизи мухим номурод монда бошад. Укубала ху-

дашро худаш маломат кард, лекин баъдтар, дар бедориаш хам мехост, ки макраи зарринро хатман ба даст орад.

Едигей вакте ки тўрхоро аз бахр мекашид, дар ин хусус фикр мекард ва сонитар пай бурд, ки хоби занашро ва хохиши дар бедорй хам фаромўш нашудани ўро дуруст таъбир карда будааст. Вай дарк намуд, ки ба хар тарзе ки набошад, бояд макраи зарринро ба даст оварад, зеро Укубалан хомиладор сарторик шуда буд ва он мохии тиллогун талкаки [1] ў буд. Чунин холатро бисьёр занони обистан аз сар мегузаронанд: дилашон ягон чизи турш, ё шўр, ё бисьёр талху тундро мечўяд, як тоифа занон мехоханд, ки гўшти хайвони дарранда ё парандаеро бирьён карда бихуранд. Талкаки занаш барои Едигей ғайричашмдошт набуд. Зани мохигир бояд чизеро бихохад, ки ба касбу кори шавхараш робита дорад. Ба вай худи худованд фармудааст, ки мохии калони тиллогиро бо чашми худ бубинад ва дар кафи худ бидорад. Едигейро як вактхо гўшрас шуда буд, ки дархости зани хомиладор мучро нашавад, ба кўдаки дар батнаш осебе метавонад бирасад.

Талкаки Укубала чунон чизи ғайриоддй буд, ки вай аз рўирост эътироф кардан ибо менамуд. Едигей хам пурсупос карда нанишаст, зеро намедонист, ки дошта-ни ин гуна мохии нодир ба ў муяссар мешавад ё не. Вай карор дод, ки авал онро ба даст оварад ва он гох муайян кунад, ки чизи дилхохаш хамон аст ё на.

Мавсими калони мохигирй (авчи он аз июль то ноябрь) дар Бахри Арал ба охир мерасид. Бўи зимистон ба машом мерасид. Артель ба сайди зимистонй тайёрй медид. Ин сайди охирин буд ва дар ин фасл об дар гирдогирди бахр ба масофаи якуним хазор километр ях мебаст ва мохигирон кабати ғафси яхро шикаста, сўроххо месохтанд ва тўрхоро аз як сўрох ба об сар дода, аз сўрохи дигар ба воситаи чарх ва уштурони ба чарххо басташуда — ин захматкашони бехамтои дашту биёбон — кашида мегирифтанд. Баробари сар шудани сайди зимистонй шиддати бод хам меафзояд ва мохии ба дом афтода хануз аз тўр халос нашуда, хануз як-ду маротиба дум начунбонида, дар хавои кушоди сармогини бахр дархол зирехи яхин мепўшаду шах мешавад.. Едигей бо артели худ чандин тобистону зимис-

[1] Талкак — гизо ё чизи дигаре ки занони обистан дар айёми «сарторик» шудан дилашон мечўяд *(муаллиф)*.

тон мохиҳои гаронбаҳо ё арзон сайд карда бошад ҳам, дар ёд надорад, ки ягон маротиба макраи заррин ба тӯрашон афтода бошад. Ин моҳиро ахьён-ахьён касе ба шаст мегирифт, ки дар рӯзгори мохигирон ходиса хисоб меёфт, овоза мешуд, ки кори фалонӣ омад кардааст, макраи зарринро капидааст.

Он рӯз бомдодон ӯ ба сӯи бахр равон шуд. Ба занаш гуфт, ки ҳанӯз оби соҳил ях набаста, барои сарфи рӯзгор андак моҳӣ мегирад. Укубала ҳанӯз шаби гузашта ба ӯ эътирозкунон мегуфт:

— Хонаамон, шукр, аз моҳӣ пур. Хар хелаш хаст. Боз чӣ лозим? Ҳаво хунук шудааст.

Аммо Едигей исрор мекард.

— Чизе ки дар хона аст, ба чое гурехта намеравад,— мегуфт ӯ.— Худат гуфтӣ, ки холаи Сағын нотоб аст. Барои вай моҳишӯрбо пухтан лозим. Аз аспакмоҳӣ ё аз моҳии мӯйлабдор. Як ба як даво мешавад. Барои ин пиразан моҳиро мо надорем, кӣ медорад?

Бо ҳамин бахона сахари барвакт ба сайди макраи тиллогин баромад. Ҳаман асбоб ва лавозимоташиро каблан омода карда, дар димоғаи завраҳаш гузошта буд. Худаш ҳам либоси гармашро пӯшид ва аз болои он боронии кулохдорро ба сар гирифта, ба заврак нишаст.

Осмон абрпӯш, ҳаво хира ва норавшан буд, ҳавои ноустувори байни тирамоху зимистон. Едигей белзанон завракашро аз болои мавчхо уреб ба миёначои бахри кушод равон кард. Макраи заррин ба акидаи ӯ фақат дар ҳамон чо мезист. Окибати сайд, албатта, ба омади кор вобаста буд, чунки сайёде нест, ки бо эътимоди кулл гуфта тавонад: ман имрӯз ҳатман аз каъри бахр бо шаст моҳӣ мегирам. Рӯи замин бошад, одам ва сайди ӯ, ба хар хол, дар мухити якхела вокеъ гаштаанд, шикорӣ метавонад чонвареро дунболагирӣ кунад, ё дар чое камин гирифта нигаронаш шавад ё наздик расида хамла кунад. Мохигир аз ин гуна шароит махрум аст. Шасти худро ба об андохта, ночор мунтазир мешавад, ки моҳӣ меояд ё на, агар биояд, ба дом меафтад ё на.

Едигей дар дил умеди кавӣ дошт, ки сайдаш барор мегирад, зеро вай мисли ҳамеша бо такозои пеша не, балки ба хотири майли асроромези зани дучонаш ба пахнои бахр баромадааст.

Бардаму тавоно буд Едиген чавон ва хеле хуб бел мезад. Монда нашуда, ба як маром бел мезаду завра-

кашро рӯй-рӯи амвочи пурхами нохамвор пеш меронд. Мохигирони Арал ин гуна мавчхоро ийрек толкун — мавчи качпахлӯ меноманд. Ийрек толкунхо одатан аз тӯфони оянда башорат медиханд. Аммо ба сари худ хатарнок нестанд ва аз онхо натарсида, ба мобайни бахр баромадан мумкин аст.

Ба кадри дур шудан аз замин сохил, чари хокӣ ва марзаи сангзори лаби об дар назар торафт майдатар менамуданд ва дере нагузашта, ба хатти норавшане бадал шуданд, ки он хам гох-гохе аз чашм нопадид мегашт. Дар фарози осмон абрхо ночунбон менстоданд, аммо дар поён, дар наздикии сатхи бахр вазиши бод аён буд.

Тахмин пас аз ду соат Едигей завракашро даст гирифт, белхоро ба каноре гузошта, лангар андохт ва асбобхояшро ба сайд омода намуд. Вай ду ғалтак таноб дошт. Якеро ба дунболи заврак устувор кард ва таноби посангакдор аз миёни душоха шорида ба чукурии такрибан сад метр фаромад ва дар ғалтак боз бист метри дигар таноби захира монд. Таноби дуввумро айнан ба хамин тарика ба димоғаи заврак баст. Ва боз белро ба даст бигирифт, то ба василаи он завракро дар чои лозимааш нигох дорад, то ки вай аз лаппиши амвоч ва вазиши бод ба хар сӯ майл накунад ва аз хама мухиммаш — барои он ки танобхо ба хам напечанд.

Ва шурӯъ намуд ба интизорй. Аз рӯи тахмини ӯ он мохии нодир махз дар хамин гуна чойхо мезист. Барои тасдики ин фарзия далеле надошт, балки факат бо фаросот ба чунин хулоса омада буд. Ва эътимоде дошт, ки он мохӣ хатман меояд. Онро нагирифта ба хона баргашта наметавонист. Вай барои дилхушй не, барои як чизи бағоят мухимме дар рӯзгораш даркор буд.

Пас аз муддате мохиён аз вучуди худ мужда доданд. Аммо мохиёни дигар. Аввал аспакмохӣ ба шаст афтод. Едигей танобро боло мекашиду медонист, ки ин макраи заррин нест. Хеч имконпазир набуд, ки ба шасти аввал дархол макраи заррин биояд. Дар он сурат кор ба хадди имкон осон мешуду аз шавку халоват орӣ мебуд. Едигей розй буд, ки захматхо бибарад, интизорихо бикашад. Соӣ ба чангак мохии мӯйлабдор дармонд. Ин яке аз хубтарин, хатто метавон гуфт, бехтарини мохиёни Бахри Арал буд. Едигей онро низ зада

карахт намуду ба тахи заврақ партофт. Барои мохишўрбои холаи Сағын акнун ба ҳар ҳол моҳӣ мерасид, ҳатто зиёдӣ ҳам мекард. Баъд якта тран дармоид, ки ин симмоҳиро аз чинси зағорамоҳиён дар баҳри Арал ҳамин тавр меномиданд. Едигей ҳайрон буд, ки транро чӣ чине задааст, ки ба он чуқурӣ ба сайр рафтааст!? Одатан тран дар қабатҳои боло мегардад. Хайр, ҳаволааш ба худо, ачалаш расида будааст. Сипас макси тўлоние ба миён омад... «Не, то охир сабр мекунам,— худ ба худ гуфт Едигей.— Нагуфта бошам ҳам, занам медонад, ки ба сайди макраи заррин баромадам. Ва ман бояд онро ба даст биорам, вагарна тифл дар батнаш норохат мешавад. Охир, ин талаби хамон тифл аст, ки мехохад модараш макраи зарринро бубинад ва рўи каф бигирад. Рост, касе намедонад, ки чунин як хоҳиш дар вучуди тифли норасида аз кучо ва чӣ тавр пайдо шудааст. Муроди модараш низ хамин аст. Ман ладар хастам ва бояд коре кунам, ки онхо ба муродашон бирасанд».

Ийрек-толқунҳо бозихо мекарданд, завраки Едигейро ба чапу рост тоб медоданд, вокеан мавчхои качнаҳлуву фиребандаву ноустувор буданд онҳо. Едигей ҳис намуд, ки аз ночунбон нишастан андак-андак хунук мехурад. Бо вучуди ин чашмашро аз ғалтаку танобҳо намеканд, нигарон буд, ки кай таноб ба чунбиш меояд, кай аз миёни душоха гузашта, ба поён мешорад. Не, на дар димоға, на дар дунболи заврак чунбише мушоҳида намешуд. Едигей ҳамчунон токат мекард. Вай медонист, амин буд, ки макраи заррин ба наздаш хохад омад. Факат бахр ором бошад, шуд. Лекин ийрек толқунхо шўхиву бозиро аз хад гузаронида истодаанд. Чаро? Не, ба ин карибӣ набояд тўфон бархезад. Эхтимол шомгохон ё шабона алабашхо — мавчхои алосараки тўфонзо ба хурўш биоянд. Ва он гох Бахри Арал хашмгину тахдидкор мешавад, ба чўш меояду сар то сараш аз кафки сафед чома мепўшад ва дигар касе ёфт нахохад шуд, ки чуръат карда, рў ба амвочи он оварад. Ҳоло ҳозир ин чо мондан метавон, ҳанўз фурсате ҳаст...

Едигей аз шиддати хунукӣ сар ба дарун кашида, дам ба дам ба шастҳояш назар афканда менишаст. Ҳамчунон мохии худро нигарон буд. «Чӣ ни кадар андеша мекунӣ, э ту натарс, аз барои савоб! — ба мохӣ мегуфт ӯ дар дилаш.— Гуфтам-ку: натарс. Гашта ба об сар

карахт намуду ба тахи заврақ партофт. Барои мохи-шӯрбои холаи Сағын акнун ба ҳар хол моҳӣ мерасид, ҳатто зиёдӣ ҳам мекард. Баъд якта тран дармонд, ки ин симмоҳиро аз чинси зағорамоҳиён дар бахри Арал ҳамин тавр меномиданд. Едигей ҳайрон буд, ки транро чӣ чине задааст, ки ба он чукурӣ ба сайр рафтааст!? Одатан тран дар қабатҳои боло мегардад. Хайр, ҳаволааш ба худо, ачалаш расида будааст. Сипас макси тӯлоние ба миён омад... «Не, то охир сабр мекунам,— худ ба худ гуфт Едигей.— Нагуфта бошам ҳам, занам медонад, ки ба сайди макраи заррин баромадам. Ва ман бояд онро ба даст биорам, вагарна тифл дар батнаш нороҳат мешавад. Охир, ин талаби ҳамон тифл аст, ки мехоҳад модараш макраи зарринро бубинад ва рӯи каф бигирад. Рост, касе намедонад, ки чунин як хоҳиш дар вучуди тифли норасида аз кучо ва чӣ тавр пайдо шудааст. Муроди модараш низ хамин аст. Ман ладар хастам ва бояд коре кунам, ки онхо ба мурода-шон бирасанд».

Ийрек толкунҳо бозихо мекарданд, завраки Едигейро ба чапу рост тоб медоданд, вокеан мавчҳои кач-паҳлуву фиребандаву ноустувор буданд онҳо. Едигей ҳис намуд, ки аз ночунбон нишастан андак-андак хунук мехурад. Бо вучуди ин чашмашро аз ғалтаку танобҳо намеканд, нигарон буд, ки кай таноб ба чунбиш меояд, кай аз миёни душоха гузашта, ба поён мешорад. Не, на дар димоға, на дар дунболи заврак чунбише мушохида намешуд. Едигей ҳамчунон токат мекард. Вай медонист, амин буд, ки макраи заррин ба наздаш хоҳад омад. Фақат бахр ором бошад, шуд. Лекин ийрек толқунҳо шӯхиву бозиро аз ҳад гузаронида истодаанд. Чаро? Не, ба ин қарибӣ набояд тӯфон бархезад. Эҳтимол шомгохон ё шабона алабашҳо — мавчҳои алосараки тӯфонзо ба хурӯш биоянд. Ва он гоҳ Бахри Арал хашмгину тахдидкор мешавад, ба чӯш меояду сар то сараш аз кафки сафед чома мепӯшад ва дигар касе ёфт нахоҳад шуд, ки чуръат карда, рӯ ба амвочи он оварад. Ҳоло ҳозир ин чо мондан метавон, ҳанӯз фурсате ҳаст...

Едигей аз шиддати хунукӣ сар ба дарун кашида, дам ба дам ба шастҳояш назар афканда меншаст. Ҳамчунон моҳии худро нигарон буд. «Чӣ ин қадар андеша мекунӣ, э ту натарс, аз барои савоб! — ба моҳӣ мегуфт ӯ дар дилаш.— Гуфтам-ку: натарс. Гашта ба об сар

мелихамат. Бовар намекунам, мегӯй? Бовар кун, ошно, туро барои хурокй гирифтанй нестам-ку. Хонаам пури хӯрок, пур-пури хар хел мохихо. Мана дар тахи заврак хам сета мохии калон хобидааст. Барои хӯрок лозим мебудй, хамин кадар вакт нигаронат мешудам? Мелонй, макраи заррин, мо нахустин фарзандро чашмдорем. Ба кариби занам туро дар хобаш дидааст. Аз хамон рӯз ичониб бетокат. Ба ман нагӯяд хам, аз андомаш маълум. Сабабашро ба ту нагз фахмонида наметавонам, лекин туро дидани ӯ, чанд лахза дар даст дошта истоданаш бисьёр-бисьёр зарур будааст. Ман кавл мелихам, ки соней даррав туро ба бахр сар мелихам. Эхтимол, сабаб он бошад, ки ту мохии нодири беамсол хастй. Сари ту тиллогун аст, думат тиллогун, болҳоят, сутунмӯхраи пуштат хам тиллогун. Ту вазъияти моро як андеша карда бин. Занам мехохад, ки дар бедориаш туро як назар бубинад, ба дастонаш палмосида бубинад, ки пайкари ту, макраи заррин, чй гуна аст. Гумон накуи, ки ту мохй хастй ва ба рӯзгори мо дахле надорй. Мохй боший хам, зани ман туро мисли хохар ё додаракаш пазмон шудааст, орзу дорад, ки пеш аз таваллуд шудани кӯдак туро бубинад. Тифл хам дар батнаш ором мегирад. Гап ана хамин хел. Кӯмак куи, дӯстам макраи зарин. Биё, натарс. Кавл додам, ки озор намелихам. Гарази бад медоштам, худат кайхо пай мебурдй. Ба чангак як порча гӯшт гузаронидаам. Дуто чангак партофтам, худат яктаашро хоста бигир. Гӯшт сахле бӯй овардааст, ман ин корро дониста кардам, то ки ту бӯи онро аз дур бишамй. Биё, ба дилат гумони бадро рох надех. Агар ба чои чангак мохичаи сап-сафеди фулузиро мепартофтам, кайхо медидй, аммо ин кор аз рӯи вичдон намешуд. Охир ту мохичаро дархол фурӯ мебурдй. Соней, баъди он ки туро ба бахр сар додам, мохичаи фулӯзй дар шикам чй хел зиндагй мекардй? Фиребгарй мешуд аз тарафи ман. Ман бошам аз дили соф барои ту чангак партофтам. Лабат андак захмин мешаваду бас. Гам нахӯр, якта машки калон овардаам. Онро аз об пур мекунам, ту бахузур дар дарунаш мехобй, соней боз шинокунон меравй. Лекин то ту наой, ман аз ин чо нахохам рафт. Фурсат мегузарад, ошно. Намебинй, мавчхо хурӯшонтар мешаванд, бод шиддат мегирад? Ё мехохй, ки нахустин фарзанди ман ятимчан бепадар бошад? Ба ман мадад кун, дӯстам...»

Дар паҳнои кабудранги баҳри сарди оғози зимистон шаб доман мегустарид. Заврақ гоҳ ба теғаи мавҷҳо чаҳида мебаромаду гаҳе дар миёни онҳо нопадид мегардид ва тадричан ба соҳил наздик меомад. Бо амвоҷи пурхурӯши кафкин ба талош афтода, бо машаққате роҳ мепаймуд. Баҳр ба ғурриш даромада буд, сахт-сахт алвонҷ мехӯрд ва барои тӯфон нерӯ чамъ мекард. Қатрахои сарди об ба сару рӯй яхпорасон мезаданд, дастони белдори мохигир аз сармо ва рутубат торафт аёнтар варам мекарданд.

Укубала дар соҳил қадам зада мегашт. Вай кайҳо ба ташвиш афтода, ба соҳил баромада буд ва шавҳарашро интизорй мекашид. Рӯзҳое ки ӯ барои арӯси мохигир шудан ризоият медод, хешовандонаш — чорвопарварони бодиянишин мегуфтанд: бехтар мешуд, ки қабл аз «ҳа» гуфтан нағзакак фикр мекардй, чуики ба зиндагии мушкиле тан медихй, мохигир не, балки баҳр шавҳарат мешавад ва холо на як бору ду бор дар канори баҳр ишшаста ва дасти илтичо ба сӯяш дароз карда, бо оби дидагонат рӯй мешӯй... Аммо ӯ Едигейро интихоб кард. Фақат ҳамин қадар гуфт, шавҳарам чй гуна зиндагй кунад, ман ҳам шарикаш...

Воқеан, ҳамин тавр шуд. Ин дафъа шавҳараш ҳамроҳи артель не, балки танҳо рафта буд. Ҳаво вуд торик мешуд, баҳр ноором буд ва ба фазо ғулғула меафканд.

Мана, аз миёни мавҷҳо нӯки бел намоён шуд, баъд худи заврақ часта ба рӯи мавҷ баромад. Укубала, ки ба рӯмоли калоне печида, шикамаш андаке пеш дамида буд, ба марзаи мавҷшикан наздиктар омад ва то расидани Едигей дар ҳамон чо истод. Мавҷи тавоноое заврақро бардошта оварду ба регзори соҳил афканд. Едигей зуд ба об фаромад ва заврақашро чун барзагове кашолакунон ба канор бароварда. Вай саропо шитта тар ва намаколуд буд. Ҳангоме ки коматашро рост гирифт, Укубала пештар омада, даст ба зери боронии сардаш бурд ва гардани тарашро ба оғӯш гирифт.

— Чаро ин қадар дер? Кӯки чашмам канда шуд.

— Рӯзи дароз интизор шудам, наомад, навакак пайдо шуд.

— Чй, ту барои макраи заррин рафта будй?

— Ҳа, илтимос кардам, розй шуд. Мана акнун интоҳ кун.

Едигей аз заврақ машки калони пуроберо гирифта,

дахонашро кушод ва обашро ба сангзори сохил бирехт. Хамрохи об макраи заррии хам ба замин фаромад. Мохии бузург, тавоно ва зебое буд вай. Акнун вай девонавор думак мезад, пайкарашро печутоб дода, мечахид, сангрезахои тарро ба хар сӯ пош медод ва дахони худро калон кушода, рӯй ба самти бахр меовард, мехост хар чй зудтар ба мухити одатию дилчӯи зиндагониаш баргардад, ба теган сафеди мавчи тавонои об бирасад. Сипас баногох лахзае ором шуд, тамом сокин гашт, бо чашмони гирдаки соф ва ночунбоиаш ба оламе ки ногахон ба он афтода буд, назар андохт, гӯё мехост сарфахм биравад, ки ин чй оламест. Хатто дар хавои нимторики шомгохон ба сари вай фавчи равшанонии фавкулоддае фурӯ рехта буд ва ӯ чашми одамони ба сараш хамида, порае аз хатти сохил ва дар мафони хеле дуродур дар осмони болои бахр аз паси абрхои пароканда шафаки дар назараш ба андозаи токатфарсо пурчилои офтобро медид. Нафасаш танг шуд. Ва боз ба тапиш даромад. Бо кувваи тоза частухез мекарду печутоб мехӯрд ва мехост худро ба об бирасонад.

Ёдгей макраи заррирро аз ғалсама дошта, аз замин боло кард.

— Дастатро дароз кун, аз такаш дор,— гуфт ӯ ба Укубала.

Укубала мохиро хамчун кӯдаке дудаста гирифта, ба огӯшаш зер кард.

— Баданаш чй хел таранг!— хитоб кард Укубала неруи тавоною саркаши мохиро эхсос намуда.— Боз чунон вазнин, ки!... Кунда барин. Чй хел аз вай бӯи бахр меояд! Ух, рости бисьёр хушрӯ будааст! Ма, Ёдгей, бигир. Ташаккур, ман розй акнун. Ба муродам расидам. Бигир, тезтар ба обаш сар бидех...

Ёдгей макраи заррирро ба сӯи бахр бардошта рафт. Ба оби кафколуд то зону фаромад, мохй аз дасташ охиста лағжида поён фаромад. Ва даме ки вай ба об медаромад, хаман узвхои заррintобаш аз сар то дум дар хавои кабуди тирафом як лахзаи мухтасар дурахше барафканд ва ӯ аз дунболи пайкари чолоку тундпуяш фурӯғи ачоиби худро низ ба қаъри об бурд...

Шабона дар бахр тӯфони калоне бархест. Ғурриши баланди он аз паси девор, аз он тарафи чари сохил баръало ба гӯш мерасид. Ёдгей бори дигар бовар кард, ки йирек толкун бехуда пайдо намешавад, хат-

ман аз паяш туғьёне меояд. Як пос аз шаб гузашта буд. Едигей ғанаболуд ба шўриши мавчхо гўш дода, макраи зарринашро ба ёд овард. Холо ахволаш чй гуна бошад? Лекин мегўянд, ки бахр дар чохои аминктараш ором аст. Моҳии вай ҳам, эҳтимол, дар олами торики худаш шино мекунаду ба боло, ба сатхи бахр гўш медиҳад, ки чй гуна мавчхо мехўрўшанд. Едигей ноатмандона табассум кард ва дар холате ки хобаш мебурд, дасти худро ба паҳлуи занаш гузошт ва ҳис намуд, ки батни ўро чизе аз дарун такон медиҳад. Ин нахустин фарзанди ояндаи ў буд, ки аз вучуди худ пайгом медод. Едигей боз як бор мамнунона табассум кард ва ба хоби роҳат рафт.

Вай намедонист, ки як соли дигар нагузашта, чанг сар мешавад ва ҳаман зиндагоннаш зеру забар мегардад ва ў ба як умр аз канори бахр меравад ва бахру сохилу ҳаман он рўзгорро факат гох-гохе ёдовар мешавад... Хусусан дар рўзхои сахт, дар соатхои гарони умраш...

Каторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тўл мекашиданд...

Он соли барои Едигеи Бўроний дахшатноки панҷоҳу саввум зимистон ҳам бармаҳал омад. Дар Сари Озек хеч гоҳ ин хел зимистони барвактй наомада буд. Охири мохи октябрь барф борид, хаво хунук шуд. Хайрият, ки то он вакт барои худаш ва Зарифаю бачаҳояш аз Кумбел картошка оварда буд. Гўё пешакй медониста бошад. Охирин бор дар он сол ба уштур савор шуд. Андеша кард, ки агар картошкаро ба катори боркаши рохгузар бор карда оварад, то расидан ба дуроха дар хавои кушод ях мебандад. Картошкаи яхбаста ба чй лозим? Инак, ў ба Қаранори Бўроний савор шуда рафт. Аз он тараф ду чувол картошкаро бор кард. Зўри худаш нарасид, хайрият, одамон кўмак карданд. Ду чуволро ба ду тарафи зин тарозу карда партофтанд. Едигей чуволхоро бо намад печонид, хатто канорахои намадро нағзакак ба дарун кат кард, то ки шамол нарасад. Аз болои

бор худаш савор шуду бо хотири чамъ рохи Бӯрониро пеш гирифт. Дар болои Қаранор, чун дар пушти фил, бахузур менишаст. Оре, ба назари худи Едигей хам чунин менамуд, ки вай гӯё филсавор аст.

То он вакт дар ин чохо касе дар бораи филхои саворӣ тасаввуре надошт. Хамон тирамох ба истгох аввалин фильми хиндӣ омад. Хаман кумбелихо, аз хафт то хафтодсола, ба тамошои фильми ачиб дар бораи киштвари ғариб шитофтанд. Ғайр аз раксу суруди бисьёр дар фильм филхоро нишон доданд. Мардум диданд, ки филсавор ба шикори паланг ба чангалхои касногузар мерафтаанд. Он фильмро Едигей хам тамошо кард. Вай хамрохи сардори дурохо дар мачлиси умумии иттифоки касаба ба сифати вакили бӯронихо иштирок карда буд. Баъди он мачлис дар клуби депо фильми хиндиро намоиш доданд. Гап аз хамон чо сар шуд. Пас аз тамошо аз хар калла як садо мебаромад. Рохиоханчиён изхори тааччуб мекарданд, ки ачиб, дар Хиндустон ба фил савор мешудаанд. Ва яке аз онхо бо овози баланд гуфт:

— Э ба хамун филхо расо часпидед-дия! Каранори Бӯрония кучояш аз фил кам? Чй кадар хохй, бората бор кун, фил барин бардошта рафтан мегирад!

— Рост, рост! — гуфта хандиданд атрофиён.

— Фил хам гап шуд?— нидо дод боз як каси дигар.— Вай факат дар мамлакати гарм зиндагонй карда метавонистааст. Каний, рӯзи зимистон ба дашти мо бияяд! Чор пояша дароз накунад, ман зомин. Фил кучою Каранор кучо!

— Хой Едигей! Хой Бӯроний! Биё, ошно, як кор кун. Чй хеле ки дар Хиндустон кулбае сохта, ба пушти фил мемондаанд, ту хам якта хонача сохта ба болои Каранор устувор кун, Бойбачаи Хиндустон барин кайф карда мегардй!

Едигей механдид. Еру ошноҳо хазл мекарданд, албатта. Лекин дар бораи атаии номдори худ таърифу тавсиф шунидан гуворо буд...

Аммо хамон зимистон Едигей азоби Каранорро кашид. Вале он сонитар, дар фасли сармо ба сараш омад.

Он рӯз бошад, дар мобайни рох барфи калон омад. Пештар хам чанд маротиба барф борида буд, аммо он кадар калон набуд ва об шуду рафт. Он рӯз нағзакак борид. Боз чунон борид, ки!.. Осмони дашти Сари Озек сип-сиёх шуд, бод ба туғьён омад. Барфи лаклакй ме-

зад. Порчахои калон-калони сап-сафедаш дар фазо чархзанон фурӯ мерехтанд. Ҳаво хунук набошад хам, рутубатнок ва хеле нофор буд. Ва аз хама ногувораш ин буд, ки аз паси пардаи барф чизе ба назар наменамуд. Чӣ илоч? Дар дашти Сари Озек панохгохе нест, ки сари роҳ он чо то гузаштани шӯриши барф тавакқуф куни. Факат якта умед монда буд — умед ба куввати Қаранор ва рохдонии вай. Факат Қаранор метавонист сохибашро ба манзил бирасонад. Едигей иноиро ба ихтиёри атанаш вогузошт. Худаш гиребони пӯстинро бардошта, телпакашро ба сараш зер карда пӯшид ва аз болояш кулохи бороиро ба сар кашид. Токат карда менишасту дам ба дам ба атроф чашм меандохт, ки оё ягон чиз менамуда бошад? Аммо ба чуз пардаи ғафси барф чизе ба назар намерасид. Қаранор бошад, ғашти худро суст накарда, дар миёни он арасот роҳ мепаймуд ва, аз афти кор, пай мебурд, ки хочаш акнун чандон хоча хам нест, бинобар ин хам дар болои чуволхояш сокит ва пакар нишастааст, лоақал овозаш намебарояд. Оре, Каранор уштури тавоно, чонвари муктадир буд, ки бо ин қадар бор дар миёни шӯриши барф башаст медавид. Чукур-чукур нафас мегирифт, хаври даҳонаш роға-роға ба атроф пахн мешуд, гохо баланд меғурриду наъра мезад ва гохо дуру дароз, бефосила ва ба як оҳанг зӯза мекашиду аз кабати барфи чарханда боэътимод ва устувор пеш медавид...

Едигеи Бӯронӣ дар миёни барфистон худро яккаву танхо хис мекард. Қаранор дам ба дам барфи ба сараш нишастаро афшонида, сукунати даштро бо наъраву фарьёдхои худ халалдор мекард. Ахволи Едигей хеле бад буд дар он сафар. Инону иродаашро ба даст гирифта наметавонист, ба як карори хушоянду маъкул омада наметавонист. Чуръат надошт, ки рози дилашро ба Зарифа бигӯяд ва аз Укубала хам рӯ гардонида наметавонист. Ва дарғазаб шуда, худашро худаш дашном медод: «Хайвон! Худат хам хайвон, уштурат хам хайвон! Нокас! Нобакор! Саг! Ахмак!» Ва боз хакоратхои кабех медод, худашро аз замин гирифта, ба замин мезад, тахдидхо мекард, то ба худ бияяду хушьёртар бишавад... Аммо суде набуд... Вай ба хамон хокрез, ба хамон кӯҳпоран аз чой чунбида монанд гашта буд... Ягона боиси дулхушиаш бачахо буданд. Чӣ хеле ки хаст, дар хамон хол ба онхо маъкул буд, онхо ба пеши вай хеч гуна шарту шароит намегузоштанд. Дар

ягон кор ёрмандӣ расонидан, ягон чиз овардан ё бурдан, дар хонаашон чизеро дуруст кардан лозим бошад, ҳамеша аз дилу ҷон ба ҷо меовард. Хозир ҳам ду ҷуволи калон картошкаро бар Қаранор бор карда, барои зимистонашон мебурд. Хонаашон аз ангишту хезум таъмин буд...

Ёдаш ба бачаҳо банд шавад, дилаш меосоид, ҷонаш ҳаловат мебурд. Тасаввур мекард, ки ба дуроҳа бирасад, чӣ хел писаракон аз хонаашон тозон мебароянд. Ҳарчанд, ки барфи лак-лакӣ мезанад, гашта ба хона намедароянд. Дар атрофаш частухез карда, дод мезананд: «Амаки Едигей омад! Савори Қаранор омад! Картошка овард!». Ва ӯ ба ушгур омирона «чих!» мегӯяду ба сина менишонад, сонӣ аз ушгур фаромада, барфи сару либосашро мезафшонад ва дар фосилаи ин корҳо сари писарчаҳоро сила карда, навозиш менамояд, баъд шурӯъ мекунад ба фаровардани ҷуволҳои картошка ва дар айни замон бо гӯшаи чашм нигоҳ мекунад, ки оё Зарифа, агар дар хона бошад, берун набаромад. Вай ба ӯ ягон гапи зарурӣ гуфтанӣ надорад ва ӯ низ ба вай чизе нахоҳад гуфт. Фақат ба рӯяш як назар мекунаду бо ҳамин таскин меёбад, вале дере нагузашта, дубора ба оғӯши ғаму ғусса фурӯ меравад, зеро чораи дигаре надорад. Бачаҳо бошанд, дар атрофаш ҷунбучӯл карда мегарданд, баъзан халал мерасонанд, гоҳо аз ғурриши ушгур тарсида-тарсида, ба наздиктараш меоянд ва баъд тарсу бимашонро фурӯ нишонида, ба қадри ҳолашон кӯмак мерасонанд ва ин корашон ягона подоши дилчӯе хоҳад буд барои ҳаман ранҷу азобҳо...

Ана ҳамин тавр сурат гирифта буд сафари ӯ дар он рӯзи барфин. Ҳаман роҳ сараш пур аз хаёлу дилаш моломоли шубҳа ва гумонҳо буд. Ва аз аввал то анҷоми сафар барф мебориду барф меборид...

Аз ҳамон барф зимистони бармаҳал ҳукмрони дашти Сари Озек гардид ва аз нахустин қадамаш зимистони қаҳратун буд.

Фасли сармо фаро расиду Каранори Бӯронӣ боз ба изтироб омад, майли ҷуфтҳоҳиаш аз нав оташ гирифт, ҷӯшиду хурӯшид ва акнун касе ё чизе набуд, ки садди озодии вай шуда тавонад. Ҳатто сохибаш низ акнун мебоист гузашт мекард, то чони худро бехуда гирифтори балое нагардонад...

Рӯзи саввуми пас аз барфи калон боди сарди шадиде вазид ва баъди ором шудани он дар сар то сари

дашт хавои бухорсон ғуборолуди сармогине баркарор шуд. Дар ин хавои кахратун шарфаи пои одамон аз дуродур ба гӯш мерасид, ҳар як садои дигар, хар як ғичирросу хиширрос низ бо возехияти тамом ба атрофу акноф паҳн мегардид. Садои каторхои оянда аз чандин фарсаҳ шунида мешуд. Як саҳарӣ Едигеи ҳанӯз хоболуд ғурриши раъдосои Қаранори Бӯрониро бишнавид, ки дар хота буд, барало шунавид, ки чӣ гуна Қаранор пой мекӯбад, деворхои чӯбини хисори паси хонаро шақарросанон такон медиҳад. Едигей дарьёфт, ки чӣ фалокате ба сараш бозомадааст. Зуд либосашро пӯшид, дар торикӣ пешпохӯрон аз хона баромад ва ба хота расида, бо хамаи овозе ки дошт, фарьёд кашид:

— Худаш чӣ гап! Чӣ, қиёмат қоим шуд? Боз сар кардӣ? Боз маро хуни чигар мекунӣ? Хомӯш шав, хайвон! Дахоната пӯш, гуфтам! Имсол андак барвақттар бедор шудай, ба хаёлам. Мабодо ки хандахариши мардумон шавй!

Аммо суханони ӯ бар бод мерафтанд. Шахвати чонвар дигар бедор шуда, ба хурӯч омада буд ва ӯ акнун ба касеву чизе эътиное надошт. Талаб мекард, ки озодаш намоянд, наъра мекашид, бонг мезад, тахдидомез дандон мехоид, ба дару девори хота хамла менамуд.

— Ха, бӯяш ба биниам расид, бигӯ? — оханги газаболуди Едигей ба таъна бадал шуд.— Фахмидем, фахмидем, худи хамин дам бояд ки ба сӯи гала тозон бирави. Ягонта кайманча[1] мушток шудааст. Хай-хай-хай! Ман хайрон, ки чаро худованд чинси шуморо ба ин тарика халқ кардааст: соле факат як маротиба бедор мешавед ва хол он ки ин корро хар рӯз бе шӯру ғавғо кардан мумкин аст. Ва он гох касеро бар касе коре набуд. Не, ба шумо хатман шӯру валвала бошад...

Хамаи ин суханонро Едигей барои зебаш мегуфт, боз барои он мегуфт, ки очизии худро эхсос мекарду аламаш меомад. Вале аз сухан бар бод додан чӣ суд? Чораи дигаре набуд. Ва Едигей дари хотаро боз кард. Дари аз каламахои баробари кади одам сохта ва занчирбанд кардааш чизи вазнине буд ва Едигей ба калон-тар кушодани он фурсат наёфт. Каранор ӯро карибаз по афтонида, худро берун андохт ва бо хашму газаб наъра кашидаву бонг зада, поҳои дарозашро кушод-

---

[1] Кайманча — модауштури чавон (*муаллиф*).

кушод партофта ва кӯхонҳои тарангии ҳудро ларзонида ва чунбонида бошаст давид. Аз дунболи ҳуд абри барфиниро хезонида давиду дар як зум аз назарҳо ғоиб шуд.

— Туфу! — аз пасаш туф кард Едигей ва бо хашм илова намуд: — Бидав, бидав, ахмак, дер мемонӣ!

Едигей пагоҳӣ мебоист ба кор мебаромад. Бинобар ин ба иҷёни Қаранор тан дода буд. Агар оқибати корро медонист, ба ҳеҷ вачҳ сар намедод, торс кафад, ки раҳо намекардаш. Аммо худаш дар хона набошад, атаии ба ғазаб омадаро кӣ ӯхда карда метавонист? Садкаи сар, гуфт, рафтан гирад, чор тарафаш кибла... Едигей умед дошт, ки уштураш андаке сайр карда, тасфаш мефарояд, ором мешавад...

Рӯзи дигар, чунон ки аз майдони ҷанг мунтазам ахборот мерасад, аз ҳар сӯ дар бораи амалиёти ҷангии Қаранори Бӯроӣ маълумотҳо меомаданд. Кор хӯрчин буд. Ҳамин ки қаторе дар дуроҳаи Бӯроӣ қарор бигирифт, мошинист ё алавмон ё рохнамои катор бо харорат ҳикоят мекарданд, ки дар галаҳои уштурони дигар истгоҳ ва дурохахо Қаранор чӣ гуна зулму ситам ва бедодгариҳо мекунад. Ривоят карданд, ки дар дуроҳаи Маллакумдичап Қаранор ду атанро зада-куфта нимчон кардааст ва чахор модауштури галаро пеш андохта, ба дашт бурдааст. Сохибони уштур бо машаққате чорпоёни худро аз Қаранор чудо карда гирифтаанд. Барои тарсонданаш ба хаво тир кушодаанд. Дар як чои дигар Қаранор саворн модауштуреро зада, аз зин фаровардааст. Сохиби уштур, аз афти кор гарангии худозада будааст, тахмин ду соат интизор нишастааст, гумон кардааст, ки атаи кораширо буд мекунаду модауштури ӯро ба нағзӣ рухсат медиҳад. Сонитар пай бурдааст, ки худи модауштур ҳам чандон хохиши зӯр надорад, ки аз чанги он авбош халосӣ ёбад ва ҳангоме, ки ба уштураш бо нияти савор шуда, ба хона баргаштан наздиктар меояд, Қаранор дарранданавор ба сараш ҳамла оварда пеш кардааст. Агар сохиби уштур дархол худро ба обканди чуқуре зада, муш барин дар кунче пинҳон намешудааст, Қаранор ӯро хуб лагадмол мекардааст. Уштурдор муддате бо рангу кути канда он чо нишаста, сонӣ так-таки селроҳа аз чои мулокот бо Қаранори Бӯроӣ дуртар рафта, роҳи гурезро пеш гирифтааст ва шукр мекардааст, ки чон ба саломат бурдааст.

Дар бораи мочарохои хунини Қаранор ба воситаи «телефони» даханакии Сари Озек боз хамин гуна хабархо мерасиданд, вале хабари вохиманоктарин дар шакли мактуб аз дурохаи Ак-Мойнак омад. Мана, то ба кучохо рафтааст ин падарлаънати бадкирдор! Охир Ак-Мойнак дар он тарафи истгохи Кумбел вокеъ гаштааст! Қошпан ном шахсе аз хамон чо нома фиристодааст. Мана дар ин рукъаи шоистаи таваччух чихо навишта шудааст:

«Салом, мухтарам Едигей-ого!

Ту дар дашти Сари Озек марди номдоре хастй, аммо афсус, ба ту хам як-ду сухани таънаомез гуфтан лозим меояд. Ман гумон доштам, ки ту марди баакли пухтакор хастй. Чаро Қаранори торочгарата бенухта сар дода мондай? Аз ту умедамон ин набуд. Вай хаман моро кариб гурдакаф кард-ку. Атанхои моро зада афгор карду се модауштури бехтаринамонро чудо карда гирифт. Боз якта модауштури зиндорро низ хамрохаш овардааст. Эхтимол, соҳибашро дар рох зада пеш карда бошад, вагарна уштур худ ба худаш зин намезанадку. Хуш ки бошад, модауштурони моро аз гала чудо карда ба дашти кушод бурд ва акнун чонзоде — на инсон ва на хайвонеро наздик шудан наменамонад. Магар хамин аз руи инсоф аст? Якта атанчаамон харом мурд, маълум шуд, ки қабургааштро зада майда-майда кардааст. Хостам, ки ба хаво тир андохта, Қараноратро тарсонда, модауштуронро пас гардонам. Афсус ки нашуд. Аз ало хам наметарсидааст. Хар чонвари назараш афтодаро хозир аст зинда ба зинда газида, хонда-хонда партояд! Ягона муродаш хамин ки ба кораш халал нарасонанд. Хурок намехурад, об наменушад, модауштуронро чунон пай хам пахш мекунад, ки замин меларзад. Чй тавр вахшиёна бо ин кор машғул шуданашро бубинй, нафратат чуш мезанад. Гуё рузи қиёмат расида бошад, аз арросаш сар то сари даштро пур мекунад. Гуши одамизод ба икобат меояд! Ба хаёли ман, вай ин корро сад сол дам нагирифта кунад хам, монда намешавад! Қади умрам ин хел ситамгарро надидаам. Хаман сокинони карияи мо ба ташвиш афтодаанд. Зану бачахо аз хонахошон як кадам дур рафта наметавонанд. Бинобар ин ман талаб мекунам, ки зуд биёю Қараноратро аз ин чо дафъ кун. Ба ту мухлат медихам. Агар худи фардо омада, моро аз ин бало начот надихй, аз ман гила накун, огочон. Милтикам бузургми-

ла аст, якта тиркатй хирсро чо ба чо мекушад. Ду касро ба шохидй чег мезанаму ба каллаи нафратангезаш як тир мезанам, вассалом, олам гулистон. Пўсташро канда, бо ягон катори рохгузар ба худат мефиристам. Қаранори Бўроний будааст, гуфта, андеша карда намешинам. Гапи ман якта. Холо ки дер нашудааст, биё.

Инни[1] акмойнакиат Кошпан».

Ана хамин хел киссахо сар шуданд. Нависандан нома шахси ғалатй намояд хам, огохиаш хеле ҷиддй буд. Елигей ва Казонкоп маслихат карда, ба кароре омаданд, ки Елигей бояд фавран ба дурохан Ак-Мойнак рахсипор шавад.

Гуфтан осону кардан мушкил.

Сахарй Елигей ба рох баромад. Укубала барои шавхараш тўша тайёр кард. Либоси гарм пўшид. Аз болои нимтана ва шалвори пахтагин пўстини гўсфандй, ба пояш мўзаи намадй, ба сараш телпаки сегўшаи пўсти рўбохй пўшид, ки на аз паси сар, на аз ду пахлў шамол намедарояду мўинаи гармаш сару гардани касро эмин медорад. Ба дастонаш дастпўшакхои гўсфандй гирифт. Модауштури сафариашро зин мезад, ки писаракони Абўтолиб омаданд. Хар дуяш омад. Даул гарданпечи пашмини дастбофе овард.

— Амаки Елигей, очаам гуфт, ки ина пўшад, гарданаша шамол намезанад,— шарх дод писарак.

— Гардана? Гулў гуфтагист, гулў.

Елигей аз хурсандй бачахоро сахт ба оғўш гирифта, бўсаборон кард ва чунон ба рикқат омад, ки дигар сухан ёфта натавонист. Дар замири дил кўдаквор шодмонй мекард, зеро ин нахустин нишонаи таваччўх буд аз чониби Зарифа.

— Ба модаратон бигўед, ки ман ба зудй бармегардам,— гуфт ў кабл аз рохй шудан.— Худо хохад, фардо пасмегардам. Ягон дақика таъхир намекунам. Сонй хама якчоя нишаста, чойнўшй мекунем.

Елигеи Бўроний аз тахти дил мехост зудтар ба Ак-Мойнаки зормонда бирасаду тезтар баргардад, то Зарифаро дида, ба чашмонаш бингарад ва бовар хосил кунад, ки ин гарданбанди дастбофе ки эхтиётқорона тах карда, ба кисаи дарунии пичакаш андохт, рамзи тасодуфие набудаст. Елигей ба рох даромада, хеле ма-

---

[1] Инй — додар, хеши хурдсолтар *(муаллиф)*.

софаро тай намуду ногахон дар дил хохиши зӯре эҳсос намуд, ки аз роҳаш баргардад, хок ба сари ҳамон Қаранори девонамизоч, бигузор ҳамон номанавис, ҳамон Қошпан вайро бикушаду пӯст канаду пӯсташро ба Едигей бифиристад, охир дар воқеъ хам, аз рӯи инсоф гӯем, ба нозу нузи ин уштури дарранда хӯ то кай токат овардан мумкин? Бигузор тақдир ҷазояшро дихад! Бигузор! Сазои сараш!

Ӯре, ҳамин гуна касде дар дилаш фурӯзон шуд. Аммо боз хиҷолат кашид ва худро ба даст бигирифт. Пай бурд, ки ин кораш аз рӯи акл намешавад, дар назари одамон ва пеш аз хама дар назари Укубала ва хусусан Зарифа шармсор мешавад. Ва тасаллӣ ёфт. Дар дилаш гуфт, давои носабуриаш фақат ҳамин аст, ки зудтар ба манзил бирасаду тезтар баргардад.

Шомгоҳон ба Ак-Мойнак расид. Модауштур ҳам роҳкӯфта шуд. Роҳ дароз буд, фасл хам фасли зимистон. Қошпан ва аҳли оилааш одамони хуб будаанд. Модари кухансолаш, занаш, писараки панҷсолааш (духтарчаи калонтараш дар интернати Қумбел мехондааст), ва худи Қошпан чой намеёфтанд, ки мехмонро бинишонанд. Хона гарм ва пур аз садохои хушхолона буд. Дар ошхона аз гӯшти захираи зимистонӣ таоме мепухтанд. Дастархон кушоданд. Модари пир бо дасти худ барои Едигей чой мерехт, дар боран оила, фарзандон, аз рӯзгору зиндагонӣ, обу ҳаво пурсупос мекард, савол медод, ки аслан аз кучо, аз кадом қавму қабила мешаванд ва дар навбати худ накл мекард, ки кай ва чи тавр шуда, аз дуроҳаи Ак-Монак манзил гузидаанд. Едигей бо камоли майл дар сӯҳбат ширкат меварзид, равғани зарди гудохтаро ба нони гарм молида ва таъриф карда-таъриф карда мехурд. Равғани зарди аз маскан гов гудохта дар Сари Озек чизи камьёб аст. Равғани гӯсфанд, буз ва уштур низ бечо нест, албатта, лекин мазаи равғани гов дигар хел, ба ҳар хол. Ба онхо равғани зардро хешовандонашон аз Урал фиристодаанд. Едигей нону равғанро дулунча мезаду мегуфт, ки ба димоғаш ҳатто бӯи марғзорон расид. Ин гап пиразанро хеле писанд омад ва дар боран зодгохи худ — кишвари Яик[1], аз марғзорон, чангалу дарьёхои он ба ҳикоят сар кард...

---

[1] Яик — аз калимаи «жайык» *(фарох васеъ)*, номи бостонии дарьёи Урал ба забони қазок *(муаллиф)*.

Соҳи сардори дурраха Эрлепес омад, ки Қошпан ба назди мехмон даъват карда буд.

Қайхо шаб фаро расида буд. Мисли дурохаи Бӯрони дам ба дам гумбуросзанон қаторхо мегузаштанд, шишаи тирезахо чирингос мезад, бод ба дару девор расида, хуштак мекашид. Харчанд, ин мавзеъ низ дар сари хамон рохи охан, дар миёни хамон дашти Сари Озек вокеъ буд, бо вучуди он ин чо дигар чое буд ва Елигей дар байни одамони дигаре буд. Вай мехмон буд ва гарчи ба суроғи Қаранори дайду омада буд, бо иззату икром пешвозаш гирифтанд.

Эрлепес омаду Елигей худро дар чои нав боз бароҳаттар хис намуд. Эрлепес таърихи кавмхои казокро хуб медонистааст. Сӯхбат номаълум ба замонхои қадима, ба одамони номдор ва киссахои машхур бигузашт. Елигей бо ошнохои акмойнакиаш ба зудй унс гирифт. На факат сӯхбати шавковар боиси ин гардид, балки мехмоннавози сохиб ва сохибаи хона, инчунин дастархони пурнозу неъмат ва шароб. Елигей, ки дар хавои хунук аз рохи дур омада буд, ним истакон аракро ошомиду аз рӯи хонтахтаи гирда як порча оркочи намакин — гӯшти гардани тайлокро гирифта ба дахонаш андохт ва хис намуд, ки як нармии рохатбахше ба аъзои баданаш давида рафт ва тану чонаш баробар хузур кард. Андаке ширакайф шуд Елигеи Бӯронй, хушхолтар гардид, лабонаш ба табассум моил шуданд. Эрлепес низ ба ифтихори мехмон андаке шароб нӯшид ва низ хотираш биболид. Ин буд, ки аз Қошпан илтимос намуд:

— Қошпан, барака ёвй, ба хонаи мо рафта, думбураи маро биёр.

— Ана ин гапи дигар,— таклифро таквият дод Елигей.—Аз айёми бачагй думбуранавозонро дӯст медорам.

— Ман он кадар навозандаи зӯр нестам, Елике, аммо ба хотири ту як-ду чиз менавозам,— гуфт Эрлепес ва аз холо пичакашро кашида, остини куртаашро бар зада монд.

Эрлепес назар ба Қошпани серхаракату сергап марди пуртамкин менамуд. Рухсори пурра, пайкари тануманде дошт ва андомаш эътимоде илко менамуд. Думбураро ба даст гирифту ба хаёл рафт, гӯё аз рӯзгори хамарӯза ба масофае дур шуд. Одатан кас майлу рағбатхои нихониашро изхор кардан хохад, хамин гуна киёфате мегирад. Эрлепес сози худро чӯр мекарду ба

Едигей назари тӯлонии пурмаъное дӯхт ва дар чашмони шаҳлояш партави чароғ, чун нури офтоб дар баҳр, лаҳзае аксандоз шуд. Сипас ба торҳои созаш панча заду ангуштони гиро ва чобукаш ба рӯи пардаҳо ба ҳаракат даромаданд ва дар як они воҳид хӯшаи томи савтҳо ҳамел шуд ва боз чанд гираҳи навои тоза ба ҳам васл шуд, ки мутриб пас аз равнақи тарона аз онҳо низ бо саховат мебоист хӯшаҳои чудогонаи дилпазир муназзам мекард. Ва Едигей ногаҳон дарк намуд, ки шунидани ин савтҳо барои ӯ арзону ройгон нахоҳад афтод, зеро маълум гардид, ки дар меҳмонӣ ҳавосаш фақат муддате парешон шудааст, худро фақат соате фаромӯш карда будааст, аммо нахустин нағмаҳои думбура ӯро боз хушьёр карданд ва боз ба партгоҳи ғаму ғуссаву мусибатҳо сарнагун сохтанд. Чаро ин тавр шуд? Магар онҳое ки ин наворо тасниф кардаанд, кайҳо огоҳ будаанд, ки ба сари Едигеи Бӯронӣ чӣ рӯзҳое меоянд, дар қисматаш чӣ ранчу чӣ азобҳое навишта шудаанд? Вагарна аз кучо медонистанд, ки Едигей аз таронаҳои Эрлепес фиғони дили худро мешунаваду эҳсос мекунад?... Равони Едигей гӯё ногаҳон аз хоби гарон бедор шуд ва бинолиду ба парвоз даромад ва ҳамаи дару дарвозаҳои олам ба рӯяш ба як бор боз шуданд: дарҳои шодӣ, ғам, андеша, иштибоҳ ва майлҳои норавшан...

Навои думбура Едигейро лаззату ҳаловате бахшид. Чеҳрааш боз шуд, дилаш ба риққат омад. Танҳо ба хотири ҳамин тарона меарзид, ки рӯзи дарозе дар биёбони сармогини Сари Озек роҳ паймояд. «Хуб шудааст, ки Қаранор ба ин тарафҳо омадааст,— аз дил гузаронид Едигей.— Вай омаду ночор ман хам омадам. Лоақал як бор нағмаҳои думбурараро серӣ гӯш мекунам. Қанд занад Эрлепес! Ҳунарманд будааст! Мани бечора ҳатто хабар надоштам-е...»

Едигей ба таронаи Эрлепес гӯш дода, дар бораи худаш ба хаёл бирафт. Мехост ба рӯзгори худ аз каноре бингарад ё ба мисли калхоти танҳое ки бар фарози осмони дашт баромада, болҳои худро дар рӯи амвочи баландгирои бод густариш дода, дам ба дам бонг мезанаду парвоз мекунад, ҳамон тавр аз баландиҳо бубинад. Пеши назараш манзараи бепоёни зимистони Сари Озек чилвагар шуд. Дар он чо, дар хамгашти ноаёни роҳи оҳан чанд кулбае ба хам часпида мехобад ва чанд чароғе метобад. Дуроҳаи Бӯронист он. Дар яке аз хонаякон — Укубала ва духтараконаш. Духтаракон

масти хобанд, бешубха. Аммо Укубала, эхтимол ханӯз нахобидааст, зеро ки боид андешае дошта бошад, боид, ки дилаш аз чй хусусе гувохи дода бошад. Дар хонаи дигар — Зарифа бо писаронаш. Зарифа низ, албатта, бедор аст. Хочат ба сухан нест, гаму андӯхаш гарон. Ьоз чй кадар азобу кулфат ӯро дар пеш нигарон аст: ханӯз писаракон аз фочиан падар хабар надоранд. Ва офтобро бо доман пӯшида намешавад...

Мусикй хаёлоти ӯро гох аз айёми гузашта ба имрӯза мекашиду гохе баргашта ба рӯзхои собика мебурд. Ва сипас ба он чи ки фардо пеш хохад омад. Дар вучудаш хисси гарибе пайдо шуд: мехост хар он чиз ки барояш азиз аст, хаман он оламеро ки хамин холо дар назараш чилвагар шуд, аз хавфу хатар химоя кунад, то ки ягон кас ё чиз осебе набинад. Ва хисси гунахгорй дар назди хаман онхое ки бо зиндагонии ӯ робитае доранд, ба дилаш хузи барангехт...

— Уа, Едигей,— хитоб намуд Эрлепес, ки андешамандона табассум мекард ва дар фароварди савт ба торхои тадричан хомӯшшаванда нозук-нозук нохун мезад.— Ту аз рохи дур хаста шуда омадай, боид истирохат куний, лекин ман думбура навохта нишастаам.

— Не, не, Эрлеке,— хичолат кашид Едигей даст ба рӯи сина гузошта.— Баръакс, кайхо боз ин кадар халловат набурдаам. Агар худат монда нашуда боший, илгимос, давом дех. Бинавоз, Эрлеке.

— Кадом охангро навозам?

— Худат медонй, Эрлеке. Худи хунарпеша медонад кадом савт хуштар аст. Албатта, навохои кадима форамтаранд. Аз чй сабаб бошад, ба каъри дил рафта мерасанд, ба андеша водор мекунанд.

Эрлепес ба аломати тасдик сар чунбонид.

— Мана ин Қошпани мо хам хамин хел,— ба сохибхонаи ба сукут рафта ишора намуда, бо лабханде гуфт Эрлепес.— Навои думбурараро шунавад, гӯё обу адо мешавад, гӯё тамом одами дигар мешавад, хамин тавр не, Қошпан? Лекин, ошно, мо имрӯз мехмон дорем, хобат набарад. Чомхо хушк нашаванд.

— Ин хизмат аз мо,— хушхол шуд Қошпан ва ба истаконхо кам-кам шароб рехт.

Онхо шаробро нӯшида, газак карданд. Эрлепес фурсате сокит нишасту пас думбурааширо боз ба дэст бигирифт ва торхои онро нохун зада санчид.

— Навохои кадима маъкул бошанд,— гуфт ӯ,— ба

ту. Едике, як қиссаро хотиррасон мекунам. Бисьёр кухансолон онро медонанд, худат хам медонй. Вокеан, Қазонқопи шумо онро хуб ривоят мекунад. Лекин вай фақат нақл мекунад, ман бошам, ҳам месароям, ҳам худам бо думбура чӯр мешавам. Театри таппа-тайёр барин. Ин ба хотири ту, Едике. Инак, «Сухани Раймалй-оғо ба додараш Абдулхон».

Боз думбура ба нағмасарой даромад, садои баму ширадори Эрлепес ба он чӯр шуд, ки барои ривоят дар бораи тақдири фочиавии жираун[1] номдор Раймалй-оғо басо мувофиқ буд. Раймалй-оғо шастсола буд, ки ба духтари нуздахсола, мутрибаи даврагард Бегимой ошиқ шуд. Бегимой ситорае буд, ки дар осмони умри ҳофиз тулӯъ намуд. Сахехтараш, Бегимой ба ҳофиз дил бохт, аммо духтари озоди худрое буд. Овозаи мардум Раймалй-оғоро махкум намуд. Ва аз хамон айём ин киссаро хам дӯст дорад хам душман ва касе нест, ки бетараф бошад. Тоифае рафтори Раймалй оғоро номаъкул мешуморад ва талаб мекунад, ки номи ӯро ба фаромӯшй биспоранд, гурӯхе изҳори ҳамдардй мекунад ва достони ғамангези ошикро аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл накл менамояд. Ба хамин тариқа қиссаи Раймалй-оғо зинда мондааст ва дар ҳаман замонҳо онро дастае ҳимоят мекардаасту тоифае — мазаммат.

Ба хотири Едигей расид, ки чи тавр он марди лочинчашм аз байни коғазҳои Абӯтолиб Кутлибоев сухании Раймалй-оғоро ба додараш Абдулхон ёфта, чй кадар бадгӯиҳо карда буд. Абӯтолиб бошад, баръакс ин киссаро хеле пуразриш медонист ва мегуфт, ки ин достони Ҳӯтеи биёбонист; немисҳо низ пирамарди бузург ва хирадманде доштаанд, ки ба чавондухтаре ошиқ шудааст. Абӯтолиб тарона Раймалй-оғоро аз даҳони Қазонқоп ба умеде навишта гирифт, ки писаронаш як вакте ба воя расида, онро хоҳанд хонд. Дар зиндагонй мегуфт Абӯтолиб, вокеаҳои чудогона, тақдирҳои алохидаи инсонй вомехуранд, ки рафта-рафта сарвати хамагон мешаванд, зеро арзиши он сабақ ба андозае баланду гунчоиши он рӯйдод ба дарачае бузург аст, ки вокеае ки ба сари яке омадааст, ба ҳаман ҳамзамонони ӯ нисбате касб мекунад ва ҳатто ба ононе ки баъдтар, солҳои сол баъдтар ба дуньё меоянд...

Дар назди ӯ Эрлепес нишаста бо як илҳоми дил-

---

[1] Жираун — ҳофизи бодиянишин *(муаллиф)*.

кушое думбура меовозад ва суруд мехонад, аз дил гузаронид Едигей. Худаш сардори дуроха аст, вазифааш назорат ба як китъаи рохи охан. Аммо кас метавонад ба чунин андешае бияд, ки ба киссаи хузангези гузаштан кадим, ба киссаи Раймали-оғои бадбахт ўро чй корест ва чаро ў сурудхонон азоб мекашад гўё ки саргузашти худро ривоят мекарда бошад?.. Ана чй неруе доштааст мусикй ва суруди асл, фикр мекард Едигей. Чунон таъсират мекунад, ки хамин лахза бимур гўяд, мемирй, бизех гўяд, мезихй... Кошкй дар дили одам хамеша чунин оташе фурўзон бошад ва кас битавонад бо хотири чамъ ва осудаву ором дар бораи худаш, зиндагониаш, такдираш ба некй андеша кунад...

Едигей дар чои нав ба зудй хоб рафта натавонист. Дар пеши тиреза рўи бистар ёзида, гўш медод, ки чй тавр бод дар берун хуштак мекашад ва каторхо ба ин сўву он сў гузашта мераванд... Нигарони бомдод буд, то Қаранори лачомгусехтаро дошта ба рох андозаду зудтар ба дуроҳан Бўронй бирасад. Он чо ўро бачахои хар ду хонавода мунтазиранд, чунки ў хаман онхоро ба як андоза дўст медорад ва хадафи зиндагониаш хам дар дуньёи равшан хамин аст, ки онхо шоду хуррам бошанд. Фикр мекард, ки ба чй тарикае Қаранорро ром намоял. Сарнавиштро бинед, ки зиндагониаш хам азони дигарон барин нест, уштураш хам як чонвари саркаши хашмгин аст, ки мардум хатто аз хайбаташ метарсанд ва ана акнун хозиранд бо тир зада бикушандаш... Аммо ба хайвони безабон чй хел мефахмонй, ки савоб кадом асту гунох чист...

Хамон шаб боди тунди сармогине дар паҳнои дашт сайр мекард. Хунукй шиддат мегирифт. Чахор сар модауштури писандида ва чудо карда ба химоят гирифтан Қаранор дар нишебии зери тале ором меистоданд. Аз самти бодрас ба пайкарашон барф мезад ва онхо ба як чо тўда шуда ва сар ба гардани хам нихода, якдигарро гарм мекарданд, вале хокими бекарори жўлидамўяшон онхоро осуда намегузошт. Вай хамчунон рох мепўид, дар атрофи онон гирд мегашт ва харчанд ба чуз мохе ки аз баландихои арш аз паси ғубори барфомез партави хирае меафканд, дар атроф чизе набуд, аз касе ё чизи ноаёне рашк бурда, ғазаболуд наъра мекашид.

Қаранор чое намеёфт, ки бисояд. Ин хайвони тираранги қўшкўҳон дар хавои дама рўй-рўи барф медавид

ва гардани дарозу сари сермӯи наъразани ӯ гоҳ дар ин чо падидор мешуд, гоҳ дар он чо. Қуввату қудрати ӯро гӯё интиҳое набуд! Дар хамин гуна як лахзаи нобоб низ мехост бо ишқварзиаш машғул бошад ва дам ба як модиён мечақиду дам дигарашро аз чон безор мекард, онҳоро аз ҳамдигар чудо кардани шуда, аз рон ё бучулаки пояшон сахт-сахт мегазид. Вале ин коргоҳ дигар аз хад берун буданд, зеро модауштурон рӯзона ҳавову ҳаваси ӯро бо майли тамом қонеъ мекуниданд ва хамин кадараш барои онон басанда буд ва шабона мехостанд, ки онҳоро осуда бимонад. Аз ин сабаб дар чавоби хамлахояш эътирозомез фарьёд мезаданд ва аз амраш сар метофтанд.

Карибиҳои бомдод Қаранори Бӯрони низ андак ором шуд. Дар паҳлуи галаи уштурон карор гирифта, гоҳ-гоҳе ба атроф вахшиёна назар меафканд ва гӯё хобу хоболуд бонг мезад. Ва он гоҳ модауштурон рӯи барф ёзиданд. Ҳаман чаҳор тан паҳлуи ҳам хобида, гарданҳои худро ба пеш ёзонида, сар хам намуданд ва ба ғанаб рафтанд. Онҳо уштурбачаҳоро хоб медиданд. Уштурбачаҳое ки аз ин пеш зоидаанд ва онҳое ки аз камари атани сияҳмӯй акнун мебоист ба дунъё меомаданд. Ҳа, аз хамин атани тавоное, ки аз кучое дав-давон омаду атанҳои дигарро дар набард шикаст дода, онҳоро соҳиб гардид. Хоб медиданд, ки тобистон шудааст, бӯи хуши явшон ба димоғ мерасад, пистонҳояшон зирқ-зирқ дард мекунад, эҳтимол, аз омад-омади ширн нав дард мекунад... Қаранори Бӯрони ҳамчунон дар пос меистод ва дар ёлҳои дарозаш бод ҳуштак мекашид...

Ва Замин дар чархи фалаки ҳуд давр мезад ва бод дар баландиҳои арш рӯи онро навозишкорона сила мекард. Замин дар атрофи Офтоб шиновар буд. Ва дар гирди тири хеш низ давр мезад. Ва ниҳоят лахзае даррасид, ки ба он паҳлуи Замин, ки биёбони Сари Озек воқеъ буд, субҳ дамид ва Қаранори Бӯрони бидид, ки ду одами уштурсавор дар карибиаш пайдо шуданд. Онҳо Едигей ва Қошпан буданд. Қошпан милтике дошт дар даст.

Қаранори Бӯрони ба хашм омад, ларзид, ғазаболуд ва хусуматомез наъра зад: чӣ хад доштанд одамон, ки ба мулки вай сар дароранд? Чӣ гуна чуръат карданд, ки ба галаи вай наздик биоянд? Чӣ ҳак доштанд, ки ба айёми даваш халал бирасонанд? Қаранор сар ва гар-

дани дарозашро такон дода, даҳони аждаҳосонашро калон кушод ва дандон ба дандон зада, бо овози даҳшатангези ғулғуладораш наъра кашид. Аз дахонаш дар ҳавои хунук фағона-фағона буғ баромада, ба ёли жӯлидааш мечаспид ва дар як они воҳид сап-сафед ях мебаст. Қаранор аз шиддати изтироб шоша кард. Похои худро кушод-кушод гузошта, рӯ ба самти бод овардӯ шоша кард. Дар фазо бӯи пешоб пахш шуд ва чанд қатраи яхбастаи шоша ба рӯи Едигей афтод.

Едигей ба замин фаромада, пӯстинашро кашида ба рӯи барф андохт ва дар либоси сабук — нимтана ва шалвори пахтагин монда, тасман тозиёнаро аз дастааш рахо намуд.

— Ман хушьёр, Едике, ягон харакати бад кунад, чо ба чо мехобонам,— гуфт Қошпан милтикашро ба сӯи Каранор рост карда.

— Не, лозим не. Аз ман хотирчамъ бош. Сохибаш худам, худам чавобгар. Аз худат эҳтиёт шав. Ба тарафи ту хамла кунад, гапи дигар.

— Майлаш,— рози шуд Қошпан, ки хамчунон савори уштур буд.

Едигей тозиёнаро дар хаво алвонч дода ва қарс-қарс сало бароварда, ба истиқболи Қаранораш равон шуд. Қаранор наздик омадани ӯро дида, боз бештар хашмгин шуд ва фарьёд кардаву оби дахонашро пош дода, лӯк-лӯккунон ба тарафи Едигей давид. Модауштурон аз чохон худ бархостанд ва хавотиромез дар гирду пеш ба давидан сар карданд.

Едигей рӯи барф қадам мезаду тозиёнаро, ки одатан дар барфтӯдахои сари рохи оҳан бо он уштурони чигина бастаро меронд, хамчунон қарс-қарс дар хаво алвонч дода мерафт ва ҳанӯз аз дур Қаранорро ном гирифта, фарьёд кард, ки шояд овози ӯро бишиосад.

— Хой, хой Қаранор! Ахмақй накун! Ахмақй накун, гуфтам. Ин манам! Кӯр шудй магар? Ин ман, мегӯям!

Аммо Қаранор ба садон ӯ эътиное накард. Едигей чашмони пурхашми Қаранор ва кӯҳонҳои худро ларзонида, ба сӯи ӯ башаст омадани пайкари бузургу сиёҳи вайро дида, сониае ба даҳшат афтод. Ва сипас телпаки худро ба сараш зер карда поёнтар пӯшиду тозиёнаро ба кор андохт. Тозиёна дароз буд, тахмин ҳафт метр меомад ва аз тасмахои чармии ғафси равғанхӯрда бофта шуда буд. Уштур бонг мезаду ба Еди-

гей ҳамла менамуд, мекӯшид ягон ҷояшро ба зери дандон бигирад ё ба рӯи замин ғелонида лагадмол кунад, аммо Едигей ӯро наздик омадан наметонд ва бо тамоми қувват тозиёна мезаду худро аз дандонҳои Қаранор бар канор мекашид, гоҳ қафо менишасту гоҳ ҳамлавар мешуд ва бефосила фарьёд мезад, то уштур ба ҳуд бихояду ӯро бишиносад. Ҳамин тавр онҳо ҷанги тан ба тане доштанд ва ҳар кадоме ба қадри тавонаш набард мекард ва ҳар кадоме ба таври худ ҳақ буд. Едигей аз саъи рафънопазир ва майли беинтиҳои атан ба хушҳоливу хушбахтӣ дар шигифт монда буд ва дар замири дил мефахмид, ки ӯро аз ин бахт бенасиб карданист, аммо илочи дигар набуд. Фақат аз як чиз метарсид Едигей, ки ба чашми Қаранор зарбе нарасад, дигараш чандон зарар надорад. Ниҳоят, истодагарии Едигей иродаи ҷонварро дархам бишикаст. Едигей тозиёна зада ва фарьёд кашида, қадам ба қадам пеш мерафту окибат ба уштур наздик расид ва бо як хез кашидан аз лаби болои он қапид. Вай лаби ҷонварро он қадар сахт ба чанг даровард, ки қариб буд он канда шавад ва сипас чолокӣ карда, завлонаи тобдори қаблан омода кардаашро ба лабаш гузаронид. Қаранор аз дарди ҷонкоҳи дом фиғоне баркашид ва аз тахти дил бинолид. Едигей дар чашмони аз мижазанӣ бозмонда ва хира гаштаи вай акси возеҳи худро чун дар ойна дида, аз киёфаи худ худаш тарсид ва як қадам ақиб нишаст. Мехост аз шиканча додани ҷонвари бегуноҳ даст кашида, садқаи сар бигӯяду ҳаман ин ҳангомаро тарк намояд ва ба гӯшае бигурезад, аммо боз ба ёдаш расид, ки ӯро дар дуроҳаи Бӯронӣ нигаронанд, бидуни Қаранор баргаштанаш ҳаргиз мумкин нест, ҳамсояҳои акмойнакиаш ҳам Қаранорро аз дусар ба қатл хоҳанд расонид. Ва ӯ худро боз ба даст бигирифт. Ва бар сари Қаранор музаффарона бонг зада ва тахдидҳо карда, мачбураш намуд, ки ба зону бинишинад. Акнун ӯро зин задан лозим буд. Қаранори Бӯронӣ ҳанӯз мукобилат мекард, аз даҳони калон кушода ба рӯи сохибаш нафаси гарму таре равона карда, дод мезаду меғуррид, аммо хоча дигар матину устувор буд. Уштурро водор намуд, ки сар фароварад.

— Кошпан, зинро ба ин ҷо парто, соҳӣ ана вай модиёнҳоро дуртар, хо ба он тарафи тал бирон, ки Каранор набинад! — дод гуфт ӯ ба Кошпан.

Вай аз болои модауштури савориаш зинро ба замин

афканда, ба он сӯ бирафт то ғалаи модиёнхои Каранорро дуртар бironад. То он дам Едигей корашро саранчом дод, Қаранорро зуд зин заду хамин ки Қошпан пӯстини ба рӯи барф партофтаашро оварда дод, дархол онро пӯшид ва фурсатро аз даст надода, бар уштури зину лачом задааш савор шуд.

Уштури ғазаболуд ҳанӯз кӯшишхо мекард то бар ғалаи модиёнхо баргардад, хатто боре мехост, ки гарданашро қат карда, аз пои хочааш бигирад. Аммо Едигей хушьёр буд. Ба ғурришу доду фарьёдхои кахролуд, ба нолиши пайвастаи эътирозомезаш нигох накарда, дар дашти пурбарф шитоб мекунонид ва мекӯшид онро ба сари аклу инсоф оварад.

— Бас кун! Шуд акнун! — мегуфт ӯ ба Қаранор.— Нафасата гир! Аз ду сар акнун пас намегардй! Каллаварам! Чй, гумон мекунй, ман ба ту бадиро раво мебинам! Хм, ман намешудам, туро кайхо хамчун саги ғазандаи чинй парронида мекуштанд. Ха, гапам нодуруст аст? Охир, чинй шудй-ку! Ин ба ҳафт иклим овоза шуд. Чинй шудй, хеле, хеле девонагихо кардй! Набошад, чаро ба ин чо дав-давон омадй? Модиёнхои худат камй кард? Донista мон, холо ба хона бирасем, сайру саёхати ту ба галахои бегона тамом мешавад! Ба занчир баста мемонам, инхела бошй, дигар як кадам озод гаштанй намемонам!

Едигеи Бӯронй бештар барои таскини худаш тахдид мекард. Охир вай Қаранорро мачбурй аз пеши модауштурони Ак-Мойнак мебурд. Ва ин кораш зотан аз рӯи инсоф набуд. Лекин агар Қаранор чонвари ором мешуд, хочати гап хам набуд. Мана Едигей модиёни саворинашро дар хонаи Қошпан монда меравадку. Қошпан хам ваъда дод, хамин ки фурсати муносиб ёфт, онро ба дурохаи Бӯронй оварда месупорад, масъала хал, олам гулистон. Қаранор бошад, фақат дарди сару нохушй меоварад.

Ьаъди муддате Қаранори Бӯронй ба такдираш тан дод: хам ба он ки боз ба пушташ зин заданд, хам ба он ки хочааш боз фармонфармой мекунад. Акнун камтар фарьёд мекашид, қадаммониаш аввал хамвортар, сонй тезтар шуд ва дере нагузашта гашти якмарому башасти пешинааш барқарор гардид ва ӯ бо пойхои дарозаш масохати беканори биёбони Сари Озекро гӯё қайчй мезаду пеш медавид. Едигей хам таскин ёфт, дар миёни кӯхонхои мустаҳками атанаш боҳаловат

нишаста гирифт, тугмаҳои либосашро гузаронид, бандхои телпакашро маҳкам баст ва наздик расидани дуроҳаи худро мунтазир шуд.

Лекин ҳанӯз рох дур буд. Ҳаво чандон бад набуд. Боди сабуке мевазид, осмон камабр. Эмин метавон буд, ки дар як-ду соати наздик бӯрон нахоҳад шуд, аммо шабона вайрон шудани хаво аз эҳтимол дур набуд. Ёдгеи Бӯронӣ хушҳол буд, ки дастгир ва ром кардани Қаранор муяссар шуд, шаб дар хонаи Қошпан нағз гузашт, думбуранавозӣ ва суруди Эрлепес бисьёр маъкул шуд.

Ва Едигей боз бехтиёр аз рӯзгори носози худ ба хаёл рафт. Ана муаммою мана муаммо! Чӣ кор кунад, ки касе озор наёбад ва дар айни замон рози ниҳониашро низ бардошта нагардаду рӯирост бигӯяд, ки вазъият. Зарифа, мана ҳамин хел, ман туро дӯст медорам. Ва агар барои бачаҳои Абӯтолиб бо фамилияи падарашон роххо баста бошанд ва агар Зарифа дил кунад, марҳамат, писараконро ба фамилияи Едигей нависонад. Фамилияи вай ба Даулу Эрмек кӯмак кунад, сари вай ба осмон мерасад. Бигузор дар сари роҳи зиндагиашон хеч гоҳ монеае набошад. Бигузор бо қуввату ғайрати худ бо ҳунари худашон комьёб шаванд. Оё вай фамилияашро дареғ медорад?

Оре, ба сари Ёдгеи Бӯронӣ раҳорах ҳамин гуна андешаҳо низ омаданд.

Рӯз ба поён мерасид. Қаранори тавоно дар аввал хар қадар саркашӣ ва арбада карда бошад ҳам, чусту чолок рох мепаймуд. Ана аз пеш пастхамиҳои Бӯронӣ намоён шуданд, мана селроҳае ки ҳоло барф зер кардааст, ана тали баланду васеи шинос. Аз пеш, дар хамгашти роҳи оҳан дуроҳаи Бӯронӣ вокеъ гаштааст. Аз мӯриҳо дуд печида мебарояд. Хонаводаҳои азизи ӯ дар чӣ ҳоле бошанд? Ҳамагӣ як рӯз дур афтода буду дилаш чунон ба изтироб омадааст, ки гӯё як сол боз дар сафар бошад. Сахт пазмон ҳам шудааст, хусусан бачаҳоро. Қаранор карияро дида, гашти худро тезтар намуд. Бо чуссаи тафсидаю арақ карда поҳои худро васеъ-васеъ партофта ва аз даҳонаш роға-роға бухор сар дода, пеш медавид. Даме ки Едигей ба хонааш наздик мешуд, дар дуроҳа ду катори боркаш бо хам мулокот карданду ба ду тараф гузашта рафтанд. Яке ба ғарб равон шуду дигаре ба шарқ...

Едигей Қаранорро якбора ба ҳавлии паси хонааш

ронда овард, то ки ба хота даровард бандад. Аз ушгур фаромад, ӣуки занчири гафси поёнаш ба кундае баста, ба замин гӯр кардашударо гирифта, ба пои ушгур баст. «Андак дам гирад, хунук шавад, сонӣ зинашро меканам» — дар дил карор кард Едигей. Аз чӣ сабабе бошад, бисьёр шитоб мекард. Китфу шона ва похои карахт шудааширо молиш дода ва ёзонида аз хота мебаромад, ки духтарчаи калониаш Саула тозон омад. Едигей дар пӯстини фахӯлаш нохинчор хаму рост шуда, ӯро ба оғӯш гирифт, бӯсид. Духтарак либоси тунуке дар бар дошт.

— Хунук мехурӣ,— гуфт Едигей.— Бидав ба хона. Ман хозир меоям.

— Дада,— гуфт Саула бо навозиш ба падараш чафс шуда,— Даулу Эрмек рафтанд.

— Ба кучо рафтанд?

— Тамоман рафтанд. Модарашон-катӣ. Ба катор савор шуданду рафтанд.

— Чаро? Кай? — ханӯз ба маъноии ин хабар сарфахм нарафта ва рост ба чашмони духтараш чашм дӯхта мепурсид Едигей.

— Хамин рӯз, сахарӣ.

— Э! — нидо бароварда Едигей ва овозаш ларзид.— Хайр, ту ба хона бирав,— духтарчаро рухсат дод.— Ман сонӣ меоям, сонитар. Бирав, бирав зудтар...

Саула дар паси иморат нопадид гардид. Едигей шитобон ба сӯи кулбаи Зарифа равон шуд, хатто дари хотаро напӯшид, хатто пустини аз болои либоси пахтагин пӯшидааширо аз танаш набароварда. Рох мепаймуду ханӯз дудила буд. Бача эхтимол сахв кардагист. Хеч мумкин нест, ки онхо рафта бошанд. Аммо рӯи зина пур аз накши по буд. Едигей дастаи дарро дошта, сахт кашид ва аз остона гузашта дид, ки хонаро кайхо тарк кардаанд, хавои он хунук шудааст ва дар рӯи хона хар гуна лашулуши нодаркор пахну парешон мехобад. На бачахо хастанд, на Зарифа!

— Яъне ки чӣ хел — дар хонаи хилват зери лаб худ ба худ савол дод Едигей. Вай ханӯз сарфахм рафта наметавонист, ки чӣ вокеае рух додааст.— Яъне ки рафтаанд? — бо хайрат ва хузномез гуфт ӯ, гарчи мисли рӯз равшан буд, ки сохибони хона рафтаанд.

Ва холи ӯ бад шуд. Ончунон бад шуд, ки дар хаман умраш боре ба ин дарача нарасида буд. Пӯстин дар бар миёни хона дар пахлуи печкаи сард рост ме-

истоду намедонист, ки чӣ кор кунад, минбаъд чӣ кор хохад кард, оташи дард ва аламеро ки синаашро месӯзонид, чӣ гуна рафъ намояд? Эрмек дар пештахтаи тиреза сангчаҳои фолбиниашро фаромӯш карда рафта буд. Ҳамон чилу як дона сангча, ки бо он фол мекушоданд: падаре ки кайҳо боз дар қайди хаёт нест, кай меояд?.. Сангчаҳои умедбахш ва мехрнишон. Едигей сангчаҳои фолкушоро ба каф гирифта, дар мушташ бифушурд. Ҳамин буд ҳамаи он чизе ки аз онон бокӣ мондааст. Косаи сабраш лабрез шуда буд. Рӯ ба девори чӯбин гардониду рухсори тасфидаи пурандухашро ба тахтаи сарди девор чафс намуда, бо овози гирифта талх бигирист. Мегиристу аз дастонаш сангчаҳо паи хам ба рӯи фарш меафтоданд. Вай мекӯшид онҳоро дар дастони ларзонаш нигоҳ дорад, аммо дастонаш итоат намекарданд ва сангчаҳо ҳамчунон паи ҳам аз кафаш лағжида мебаромаданд ва ба рӯи фарш афтода, ба гӯшаҳои хонаи бекас ғелида мерафтанд...

Дар кулбаи бесоҳибмонда меншасту саъй мекард дарк намояд, ки ин вокеа чӣ тавр рӯй дода бошад? Пас Зарифа дидаву донista дар набудани ӯ бачаҳояшро гирифта рафтааст. Пас ӯ медонистааст ё биме доштааст, ки агар Едигей ин чо бошад, ӯро рафтан наменонад. Ҳа, рост, вай хеч гох ва ба хеч вачх намегузошт, ки онхо бираванд. Агар ин чо мешуд, намегузошт, сарфиназар аз он ки окибати кор чӣ мешавад. Аммо холо дер шуда буд ва аз «ин чо мешудам, чӣ мешуд, намешудам, чӣ мешуд» гуфтанҳо якпула фоида набуд. Онхо бирафтаанд. Зарифа бирафтааст! Писаракон бирафтаанд! Магар Едигей ба рафтани онҳо розӣ мешуд? Ин кори Зарифа аст. Пай бурдааст, ки бехтараш дар гайби ӯ бираванд. Кори худашро осон кардааст, аммо нагуфтааст, ки кулбаи бекасро дидан барои ӯ чӣ дахшатест.

Касе барои ӯ катореро дар ин дуроҳа нигоҳ дошtааст. Ва ои кас хам маълум аст. Қазонқоп кардааст ин корро. Ба ғайр аз ӯ дигар кас намекунад. Маълум, ки мили тормозро тоб надодааст, чунон ки Едигей рӯзи вафоти Сталин карда буд, балки аз сардори дуроҳа илтимос кардааст, ки ягон катори мусофиркашро даст бигирад. Ҳамин хел зот аст Қазонқоп... Дар ин кор, эҳтимол, Укубала хам даст доштааст, то ки онҳо аз ин чо зудтар дафъ шаванд! Хайр, андак сабр кунед шумо! Ҳоло мебинед!..

Ва дар пайкари Едигей хуни тиран интиқом ба чӯш омаду мағзи сарашро сӯзонид. Мехост худи ҳоҳир ҳамаи неруяшро ба муште ғундораду дар ин дурохаи манфур, дар ин мавзеи ба ғазаби худо гирифтор гардида, дар ин чое ки Дуроҳан Бӯрониаш мехонанд, ҳама чизро зада, вайрону валангор кунад, сӯхта хокистар кунад, ки ақаллан парахае аз он бокӣ намонад ва сипас Қаранорро савор шаваду ба ягон гӯшаи биёбони Сари Озек биравад ва дар ҳамон чо ба танҳой аз гуруснагӣ ва сармо бимирад!

Дар хонаи хилват бо холи хароб, очизу нотавон ва моту мабҳут аз рӯйдоди ногаҳонӣ меншаст. Меншасту дар каллаи гичу гарангаш ду саволи бечавоб гаштаву баргашта пайдо мешуд: «Чаро бирафтааст, кучо бирафтааст? Чаро бирафтааст, кучо бирафтааст?»

Сипас ба хонааш омад. Укубала пӯстин ва телпакро хомӯшона аз дасташ гирифт, мӯзаи намадинашро ба кунҷи хона бурда монд. Аз чехраи сангвор сахту карахт ва хокистарранг гаштаи Едигеи Бӯроӣ пай бурдан мушкил буд, ки дар дил чӣ андешае, чӣ накшае дорад. Чашмонаш гӯё нобино буданд, чизеро ифода намекарданд, аммо дар қаъри худ кӯшиши ғайриинсонии сохибашонро нихон медоштанд, ки мехост худро маҳкам ба даст бигирад, батамкин бошад. Укубала то омадани шавҳараш самоворро чанд бор чӯшонида буд. Самовор холо хам дар чӯш буд, манқалдонаш пур-пури оташ.

— Чой тайёр,— гуфт зан.— Гармакак.

Едигей хомӯш ба ӯ назаре афканду ба нӯшидани оби чӯш идома дод. Вай гармии оби чӯшро эҳсос намекард. Хар ду бесаброна мунтазири гуфтугӯ буданд.

— Зарифа бачаҳояш-катй рафт аз ин чо,— нихоят гуфт Укубала.

— Фахмидам,— гуруигид Едигей аз пиёла чашм наканда. Муддате сокит нишаст, пас хамчунон аз пиёла чашм наканда савол дод: — Ба кучо рафт?

— Инашро ба мо нагуфт,— чавоб дод Укубала.

Боз хар ду хомӯш монданд. Едигей ба чӯшонии чой эътиборе надода, онро хӯрт-хӯрт менӯшиду хаёлаш фақат ба як нукта банд буд: коре кунад, ки оташ нагирад, натаркад, хамаро зеру забар накунад, бачахоро натарсонад, фалокатеро сар накунад...

Чойнӯширо ба итмом расонида, ба кӯча баромадан хост. Мӯзаи намадин, пӯстину телпакашро аз нав пӯшид.

— Ба кучо? — пурсид занаш.

— Чорпоҳоро хабар гирам,— чавоб дод ӯ ба дари хона рӯй оварда.

Рӯзи кӯтоҳи зимистон ба анчом мерасид. Ҳаво зуд торик мешуд, чунон зуд торик мешуд, ки ин ба назар мерасид. Сармо низ шиддат гирифт. Боди поингаҳӣ рӯи барфро рӯфта, барфроғаҳои ёлшакл ва лӯланамое сохта, пешопеши худ ғелонида мерафт. Едигей бо чеҳраи гирифта ба ҳота даромад ва ба Қараноре ки ҳамчунон худро аз занҷир ворахонидан мехост, теғ кашида нигарист ва гуфт:

— Ханӯз аррос мезанӣ! Ханӯз ором нашудай? Хола ту, нобакор, рӯзата мебинӣ! Ман акнун илочи туро меёбам! Ҳар чӣ шавад, садқаи сарам!

Едигей хашмгинона аз паҳлуи Қаранор тела доду ӯро сахт ҳақорат кард, сонӣ зинро аз пушти уштур канда, ба сӯе партофт ва занҷири пояшро кушод. Баъд аз таноби нӯхта гирифту ба дасти дигар тозиёнаи ба дастааш печонидашударо фишурда, атани аз ғусса нолишкунандаро аз дунболаш кашида, ба дашт равон шуд. Едигей чанд маротиба ба қафо рӯй оварда, бо тозиёна ба Қаранори Бӯроӣ таҳдид намуд, то доду фарёди худро бас кунад, аммо азбаски ин ҳаракатҳо таъсире набахшид, туф карду дигар ба вай эътиборе надода, ба роҳаш рафтан гирифт. Аз миёни барфи ғафс, боди барфолуд ва даште, ки ба оғӯши торикӣ даромада, тархи худро тадричан гум мекард, устуворона қадам мезад. Вазнин-вазнин нафас мегирифт, аммо наметистод. Мудлати дарозе ғамгинона сар хам карда рох мепаймуд. Аз дуроҳа дуртар рафта, дар он сӯи тал Қаранорро аз рох дошт ва берахмона қасос бигирифт. Нӯстинашро ба рӯи барф партофта, таноби нӯхтаро аз камарбандаш гузаронид, то ки уштур аз дасташ баромада нагурезад, то ки дастонаш озод бошанд. Ва аз кабзаи тозиёна дудаста дошта, атанро кӯфтан гирифт, алами мусибатҳои худро аз вай ситонидан гирифт. Ба пайкари Қаранори Бӯроӣ шартошурт тозиёна мезад ва пас аз хар зарба бо садои гирифта дашному нафрин мехонд:

— Ана ба ту! Ма! Ма! Хайвони ноасл! Хамааш касофати ту! Аз барои ту шуд! Айби ту шуд! Акнун сар медиҳамат, бирав, чор тарафат қибла, лекин аввал газоятро медиҳам! Мана ба ту! Ма! Фалокати носерам! Ту серӣ надорӣ! Ту бояд, ки ба чаҳор тарафи олам да-

водав куй. Аммо вай бачахояшро гирифта рафтааст. Ягон чонзод ғами маро намехурад! Ман акнун дар дуньёи равшан чй хел зиндагонй мекунам? Бе вай чй хел зиндагонй мекунам? Шумо садкаи сар гуфта бошед, ман хам садкаи сар мегўям. Ма, саги дайду, бигир! Ана боз! Мана!

Каранор аз зарбахои тозиёна фарьёд мекашид, аз шиддати тарс ва дард девона шуда, худро ба хар сўй мезад ва, ниҳоят хочаашро аз пой барафтониду чуссаи ўро рўй-рўи барф кашолакунон давид. Пайкари ўро, гўё вай ғўлачўбе бошад, бо кувваи бенитихои вахшиёна кашолакунон медавид ва мехост, ки чони худро аз дасти ў ворахонад ва хар чй зудтар бигурезад, бо он чое биравад, ки ўро аз он чо мачбуран оварда буданд.

— Биист! Биист! — дод мегуфт Едигей, ки ба кабати барф ғўтида нафасгардон мешуд.

Телпаки Едигей аз сараш парид, барф сару рўй ва шикамашро месўзонид, ба паси гардан, ба багалаш медаромад, тозиёна ба дастонаш печида буд ва ў илоче надошт, ки атанро аз тохт боздорад, нўки танобро аз камарбандаш бикушояд. Каранор аз тарсу харос хирасар гашта медавиду чуссаи ўро кашон-кашон мебурд ва халосии худро танхо дар фирор медид. Дар ин асно гўё мўъчизае рўй доду Едигейро муяссар шуд, ки сагаки тасмаашро суст карда, камарбандашро ковоктар намояд, вагарна дар магзи барфтўдахо нафасгардон шуда мурданаш якин буд. Вай неруи охиринашро гундошта, аз нўки таноб кашид ва Каранор чуссаи ўро боз чанд метри дигар кашолакунон бурду баъд бозистод.

— Хах, харом мурй ту! — андаке ба худ омада зери лаб гуфт Едигей. Вай хамчунон вазнин-вазнин нафас мегирифту андаке мекалавид.— Холо ту хамин хелй? Набошад, ма ба ту, саги сакалту! Дафъ шав аз пеши назарам! Гум шав, ки дубора чашмам ба афту башараат наафтад! Илохо, чоната худо бигираду харом бимурй! Илохо, саги девона барин тўъмаи тири милтик шавй! Неши касофат ту! Хабари мурдаат аз дашт биояд, илохо! — Каранор ба тарафи дурохан Ак-Мойнак мегурехт, Едигей аз дунболаш давида, дашному хакорат медоду тозиёна мезад.

Соати интикому пардохт, соати видои онои буд. Едигей боз муддати мадиде аз дунболи Каранор фарьёд мекашид:

— Дафъи мӯминон шав, сакалту! Бирав, бирав! Харом мурӣ, илоҳо, ҳайвони носерам! Ба хунат ғел зада бимирӣ илохо!

Қаранор аз миёни дашти нимторик давида мерафт ва дере нагузашта дар паси ғубори барфолуд нопадид гардид. Фақат дам ба дам садои бонги ӯ аз дур ба гӯш мерасид. Едигей ба худ тасаввур намуд, ки ӯ чи тавр ин шаб то сахар бейст хохад давид, барфу бӯрон нагуфта, ба сӯи модиёнхои Ак-Мойнак хохад шитофт.

— Туфу! — ба сӯи Қаранор туф кард Едигей ва бар пои фароху амиқи чуссаи худ, ки дар рӯи барф гузошта буд, баргашт. Дар сараш телпак, дар танаш пӯстин надошт, пӯсти рӯй ва дастонаш сӯзиш мекард. Дар хавои торик тозиёнаи худро кашолакунон кадам мезаду баногоҳ холи табохи худ, ачзу нотавонии худро дарк намуд. Рӯи барф ба зону афтод ва ҳам шуда, сари худро ба каф гирифту аз тахти дил бигирист.

Дар миёни биёбони Сари Озек яккаву танхо монда буду ба гӯшаш мерасид, ки бод сар-сари дашт медавад, ҳуштаккашон кабати рӯи барфро рӯфта мебарад. Пас садои аз осмон афтодани барфро бишнавид. Хар як зарраи барф, лак андар лак заррахои барф ба тарзи ноаёне хишир-хишир карда ва дар фазо шибир-шибир лағжида, ба забони хол хамон сухани худи Едигейро тасдиқ мекарданду мегуфтанд, ки ба азоби хичрон ӯ тоб оварда наметавонад, дур аз зоти махбуба, дур аз писаракони вай, ки Едигей онхоро назар ба як тоифа падарон гармтар дӯст медорад, зиндагонӣ кардан маъное надорад. Ва ӯ хост, ки хозир ва дар хамин чо бимирад ва мурдааш дар таки барф бимонад.

— Худо нест! Вай ки якпула инсоф надошта бошад, аз дигарон чӣ гила? Худо нест, нест худованд!— гуфт ӯ локайдона худро дар биёбони торики Сари Озек яккаву танхо дида. То ин дам ӯ хеч гох чунин калимахоро бо овози баланд ба забон набурда буд. Ва хатто соате ки Елизаров дам ба дам исми худовандро худ ба забон гирифта, дар айни замон талкин менамуд, ки аз нуктаи назари илм худо вучуд надорад, ба гапи ӯ бовар намекард. Аммо акнун бовар кард...

Ва Замин дар чархи фалаки хеш давр мезад ва бод дар баландихои арш рӯи онро навозишкорона сила мекард. Оре, Замин дар атрофи Офтоб шиновар буду дар гирди тири худ низ давр мезад ва бар дӯши худ он соат мардеро бардошта мебурд, ки дар биёбони пурбарф

ба рӯи замин зону зада буд. Ягон подшох, ё император ё хокиме аз алами аз даст рафтани тахту точу мӯлу мулк бо чунин андӯҳ ва навмедии бекароне дар пеши дуньёи равшан ба зону наафтода буд ончунон ки Едигеи Бӯроиӣ рӯзи чудой аз дилбохтааш ба зону афтода буд...

Аммо Замин хамчунон гирдгардон буд...

Тахмин баъди се рӯз Қазонқопу Едигей аз анбор барои махкам крадани рельсхо гулмеху болиштак мегирифтанд. Қазонқоп бастаи оханпорахоро ба занбар бор карда, гӯё дар омади гап изхори ақида мекарда бошад, гуфт:

— Ба назарам, одамгуреэ шудай, Едигей. Як-ду дақика гапзанон кунем, гӯям, хеч намешавад. Худатро дур мекаши гӯё...

Едигей якбора ва бо хашм ба Қазонқоп чашм дӯхта гуфт:

— Агар мо гапзанонамонро сар кунем, ман туро ана дар хамин чоят хафа карда мекушам. Ту инро хуб медонӣ!

— Медонам, нағз медонам. Ту омадай, ки маро хафа карда бикушӣ, боз ягон каси дигарро бикушӣ. Хӯш, сабаби ин кадар қахру итоб чӣ будааст?

— Вайро шумо мачбур кардед, ки биравад! — рӯирост гуфт Едигей он чиро ки хамин кадар рӯз азияташ медод.

— Э мон-е! — сар афшонид Казонқоп ва чехрааш ё аз ғазаб ё аз хичолат суп-сурх шуд.— Агар хамин хаёл ба каллаи худат омада бошад, на факат аз мо, балки аз вай хам бадгумон будай. Ту сад бор шукр кун, ки ин занак зани окилае будааст, ту барин набудааст. Худат лоақал ягон маротиба окибаташро андеша кардӣ? Не! Вай андеша кард ва ҳануз қайла аз маза нагузашта, қарор дод, ки биравад. Аз ман илтимос кард, ман ба вай кӯмак кардам. Ман хам пурсуков накардам, ки бачахоро гирифта ба кучо рафтанист, худаш хам нагуфт. Бигузор, ки худаш донаду нону насибаш. Фахмидӣ? Ягон коре накард, ягон сухане нагуфт, ки ба иззати нафси худаш ё зани ту сахт мерасида бошад. Ва онхо чунон ки фарзанди инсонро шоиста бошад, бо хамдигар хайрбод гуфтанд. Медонӣ, ту бояд ба пои хар дуяш сар монда, сачда кунӣ, онхо туро аз фалокати

ногузир начот доданд. Ту Укубала барин занро сад сол кобӣ, намеёбӣ. Ба чои вай зани дигар мешуд, чунон мекард, ки аз Қаранорат хам гузаронида, ба он тарафи дуньё гурехта мерафтӣ...

Едигей хомӯш буд. Чӣ хам мегуфт? Гапаш хак буд. Аммо фахмиши Казонкоп хам, ба назари Едигей, хадду худуде дошт. Бинобар ин Едигей чавоби дурушт гардонид.

— Хайр, шуд! — гуфт Едигей ва беэтиноёна ба каноре туф кард.— Дони чахон! Барои хамин хам бисту се сол боз дар ин чо моҳи беайбу ситораи бедум барин гаштай. Хайкали сангин! Дили одамро ту аз кучо медонӣ? Шуд! Ба насихатгӯшкунӣ вакт надорам,— ва Едигей дигар чизе нагуфту бирафт.

— Хайр, ихтиёр ба дасти бахтиёр,— аз пасаш гуфт Казонкоп.

Баъди ин гуфтугӯ Едигей касд кард, ки дурохан нафратангези Бӯрониро тарк намояд. Ха, ба хамин карор омад, чунки дилаш ҳамчунон таскин намеёфт, гузаштаро фаромӯш карда наметавонист, дар талош бо ғаму ғуссаи дилфигор нотавон меомад. Бе Зарифа ва писаракони ӯ олам дар назараш урьён шуд, холӣ шуд, торикистон шуд. Ва он гох Едигей Ҷонгелдин карор дод ба сарлори дуроха дар бораи аз кор озод карданаш ариза дода, бо оилаи худ ба ягон гӯшаи дуньё баромада равад ва аз ин азоб худро халос намояд. Факат дар ин чо дигар намонад, шуд. Охир, ӯро ба ин дурохан ба ғазаби худо гирифторшуда бо занчир набастаанд-ку! Чӣ кадархо одамон дар дигар чохо — дар шахрхо, дехахо — зиндагонӣ мекунанд! Агар онхоро ба ин чо биорӣ, як соат хам наменистанд. Чаро вай боял як умри худро дар ин чо ба ройгон дихад? Чӣ гунохе дорад вай? Не, бас, меравад акнун. Ба сохили Бахри Арал бармегардад, ё ба Қарағанда меравад, ё ба Алма-Ато. Дар олам чой кам аст магар! Марди коргар аст, дасту пояш бутун, тану чонаш сахат, каллааш кор мекунад. Хочати фикру андешаи зиёде нест, ба рӯи хамааш туф мекунаду сарашро гирифта баромада меравад.

Едигей фикр мекард, ки аз ин хусус ба Укубала чӣ гуна гап кушояд, чӣ тавр ӯро рози кунонад. Дигараш хеч мушкилӣ надорад. Вай барои чунин сӯхбат фурсати муносиб мечуст, ки як хафта гузашта рафту баногох Қаранори Бӯронӣ пайдо шуда омад, ки сохибаш (ба озодӣ) пеш карда буд.

Диққати Едигейро аввал аккоси саг ҷалб намуд. Вай дар пушти хона ав-авкунон ба кучое тозон мерафту боз бармегашт ва боз башиддат аккос мезад. Едигей чӣ воқеа шуда бошад, гӯён берун баромад ва дар карибии хота чоннвари ношиносеро дид, андомаш ба уштур монанд, лекин чи уштури ачибу ғарибе буд ва дар як чо ночунбон меистод. Едигей наздиктар рафта, Қаранори худро бишинохт.

— Ха, ин туй? Бечора, холу ахволи туро бинайду... Ин кадар харобу ало шудай! — хайрон шуда гуфт Едигей.

Аз Қаранори Бӯронии пештара факат пӯсту устухон монда буд. Каллаи калонаш бо чашмони маҳзуни фурӯрафта дар сари гардани борикаш алвонч мехӯрд. Пату пашмаш гӯё аз они худаш набуд, балки барои ханда часпонида шуда буд ва аз зону поёнтар овезон шуда меистод. Аз кӯхонҳои пешинаи Қаранор, ки чун бурчхои тирагун қомат афрохта меистоданд, нишоне намонда буд. Хар ду кӯхон ба мисли пистонҳои пажмурдаи пиразанон ба як тараф ғелида мехобиданд. Атаи ба андозае аз хол рафта буд, ки чисми худро то ба хота расонида натавонистааст. Хастии худро то охирин қатраи хун, то вопасин зарраи чон ба айёми даваш сарф карда, дар холе то ба ин чо кашола шуда омада буд, ки рамаке ба чонаш монда буд ва пайкараш чуволи холиро мемонд.

— Хай, хай, хай! — Едигей сар то пои Қаранорро тамошо карда, тамасхуромез изҳори тааччуб менамуд.— Ана холу мана ахвол. Туро хатто саг нашинохтааст. Пештар чӣ? Пеш атаи будй, атаи! Э қоил ман! Бо хамин башара боз бини кашида омадй? Айбу шарм хам чизи хуб! Хайр, хояхот дар чояшон? Рахорах гум накардй? Уф-ф, аз таиат ин кадар бӯи бад меояд! Мадорат нарасидааст, ки дуртар шоша куни, ба поят шоридааст. Мана, бин, мезакат ба кунат хам расида, ях баста мондааст. Бечора! Холакат хароб, бисьёр хароб...

Қаранор мадори чунбиш надошт. Аз нерую шахомати пешина осоре набуд. Сурати ғамангезу рахмоваре дошт, факат сар мечунбониду мекӯшид, ки аз пой наафтад.

Ба холи атаи дили Едигей сӯхт. Ба хона даромада, як лагани ганлуми сара овард. Аз болояш як каф намак пошид.

— Ма, бихур,— лаганчаро ба пеши уштур гузошт.—

Шояд, ки ба худ биой. Сонитар ба ҳота медарорам. Чанд рӯз мехоби, бехбудй меёбй.

Хамон рӯз ӯ бо Казонкоп сӯхбате дошт. Худаш ба хонаи ӯ рафту худаш ганро кушод:

— Ба пеши ту, Казонкоп, бо як кор омадам. Хайрон нашав, нагӯй, ки дина гап задан намехост, пӯлашӯлаи бисьёре гуфту имрӯз боз худаш даромада омадааст. Як гапи чиддй дорам. Мехохам Каранорро ба худат баргардонам. Барои ташаккур гуфтан омадам. Вакте ки уштурбача буд, ҳадья карда будй. Ташаккур. Бисьёр хизматҳо кард. Ба қарибй ба ҷонам расонда буд, ба дашт пеш кардам, боз имрӯз омадааст. Пояшро базӯр мечунбонад. Холо дар хота мехобад. Баъди ду-се хафта асли қадим барин бардаму бакуввat мешавад. Лекин кам-кам хӯроки нагз дода истодан лозим.

— Сабр кун,— сухани ӯро бурид Қазонқоп.— Ту таноби гапа ба кучо бурда истодай? Чаро банохост Каранорро пас гардониданй хастй? Чй, ман аз ту илтимос карда будам?

Ва онгоҳ Едигей муддаои худро ошкоро арз намуд. Яъне ки ният дорам, оилаамро гирифта биравам. Сари Озек ба дилам зад, чои истикоматро дигар кардан лозим. Шояд, ки бехтар шавад.

Казонкоп бо диккат гӯш карда нишасту чунин ҷавоб дод:

— Ихтиёр ба худат. Лекин, ба хаёлам, худат намедонй, ки дилат чй мехохад. Хайр, мисол гирем, ту хестию рафтй, аммо аз худат, аз дилат гурехта наметавонй-ку! Ба кадом гӯшае наравй, ғаму ғуссаат хамрох меравад. Не, Едигей, мард бошй, талошатро бо худат дар хамин чо кун. Рафтан хунар нест, аз дасти хар кас меояд. Худро идора кардан хунар аст.

Едигей ба сухани Казонкоп на розй шуд, на эътироз кард. Дам ба дам охи гарон кашида, хомӯшона фикр карда мениишаст. «Шояд, ба хар хол биравам ба ягон кишвари дигар? — андеша мекард дар дилаш.— Фаромӯш карда метавониста бошам? Хӯш, аслан фаромӯш кардан шарт аст? Хайр, чй бояд кард? Фикр накардан хам мумкин нест, фикр кардан хам мушкил аст. Зарифа чй? Бо кӯдаконаш ба кучо рафта бошад? Оё касе хаст, ки дар лахзаи даркорй мададгораш шавад? Ба Укубала хам осон не. Чанд рӯз ничониб бегонахо барин абрӯ гирех карда гаштанамро мебинаду лом намегӯяд... Айби вай чист?»

Қазонқоп пай бурд, ки ҳоло аз дили Едигеи Бӯроғй чй гапҳо мегузарад. Бинобар ин аввал барои диққати ӯро ба худ кашидан, сулфа карду баъди сар бардошта ба ӯ нигоҳ карданаш гуфт:

— Аслан, Едигей, аз ин тавр кун ё он тавр гуфтан ман ғаразе надорам. Ба ҳама чиҳати кор ақли худат мерасад. Пӯсткандан гапро гӯем, ту Раймалй-оғо неву ман Абдулхон не. Ва дар масофаи садҳо фарсах дар атроф ягон ниҳолаки тӯс ёфт намешавад, ки ман дасту пои туро ба он баста монам. Ихтиёр ба худат, дилат ҳар чй хоҳад, ҳамонро кун. Фақат пеш аз кӯч бардоштан нағзакак фикр карда бин.

Ин суханони Қазонқоп дергохе аз хотири Едигей намерафт.

X

Раймалй-ого дар замони худ ҳофизи овозадоре буд. Аз айёми ҷавонй шӯҳрат пайдо кард. Ривоят мекунанд, ки ба ин жирау худованд якбора се хунар дода буд: ҳам шеър мегуфт, ҳам оҳанг мебаст, ҳам мутрибу гӯяндаи хушовозе буд. Ҳамзамонон мафтунаш буданд. Ҳамин ки соз ба даст гирифту ба торҳои он нохун расонид, савти тозае ба дунё меомад, дар пеши назари сомеон суруди дилхурӯше тавлид меёфт. Ва рӯзи дигар он суруд аз даҳон ба даҳон гузашта, ба сайри олам мерафт, зеро ҳар кас навои Раймалй-огоро мешунид, ҳатман онро ба овулу чарогоххо мебурд.

— Ба нахри кӯҳй ҳам шуда, об менӯшад, лаззати оби ширинро бодпоям медонад; аз сари зин ҳам шуда, туро мебӯсам, лаззати зиндагиро ман медонам,— мегуфтанд йигитҳои он замона.

Раймалй-ого либосҳои хушрӯи рангоранг мепӯшид. Телпаҳҳои гаронбаҳои мӯйнаро дӯст медошт на аз зимистон то тобистон — дар ҳар фасл ҳар гуна кулоҳ мепӯшид. Ва боз як ёри бовафо дошт ӯ: аспи тиллоранги ахалтекинй, ки дар базме дӯстони туркманаш ҳадя кардаанд. Аспи бодпояш Сараларо баробари худаш тавсиф мекарданд. Гашти зебою бошукӯҳашро дида, ҳаловат мебурданд.

— Раймалй-ого ду сарват дорад: навои думбураю гашти Сарала,— мегуфтанд одамони шӯҳтабъ.

Рост мегуфтанд. Ҳаман умрашро Раймалй-ого пой дар рикобу даст бар думбура гузаронидааст. Шӯҳрати

оламгир дошту ба моли дуньё коре надошт. Рӯзгораш булбули айёми навбаҳор барин мегузашт, болонишини базму зиёфатҳо буд, хуш мехӯрду хуш мегуфту хуш мегузаронид. Аспаш ҳам мӯҳточи дону алаф набуд. Лекин якта-нимта одамони соҳибқудрату давлатманд ёфт мешуданд, ки Раймалӣ-оғоро дӯст намедоштанд. «Ҳарзагард аст, мегуфтанд, боди сарсарӣ барин дашт ба дашт мегардад». Оре, дар ғайбаш бадгӯй мекардагиҳо низ буданд.

Вале ҳамин ки Раймалӣ-оғо дар базме ҳозир шуд, баробари баланд шудани садои думбурааш ҳама, ҳаттэ онҳое ки дар ғайбаш маломат мекарданд, хомӯш мешуданд, чашм аз дасти ӯ, аз чашму рӯи ӯ канда наметавонистанд. Ба дасташ аз он сабаб чашм медӯхтанд, ки ҳунари беҳамтое дошт: дар қалби одамизод эҳсосоте буд намешавад, ки савти ҳамоҳанги онро аз торҳои соз пайдо карда натавонад: ба чашмонаш барои он нигоҳ мекарданд, ки ақлу фаросат ва неруи рухаш аксандоз буданд; ба рухсораш аз он сабаб назар медӯхтанд, ки марди нуронӣ ва бас зебое буд. Вақте месароид, чеҳраш, чун рӯи баҳр ба рӯзи пурбод, дам ба дам дигаргун мегардид...

Занҳояш дер намепоиданд, сабру токат аз даст дода, хонаашро тарк мегуфтанд, аммо басе занҳо буданд, ки шабонгоҳон дар орзӯи висолаш пинҳонӣ оби дида мерехтанд.

Ба ҳамин тариқат — аз суруд то суруд, аз тӯй то тӯй ва аз безме то базме мегузашт умри вай. Ва ноаён айёми пирӣ даррасид. Аввал дар мӯи лаб, пас дар ришаш торҳои сафед дамиданд. Ва ҳатто Сарала дигар шуд — танаш косту ёлу думаш нокису кӯтоҳ шуд, акнун фақат гашташиро дида, гуфтан мумкин буд, ки як вақтҳо аспи аълое будааст. Ва Раймалӣ-оғо ба мавсими зимистонаш қадам ниҳод ва сафедори танҳоеро мемонд, ки баргҳояш рехта, шоху навдаҳояш урьён шудаанд... Ва, инак, маълум шуд, ки ӯ на оила дорад, на хона, на соҳиби рамае асту на сарвати дигаре. Додараш Абдулхон ӯро паноҳ дод, аммо қабл аз он дар ҳузури хешу табори наздик як олам таънаву маломат эад. Бо вучуди он бифармуд, ки барояш ҳаймаи алоҳидае рост намоянд ва аз хӯроку пӯшокаш огоҳ бошанд.

Акнун Раймалӣ-оғо аз овони пирӣ месароид, онд ба анчоми ҳаёт андеша мероид. Ва таронаҳои ҳузнангези дилошӯбе ба дуньё мсомаданд он рӯзҳо. Ва нахустин

муаммои сохибхирадон ба сари ӯ низ биомад, ки барои чӣ фарзанди инсон ба дунёе меояд? Дигар ӯ мисли пешина тӯй ба тӯю базм ба базм намегашт, бештар дар хона менишаст, аз думбурааш акнун савтхои ғамангез зиёдтар садо медоданд, бештар ба олами ёддоштхо сайр мекарду бо кухансолон аз бевафоии умр сӯхбатхо меорост...

Ва мегӯянд, худо шохид аст, ки дар айёми пириаш агар ходисае рух намедоду моту мабхуташ намесохт, Раймалӣ-ого рӯзгори худро ба оромӣ ба анҷом мерасонид.

Рӯзе аз рӯзхо Раймалӣ-ого дилтанг шуду аспи солхӯрдаи худ Сараларо зину лачом зад ва ба тӯи бузурге рахсипор шуд, то бахри дилаш андаке кушода шавад. Ба хар эхтимол думбурааашро бо худ бигирифт. Шахсони мӯътабаре илтимос карданд, ки зинхор ба тӯй ташриф оварад ва агар сурудан нахохад хам, мехмон бошад. Бо хамин ният ӯ ба рох баромад ва умед дошт, ки ба зуди баргардад.

Бо иззату икром пешвозаш гирифтанд, аз хайман сафедгунбад чой доданд. Дар сӯхбати одамони номдор менишаст, кумис меошомиду суханхои нек ва шоиста мегуфт.

Дар овул тӯй ба авчаш расида буд, аз хар сӯ садои хандаву суруд, овози чавонон ва шӯхию бозихои онон ба гӯш мерасид. Дар як тараф ба пойга ба ифтихори арӯсу домод тайёрӣ мединданд, дар як тарафи дигар ошпазхо дар сари гулханхо чунбучӯле доштанд. Шихаи аспон, частухези сагон шунида мешуд, бод аз домани дашт бӯи гулу сабза меовард... Вале аз байни садохо Раймалӣ-ого бештар ба савту суруд эътибор медод, ки аз хаймахои хамшафат ба гӯш мерасид, гохгохе кахкахои духтарон дар атроф гулғула меафканду ӯро хушьёр менамуд...

Дили хофизи пир дар азоб буд. Зохиран ба хамсӯхбатон маълум накунад хам, ботинан дар олами собика сайр мекард, дар айёме ки худ барно буду зебо буд ва савори аспи чавони бодпо Сарала роххон тӯлониро бошаст мепаймуд ва рустанихо дар зери суми аспаш монда мегиристанд ва механдиданд, суруди ӯро шунида, офтоб ба истиқболаш меомад, боди муаттар дар синаш гуичоиш намеёфт, аз навои думбурааш хуш дар вучуди одамон ба ҷӯш меомад, хар як сухани ӯро шунида, гӯш ба гӯшу дахон ба дахон мебурданд ва худи

Раймалии чавон низ ишқ меварзид, ғусса мехӯрд, азоб мекашид ва лаҳзаи видоъ пой дар рикоб ашк мерехт ва хамаи ин корҳоро ба тарзи шоистае адо мекард... Аммо ба чӣ, барои чӣ лозим буд хамаи ин? Барои он ки дар овони пирӣ, вакте ки чун оташи зери хокистар охиста-охиста хомӯш мешавӣ, хамаи инро ба ёд оварию водареғ бигӯӣ?

Раймалӣ-оғо ғамгину хомӯш ба андеша рафта буд. Ногаҳон шарфаи по, садои одамон ва чирингоси гарданбанду хиширроси ба гӯш шиноси куртаҳоро бишнавид, ки ба хайма наздик меомад. Касе аз берун пардаи гулдӯзии даромадгохро баланд бардошт ва дар остонаи хайма духтаре пайдо шуд,, ки думбураеро ба сина пахш карда буд. Рӯи кушоду нигохи бовикор ва ситезакоре дошт он духтар. Абрувони камонаш аз шучоату часораташ гувохй медоданд ва сар то пои он шаҳлочашм — хам қаду баст, хам андом ва хам либоси духтаракона-аш базебу дилкаш буд. Вай дар назди даромадгоҳ дар халқаи дугонахо ва чанд нафар йигитхо истода, сар ба таъзим хам намуд ва аз одамони номвар маъзарат бихост. Аммо касе аз хозирон ханӯз ба лаб кушодан фурсате наёфта, духтарак ба торхои созаш нохун зад ва ба Раймалӣ-оғо мурочиат карда, суруди табрикиро оғоз намуд:

«Сорбон аз дуродур ба самти чашма меравад, то ташнагии худро бишканад. Ман ба назди ту, Раймалӣ-оғо, хофизи номдори мо, бо каломи табрик омадам. Айб мафармо, ки ба наздат бо шӯру ғавғо омадаем, тӯйхона манзили базм асту макони хушҳолӣ. Аз часорати ман тааччуб накун, Раймалӣ-оғо, чуръат намуда, суруде овардам, вале дилам аз изтироб ва тарси нихонӣ хамеша мломол буд, чунон ки қабл аз изҳори мухаббат дили кас ба ларза меояд. Айбам хамин аст, ки тору пудамро аз шучоат бофтаанд. Гарчи ба тӯю сур бенбо меравам, ба мулоқоти ту як умр омода мешудам, ба мисли занбӯре ки зарра-зарра шахд чида, катра-катра асал меорад. Ба диданат чун ғунчае нигарон будам, ки дар вақту соаташ бояд бишкуфад. Ва, инак, он соат фаро расидааст...»

«Хой мехмони париваш, сабр кун, бигӯ ки худат кистӣ? — мехост бипурсад Раймалӣ-оғо, аммо ба қатъ намудани суруди гӯянда чуръат накард ва бо вачду хайрат ба суханонаш гӯш медод. Дилаш аз хаячон лабрез шуд, ба танаш гӯё чони нав дамид ва агар хозирон

назари хосае медоштанд, медиданд, ки чӣ гуна ӯ дар чояш як кад париду гӯё бол ёзонид, чунон ки бургут дар оғози парвозаш мекунад. Нигоҳаш равшан шуд, чашмаш дурахшид ва худ хушьёр гашт ба мисли он ки бонги дилхохи ёрро аз осмонҳои баланд бишнавида бошад. Ва Раймалӣ-ого синни худро фаромӯш кард ва сар барафрохт...

Духтари гӯянда ба суханаш идома медод:

«Модом ки ҷуръат карда омадаам, қиссаи маро бишнав, бузург-жырау. Солҳост, ки туро дӯст медорам, Раймалӣ-ого, эй ҳофизи худодод. Ба хар чо наравӣ, дар хар чо насарой, ҳамеша аз паи ту мерафтам, Раймалӣ-ого. Айб мафармо. Орзӯ доштам, ки мисли ту окин бишавам, устоди аъзами таронасаро Раймалӣ-ого. Ва ба хар чо чун сояи ноаён аз паят мерафтаму хар як суханатро ба дилам чой мекардам, навоҳоятро ҳамчун ояте зикр карда, аз ёд менамудам, шеърҳоятро мисли афсунгарон пайваста такрор мекардем. Орзӯ мекардам ва аз даргохи худованд низ таманное доштам, ки маро лаёқати тавоное ато фармояд, то рӯзе аз рӯзхои фирӯз туро муборакбод гӯям, изҳори муҳаббат намоям, дар хузури худат сухане ва савте офарида, ситоиш ва парастиши деринаамро изҳор дорам ва боз — илохо худованд ин часоратро биомурзадам! — орзуе мепарвариданам, ки бо ту, аё устоди бузургвор, дар хунарнамой мусобика кунам ва бигузор, ки мағлуб хам шавам. О Раймалӣ-ого, нигарони чунин рӯзе будам, чунон ки дигарон рӯзи муродашонро мунтазир мешаванд. Лекин ҳанӯз майда будаму ту шахси бузург будӣ, маҳбуби хамагон ва сохиби чунон шӯхрат ва обрӯву иззат будӣ, ки ман, духтараки назарногире дар байни халқ, дар базмхои серодам сазовори тамизат шуда наметавонистам. Вале ман аз таронахоят масту махмур шуда ва аз шарму хаё дарун-дарунам сӯхта, васли туро орзӯ мекардам ва мехостам хар чӣ зудтар ба балоғат бирасам, то бидуни биме ба хидматат ҳозир ва манзур бишавам. Оре, савганд ёд кардам, санъати сухан, сиришти наво ва хунари сарояндагиро мисли ту, устоди азиз, аз бар кунам ва аз нигохи сахтгират нахаросида ва нагурехта, ба наздат биоям ва табрикат бигӯям ва изҳори ишқ намоям ва заррае натарсида арзи даъво кунам. Инак, омадаам. Инак, ба хидмат омодаам. Айёме ки ба воя мерасидам, овоне ки мехостам зудтар болиға шавам, рӯзу моҳу солҳо басо суст мегузаштанд ва, нихоят, бахори

имсола нуздаҳсола шудам. Валé, ту Раймалӣ-оғо, дар олами духтаронаи ман ҳанӯз ҳамон ва ҳамчунонӣ, ки будӣ, фақат мӯи сарат андак сафед шудааст. Вале барои ишқи ман ин монеа нест, дигарон, мӯй сафед накардагоне низ ҳастанд, ки лоики ишқу муҳаббат нагаштаанд. Ва, инак, ман омадаам. Акнун ичозат бифармо рӯирост ва равшан бигӯямат: ихтиёр дорӣ маро чун дӯшизае рад намой, аммо ҳақ надорӣ ҳамчун гӯяндадухтаре напазирой, зеро омадаам, ки дар суханорой бо ту баҳс намоям. Инак, майдон, аё устод, ва инак, навбат аз туст!»

— Бигӯ, ки худат кистӣ? Ва аз кучо меой? — хитоб намуд Раймалӣ-оғо ва аз ҷояш бархост.— Бигӯ, ки номат чист?

— Исми ман Бегимой.

— Бегимой? Пас то ҳол дар кучо будӣ? Аз кучо меой, Бегимой? — ғайри ихтиёр гуфт Раймалӣ-оғо ва махзунона сар ба сина хам кард.

— Раймалӣ-ого, ба ту гуфтам-ку: хурдсол будам, ба воя мерасидам.

— Ин ҳама фахмост,— гуфт Раймалӣ-оғо.— Такдири худам нофахмост! Чаро сарнавиштам ту, духтари паривашро ба фасли хазонам, дар остонаи зимистонам дучор овардааст? Чаро? То бигӯядам, ки ҳар он чи пештар буд, ҳеҷ буд ва ман дар рӯи дуньё ба ройгон зистаам ва намедонистам, ки ба подоши ин зист рӯзе ранчи дилнавозе насибам хоҳад шуд, ки туро бубинам ва бишносам ва суханҳои ширинат бишнавам? Чаро тақдир дар ҳаққи ман ба ин тариқа берахмӣ кардааст?

— Бехуда аз такдират гила мекунӣ, Раймолӣ-оғо,— гуфт Бегимой.— Агар тақдир дар ниахси ман ҳозир шудааст, аз ман хотират чамъ бошад, Раймалӣ-оғо. Агар бидонам, ки бо навозиши духтарона, бо тарона ва муҳаббати самимона метавонам хушҳолат гардонам, зинда аз ин мукофоте маро лозим нест. Хотират аз ман осуда бошад, Раймалӣ-оғо. Вале агар аз ман дилпур набошӣ, агар дари дилатро ба рӯи ман набикшой, дар он сурат низ муҳаббати бекаронам заррае нахоҳад кост ва барои худ шарафи беамсол медонам, дар хунар бо ту мусобика кунам ва ба ҳар гуна озмоиш омода бошам.

— Ту чихо мегӯй, Бегимой? Имтиҳони суханварӣ магар имтиҳон бувад? Чӣ санҷишест озмоиши суханварӣ дар пеши имтиҳони мушкилтаре — дар назди муҳаб-

бате ки ба они рӯзгор мухолиф бувад? Не, Бегимой, ваъда намедихам, ки дар суханорой бо ту бахс кунам. На аз барои он ки кудратам намерасад, на аз он чихат, ки хазинаи суханам адо шудааст, на аз он сабаб, ки овозам бешира гаштааст. Метавонам факат мафтуни ту бошам, Бегимой. Метавонам танхо дӯстдорат бошам, Бегимой ва факат дар ишқ бо ту ба бахс пардозам, Бегимой!

Раймали-ого инро гуфту думбураро ба даст бигирифт, торҳон онро аз нав чӯр кард ва суруди тозаеро ба хамон тарзи пешина огоз намуд ва садояш гоҳ чун шуввоси бод дар марғзоре нозук ба гӯш мерасиду гоҳе ба мисли раъд дар осмони равшани лочвардй гулдурос мезад. Ва аз хамон замон дар рӯи замин човидон бимонд он суруд. Суруди «Бегимой» буд он тарона:

«..Аз дуродур омадй, то аз чашма об нӯшй, ба пешвозат медавам, зери поят мефитам, Бегимой. Вопасин рӯзам бошад, охири умрам бошад, ман намемирам, нахохам мурд.. Бегимой. Аз нав зинда хохам шуд, абадзинда хохам буд, бе ту натвон зист, Бегимой. Бе ту нахохам буд, бе ту нахохам шуд. Бегимой. Ту чароғи ман, Бегимой, нури чашми ман, Бегимой...»

Хамин тавр ӯ тарона «Бегимой»-ро мехонд. Он рӯз дергохе дар хотири мардумон бимонд. Дар бораи Раймали-ого ва Бегимой наклхои бисьёре мекарданд. Вакте ки арӯсро ба хонаи домод мегуселониданд, дар миёни хаймазори тӯйхона, дар миёни издихоми мехмонон ва саворони хушлибос пешопеши кофилаи арӯсбарои Раймали-ого ва Бегимой асп меронданду тарона муборак бод мехонданд. Дӯш ба дӯш мерафтанд, рикоб ба рикоб мерафтанд, чун хусни хам мерафтанд. Аз худо бахт мехостанд барои навчавонон, шукри хаёт мегуфтанд, думбура менавохтанд, найнавози мекарданд, хар ду суруд мехонданд — гох ин мехонд, гох вай, гох ин месуруд, гох вай...

Ва одамон дар шигифт буданд, ки чунин таронахое мешунаванд, буттаву нихолон ва сабзазорон дар ханда буданд, дуду забонаи гулханхо ба ракс омаданд, мурғони хаво дар атроф озод парвоз мекарданд, бачахо тойхои дусоларо савор шуда, бозй ва хушхолй мекарданд...

Одамон хофизи кухансол Раймали-огоро гӯё намешиносхтанд. Овози ӯ боз мисли пешина чарангос мезад. Худаш ба монанди пештара хушхолу чолок гашта буд,

чашмонаш чун кӯшчароғи хайман сафед дар марғзори сабз нурафшоӣ мекарданд. Хатто аспи ӯ Сарала гардан ёзонида, сари ифтихор барафрохта буд.

Вале ин хангома на ба хама писанд афтода буд. Дар издихом шахсоне буданд, ки ба Раймалӣ-ого назар дӯхта туф мекарданд. Хешу таборон ва хамқавмонаш — баракбоиён (қавмаш чунин номе дошт) ба ғазаб омада буданд. Баракбоиён аз хашм дар тӯйхона чои нишаст намеёфтанд. Ин чӣ расвоист? Раймалӣ-ого дар пиронсолӣ аз ақл бегона шудааст... Ба назди додараш рафта, иғво андохтанд. Акнун мо туро чӣ хел сардори музофот интихоб мекунем, пирсаги Раймалӣ хамаамонро ба хичолат мононад, дар рӯзи интихобот шармманда мешавем. Гӯш кун, чӣ таронае мехонад, тои маст барин шеха мекашад. Ваяш чӣ, он духтар чӣ, чӣ гуфта чавоб медихад? Айбу шарма намедонад! Дар пеши назари халоиқ сараша гаранг мекунад. Хосият надорад ин кор. Бо ин духтар алоқа накунад. Танобашро кашидан лозим, то ки овозаи нангин то ба овулхо наравад.

Абдулхон аз бародари гумроҳи мӯйсафедаш кайхо боз хашмгин буд. Гумон мекард, ки пир шуду батамкинтар шуд, аммо ана боз ба чӣ ахволе расид: ҳамаи авлоди баракбоиёнро сарпасту забонкӯтоҳ мекунад.

Ва Абдулхон аспи худро тезиёна заду аз мобайни издихом гузашта, ба вай наздиктар рафтан хост ва тезиёнаашро чавлон дода, дод мезад: «Хой ақлатро ба чояш биёр! Зуд ба хона бирав!» Вале садои ӯ ба гӯши бародар намерасид, вай саргарми сурудхонӣ буд. Хавохохонаш, савороне ки хофизонро ихота карда буданд, ононе ки хар як сухани хофизонро ба гӯши худ халка мекарданд, дар як они воҳид Абдулхонро фишор дода, ба каноре баровардаанд ва аз хар сӯ ба китфу гардаанаш чанд тезиёна хам фаровардаанд. Дар он хангома ки медонад, ки ин корро кӣ карду кӣ накард. Абдулхон ночор асп тозонду бирафт...

Сурудхонӣ идома мекард. Дар он лахза суруди тозае ба вучуд омада, аз даҳон ба даҳон мегузашт:

«Бомдодон гавазни ошиқ маъшукаро фарьёд мекунад ва дарахои кӯхистон акси садояшро ба дуродур мебаранд» — месароид Раймалӣ-ого.

«Бомдодон қуи сафед дар фироқи ёр нолон ба офтоб менигарад ва хуршеди чахонтоб дар назараш қурси сиёҳ метобад» — дар чавоб мегуфт Бегимой.

Ва ба хамин тарика ба ифтихори арӯсу домод тарона мехонданд — гох ин мехонд гох вай, гох ин месуруд, гох вай...

Раймалӣ-ого дар он соати фидокорихо хабар надошт, ки додараш Абдулхон бо чӣ гуна хашму газаби бепоён асп тозонида мерафт ва аз дунболи ӯ хамаи хешовандон ва баракбоён асп метохтанду дар синахо чӣ гуна кина ва адовати интикомчӯёна меварзиданд. Намедонист, ки хама забон як карда, ӯро чӣ гуна чазо доданӣ хастанд.

Аммо сурудхонӣ дар тӯйхона давом дошт — гох ин мехонд, гох вай, гох ин месуруд, гох вай.

Абдулхон чун абри снёх тираруӯ буд, ба коши зин хам шуда, асп метозонд. Зудтар ба овул, ба хона бирасем! Хамкавмон чун галаи гургон ихотааш намуда, фарьёд мекашиданд:

— Бародарат аз акл бегона шудааст.

— Ба мағзаш осеб расидааст.

— Фалокат, фалокат!

— Уро табобат бояд кард!

Дар тӯйхона хамчунон суруд мехонданд — гох ин мехонд, гох вай, гох ин месуруд, гох вай.

Ба хамин тарика, кофилаи арӯсбарон ба хайман домод бирасид. Дар ин чо бори дигар суруди муборакбод сароиданд. Ва Раймалӣ-ого ба одамон рӯй оварда гуфт: аз он хушнуд аст, ки такдираш ба ӯ окини хунарманде, гӯяндадухтари чавон Бегимойро хадья кардааст. Чунон ки аз бархӯрдани ду санги оташ шарора мепарад, гуфт Раймалӣ-ого, окинхо низ дар санъати сухан бо хамдигар бахсмабахс аз асрори рушду камолот огох мешаванд. Ва бар замми ин, илова бар саодати бузург ӯ боз аз он масрур аст, ки дар анчоми умраш хамчун дар соати ғуруб, дар соате ки офтоб бо хама иктидори бепоёни азалиаш ба рӯи олам шаъшаапошӣ мекунад, ӯ аз шарбати ишқ боз ошомид ва боз сохиби нерӯе гардид, ки назирашро хеч гох надида буд.

— Раймалӣ ого!— дар посух гуфт Бегимой.— Ман ба муродам расидам. Ман аз паи ту хохам рафт. Ба хар вакте ва хар чое бигӯӣ, думбура дар даст хозир хохам шуд, то ин ки суруд ба суруд биомезад, то ин ки дилбар ва дилбохтаи ту бошам. Хаёти худро ба дасти такдир месупорам.

Ба хамин тарика сурудхо мехонданд.

Ва дар хамин чо, дар хузури сокинони даштхо пай-

мон бастанд, ки пас аз як рӯзи дигар дар бозори калон бо ҳам мулоқот мекунанд ва барои ҳаман бозориён суруд мехонанд.

Ва худи ҳамон соат, пас аз маросими гусели арӯсу домод ба ҳар чониби нохия пайғом бирафт, ки Раймалӣ-оғо ва Бегимой ба бозорчо меоянд ва месароянд. Ба ҳар сӯ хабар мерасид:

— Ба бозорчо биштобед!

— Аспҳоро эин занед, ба бозори калон биравед!

— Дар бозорчо оқинҳо месароянд!

Ва аз ҳар калла як садо мебаромад:

— Ана иду мана ид!

— Худо хоҳад, кайф мекунем!

— Ин чӣ расвой!

— Ӯҳ чӣ хел тамошо мешавад!

— Оличаноб ид мешавад!

— Шарму ҳаёро намедонанд-э!

Раймалӣ-оғо ва Бегимой дар нимароҳ ба ҳам хайрбод гуфтанд:

— То мулоқот, азизам Бегимой!

— То боздид, Раймалӣ-оғо!

Ва аз ҳам торафт дур мешуданду аз сари зин фарёд мекарданд:

— То бозди-и-ид!

— Худо ёрат, Раймалӣ-оғо-о-о!

Рӯз ба охир мерасид. Шоми равшани айёми тобистон ба сари дашти фарох оҳиста-оҳиста пардаи тирафом мекашид. Аз марғзорон бӯи алафҳои пухта ва қадаре пажмурда ба машом мерасид, аз кӯҳсорон насим бӯи сангистони борон шустаро меовард, лошахурон қабл аз ғуруби офтоб паст-паст ва бешитоб парвоз мекарданд, паррандагон ба васфи шомгоҳони осуда нағмасарой доштанд...

— Чӣ оромии ҳаловатбахше!— зери лаб гуфт Раймалӣ-оғо ёли аспашро молида,— оҳ, Сарала, ёри дилхоҳ, аспи овозадори ман, наход зиндагонӣ ба ин дарача дилкаш аст, ки дар дами вопасин ҳам нашъаи муҳаббат насиб мегаштааст?..

Сарала фирқ-фирқ бинӣ афшонида, ҳамвор роҳ мепаймуд, мехост ба хона расида, поҳои худро дам дихад, зеро рӯзи дароз зери зин мегашт. Мехост аз оби наҳр серӣ бинӯшад ва шаби маҳтоб ба чарогоҳ барояд.

Мана дар хамгашти дарьё овул намоён шуд. Ана хаймаҳо, мана гулханҳои фурӯзон.

Раймалӣ-ого пиёда шуду аспашро ба тавила баст, то муддате хунук шавад. Ба хаймааш надаромаду дар беруи дар назди оташдоне бинишаст. Касе ба наздаш омад. Писари хамсоя будааст.

— Раймалӣ-ого, шуморо ба хайма фарьёд мекунанд.

— Кӣ фарьёд мекунад?

— Хама аз они худӣ, баракбоихо.

Раймали-ого аз остона гузашту чашмаш ба кухансолони кавм афтод, ки гирди хам нимдоира менишастанд ва дар пахлӯи онон додараш Абдулхон низ буд. Андоми додараш пурандӯх буд, чашм боло намекард, дар нигохаш чизе нихон буд.

— Ассалом!— табрик намуд Раймалӣ-ого хамкавмонашро.— Чаро ғамгинед? Чӣ шуд?

— Туро нигарон будем,— чавоб дод калонтарини кухансолон.

— Ин тавр бошад, ана ман, омадам,— гуфт Раймалӣ-ого,— ва хозир аз даврa чой мегирам.

— Не, сабр кун! Дар хамон чо бош ва ба зону бинишин,— амре шунида шуд.

— Ин чӣ маъно дорад? Охир ман соҳиби ин хайма хастам!

— Не, ту соҳиб не. Пири аз акл бегона ҳак надорад соҳиби чизе бошад.

— Шумо чихо мегӯед?

— Мо мегӯем, ки ту бояд савганд ёд кунӣ, дигар хеч гох, дар хеч чой суруд намехонӣ, дар тӯю базмхо дар ба дар намегардӣ ва он духтарро, ки имрӯз риши сафедатро, ору номуси худат ва моро фаромӯш карда, ҳамрохаш ашӯлаҳои нангин хондӣ, тамоман аз ёд мебарорӣ. Ку, савганд ёд кун! Дигар ба чашми вай як лахза намоён намешавӣ!

— Беҳуда сухан мегӯед! Пасфардо ҳамроҳи вай дар бозорчо назди халоик суруд хохам хонд.

Шӯре буд, ки барпо шуд:

— Э вай ҳаман моро шармсор мекунад!

— Ханӯз дер нашуда, тавба кун!

— Вай чинӣ шудааст!

— Рост, девонаи тап-тайёр!

— Хой ором шавед! Хомӯш!— ҳамаро ба тартиб даъват намуд хакими калонӣ.— Хӯш, Раймалӣ, ҳамаи гапат хамин аст?

— Хамин!

— Шунидед, авлодони Баракбой, хамкавми мо, ин Раймалии бидъаткор чӣ мегӯяд?

— Шунидем.

— Пас гӯш андозед, ки ман чӣ мегӯям. Даставвал ба ту мегӯям, Раймалии шӯрбахт. Хамаи умр ту бенавои тоқазии будию дар базмхо рӯз гузаронди, бо думбураат дириног-дириног карда, ашӯла мехонди, ширинкору масхарабоз будӣ. Умрат ба хушхолии дигарон сарф шуд. Он вақтхо чавон будӣ, мо аз гумроҳиат чашм пӯшидем. Акнун пир ва хандасор шудай. Мо аз ту ор мекунем. Боид ки аз он дуньё андеша куни, фурӯтан шавӣ. Ту бошӣ, он духтаркатӣ алоқа баста, ба неши забони бадгӯён афтодӣ, чун сабуксари бемағз расму оин, қондаву қонунҳои маро пеши по задӣ, ба маслиҳати мо гӯш намеандозӣ... Хулоса, аз худат гила кун, чазои туро худо медиҳад. Акнун боз як сухан дорам. Абдулхон, аз чоят бархез, ту додари ҳамхунаш ҳастӣ, аз як падару модар ба дуньё омадаед. Ту, Абдулхон, моян умед ва такьягохи мо ҳастӣ. Мо мехоҳем, ки аз чониби хаман баракбоихо ту сардори музофот интихоб шавӣ. Аммо бародарат аз ақл бегона шудааст ва кори кардаашро худаш намедонад ва эҳтимоле ҳаст ки ба интихоб шудани ту халал расонад. Бинобар ин ту ҳақ дорӣ кора бикуӣ, то Раймалии хирасар дар назари халқ моро шарманда накунад, то ки мардум ба рӯи мо туф накунад, баракбоихоро масхара надоранд!

— Касе дар сари ман қозиву ҳакам нест,— аз Абдулхон пештар ба сухан даромад Раймалӣ-ого.— Ба шумо, дар ин чо нишастагон, раҳмам меояд, шумо сахт хато мекунед, шумо чизеро муҳокима мекунед, ки барои мачлиси шумо дастнорас мебошад. Хабар надоред, ки бахт чисту ҳақиқат дар кучост. Вакте ки дил аз суруд моломол мешавад, оё сароидан айбу гунох аст? Вакте ки худованд ба қалби инсон ишқ ато мекунад, мухаббат варзидан айбу гунох аст? Бузургтарин саодати дуньё аз саодати ошиқон масъуд шудан аст! Шумо аз он сабаб маро хирасар мешуморед, ки суруд мехонам ва аз ишқе ки бемаҳал ба дилам манзил кардааст, рӯй наметобам ва баръакс шодмонӣ мекунам. Ин ба шумо маъқул набошад, ман аз назди шумо меравам. Олам васеъ аст, ба чои дигар меравам. Худи ҳозир Сараларо савор мешаваму ба назди маҳбубаам ё ҳар ду ба сарзамини дигаре меравем, то шуморо бо суруд ё рафтори худ нороҳат накунем.

— Не, намеравй!— бо садои хирроси бонг зад Абдулхон, ки то хол хомӯш менишаст.— Ту аз ин чо як кадам намечунбй. Ба ягон бозору бозорчо нахохй рафт. То аклат ба чояш наояд, туро табобат мекунем.

Инро гуфту думбурарро аз дасти бародараш чанг зада гирифт.

— Ана ба ту!— фарьёд кашид Абдулхон ва асбоби нозукро ба замин заду лагадмол кард, чунон ки барзагови ба хашм омада чӯпонро помол мекунад.— Акнун ту сурудхониро фаромӯш мекунй! Хой он тотуяк, он Сараларо ин чо биёред!

Ва ононе ки берун аз хайма омодан кор менстоданд, дарҳол Сараларо аз тавила оварданд.

— Зинашро канед! Ба ин чо партоед!— фармон медод Абдулхон ва табари дар гӯшае пинҳон карда мондаашро ба даст бигирифт. Вай табар ба зин мезаду онро реза-реза мекард.

— Мана! Ана! Ба хеч чо намеравй! Бозорро дар хоби шабат мебинй!— дар гояти хашм афзори аспро пора-пора менамуд, тасмаи рикобро майда-майда кард ва худи узангуро бардошта, якеро ба як тараф, дувумиро ба дигар тараф гурронид.

Сарала харосон метапиду пой мекӯфт, фаххос мезаду ба пои пасаш менишаст ва лачом мехоид, гӯё пай бурда буд, ки чунин пешомаде ӯро низ нигарон аст.

— Хӯш, ту ба бозорчо рафтанй будй? Савори Сарала, а? Хайр, биё, тамошо кун!— хамчунон дар газаб буд Абдулхон.

Ва хамкавмон дарҳол Сараларо аз пой афтониданд, дар як они вохид чор пои аспро бо таноби пашмин ба як гирах бастанд. Абдулхон бо панчаи гирояш аз дахони асп дошта ва сарашро ба кафо тоб дода, ба замин хобонид ва бар гулӯи аспи беҳимоят корд кашид.

Раймалй-ого бо тамоми кувват зӯр зад, то аз дасти одамоне ки ӯро нигох медоштанд, раҳой биёбад.

— Даст нигах дор! Накуш аспро!

Аммо расида натавонист. Хуни гарм аз зери корд фавворазанон баромад, ба чашму рӯяш зад ва олам дар назараш торик шуд. Раймалй-ого дар холе ки ба хуни гарми Саралй сар то по оғушта буд, калавидакалавида аз замин бархост.

— Зӯрй бехуда! Пиёда меравам. Ба зону меравам!— хуни рухсорашро бо домани курта пок карда гуфт хофизи тахқиршуда.

— Не, пиёда ҳам намеравӣ!— гуфт Абдулхон ва чашми хунгирифта аз сари буридан Саралӣ бардошт.— Аз ин чо як қадам дуртар нахоҳӣ рафт!— боз гуфт ӯ бо овози паст ва банохост фарьёд кашид:— Даст гиред ӯро! Эҳтиёт шавед, вай девона аст! Бандед, вагарна ҳамаро мекушад!

Боз фарьёдҳо баланд шуданд ва ҳама ба ҳам биомехтанд:

— Танобро биоред!

— Дасташро маҳкам дор!

— Қат кун, қат кун!

— Сахттар печон!

— Худо занад, ки девона аст!

— Маҳкамтар бандед!

— Хирасар-дия, ақлаш осеб дидааст!

— Кашола кунед, ба он тараф, ба тарафи дарахти тӯс баред!

— Каӣ, ҳа гӯед!

— Кашола кунед!

Моҳ дар сафҳаи осмон баланд шуда буд. Дар ҳама чо — ҳам дар осмон, ҳам дар рӯи замин сукунат ҳукмрон буд. Азоимхонон омаданд, гулхане афрӯхтанд, дар атрофи он раксида, чину париҳоеро ки ба ақли ҳофизи бузург осеб расонидаанд, пеш намуданд.

Дастони ҳофизро ба пушташ ва ҷуссаашро ба дарахти тӯс баста буданд.

Соӣ муллое пайдо шуд. Аз Қуръон чанд оят тиловат кард, ҳофизро ба роҳи ҳақ ҳидоят намуд.

Дастони ҳофизро ба пушташ ва ҷуссаашро ба дарахти тӯс баста буданд.

Ва Раймалӣ-оғо ба додараш Абдулхон мурочиат карда гуфт:

«Шаб меравад ва охирин лахти тирагиро бо худ мебарад, субҳ медамаду рӯзи равшан фаро мерасад. Ту офтобамро аз ман рабудӣ, додари сиёҳбахтам Абдулхон. Ту шодӣ ва аз дастболоият меболӣ, ки аз ишқи дар пиронсолӣ инъом кардан худовандам махрум сохтай. Вале кош медонистӣ, ки ман чӣ сон хушбахтам ва то дами вопасин, то рамаке ба чон дорам, саодатманд мемонам. Тани маро ба танаи дарахт бастай, аммо ин ман на он манам, додари бадбахтам Абдулхон. Ин чо факат сурати ман аст, руҳи ман чун бод масофаҳо тай мекунад, чун қатраҳои борон ба пешвози замин мешитобад, ман як лаҳза аз ёр ҷудой надорам, чунон ки ге-

сувони ӯ, нафаси ӯ доимо бо ӯст. Сахаргоҳон чун аз хоб бархезад, ба мисли охуи кӯҳӣ шитобон меоям ва дар сари кӯҳпора аз хайма беруи омаданашро интизор мешавам. Ба оташдон оташ афрӯзад, дуди ширин мешаваму ба рӯю мӯяш мепечам. Савори аспаш аз нахр бигзарад, хазорон катра об мегардаму аз зери сумаш мепарам, ба дасту пояш мешинам. Суруде бихонад, сурудаш манам...»

Дар болои сари хофиз баргҳои тӯс дар партави шафаки саҳарӣ хиширрос мезаданд. Рӯзи нав фаро расид. Хамсояҳо шунидаанд, ки Раймалй-ого девона шудааст, аз рӯи кӯнчковй ба диданаш омаданд. Аз аспхошон фуруд наомада, аз дур тамошо мекарданд.

Вай пироҳани дарида дар бар, бо дастони ба пушт ва пайкари ба дарахт баста рост меистод.

Ва суруде мехонд, ҳамон сурудеро ки рафта-рафта дар ҳама чо шӯҳрат пайдо кард:

Аз кӯхи сиях рама фарояд,
Дастамро кушо, Абдулхон-ука.
Аз кӯхи кабуд рамаҳо оянд,
Озодам намо, Абдулхон-ука.
Бо дасти худат бастй дастонам,
Умедам ин буд, Абдулхон-ука?
Аз кӯхи сиях рама фарояд,
Аз кӯхи кабуд рамаҳо оянд,
Дастамро кушо, Абдулхон-ука
Бо хости худам ба арш меравам...
Аз кӯхи сиях рама фарояд,
Аз кӯхи кабуд чонам Бегимой.
Ман нахоҳам буд, рамаҳо оянд,
Дар бозори худ бо суруди худ
Мо нахохем буд, чонам Бегимой.
Асп очизу танам хаста аст,
Бозор бе ман аст, чонам Бегимой.
Аз кӯхи сиях рама фарояд,
Аз кӯхи кабуд рамаҳо оянд,
Ман нахоҳам буд, чонам Бегимой,
Дар бозор маро нигарон машав,
Бо хости худам ба арш меравам...

Чунин аст он қисса...

Акнун Едигей дар роҳи Она-Байт Қазонқопро ба оромгоҳи охиринаш мегуселониду он қиссаро ба ёд меовард ва дар ин боб андеша мекард.

XI

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Озек, ба қавли мардуми таҳҷоӣ, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хати Гринвич чен мекунанд.

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Аз паҳлуи чари сурхреги Маллакумдичап, аз ҳамон чое ки як вақтҳо Найман-она дар чустучӯи писари манқурташ давр мезад, роҳи дарозеро тай карда, ба карибиҳои Она-Байт расиданд ва ба монеаи аввалин рӯ ба рӯ шуданд: баногоҳ аз пеши роҳ ҳисори симхорӣ баромад.

Аз хама пештар Едигей аз роҳ бозистод: ана халос! Вай хатто ба рикоб рост шуда, аз болои кади баланди Қаранор ба тарафи рост нигарист, пас ба тарафи чап назар афканд. То чашм мерасид, дар пахнои дашт деворн симхор кашола шуда мерафт, ки чандқабата ба сутунҳои чаҳорқирран оҳану бетонӣ баста буданд.

Трактороҳо низ аз дунбол расида, қарор гирифтанд. Аз кабина аввал Собитҷон, сонӣ Одилбои дароз баромаданд.

— Ин чист?— бо дасташ ба девор ишора карда гуфт Собитҷон.— Роҳро гум кардем, аз афташ, а? — пурсид ӯ аз Едигей.

— Чаро гум мекардаем? Роҳ ҳамон роҳ аст, лекин аз кучое ин симхор пайдо шуда монд. Арвоҳ занад!

— Пештар набуд?

— Набуд.

— Акнун чӣ кор мекунем? Ба кучо меравем?

Едигей хомӯш буд. Худаш хам намедонист, ки чӣ кор бояд кард.

— Ҳой, трактората хомӯш кун! Чӣ ин кадар тарактарак мекунӣ?— бо ғазаб гуфт Собитҷон ба Холбек, ки сар аз кабина бароварда менишаст.

Вай моторашро хомӯш кард. Баъд экскаватор низ

ором шуд. Хама чо сокит шуд. Сукунати томе барқа рор гардид.

Аз уфук то уфук зери осмон дашти беканори Сар Озек доман пахи карда мехобид. Вале рохи Она-Бай баста буд.

Одилбои дароз аввалин шуда хомӯширо вайрон кард

— Едике, ин девор пештар набуд?

— Набуд. Бори аввал мебинам.

— Пас, махсус сохтаанд. Дар гирдогирди минтақа сохтаанд. Аз афташ, барои космодром, а?— изхори тахмин кард Одилбои дароз.

— Аз афти кор, хамин тавр. Набошад, ин кадар захмат кашида, дар дашти кушод ин хел хисор намесохтанд. Ин фикр аз каллаи кӣ баромада бошад? Арвох занад, чӣ хаёле ба сарашон наояд, даррав ба кор сар мекунанд!— дашном дод Едигей.

— Аз дашному нафрин чӣ фоида? Пеш аз мурда бардошта баромадан ба ин кадар рохи дур аввал фахмидан лозим буд,— ғамгинона гуфт Собитчон.

Макси гароне ба миён омад. Едигеи Бӯроӣ аз чои нишастан худ — аз болои Каранор ба Собитчон, ки дар наздаш рост менигод, бо нафрат нигохе кард.

— Ту, чони ширин, як дам сабр кун, ин кадар телба нашав,— гуфт ба кадри имконаш оромона.— Пеш ин чо симхор-пимхор набуд. Кас аз кучо медонад?

— Ман хам хаминро мегӯям,— гурунгид Собитчон ва рӯй ба дигар тараф гардонид.

Боз сукут ба миён омад. Одилбои дароз ба андеша рафта буд.

— Едике, акнун чӣ кор мекунем? Чӣ бояд кард? Наход ба қабристон ягон рохи дигар набошад?

— Хаст, бояд бошад. Чаро набошад? Тахмин панҷ километр росттар якта роҳ буд,— ба атроф назар карда чавоб дод Едигей— Рафтем ба хамон сӯ. Хеҷ мумкин нест, ки на ба чапу на ба рост рох набошад.

— Хайр, охир, якин медонӣ? Роҳ хаст ё нест?— бо оҳанги густохона мепурсид Собитчон.— Мабодо рафта бинем, ки боз рох нест: на ба чапу на ба рост!

— Хаст хаст,— мегуфт Едигей — савор шавед, рафтем. Фурсат аз даст наравад.

Боз ба рох даромаданд. Боз трактурхо бо доду шавкун ба пеш ҳаракат кардану кад-кади симхор равон шуданд.

Едигей ғам мехӯрд. Вай аз ин вокеа маъюс шуда

буд. О ин чӣ гап, мегуфт худ ба худ, ҳама чоро симхор кашида, ба қабристон роҳ намондаанд. Ана кору мана кор!

Бо вуҷуди ин дар дилаш умеде буд, ки дар ин тарафхо, дар самти чанубии кабристон бояд ягон нишоная бошад. Вокеан, будааст, онҳо рост ба назди ғавчӯбе баромаданд.

Едигей ба ғавчӯб наздик мешуду ба махкаму пойдор сохта шудани иморати дидгоҳ эътибор медод: аз ду тарафи роҳ сутунҳои мустаҳками бетонӣ устувор буданд, аз як канори гузаргоҳ хонаяке аз хишти пухта комат афрохта буд, ки тирезаи калони яклухте барои дидбонӣ дошт ва дар болои боми ҳамвораш ду чароғи нурафкан гузошта буданд, ки зохиран шабона роҳро равшан мекарданд. Аз он тарафи ғав роҳи мумфарш тӯл мекашид. Аз намуди пойдори дидгоҳ дили Едигей ба ташвиш афтод.

Баробари наздик шудани онон аз хонаи дидбонон сарбози сафедмӯи чавон, хеле чавоне баромад, ки дар китфаш автомате милаш ба поён овезон буд. Вай рохравон гимнастёрка ва фуражкаашро дуруст мекард, то ба худ киёфаи чиддӣ бигирад ва бо он сӯи ғавчӯби рах-рах расида, бо викор истод. Аммо вакте ки Едиген ушгурсавор ба рохбанди чӯбин наздик расида қарор гирифт, ба ӯ салом дод.

— Салом,— гуфт посбон даст ба чакка бурда ва чашмони осмонирангӣ ҳанӯз бачагонаашро ба рӯи Едигей дӯхта.— Шумо кистед? Ба кучо равонаед?

— Мо хаминчонем, сарбоз,— гуфт Едигей ба оҳанги калонсолонаи гуфтори он чавон табассум карда.— Як мӯйсафедамон аз олам гузашт, ба кабристон мебарем.

— Бе рухсат мумкин не,— ба аломати рад сар чунбонида гуфт сарбози чавон ва худро аз даҳону дандони нушхоркунандаи Каранор ба хар эхтимол дуртар кашид.— Ин чо минтакаи мамнӯъ,— шарҳ дод ӯ.

— Фахмидам, лекин ба мо кабристон лозим. Ана вай, дар хамин карибиҳо. Хеч вокеа не. Дафн мекунему бармегардем. Зуд бармегардем.

— Мумкин не. Ман ҳак надорам,— гуфт посбон.

— Гӯш кун, азизам,— Едигей ба сари зин қадар хам шуд, то ки ордену медальҳои чангиаш бехтар ба назар расанд.— Мо бегона нестем. Аз дуроҳаи Бӯронӣ мешавем. Эҳтимол, шунида бошӣ. Мо одамони худӣ.

Пирамардро, охир, дафн кардан лозим. То ба кабр
тон меравему зуд бармегардем.

— Ман-ку мефаҳмам,— нармтар шуда ва китф
ҳам кашида гуфт посбон, аммо дар ин лаҳза Собитч
наздиктар омад, ки ба худ қиёфаи одами калоншава
дан серкореро гирифта буд.

— Худаш чӣ гап? Чӣ шуд? Ман аз совети вилоя
иттифоқи касаба,— гуфт ӯ.— Чаро аз роҳ мегоред?

— Чунки мумкин не.

— Ман, рафиқ посбон, ба шумо гуфтам-ку, ман совети вилоятии иттифоқи касаба мешавам.

— Аз кучо будани шумо барои ман фарқ надора

— Чӣ хел фарқ надоштааст?— моту мабҳут шуд С
битчон.

— Ҳамин хел. Минтақаи мамнӯъ.

— Набошад, ин қадар гапу калоча чӣ лозим буд?
ранчишомез гуфт Собитчон.

— Гапу калоча нашудааст. Ман ба шумо не, ан
ба ин шахси уштурсавор фаҳмонида истодаам. Баро
он ки наранчад. Аммо аслаша гирем, барои гуфтугузо
бо одамони беруна хак надорам. Дар пос истодаам.

— Хулоса, ба қабристон роҳ нест?

— Нест. На фақат ба қабристон. Дар ин чо ба кас
роҳ нест.

— Хайр, чӣ илоҷ хашмгин шуд Собитчон.— Ман а
аввал медонистам!— сахт карда гуфт ӯ ба Едигей.—
Медонистам, ки ҳаман ин як пула маза надорад! Чи
Не-дия, не! Ба Она-Байт мебарем. Она-Байт! Она-Бай
Мана акнун Она-Байт!— инро гуфту бо ғазаб ва аса
бонӣ ба замин туф карда, ба каноре бирафт.

Едигей дар пеши посбони чавон хичолат кашид

— Мебахшӣ, писарам,— гуфт ӯ бо оҳанги падарс
на.— Ман медонам, ки ту дар хидмат истодай. Лекин
мо мурдаро кучо барем? Вай тароша нест, ки ба за
мин партоему ба роҳамон рафтан гирем.

— Ман-ку мефаҳмам. Лекин аз дастам чӣ кор меояд
Хар чиз фармоянд, ман бояд иҷро кунам. Охир ман сар
дор нестам-ку дар ин чо.

— Ҳа-а, корҳои ачоиб,— мад кашида гуфт Едигей.
Худат аз кучо мешавӣ?

— Ман, падар, аз Вологда,— шармгинона ва бо хуш
холи кӯдаконае гуфт посбон. Вай пинхон намедошт, ки
ба ин савол чавоб гуфтан барояш гуворо буд ва ошко
ро табассум мекард.